# *АХТАРОНИ АДАБ*

**18**

## ҲАЙАТҲОИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ 50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН АЗ СИЛСИЛАИ «АХТАРОНИ АДАБ»

### ҲАЙАТИ МУШОВАРА

*Саидмурод Фаттоев*
*Мирзошоҳрух Асрорӣ*
*Абдуҷаббор Раҳмонов*
*Мамадшо Илолов*
*Меҳмон Бахтӣ*
*Акбар Турсун*
*Гулназар*
*Фарҳоди Карим*

### ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

*Абдулҳамид Самад*
*Сайидалӣ Маъмур*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Худоӣ Шарифов*
*Мирзо Муллоаҳмадов*
*Алии Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Гурез Сафар*

**АНВАРӢ**

# ҒАЗАЛИЁТ

ДУШАНБЕ,
«АДИБ»
2011

ББК 83,3(0)9+83,3 (2 тоҷик)
А-19

*Баргардон, пешгуфтор ва таҳияи*
***ШЕРМУҲАММАД ЁРМУҲАММАДОВ ВА ШИРИНБОНУ ҲАИТОВА***

Муҳаррир

___________________

А-19 ***Анварӣ*** *Ғазалиёт* — Душанбе: «Адиб», 2011. - 480 саҳ.

Дар ин китоб мунтахабе аз ашъори шоирони маъруфи нимаи аввали асри Х1 тоҷику форс Унсурӣ, Фаррухӣ,Манучеҳрӣ, Асҷадӣ, Ғазоирӣ, ки дар аҳди Ғазнавиён зиндагӣ карда, сабку равиши шоирии устод Рӯдакиро идома додаанд, ҷой дода шудааст. Маҷмӯа хонандагонро бо навъҳои гуногуни маъмули ашъори ин давра ошно менамояд.

**ISBN 978-9947-2-033-0**

**© Нашриёти "Адиб", 2011.**

## ПЕШГУФТОР

Алӣ Авҳадуддин Анварӣ яке аз чеҳраҳои намоёни адабиёти классикии тоҷик ба шумор рафта, бо эҷоди қасоид, қитаъот, маснавӣ ва ғазалиёти дилангези худ намунаи беҳтарини адабиёти классикиро муаррифӣ менамояд.

Доир ба ҳаёту фаъолияти эҷодии ин марди су-ханвар олимони зиёде чун Саид Нафисӣ, Валентин Жуковский, Бадеъуззамони Фурӯзонфар, Забеҳул-лоҳи Сафо, Зайнулобидини Мӯътаман, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Саидҷаъфари Шаҳидӣ, Мударриси Разавӣ, Садриддин Айнӣ, Абдулғанӣ Мирзоев, Расул Ҳодизода, Т. Самадов ва Искандар Икромов изҳори ақида намудаанд.

Мувофиқи сарчашмаҳо Анварӣ тақрибан дар солҳои 1089 - 90 дар деҳаи Баднаи қасабаи Абеварди вилояти Ховарони Хуросон ба дунё омадааст. Номи комили шоир мувофиқи нишондоди Мударриси Разавӣ Авҳаддудин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ Анварии Абевардист.

Дар бораи давраи ҷавонии шоир ақидаҳо гуногунанд. Чунон ки қайд мешавад, гӯё Анварӣ ҷавони шеърдӯст, вале ишратпарасте будааст ва дар натиҷаи сабукфикрӣ аз мероси падар бебаҳра мемонад ва бо насиҳати яке аз дӯстони падар равияи зиндагияшро тағйир дода, барои сайқал додани истеъдоди худододи шоирӣ мекӯшад. Албатта, то кадом дараҷа дуруст будани ин маълумот равшан нест, вале ҳаминро бояд қайд кард, ки Анварӣ фаъолияти эҷодии худро аз навиштани маснавӣ, манзумаҳои ҳаҷвии пурмазмун оғоз намудааст.

Чунон ки аз маъхазҳо ва аз истифодаи исти-лоҳоти гуногуни соҳавӣ дар ашъораш бармеояд, Анварӣ аз илмҳои гуногуни замонаш низ бар-хурдор будааст.

Муҳаққиқон соли вафоти Анвариро гуногун нишон медиҳанд. Устод Айнӣ соли вафоти ӯро 547ҳ. (1152 м.) медонад.

Аз мероси адабии шоир то замони мо девоне расидааст, ки бо нусхаҳои зиёди гуногун чоп шудааст. Нашри интиқодӣ, ки дар ду ҷилд бо саъю кӯшиши донишманди маъруфи Эрон, профессори Донишгоҳи Теҳрон, доктор Муҳаммадтақӣ Мударриси Разавӣ ба чоп омода шудааст, 13300 байтро ташкил дода, қасоид, муқаттаъот, ғазалиёту рубоиёти беҳтарини шоирро дар бар мегирад.

Анварӣ дар қасидасароии форсу тоҷик мақоми пешвоӣ ва мартабаи «пайғамбарӣ» дорад. Қаси-даҳои ӯ аз ҷиҳати мӯҳтаво ва шаклу мазмун диққати муҳаққиқони худию хориҷиро ба худ ҷалб намудаанд. Чунончи қасидаи «Ашкҳои Хуросон»-и ӯ аз тарафи тарҷумони англис В.Киркпатрик асри XVIII ба забони англисӣ тарҷума карда шуд. Соли 1883 монографияи мукаммали шарқшиноси рус В.А. Жуковский « Али Аухадэддин Энвери» чоп шуд. Шарқшиноси олмонӣ Ҳ. Эте Анвариро « аз бузургтарин қасидасароёни адабиёти Эрон» номидааст. Бадеъуззамони Фурӯзонфар дар асари худ «Сухан ва суханварон» мақоми шоирро дар ин жанри адабӣ ба назар гирифта, менависад: «Анварӣ муҳимтарин шоири қасидасарои қарни шашум ва аз устодони забони форсист». Аз муҳаққиқини муосир ба назми Анварӣ, махсусан ба қасидаҳои Анварӣ адабиётшинос Искандар Икромов таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамояд. «Мақоми Анварӣ дар таърих ва инкишофи жанри қасида» асари мукаммали илмиест, ки дар он қасидаҳои Анварӣ аз ҷиҳати сохт, мавзӯъ ва мундариҷа таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Шеър, ғазал худ саропо суханбозӣ ё бозии лафзист. Бидуни ороядоҳи сухан наметавон эҳсосоти дили шоирро дарк кард. Андешаҳои нозуки ӯ дар сохтани маъниҳои бикр аз қалами ӯ метаровад. Аз ин рӯ месазад, ки ба ин таровишот нозукбинона ва эҳтиёткорона назар афканем.

Чунон ки аз манбаъҳо маълум аст, Анварӣ дар даврони кӯдакӣ ва овони шабоб ба омӯхтани илмҳои ҳикмат, риёзӣ, нуҷум пардохтааст ва мусталаҳоти ин фанҳоро дар ашъораш истифода намудааст.

Ин ҷо тасмим гирифтем, ки дастагуле аз гул-зори ашъори шоир ба дӯстдорони шеъру адаб пешкаш намоем.

## ҒАЗАЛИЁТ

Биё, эй ҷон, биё, эй ҷон, биё, фарёд рас моро,
Чу моро як нафас бошад, набошӣ як нафас моро,
Зи иқшат гарчи бодардему дар ҳиҷронат андар ғам,
Зи ишқи ту на бас бошад, зи ҳиҷрони ту бас моро.
Кам аз як дам задан моро, агар дар дида хоб ояд,
Ғами ишқат бичунбонад ба гӯш-андар ҷарас моро.
Лабат чун чашмаи нӯш асту мо андар ҳавас монда,
Ки бар васли лабат як рӯз бошад дастрас моро .
Ба оби чашмаи ҳайвон ҳаёте Анвариро деҳ,
Ки андар оташи ишқат бикуштӣ з-ин ҳавас моро.

❂ ❂ ❂

Ҷурме надорам беш аз ин, к-аз ҷон вафодорам туро,
В-ар қасди озорам кунӣ, ҳаргиз наёзорам туро.
З-ин ҷавр бар ҷонам кунун, даст аз ҷафо шустӣ ба хун,
Ҷоно, чӣ хоҳад шуд фузун, охир зи озорам туро?
Рух гар ба хун шӯям ҳаме, об аз ҷигар ҷӯям ҳаме,
В-ар ҳоли худ гӯям ҳаме, ёде бувад, к-орам туро.
Оби рухони ман мабар, дил рафту ҷонро дарнигар,
Тимори кори ман бих (в) ар, к-аз ҷон харидорам туро.
Ҳон, эй санам, хорӣ макун, моро фарозорӣ макун,
Обам, буто, торӣ макун, то дарди сар н-орам туро.
Ҷоно, зи лутфи эзадӣ гар бар дилу ҷонам задӣ,
Ҳаргиз нагӯйӣ, Анварӣ, рӯзе вафодорам туро.

* * *

Эй карда хиҷил бутони Чинро,
Бозор шикаста ҳури инро.
Биншонда пиёда моҳи гардун,
Бархоста фитнаи заминро.
Магзор маро ба ноз, агарчанд
Хуб ояд ноз нозанинро
Манмой ҳама ҷафо гаҳи меҳр,
Чизе бигузор рӯзи кинро.
Дилдорон беш аз ин надоранд
Бо дард қарин чу ман қаринро.
Ҳам ёд кунанд гаҳ-гаҳ охир
Хидматгорони аввалинро.
Эй гум шуда маҳ зи акси рӯят
Дар кӯи ту лӯъбатони Чинро.
Ин аз ту маро бадеъ нанмуд,
Ман рӯз ҳамешумурдам инро.
Серӣ накунад маро зи ҷаврат,
Чунонки зи ҷуд Маҷдидинро.

* * *

Эй карда дар ҷаҳон ғами ишқат самар маро,
В-эй карда дасти ишқи ту зеру забар маро.
Аз пой то ба сар ҳама ишқат шудам, чунон-к
Дар зери пойи ишқи ту гум гашт сар маро.
Гар бе ту хобу хӯрд набошад маро, равост,
Худ бе ту дар чӣ хӯрд бувад хобу х(в)ар маро.
Умре камони сабр ҳаме доштам ба зеҳ,
Охир ба тири ғамза фикандӣ сипар маро.
Боре ба умрҳо хабаре ёфтам зи ту,
Чун ҷӯйӣ аз замона ба хуни ҷигар маро?!
Дар хуни ман машав, ки наёрӣ ба даст боз,
Гар ҷӯйӣ аз замона ба хуни ҷигар маро,

❁ ❁ ❁

То бувад дар ишқи он дилбар гирифторӣ маро,
Кай бувад мумкин, ки бошад хештандорӣ маро.
Суд кай дорад ба таррорӣ намудан зоҳидӣ,
Чун зи ман бирбуд он дилбар ба таррорӣ маро.
Соқии ишқи бутон дар ҷоми уммеди висол
Май гарон додаст, к-орад он сабуксорӣ маро.
З-он батар, к-аз ишқ ҳастам маст бо хасмони ӯ,
Мебибояд бурдан аз мастӣ ба ҳушёрӣ маро.
Зорам андар кори ӯ, в-аз кори ӯ ҳар соате
Кард бояд пеши халқ инкору безорӣ маро.
Ин шигифтӣ бину ин мушкил, ки андар ошиқӣ
Бурд бояд иллати лангию раҳворӣ маро.

❁ ❁ ❁

Аз дур бидидам он париро,
Он рашки бутони озариро.
Дар мағриби зулф арз дода
Сад қофила Моҳу Муштариро.
Дар гӯшаи орази ту кофур
Барҳам зада зулфи анбариро.
Ҷазъаш ба карашма дарнавашта
Сад тахтаи тоза кофариро.
Лаълаш ба ситеза дарнамуда
Сад мӯъҷизаи паямбариро.
Тири мижа бар камони абрӯ
Бар карда итобу довариро.
Бар домани ҳаҷру васл баста
Бадбахтиву некахтариро.
Тарсон-тарсон ба танз гуфтам
Он мояи ҳусну дилбариро,
К- аз бахри Худойро, кироӣ?
Гуфтам: Ба Худо, ки Анвариро.

❁ ❁ ❁

Ҷоно, ба ҷон расид зи ишқи ту кори мо,
Дардо, ки нестат хабар аз рӯзгори мо .
Дар кори ту зи дасти замона ғамин шудам,
Эй чун замона бад, назаре кун ба кори мо.
Бар осмон расад зи фироқи ту ҳар шабе
Фарёду нолаҳои дили зор-зори мо.
Дардову ҳасрато, ки ба ҷуз бори ғам намонд
Бо мо ба ёдгор аз он рӯзгори мо.
Будем бар канор зи темори рӯзгор,
То дошт рӯзгор туро дар канори мо.
Он шуд, ки ғамгусори ғами мо ту будаӣ,
Имрӯз нест ҷуз ғами ту ғамгусори мо.
Оре, ба ихтиёр дили Анварӣ набуд,
Дасти қазо бибаст дари ихтиёри мо.

❁ ❁ ❁

Эй ғорати ишқи ту ҷаҳонҳо,
Барбоди ғами ту хонумонҳо.
Шуд бар сари кӯи лофи ишқат
Сарҳо ҳама дар сари забонҳо.
Дар пеши ҷанибати ҷамолат
Аз ҷисм пиёда гашта ҷонҳо.
Дар кавкабаи рухи чу моҳат
Сад наъл фиканда осмонҳо.
Наззорагиёни рӯи хубат
Чун дарнигаранд аз каронҳо,
Дар рӯйи ту рӯйи хеш бинанд,
З-ин ҷост тафовути нишонҳо.
Гӯям, ки зи ишваҳои ишқат
Ҳастем зи умр бар зиёнҳо.
Гӯӣ, ки туро аз он зиён буд,
Алҳақ, ҳастӣ ту худ аз онҳо.
То кай гӯиӣ чу Анварӣ мурғ
Дигар напарад аз ошёнҳо?!
Донад ҳама кас, ки он чӣ таън аст,
Дандон-ст, буто, дар ин даҳонҳо.

❁ ❁ ❁

Эй аз бунафша сохта гулбаргро ниқоб,
В-аз шаб тапончаҳо зада бар рӯйи офтоб
Бар сими сода бехта аз мушки суда гард,
Бар барги лола рехта аз қири ноб об.
Хатти ту бар хади ту чу бар шир пои мӯр,
Зулфи ту бар рухи ту чу бар май пари ғароб.
Дорам зи обу оташи ёқуту ҷазъи ту
Дар оби дида ғарқу бар оташ ҷигар кабоб.
Дар тобу банди зулфи диловези ҷонкашат,
Ҷон дар ҳазор банду дил андар ҳазор тоб.
Гаҳ дасти ишқ ҷомаи сабрам кунад қабо,
Гаҳ оби чашм хонаи розам кунад хароб.
Чун чашмат аз ҷафо мижа бар ҳам намезанад,
Чашмаш ба хуни дил мижа то кай кунад ҳиҷоб?
Ҳам бо хаёли ту гилае кардаме зи ту,
Бар чашми ман агар нашудӣ баста роҳи хоб.
Эй рӯзу шаб чу даҳр дар озори Анварӣ,
Тарсам, ки даҳр боз диҳад зудат ин ҷавоб.

❁ ❁ ❁

Хаҳ, хаҳ, баномэзад, он рӯи кист, ё раб,
Он сеҳрчашму он рух, он зулфу холу он лаб.
Дар васфи ҳусни он лаб ноҳидчанг мутриб,
Бар чархи ҳусни он рух хуршедбурҷ кавкаб.
Масрури ишқи ӯро ин ишқ одати ғам,
Бедори ҳаҷри ӯро ин марг сурати таб.
Нақше нигошт хатташ аз мушки суда бар гул,
Доман фиканд зулфаш бар рӯзи равшан аз шаб.
Домест чини зулфаш, ақл андар ӯ муаллақ,
Ҷазъест чашми шӯхаш, сеҳр андар ӯ мураккаб,
Гаҳ мушк мефишонад бар маҳ зи гарди мавкиб.
Гаҳ моҳ менигорад дар раҳ зи наъли маркаб.
Дар пеши нури рӯяш гардун ба дасти ҳасрат.
Барбаст рӯйи худро, бишкаст неши ақраб.

Бардорад, ар бихоҳад зулфу рухаш ба як раҳ,
Тартиби куфру имон оини кешу мазҳаб.
Дар манязиди васлаш ҷоне ҷаве наярзад,
Эй Анварӣ, чӣ лофӣ чандин зи қалбу қолаб?!

❁ ❁ ❁

Хаҳ, аз куҷот пурсам, чун аст рӯзгорат,
Моро ду дида боре хун шуд дар интизорат.
Дар орзуи рӯят дур аз саодати ту,
Печону сӯгворам чун зулфи тобдорат.
Моро нагӯӣ, эй ҷон, к-охир ба чӣ ҷиноят
Бегонагӣ гирифтӣ аз ёри дӯстдорат?
Эй ҷону рӯшноӣ, беҳ з-ин ҳаме бибояд,
Ту бар канорӣ аз мо, мо дар миёни корат.
Бо мот дарнагирад, моему ними ҷоне,
Ё марги ҷон гузинам, ё васли хушгуворат.
Гар бахт даст гирад в-ар умр пой дорад,
Як бори дигар, эй ҷон, гирем дар канорат.

❁ ❁ ❁

Дар ҳама олам вафодоре куҷост,
Ғам ба хирвор аст, ғамхоре куҷост?
Дарди дил чандон ки гунҷад дар замир,
Ҳосил аст аз ишқ, дилдоре куҷост?
Гар ба гетӣ нест дилдоре маро,
Мумкин аст аз бахт, дил боре куҷост?
Андар ин айём дар боғи вафо,
Гар намерӯяд гуле, хоре куҷост?
Ҷон фидои ёр кардан ҳаст саҳл,
Кошкӣ, ёри басе ёре куҷост?
Дар ҷаҳони ошиқон бинам ҳаме,
Як ҷаҳон бекори бокоре куҷост?

❁ ❁ ❁

Ғами ишқи ту аз ғамҳо наҷот аст,
Маро хоки дарат оби ҳаёт аст.
Намехоҳам наҷот аз банди ишқат,
Чӣ банд аст он, ки хуштар аз наҷот аст.
Маро гӯянд, роҳи ишқ маспар,
Ману савдои ишқ, ин турраҳот аст.
Зи лаълат ду рухат бар натъи хубӣ
Маҳ андар чор хона шоҳмот аст.
Дилу дин мебарию аҳду қавлат
Чу ҳолу кори дунё бесубот аст.
Иноят бар сари ҳаҷрат ба оийн
Ҳам аз ҷаври қадиму ҳодисот аст.
Чунон тарсад дил аз ҳаҷри ту, гӯйӣ
Шаби ҳиҷрони ту рӯзи вафот аст.
Ба ҷону дил зи девони ҷамолат
Амири ишқро бар ман барот аст.
Бароте гар шавад роҷеъ, чӣ бошад,
На хатти Маҷдидин Шамсулкифот аст.

❁ ❁ ❁

То дили мискини ман дар кори туст,
Орзуи ҷони ман дидори туст.
Ҷону дил дар кори ту кардам фидо,
Кори ман ин буд, дигар кори туст.
Бо ту натвон кард даст андар камар,
Ҳар чӣ хоҳӣ, кун, ки давлат ёри туст.
Дил туро додам, вагар ҷон боядат,
Ҳам фидои лаъли шаккарбори туст.
Шоядам, гар ҷону дил аз даст рафт,
Эминам анде, ки дар зинҳори туст.

* * *

Ҷурми раҳӣ дӯстии рӯйи туст,
Офати савдои дилаш мӯйи туст.
Дил нафас аз ишқи ту танҳо назад,
Дар ҳама дилҳо ҳаваси рӯйи туст.
Новаки ғамза мазан ӯро, ки ӯ
Куштаи ҳар ғамзадаи хӯи туст.
Ҳаст басе Юсуфи Яъқубранг,
Пираҳанеро, ки дар ӯ бӯйи туст.
Аз дари худ ошиқи худро марон,
Раҳм кун, ангор, саги кӯи туст.

* * *

Дил дар он ёри диловез овехт,
Фитна ин аст, ки он ёр ангехт.
Дилу дину маю аҳду қувват
Рахт бар сар ба яке пой гурехт.
Дили ман боз намеёбад сабр,
Ҳама офоқ ба ғирболи ту бехт.
В- ар намеёбад он силсиламӯй,
Кори ҷонам ба яке мӯй овехт.
Дил ба сӯи дил, рафтам ба дараш,
Чашмам аз ашк басе чашм овехт.
Ёри гулрух чу маро бор надод,
Гули умрам ҳама аз пой бирехт.

* * *

Эй ба дида дареғ хоки дарат,
Ҳама савганди ман ба ҷону сарат.
Гӯшро миннат аст бар ҳама тан
Аз паи он ҳадиси чун шакарат.
Ашк чун симу рух чу зар кардам
Аз барои нисори раҳгузарат.
Мояи кимиёст хоки дарат,
Кай дарояд ба чашм симу зарат?!
Дили бераҳми ту раҳим шавад,
Гар зи ҳоли дилам шавад хабарат.

* * *

Рухат маҳро руху фарзин ниҳодаст,
Лабат беҷодаро сад зарба додаст.
Чу рӯят кай бувад он маҳ, ки ҳар маҳ
Се рӯз аз маркаби хубӣ пиёдаст.
Куҷо дидаст беҷода чунон ҳол,
Ки фарзинбанди наълатро пиёдаст.
Зи модар то ту зодӣ, кас надидаст,
Ки як модар маҳу хуршед зодаст.
Аз ин сангиндилӣ бо Анварӣ бас,
Ки бе ту сангҳо бар дил ниҳодаст.

❁ ❁ ❁

Гулбуни ишқи ту бехор омадаст,
Ҳар гулеро сад харидор омадаст,
Оламеро аз ҷафои ишқи ту
Пою пешонӣ ба девор омадаст.
Ҳуснро то кардаӣ бозор тез,
Фитна аз хона ба бозор омадаст.
Боз коре даргирифтастӣ магар,
Ту гирифтӣ, тоза дар кор омадаст.
То туро ҷони ҷаҳон хонд Анварӣ,
Дар ҷаҳон шӯре падидор омадаст.

❁ ❁ ❁

Поям аз ишқи ту дар санг омадаст,
Ақлро бо ту қабо танг омадаст.
Номи ман ҳаргиз набурдӣ бар забон,
Оре, аз номам туро нанг омадаст.
Ҳарчӣ донӣ аз ҷафо, бо ман бикун,
К-ат забуне нек дар чанг омадаст.
Ҳар касе омад ба истиқболи ман,
Андӯҳонат чанд фарсанг омадаст.
Анварӣ, поят зи роҳе бозкаш,
К-андар он ҳар маркабе ланг омадаст.

❂ ❂ ❂

Корам зи ғамат ба ҷон расидаст,
Фарёд бар осмон расидаст.
Натвон гилаи ту кард, агарчи
Аз дил ба сари забон расидаст.
Дар ишқи ту бар умеди суде
Сад бор маро зиён расидаст.
Ҳар ҷо, ки расам, баробари ман
Андӯҳи ту дар миён расидаст.
Ин об зи фарқ баргузаштаст,
В-ин корд бар устухон расидаст.

❂ ❂ ❂

Ҳуснро аз вафо чӣ озор аст,
Ки ҳамасола бо ҷафо ёр аст.
Худ вафоро вуҷуд нест падид,
В-ин ки дар одат аст, гуфтор аст.
Аз буруни ҷаҳон вафо ҳам нест,
К-асараш з-андарун падидор аст.
Чӣ вафо ин, чӣ жож мегӯем,
Ки аз ӯ ҳуснро чӣ озор аст.
То масофи вафо шикаста шудаст,
Аҷлам аз офият нагунсор аст.
Ишқро офият ба кор нашуд,
Лоҷарам кори ошиқон зор аст.
Даст дар кори офият нашавад,
Ҳар куҷо ишқ бар сари кор аст.
Ишқ дар хобу ошиқон дар хун,
Доя беширу тифл бемор аст.
Орзу мепазем,чӣ-твон кард,
Суди нокарда сахт бисёр аст.
Ин ки имрӯз бар сари ганҷе,
Пои фардот бар думи мор аст.
Анварӣ, аз сари ҷаҳон бархез,
Ки на маъшуқаи вафодор аст.

❁ ❁ ❁

Маъшуқа ба ранги рӯзгор аст,
Бо гардиши рӯзгор ёр аст.
Бас булъаҷабу баҳонаҷӯй аст,
Бас кинакашу ситезакор аст.
Ин мӯҳташамист бо бузургӣ,
Гар мӯҳташаму бузургвор аст.
Бӯсе надиҳад, магар ба ҷоне,
Оре, ҳама хамр бо хумор аст,
Дар боғи замона ҳеч гул нест,
В- он низ, ки ҳаст, ҷуфти хор аст.
Эй дил, манеҳ аз миён бурун пой,
Ҳарчанд, ки ёр бар канор аст.
Уммед мабур, к-аз он чи мардум,
Навмедтар аст, умедвор аст.
Ҳарчанд шумори кори фардо
Корест, ки он на дар шумор аст.
Натвон донист, ҳар шаб аз умр
Обастани сад ҳазор кор аст.

❁ ❁ ❁

Зи ишқи ту ниҳонам ошкор аст,
Зи васли ту насибам интизор аст.
Зи боғи васли ту гул кай тавон чид,
Ки он ҷо гуфтугӯй аз баҳри ҷон аст.
Вале дар пои ту гаштам бад-он бӯй,
Ки аҳдат ҳамчу ишқам пойдор аст.
Дилам рафту зи ту коре наёмад,
Маро бо ин фузулӣ худ чӣ кор аст.
Чу гӯям: Бӯсае, гӯӣ, ки фардо,
Киро фардои гетӣ дар шумор аст?
Ба банди рӯзгорам чанд бандӣ?
Сухан худ бештар дар рӯзгор аст.
Ба аҳдам даст мегирӣ, валекин
Кӣ мегӯяд, ки поят устувор аст?
Туро бо Анварӣ з-ин гуна дастон
На як бору ду бор асту се бор аст.

* * *

Эй ёр, маро ғами ту ёр аст,
Ишқи ту зи олам ихтиёр аст.
Бо ишқи ту ғам ҳамегусорам,
Ишқи ту ғам асту ғамгусор аст.
Ҷону ҷигарам бисӯхт ҳиҷрон,
Худ одати дил на з-ин шумор аст.
Ҷон сӯхтану ҷигар халидан
Ҳиҷрони туро камина кор аст.
Дар ҳаҷр зи дард беқарорам ,
К-он дард ҳанӯз барқарор аст.
Эй роҳати ҷони ман, фараҷ деҳ,
З-он дард, ки номаш интизор аст.
Дар тоб шудӣ, ки гуфтам аз ту
Ҷуз дард маро чӣ  ёдгор аст?!

* * *

Ё раб, чӣ бало, ки ишқи ёр аст,
З-ӯ ақл бадарду ҷон фигор аст.
Дил бурду ҷамол кард пинҳон,
Фарёд, ки зулми ошкор аст.
Гар ҷони ман аст, аз ӯ ба ҷонам,
Ман ҳеҷ надонам, ин чӣ кор аст.
Н-ояд бари ман хаёли ӯ  ҳеҷ,
В-ин ҳам зи хилофи рӯзгор аст.
Корам чу нигор нест бо ӯ,
З-он бар рухи ман зи хун нигор аст.
З-ӯ ҳеҷ шумор барнагирам,
Зеро ки ҷафош бешумор аст.

❁ ❁ ❁

Ҳар шикан дар зулфи ту аз мушк доле дигар аст,
Ҳар назар аз чашми ту сеҳри ҳалоле дигар аст.
Н-ояд андар васфи кас он чашму зулф, аз баҳри он-к
Дар хаёли ҳар кас аз ҳар як хаёле дигар аст.
Ҳарчӣ дил бо хештан сурат кунад з-он зулфу чашм,
Ақли дурандеш гӯяд, бо мисоле дигар аст .
Ҳар касе з-он чашму зулф андар гумоне дигаранд,
В-он гумонҳо низ аз ҳар як муҳоле дигар аст.
Гарчи дар айни камол аст аз накӯӣ гӯиё,
Аз варои он камоли ӯ камоле дигар аст.
Ман ба ҳоле дигарам аз ишқи ӯ ҳар лаҳзае,
З-он ки ӯ дар ҳусн ҳар соат ба ҳоле дигар аст.

❁ ❁ ❁

Умеди васли ту коре дароз аст,
Умед, алҳақ, нишебе бефароз аст.
Тамаъро бар ту дандон гарчи кунд аст,
Таманноро забон боре дароз аст.
Раҳи беруншуд аз ишқат надонам,
Дари ҳар ду ҷаҳон гӯё фароз аст.
Ба ғорат бурд ғамзат як ҷаҳон ҷон,
Лабатро гӯ, ки охир турктоз аст.
Дар ин мотамсаро, яъне замона
Басе иду арӯсӣ, к-аз ту боз аст.
Нагӯӣ, к-инчунин иду арӯсӣ,
Тараб дар рӯза, ишрат дар намоз аст.
Ҳадиси офият якборагӣ худ
Чунон пӯшида шуд, гӯиё ки оз аст,
Ниёз, эй Анварӣ, бас арза кардан,
Ки маъшуқ аз ду гетӣ бениёз аст.

❁ ❁ ❁

Меҳрат ба дилу ба ҷон дареғ аст,
Ишқи ту ба ину он дареғ аст.
Васли ту бад-ин ҷаҳон тавон ёфт,
К-он мулк бад-ин ҷаҳон дареғ аст.
Касро камари вафо мафармой,
К-он тарф ба ҳар миён дареғ аст.
Бо кас бимагӯй, номи ту чист,
К-он ном ба ҳар забон дареғ аст.
Қадри чу туе замин чӣ донад,
К-он қадр ба осмон дареғ аст.
Дар кӯи вафои ту ба инсоф
Як дил ба ҳазор ҷон дареғ аст.

❁ ❁ ❁

Кори дил аз орзуи дӯст ба ҷон аст,
То чӣ шавад оқибат, ки кор дар он аст.
Кард чӣ ҷону ҷаҳон малул ба ҷаврам,
Бо ҳама бедоду ҷавр ҷони ҷаҳон аст.
Ишва диҳад чун ҷаҳону умр ситонад,
Дар ғами ӯ ишва суду умр зиён аст.
Ишқ чу ранге диҳад сиришки касеро,
Рӯй суи ман кунад, ки расми фалон аст.
Булъаҷабӣ мекунад, ки роз нигаҳ дор,
Рӯй ба хун тар, чӣ рӯзи рози ниҳон аст?!
Хасм ҳамегӯядам, ки ошиқи зорӣ,
Хира чӣ лаъбулхиҷил кунам, ки чунон аст.
Ошиқӣ, эй Анварӣ, дурӯғ чӣ гӯйӣ?
Рози дилат дар сухан чу рӯз аён аст.

❁ ❁ ❁

Эй бародар, ишқ савдое хуш аст,
Дӯзах андар ошиқӣ ҷое хуш аст.
Дар биёбон раҳравони ишқро
З-оби чашми хеш дарёе хуш аст.
Ғамгинонро ҳар замон дар кунҷи ишқ
Ёди номи дӯст саҳрое хуш аст.
Бо хаёли рӯи маъшуқ, эй аҷаб,
Ҷоми заҳролуд ҳалвое хуш аст.
Умрҳо дар ранҷ чун имрӯзу дӣ
Бар умеди буди фардое хуш аст.

❁ ❁ ❁

Ишқи ту аз мулки ҷаҳон хуштар аст,
Ранҷи ту аз роҳати ҷон хуштар аст.
Хуштарам он нест, ки дил бурдаӣ ,
Дил дари ҷон мезанад, он хуштар аст,
Ман ба кароне шудам аз дасти ҳаҷр,
Пои маломат ба миён хуштар аст .
Дил ба бадӣ тан зада, то беҳ шавад,
Хӯрдани заҳре ба гумон хуштар аст.
Васли ту рӯзӣ нашуду рӯз шуд,
Суд наю моя зиён хуштар аст.
Умр шуду ишва ба дастам бимонд,
Дахл наю харҷи равон хуштар аст.
Аз пайи дил ҷон ба ту андохтем,
Бар асари тир камон хуштар аст.
Кисаи умрам зи ғамат шуд тиҳӣ,
Бе рама марсуми шубон хуштар аст.
Ин ҳама ҳасту ту на бо Анварӣ,
В-ин ҳама дар кори ҷаҳон хуштар аст.

* * *

Ишқи ту қазои осмон аст,
Васли ту бақои ҷовидон аст.
Осеби ғами ту дар замона
Дур аз ту балои ногаҳон аст.
Дастам нарасад ҳаме ба шодӣ,
То пойи ғами ту дар миён аст.
Дар зовияҳои чини зулфат
Сад хурдаи ишқ дар миён аст.
Ин қоида гар чунин бимонад,
Бунёди харобии ҷаҳон аст.
Бо ҳусни ту дар наволаи чарх,
Рухсораи моҳ устухон аст.
В-аз офиятӣ чунин мураввах,
Дар ишқи ту умр бас гарон аст.
Бо он ки нишон наметавон дод,
К-аз васли ту дар ҷаҳон нишон аст.
Дил дар ғами интизор хун шуд,
Бечора ҳанӯз дар гумон аст.
Гуфтам, ки ба тӯҳфа пеши ваъда-ш
Ҷон managed
Дил гуфт, ки бар дари қабулаш
Ҳар ч-он наравад, ба дасти ҷон аст.
Бозори сапедкории ту
Акнун ба равоӣ ончунон аст,
К- он ҷо сари сабз бе зари сурх
Чун сими сиёҳ норавон аст.
Зар боядат, Анварӣ, вагар нест,
Ғам хӯр, ки ҳамеша ройгон аст.
Бе моя ҳаме талаб кунӣ суд,
З-он гоҳе суду гаҳ зиён аст.

* * *

Ҳар кӣ чун ман ба куфраш имон аст,
Аз ҳама халқ ӯ мусулмон аст.
Рӯйи имон надидаӣ, ба Худо,
Ки дар ӯ дину куфр яксон аст.
Эй писар, мазҳаби қаландар гир,
Гар ба имони хешат имон аст.
Хештан бар тариқи эшон банд,
Ки тариқат тариқи эшон аст.
Даст аз ин тавбаю салоҳ бидор,
К-андар ин роҳ кофарӣ он аст.
Роҳи таслим рав, ки олами ҳукм
Доми мурғону мурғи бирён аст.
Мулки таслим чун мусаллам гашт,
Беҳтар аз мулкати Сулаймон аст
Мардуми савмаа мусалмон нест,
Гар ҳама  Бӯзар асту Салмон аст.
Соқиё, дардеҳ он майе, ки аз ӯ
Офати ақлу роҳати ҷон аст.
Ҳокии ранги рӯйи маъшуқ аст,
Ровии бӯйи зулфи ҷонон аст.
Маҷлис аз бӯйи ӯ суманзор аст,
Хона бо ранги ӯ гулистон аст.
Аз латофат ҳавои рангин аст,
В-аз сафо офтоби тобон аст.
Дар қадаҳ ҳамчу ақлу ҷон дар тан,
Ошкор аст, агарчи  пинҳон аст.
Тавбаи хешу они ман бишкан,
К-ин на тавбаст, зӯру бӯҳтон аст.
Як замонам зи хештан бираҳон,
К-аз вуҷудам зи худ пушаймон аст.
Чанд гӯйӣ, ки май нахоҳам хӯрд,
Ки зи душман дилам ҳаросон аст.
Май хӯру маст хусбу эмин бош,
Маҷлиси хос-хоси  султон аст.

❁ ❁ ❁

Маро донӣ, ки бе ту ҳол чун аст,
Ба ҳар мижгон ҳазорон қатра хун аст.
Танам дар банди ҳаҷри ту асир аст,
Дилам дар дасти ишқи ту забун аст.
Ғами ишқи ту дар ҷон ҳеҷ кам нест,
Чӣ ҷои кам, ки ҳар соат фузун аст.
Ба ваҷҳе хун ҳамеборам ман аз дил,
Ки аз ишқи туам ғам раҳнамун аст.
Агар бахшуд хоҳӣ, ҳаргиз, эй ҷон,
Бар ин дил ҷои бахшоиш кунун аст.

❁ ❁ ❁

Ҷамолат бар сари хубӣ кулоҳ аст,
Ба номэзид, на рӯяст он, ки моҳ аст.
Туӣ, к-аз зулфу рух дар олами ҳусн
Туро ҳам нимашаб, ҳам чоштгоҳ аст.
Басо хирман, ки оташ дарзадӣ, бош,
Ҳанӯзат оби хубӣ зери коҳ аст.
Пайи аҳдат наёяд ҷуз дар он роҳ,
К-аз он ҷо то вафо садсола роҳ аст,
Зи ишқат рӯзи умрам дар шаб афтод,
В-аз ин ғам бар дилам рӯзи сиёҳ аст.
Пас аз чанде сабурӣ дод бошад,
Ки гӯям бӯсае, гӯйӣ «пагоҳ аст».
Шабе қасди лабат кардам, аз он шаб
Сипоҳи кини чашмат дар сипоҳ аст.
Ба тири ғамза мижгон-т Анвариро
Бикуштанду бар ин шаҳре гувоҳ аст.
Лабатро гӯ, ки тадбири дият кун,
Сари зулфат мабур, к-ӯ бегуноҳ аст.

❁ ❁ ❁

Ишқи  ту дилро накӯ пероя аст,
Дидаро дидори ту сармоя аст.
Тири мижгони туро хун рехтан
Дар тариқи ишқ  камтар поя аст.
Аз вафо фарзанди андӯҳи туро
Дил зи модар меҳрубонтар доя аст.
Банда гашт аз баҳри ту дил дидаро,
Гарчи дилро дида бад ҳамсоя аст.
З-он маро васлат ба дасти ҳаҷр дод,
К-аз пайи ҳар офтобе  соя аст.

❁ ❁ ❁

Ҳар кас, ки ғами туро фасона-ст,
Дасти хуш офати замона-ст.
Ҳар кас, ки ғами туро миён баст,
Аз ишқи замона бар карона-ст.
Ту ёри ягонаиву бояст
Ёри ту, ки ҳамчу ту ягона-ст.
Ишқи ту ҳақиқат аст, эй ҷон,
Маълум дилеву дар миёна-ст.
Дар ишқи ту сӯфиему моро,
Дигар ҳама ишқҳо фасона-ст.
Моро дили пурғам асту гӯ бош,
Анде, ки дили ту  шодмона-ст.
Дарди дили мо зи ҳаҷри худ пурс,
Ҳиҷрони ту аз миёни хона-ст.
Дорам сухане ҳам аз ту бо ту,
Мақсуд туӣ, сухан баҳона-ст.
Беҳ з-ин ғами кори дӯстон хӯр,
В-ин панд шунав, ки дӯстона-ст.

* * *

Боз мондам дар ғаму темори ӯ,тадбир чист?
Боз гаштам оҷиз андар кори ӯ, тадбир чист?
Боз хуни ақлу ҷонам рехт андар ишқи ӯ,
Дидаи  шӯхи каши хунхори ӯ, тадбир чист?
Боз бори дигарам дар зери бори ғам кашид
Орзуи лаъли шаккарбори ӯ, тадбир чист?
Пеш аз ин умре ба боди ишқи ӯ бар додаам.
Боз гаштам ошиқи дидори ӯ, тадбир чист?..
Дар миёни меҳнати  бисёр гаштам нопадид
Аз ғаму андешаи бисёри ӯ, тадбир чист?
Шеваи аҳдаш дигар бо Анварӣ бихранд, боз
Хештан бифрӯхт дар бозори ӯ, тадбир чист?!

* * *

Дил бе ту ба сад ҳазор зорист,
Ҷон дар кафи сад ҳазор хорист.
Дар ишқи ту з-ашки дида дилро
Алҳақ, зи ҳазор гуна зорист.
Дар роҳи ту хортар зи хокам,
Эй бахти бад, ин чӣ хоксорист?!
Кардем ба коми душман, эй дӯст,
Донам, ки на ин зи дӯстдорист.
Ҳиҷрони сияҳгари туам кушт,
Ин  низ ҳам аз сапедкорист.

❁ ❁ ❁

Моҳ чун чеҳраи зебои ту нест,
Мушк чун зулфи гулорои ту нест.
Кас надидаст рухи хуби туро,
Ки чу ман бандаву мавлои ту нест.
Кардам аз дидаву дил ҷой туро,
Гарчи дар дидаву дил ҷойи ту нест.
Чӣ диҳӣ ваъдаи фардо, ки маро
Дил дигар ваъдаи фардои ту нест.
Синаи кас нашиносам ба ҷаҳон,
Ки дар он сина тақозои ту нест.

❁ ❁ ❁

Аз ту буридан, санамо, рӯй нест,
З- он, ки чу рӯят ба ҷаҳон рӯй нест.
То ту зи кӯи ту бурун рафтаӣ,
Кӯи ту гӯйӣ, ки ҳамон кӯй нест.
Гарчи ғамат кард чу мӯе маро,
Фориғам аз ишқи ту як мӯй нест.
Рӯйи туро моҳ нагӯем, аз он-к
Моҳ чу он орази дилҷӯй нест.
Зулфи туро мушк нахонам, аз он-к
Мушк бад-он рангу бад-он бӯй нест.
Чун лаби ту бодаи хушранг на,
Чун рухи ту лолаи худрӯй нест,
Зулфи ту чавгону дилам гӯйи ӯст,
Кист, ки чавгони туро гӯй нест.
Таънаи бадгӯй набошад зиён- ш
Ҳар кӣ варо дилбари бадхӯй нест,
Анварӣ, аз хӯи бади туст хор,
Аз сухани душмани бадгӯй нест.

❁ ❁ ❁

Рӯйи баргаштанам аз рӯйи ту нест,
Ки ҷаҳонам ба яке мӯйи ту нест.
З-он зи рӯйи ту нагардонам рӯй,
Ки ба ҷуз рӯйи ту чун рӯйи ту нест.
Ҳеҷ шаб нест, ки андар талабат
Бистарам хоки сари ту кӯйи нест.
Ҳеҷ дам нест, ки бар ҷону дилам
Доғе аз таънаи бадгӯйи ту нест.
Нест бо ин ҳама озарм аз ӯ
З- он ки бе таъбияи бӯйи ту нест.

❁ ❁ ❁

Ҷоно , дилам аз холи сиёҳи ту ба ҳолест,
К- имрӯз бар онам, ки на дил, нуқтаи холест.
Дар орзуи хоби шаб аз бахри хаёлат
Хаққо, ки танам рост чу дар хобу хаёлест.
Бе рӯзи рухи хуби ту, донам, хабарат нест,
К- андар ғами ҳиҷрони ту рӯзем чу солест.
Ҳар дам ба ғаме тоза дилам хӯй фаро кард,
То ҳар нафасе рӯйи туро тоза ҷамолест.
В-имрӯз ғами ман чу ҷамолат бакамол аст,
Ё раб, чӣ кунам, гар пас аз ин низ камолест.
Он кист, ки ӯро чу кафи пойи ту рӯест,
В-он кист, ки ӯро ба каф аз дасти ту молест.
Пайғом диҳӣ ҳар нафасам к-Анварӣ аз мост,
Ман бандаи ин михрақа, ҳарчанд муҳолест.

❁ ❁ ❁

Ишқи ту бе рӯйи ту дарди дилест,
Мушкили ишқи ту мушкил мушкилест.
Бе ту дар ҳар хона дасте бар сарест,
В-аз ту дар ҳар кӯй пойе дар гилест.
Бар дари бутхонаи ҳуснат кунун
Дасти сабрам зери санги ботилест.
Шодии васлат барии дил кай расад,
То туро, шукрона, бар ҳар ғам дилест.
Ҳосилам дар ишқи ту беҳосилист,
Ҳеҷ натвон гуфт некӯ ҳосилест.
Аз таҳайюр ҳар замон дар роҳи ту,
Рӯйи уммедам ба дигар манзилест.
Киштие бар хушк мерон, Анварӣ,
К- охирин дарёи ғамро соҳилест.

❁ ❁ ❁

Дар ҳама мамлакат маро ҷонест,
Ҳар замон пойбанди ҷононест.
Дар канорам ба ҷойи дамсозе,
То саҳаргаҳ зи дида тӯфонест.
Дар кучо мехӯрад маро ғами ишқ,
Дар ҳама хонаам яке то нест.
Як дам аз дарди ишқ н-осояд,
Додам инсоф - ранҷкаш ҷонест.
Гуфтам ӯро, ки сабр кун, ки сабр
Ҳар ғамеро, ки ҳаст, поёнест.
Ин ҳама ҳаст, кошкӣ боре
Кори ӯро сареву сомонест.

❁ ❁ ❁

Макун, эй  дил, ки ишқ кори ту нест,
Бори худро бибар, ки бори ту нест.
Мурдӣ аз ишқу дар ғами дигарӣ,
Гарчи ин ҳам ба ихтиёри ту нест.
Дида рози ту фош кард, аз он-к
Дида дар ишқ роздори ту нест.
Навбаҳор омаду ҷаҳон бишкуфт,
З-он туро чӣ, чу навбаҳори ту нест.

❁ ❁ ❁

Бе меҳри ҷамоли ту диле нест,
Бе меҳри ҳавои ту гуле нест.
Бигзашт замона ва-з ту касро
Ҷуз умри гузашта ҳосиле нест.
То аз чӣ гилӣ, ки аз ту холӣ
Дар  олами обу гул диле нест?!
Дар доираи ҷаҳони муҳдас
Чун ҳодисаи ту мушкиле нест.
Дар ту кӣ расад, ки дар раҳи ту
Ҷуз манзили аҷз манзиле нест.
Дар баҳри таҳайюри ту пойоб
Кай суд кунад, ки соҳиле нест.

❂ ❂ ❂

Ёр бо ман чун сари ёрӣ надошт,
Заррае дар дил вафодорӣ надошт.
Ошиқон бисёр дидам дар ҷаҳон,
Ҳеҷ кас касро бад-ин хорӣ надошт.
Ҷон ба тарки дил бигуфт аз бими хаҷр,
Тоқати чандин ҷигархорӣ надошт.
То падид омад шароби ишқи ту,
Ҳеҷ ошиқ барги ҳушёрӣ надошт.
Дил зи бесабрӣ ҳамезад лофи ишқ,
Гуфт:- Дорам сабр,- пиндорӣ, надошт.
Бори васлаш дар ҷаҳон нагшод кас,
К- андар ӯ дар ҳаҷр сарборӣ надошт.
Дарди чашми ман фузун шуд баҳри он-к
Тутиё аз сабр пиндорӣ надошт.

❂ ❂ ❂

Боз кай гирам андар оғӯшат,
Кай биёрам ба даст чун дӯшат?!
Ҳаргиз оё ба хоб хоҳам дид
Як шабе дигар андар оғӯшат?
То бидидам ба зери ҳалқаи зулф
Ҳалқаи гӯш бар буногӯшат.
Гашт якборагӣ дили решам
Ҳалқаи гӯши халқадаргӯшат.

❁ ❁ ❁

Рояти ҳусни ту бар маҳ баргузашт,
Бо ман ин ҷаври ту аз ҳад дар гузашт.
Оташи ҳаҷри туам хуш-хуш бисӯхт,
Оби андӯҳи туам аз сар гузашт.
Нагзарад бар ҳеҷ кас аз ошиқон,
Он-ч дӯш аз ишқ бар чокар гузашт.
Гиряи ман шӯр дар олам фиканд,
Нолаи ман аз фалак бартар гузашт.
Дӯш боз омад хаёлат пеши ман,
Ҳоли ман чун дид, аз ман даргузашт.
Дидаам дар пойи ӯ гавҳар фишонд,
То чу мебигзашт, бар гавҳар гузашт.
Даргузашт ашки ман аз ёқути сурх,
Гарчи дар зардӣ рухам аз зар гузашт.
Пояи ҳуснат ба ҳар шаҳре расид,
Лашкари ишқат ба ҳар кишвар гузашт.

❁ ❁ ❁

Ёр моро ба ҳеҷ барнагирифт,
В-он чи гуфтем , ҳеҷ дарнагирифт.
Пардаи мо дарида гашту ҳанӯз
Парда аз рӯи кор барнагирифт.
Дарнаёмад зи роҳи дида ба дил,
То дил аз роҳи сина барнагирифт.
Хидмати мо ба ҷуз ҳабо нашумурд,
Суҳбати мо ба ҷуз ҳадар нагирифт.
Ҷуз вафосиратӣ дигар нагузошт,
Ҷуз ҷафо одате дигар нагирифт.
Ҳеҷ рӯзе моро ба сар н-омад,
Ки дилам ишқи ӯ зи сар нагирифт.

* * *

Сахт хушӣ, чашми бадат дур бод,
Солу маҳу рӯзу шабат сур бод.
Бандаи зулфайни ту шуд ғолия,
Хоки кафи пойи ту кофур бод!
Ходиму фарроши ту Ризвон сазад,
Чокару дарбони дарат ҳур бод!
Ошиқи меҳнатзада чун ҳаст шод,
Ҳосиди хуррамшуда маҳҷур бод!
Васли ту бодо ҳама наздики мо,
Ҳаҷри ту ҷовид зи мо дур бод!

* * *

Азбаски кашидам аз ту бедод,
Аз дасти ту омадам ба фарёд.
Фарёд аз он кунам, ки омад
Бар ман зи ту, эй нигор, бедод
Дод аз дили пуртамаъ чи дорам,
Бар хира чаро кунам бар аз дод?
Мардӣ чӣ талаб кунам зи оташ,
Нармӣ чӣ талаб кунам зи пӯлод?
Шодӣ зи дили ман аст ғамгин.
Дар ишқи ту, эй бути паризод.
Ҳаргиз дили ман мабод беғам,
Гар ту ба ғами дили манӣ шод.
Ман ҷону ҷаҳон ба бод додам,
Эй ҷону ҷаҳон, туро бақо бод!

❁ ❁ ❁

Маро бо он санам коре биафтод,
Диламро рӯзи бозоре биафтод.
Мусулмонон, маро маъзур доред,
Диламро ногаҳон коре биафтод.
Қабои ишқи Маҷнун мебуриданд,
Диламро з-он кулаҳворе биафтод.
Дилам саҷҷодаи ишқаш барафшонд,
Аз он саҷҷода зунноре биафтод.
Диламро ишқ даст андар камар кард,
Басе кӯшиду якборе биафтод.
Маро афтод бо болои ӯ кор,
На бар болои ман коре биафтод.
Ҷаҳонро чун дили ман бар замин зад,
Кунун аз дасти дилдоре биафтод.

❁ ❁ ❁

Ҳар кас, ки зи ҳоли ман хабар ёбад,
Бадаҳдии ту ба ҷумла дарёбад.
Бар ман ғами ту камин ҳамесозад,
Ҷонам шуда гир, агар зафар ёбад.
Ишқат ба баҳонае дилам бистад,
Тарсам, ки баҳонаи дигар ёбад.
Хоҳам, ки даме бароварам бо ту
Бе он, ки замона з-он хабар ёбад.
Дӣ банда ба дил харид васли ту,
Имрӯз ба ҷон харад, агар ёбад.
З-он метарсам, ки ҳар матоъеро
Чун нарх гарон шавад, батар ёбад.

* * *

Ҷон зи розат хабар намеёбад,
Ақл хӯи ту дарнамеёбад.
Чун ту бозоргони Туркистон
Менаёрад, магар, намеёбад?
Васл чун дорам аз ту чашм, ки чашм
Бар хаёлат зафар намеёбад.
Гашт ҷонеъ ба посухи ту дилам,
В-аз лабат ин қадар намеёбад.
Ғами ишқи ту бо дилам хӯ кард,
Гӯйӣ аз ман гузар намеёбад.
Оре, ин ҷавру зулм бо кӣ кунад,
Чун зи ман сухратар намеёбад?!

* * *

Дар даври ту кам касе амон ёбад,
Дар ишқи ту кам диле зиён ёбад.
Худ низ нишон наметавон додан,
З-он кас, ки зи ту ҳаме нишон ёбад.
Васли ту агар ба ҷон биёбад дил,
Инсоф бидеҳ, ки ройгон ёбад.
Танҳо ту ҳама ҷаҳонию он кас,
К-ӯ ёфт туро, ҳама ҷаҳон ёбад,
Дар ойина гар ҷамол бинмойӣ,
Аз нури рухат хаёли ҷон ёбад,
В-ар сояи ту бар офтоб афтад,
Маншури ҷамоли ҷовидон ёбад.
Аз рӯз аёнтарию ҷӯянда
Аз рози дилат ҳаме ниҳон ёбад.
Рӯйи ту, ки дил наёрадаш дидан,
Дида кӣ бувад, ки рӯйи он ёбад?!
Нашгифт, ки дар замин туйӣ, чун ту
Моҳӣ тую маҳ бар осмон ёбад.
З-ин қарн қарини ту кай ояд кас,
То чун ту яке ба сад қирон ёбад.

❂ ❂ ❂

Ҳуснат андар ҷаҳон намегунҷад,
Номат андар даҳон намегунҷад.
Рози ишқат ниҳон нахоҳад монд,
З-он ки дар ақлу ҷон намегунҷад.
Бо ғами ту чунон ягона шудам,
Ки дил андар миён намегунҷад.
Тамаъи васли ту надорам, аз он-к
Ваъдаат дар забон намегунҷад.
Охир ин рӯзгор чандон монд,
Ки дурӯғе дар он намегунҷад.
Рӯй пинҳон макун, ки рози дилам
Беш аз ин дар ниҳон намегунҷад.
Гӯйӣ: «аз некуӣ рухи чу маҳам
Дар хами осмон намегунҷад».
Чӣ аҷаб, шеъри Анвариро низ
Маънӣ андар баён намегунҷад.

❂ ❂ ❂

Ёр гирди вафо намегардад,
Ҳоҷате з-ӯ раво намегардад.
Мо ба гирди дараш ҳамегардем,
Гарчи ӯ гирди мо намегардад.
Як замон сӯҳбати ҷудоии ёр
Аз барои мо ҷудо намегардад.
Ҳеҷ шаб нест, то зи хуни ҷигар
Бар сарам осиё намегардад.
Мубталоям ба ишқ, кист, ки ӯ
Ба ғамаш мубтало намегардад?!

❁ ❁ ❁

Ишқи ту бар ҳар кӣ офият ба сар орад,
Ҳарду ҷаҳонаш ба зери пой дарорад.
Ақл, ки дар кӯйи рӯзгор наёяд,
Бар сари кӯи ту умрҳо ба сар орад.
Сабр, ки сокинтарини олами ишқ аст,
Зулфи ту ҳар соаташ ба рақс дарорад.
Бо ту ба бешии сабр дарнатавон баст,
З-он ки ба якрӯза ғам шикам забар орад.
Бӯи ту бод ар шабе барад ба тавофе,
Ҷумлаи ушшоқро зи хок барорад.
Гуфтам: Ё раб, чӣ айшҳо кунам ман,
Гар зи висоли туам касе хабар орад.
Ҳаҷри туро з-ин ҳадис ханда барафтод,
Гуфт, ки оре, чунин бувад, гар орад.

❁ ❁ ❁

Ёр дил дар миён намеорад.
В-аз дили ман нишон намеорад.
Соя бар кори ман намефиканад,
То ки корам ба ҷон намеорад.
В-аз бузургӣ агарчи дар кор аст,
Хештанро бад-он намеорад.
Кай ба паймони ман дарорад сар,
Чунки сар дар ҷаҳон намеорад.
Рӯзи умрам гузашту ваъдаи васл
Шаби ҳаҷраш карон намеорад.
Умр сармояест номаълум,
Тоби чандин зиён намеорад.
Ба сари ӯ, ки ишқи ӯ ба сарам
Як бало ройгон намеорад.
Ба дурӯғе бар Анварӣ ҳама умр
Гар сар орад, тавон, намеорад.

* * *

Ишқ ҳар меҳнате ба рӯй орад,
Макун, эй дил, гарат намехорад.
Домани офият зи даст мадеҳ,
То ба дасти балот наспорад,
Гӯйӣ андар канори васл шавам,
Ту шавӣ, гар фироқ бигзорад.
Васл ҳам н-озмудаӣ, ки ба лутф
Хун бирезад, ки мӯй н-озорад.
Мард бинӣ, ки рӯзи  васл чу шамъ,
Дар ту механдад, ашк меборад.
Гир, к-имрӯз васл доғат кард,
Ҳаҷр доғи фироқ боз орад.
Бар гирифтан шумори ишқ он беҳ,
Ки туро аз шумор нашморад.

* * *

Зулфи ту такя бар қамар дорад,
Лаби ту лаззати шакар дорад.
Ишқи ин ҳарду, эй нигор, маро
Бо лаби хушку чашми тар дорад.
Пурс аз ҳоли ман зи зулф хабар,
З-он ки аз ҳолам ӯ хабар дорад.
Он ки рӯи ту дид боз аз ишқ
На ҳамоно, ки хобу х(в)ар дорад.
Хоки пои туро зи рӯи шараф
Анварӣ ҳамчу тоҷи сар дорад.

❁ ❁ ❁

То моҳрӯям аз ман рух дар ҳиҷеб дорад,
На дида хоб бинад,  на дил шикеб дорад.
Ҳам дасти комронӣ дил аз инон гусаста,
Ҳам пойи зиндагонӣ ҷон дар рикеб дорад.
Пиндори дард гаштам гӯйӣ, ки дар ду олам
Ҳар ҷо, ки ҳаст дарде, бо ман ҳисеб дорад.
Бифрефт он шакарлаб моро ба ишва, оре,
Бас ишваҳои ширин, к-он дилфиреб дорад.

❁ ❁ ❁

Маро то кай фалак ранҷур дорад,
Зи рӯйи дилбарам маҳҷур дорад?!
Ба як бода, ки бо маъшуқ  хӯрдам,
Ҳама умрам дар он махмур дорад.
Надонам, то фалакро з-ин ғараз чист,
Ки бе ҷурме маро ранҷур дорад?
Ду дасти худ ба хуни дил кушодаст,
Магар бар хуни ман маншур дорад?!

❁ ❁ ❁

Бо қадди ту қадди сарв хам дорад,
Чун қадди ту боғ сарв кам дорад.
Васлат зи ҳама вуҷуд беҳ, лекин
То ҳаҷри ту рӯй дар адам дорад.
Шодам ба туюю яқин ҳамедонам,
К-ин як шодӣ ҳазор ғам дорад.
Дар кори ту нест ақл бар коре,
Кор он дорад, ки як дирам дорад.
Доим чу қалам ба торакам пӯён,
З-он қомату қад, ки чун қалам дорад.
Дар роҳи ту Анварӣ, ту худ донӣ,
Умрест, ки то зи сар қадам дорад.
Гар сарзаниши ҳама ҷаҳон хоҳӣ,
Он низ ба давлати ту ҳам дорад .

❁ ❁ ❁

Ҷон нақши рухи ту бар нигин дорад,
Дил доғи ғами ту бар сурин дорад.
То домани дил ба дасти ишқи туст,
Сад гуна ҳунар дар остин дорад.
Чашми ту дилам бибурду мебинам,
К-акнун пайи ҷону қасди дин дорад.
В-афканда камони ғамза дар бозу,
То боз чӣ фитна дар камин дорад.
Гуфтӣ, ки сухан магӯю дам даркаш,
Инсоф бидеҳ, кӣ барги ин дорад.
То чанд, ки пӯстин ба гозур деҳ,
Хуррам дили он, ки пӯстин дорад.
Дар боғи ҷаҳон маро чӣ мебинӣ,
Ҷуз ишқи туе, ки дар замин дорад.
Дар хушку тар Анварӣ ба сад хиҷлат
Дар фурқати ту диле ҳазин дорад.

❁ ❁ ❁

Ёр бо ҳар касе саре дорад,
Сар ба пайванди ман фурӯ н-орад.
Инчунин шарти дӯстӣ бошад,
Ки бихонад ба лутфу бигзорад.
Дилу ҷонам ба лоба бистонад,
Пас ба дасти фироқ биспорад.
Нози бисёр мекунад, лекин
Нек бингар, ки ҷои дорад.
Ҷон ҳамехоҳаду киро накунад,
Ки ба ҷоне зи ман биёзорад!

❁ ❁ ❁

Дилбар ҳанӯз моро аз худ намешуморад,
Бо ӯ чӣ кард шояд, бо ӯ кӣ гуфт ёрад?!
Ҷонам фидои зулфаш, то хуни ӯ бирезад,
Умрам ҳалоки чашмаш, то гард аз ӯ барорад.
Ҷонро чӣ қимат орад, гар дар ғамаш насӯзад,
Дилро маҳал чӣ бошад, гар дарди ӯ надорад?
Гетӣ басе намонад, гар чеҳра бозгирад,
Зинда касе намонад, гар ғамза баргуморад.
Овозаи ҷамолаш дилҳо ҳаменавозад,
Лекин бари висолаш касро намегузорад.

❁ ❁ ❁

То кори маро васли ту тимор надорад,
Ҷуз бо ғами ҳаҷри ту дилам кор надорад.
Беравнақии кори ман андар ғам ишқат
Корест, ки ҷуз ҳаҷри ту бар бор надорад.
Дорад сари хун рехтанам ҳаҷри ту, донӣ,
Ҳаҷри ту чунин кор ба бегор надорад.
Гӯӣ, ки надорад ба ту қасде, ту чӣ донӣ,
Ин ҳаст ғами ҳаҷри ту, наҳмор надорад.
Бо ҳаҷри ту гуфтам, ки чӣ хезад зи касе к-ӯ
Аз гулбуни айём на гул, хор надорад.
Гуфтӣ, ки чу дил ҷон бидеҳ, инкор надорӣ,
Ҷоно, ту нагӯиш, ки ин кор надорад.
Чун менаниюшад сухани Анварӣ охир,
Як раҳ ту бигӯ, гуфти туро хор надорад.

❁ ❁ ❁

Ба бели ишқи ту дил гил надорад,
Ки роҳи ишқи ту манзил надорад.
Қадам бар ҷон ҳамебояд ниҳодан,
Дар ин роҳу дилам он дил надорад.
Чу дил дар роҳи ту бастам, замон кист,
Ки ҳаҷрат кори ман мушкил надорад.
Беҳин сармоя сабру рӯзгор аст,
Дилам ин ҳар ду ҳам ҳосил надорад.
Киро поёби пайванди ту бошад,
Ки дарёи ғамат соҳил надорад.

❁ ❁ ❁

Диламро андуҳи ҷон менадорад,
Чунон, к-ояд ҷаҳоне мегузорад.
Ҳадиси ишқ боз андарфикандаш,
Дигар бораш ҳамоно мебихорад.
Чӣ гӯям, то ки коре барнасозад,
Чӣ созам, то ки ранге барнаёрад?
Чӣ хоҳад кард чандин ғам, надонам,
Ки ҷойи як ғами дигар надорад.
Ба зорӣ гуфтамаш дар сабр з- ин даст,
Агар ишқат ба дасти ғам супорад.
Маро гуфто: - Туро бо кори худ кор,
Мусалмон - мардум инро дил шуморад.
Баномэзад, дилам дар мансаби ишқ
Ба ойин шуғлҳое мегузорад.

❁ ❁ ❁

Орзуи рӯи ту ҷонам бибурд,
Кофариҳои ту имонам бибурд.
Аз ҷаҳон имону ҷоне доштам,
Ишқи ту ҳам ину ҳам онам бибурд.
Ғамзаҳот аз бех в-аз борам биканд,
Ишваҳот аз хону аз монам бибурд.
Шаҳнаи ишқат диламро чун бихонд,
Аз ҳисоби ҷуъли худ ҷонам бибурд.
Ақлро гуфтам, ки пинҳон шав, бирав,
К-ин ҳама пайдову пинҳонам бибурд.
Гуфт: -Агар ин бор даст аз ман бидошт,
Боз, бозомад ба дастонам бибурд.
Анварӣ, чанд аз шикоятҳои ишқ,
К-ӯ фалон бигзашту баҳмонам бибурд.
Ин ҳама бигзор мегӯй, Анварӣ,
Орзуйи рӯйи ту ҷонам бибурд.

❁ ❁ ❁

Бидидам ҷаҳонро, навое надорад,
Ҷаҳон дар ҷаҳон ошное надорад.
Бад-ин моҳи заррин- ш дар хайма мангар,
Ки дар андарун бӯрёе надорад.
Ба умре аз он хилвате даст надҳад,
Ки берун аз ин хайма ҷое надорад.
Ба нодир агар бозие рост бозад,
Набошад, ки бо он дағое надорад.
Наёяд ба санге дар ангушти пое,
Ки то ӯ дар ӯ дасту пое надорад.
Ба маъшуқ натвон гирифтан касеро,
Ки то ӯст, бо кас вафое надорад.
Бикаш, Анварӣ даст аз хони гетӣ,
Чунин чарбу ширин абое надорад.

❁ ❁ ❁

Буте дорам, ки як соат маро бе ғам набигзорад,
Ғаме к-аз вай дилам бинад, футӯҳи умр пиндорад.
Насиҳатгӯ маро гӯяд, ки баркан дил зи ишқи ӯ,
Намедонад, ки ишқи ӯ раге бо ҷони ман дорад.
Дилам чун обила дорад, дигар ишқи фидо бар каф,
Магар аз ҷон ба сер омад дилам, к-аш боз мехорад.
Маро гӯяд:- Биёзорам, агар ҷон дар ғамам надҳӣ,
Чӣ гуйӣ, ҷон бад-он арзад, ки ӯ аз ман биёзорад.
Натобам рӯй аз ӯ ҳаргиз, агарчи дар ғами рӯяш
Маро чархи куҳан ҳар дам балое нав ба рӯй орад.

❁ ❁ ❁

Ишқам ин бор ҷон бихоҳад бурд,
Бурд номам, нишон бихоҳад бурд.
Дар ғамат бо гаронрикобии сабр,
Дил зи дастам инон бихоҳад бурд.
Мавҷи тӯфони фитнаи ту на дер,
Оқибат аз ҷаҳон бихоҳад бурд.
Наргиси чашму сарви қомати ту
Зинати бӯстон бихоҳад бурд.
Руху дандони чун Маҳу Парвин-т,
Равнақи осмон бихоҳад бурд.
Бо ҳама дил бигуфтаам, ки маро
Ғами ишқи ту ҷон бихоҳад бурд.
Ман худ андар миёна мебинам,
Ки замон то замон бихоҳад бурд.
Чӣ кунам, гӯ, бибар, гар ӯ набарад,
Рӯзгор аз миён бихоҳад бурд.
Дар баҳори замона барге нест,
Ки на боди хазон бихоҳад бурд.
Анварӣ, гар ҳарифи нард ин аст,
Надабат ройгон бихоҳад бурд.

❁ ❁ ❁

Ҳалқаи зулфи ту бар гӯш ҳаме ҷон бубарад,
Дил бибурд аз ману бим аст, ки имон бубарад.
Дар сари зулфи ту ҷуз ҳалқаю чин хосиятест,
Ки ҳаме ҷону тану дину дилам бибарад.
Худ дил аз зулфи ту душвор тавон дошт нигоҳ,
Ки ҳаме зулфи ту аз роҳ дил осон бубарад.
Аз хами зулфи ту сомони раҳоӣ набувад,
Хеҷ дилро, ки ҳаме сахт ба сомон бубарад.
Ишқи зулфи ту чу султони дилам шуд, гуфтам,
К-ин маро зуд ки аз хидмати султон бубарад.
Бурд аз хидмати султонам, аз он метарсам,
Ки кунун хуш- хушам аз тоати Яздон бубарад.

❁ ❁ ❁

Рӯйи ту ороми дилҳо мебарад,
Зулфи ту зинҳори ҷонҳо ме(х)варад.
То баромад фитнаи зулфу рухат,
Офиятро кас ба кас менашмарад.
Вақт бошад бар сари бозори ишқ,
К-аз ту як ғам дил ба сад ҷон мехарад.
Бар сари кӯи ғамат чун даври чарх,
Пой кас ҷуз бар сари худ наспарад.
Ҳаст дил дар пардаи васли лабат,
Лоҷарам зулфи ту пардаш медарад.
Пой дар васли лабат натвон ниҳод,
То сари зулфи ту дар сар н-оварад.
Гӯямат:- Васле маро,- гӯйӣ, ки сабр,
То дилам онро тариқе бингарад.
Ҷумла дар андеша создӣ кори васл,
То ту биндешӣ, ҷаҳон мебигзарад.
Ваъдаро чандон мазан бар дар ба узр,
Зиндагониро нигар, чун мебарад.
Гӯйӣ: - Аз ман бигзарон, эй Анварӣ,
Чун кунам, менагзарад, менагзарад.

❁ ❁ ❁

Сабр кун, эй дил, ки он бедоди ҳиҷрон бигзарад,
Роҳати тан чунки бигзашт, офати ҷон бигзарад.
Хештан дар банди неку бад макун, аз баҳри он-к
Зишту хубу васлу ҳиҷрон, дарду дармон бигзарад.
Рӯзгоре мегузор имрӯз аз он навъе, ки ҳаст,
К-он чи мардум бар худ осон кард, осон бигзарад.
То дар ин даврӣ, зи дорую зи дармон чора чист,
Сабр кун чандон, ки ин даврони дунон бигзарад.
Гарчи маҳҷурам, тан андар дарди хиҷрон кай диҳам,
Рӯзе охир ёди мо бар ёди ҷонон бигзарад.
Гарчи дар паймони туст ин дам, чунон ғофил ма-бош,
К-ин ҷаҳони мухтасарободи вайрон бигзарад.

Моҳрӯё, такя бар ишқи ману хубии хеш,
Бас макун, зеро, буто, ҳам ину ҳам он бигзарад.
Шарм дор, охир, ки ҳар дам алғиёси Анварӣ
Тоза бар самъи бузургони Хуросон бигзарад.

❂ ❂ ❂

Ишқи туро хурд набояд шумурд,
Ишқи бузургон набувад кори хурд.
Бори ту ҳар кас натавонад кашид,
Хори ту ҳар пой наёрад сипурд.
Чун ба ғанимат нашуморам ғамат,
В-аз ту тавон ғам ба ғанимат шумурд.
Чун зи пайи туст, чи шодӣ, чи ғам,
Чун зи майи туст, чи софӣ, чи дурд.
Боре аз он пой шавам поймол,
Боре аз он даст барам дастбурд.
Бо ту кулаҳ бинҳаму сар бар саре,
Гарчи набояд кулаҳам аз ду бурд.
Чист туро, он на сазовори ишқ,
Гир, ки хубею бузурге бимурд.
Ҳусни ту ҳамчун сухани Анварӣ
Равнақи бозори ҷаҳоне бибурд.

❂ ❂ ❂

Эй монда ман аз ҷамоли ту фард,
Ҳиҷрони ту ҷуфти меҳнатам кард.
Чашмест марову сад ҳазор ашк,
Ҷонест марову як ҷаҳон дард.
Гардуни кабудпӯш кардаст
Дар ҳаҷри ту офтоби ман зард.
Дар кори ту ман ҳанӯз гармам,
Ҳон, то накунӣ дил аз вафо сард.
Ҷуфти ғамаму хуш аст, оре,
Анде, ки манам зи дарди ту фард.
Бо миннати чун туе тавон сохт,
Заҳри ғами чун туе тавон х(в)ард.

❁ ❁ ❁

Ҷамолаш аз ҷаҳон ғавғо баровард,
Маҳ аз ташвир вовайло баровард.
Чу дил додам бад- ӯ, ҷон хост аз ман,
Чу гуфтам бӯсае, сафро баровард.
Зи беобиву шӯхӣ дар замона
Ҳазорон фитнаву ғавғо баровард.
Ғаму темори ишқаш ошиқонро
Ҳам аз дину ҳам аз дунё баровард.
Надидам аз висолаш ҳеҷ шодӣ,
Фироқи ӯ димор аз мо баровард.
Ҳама тавқеъҳоро кард ботил,
Лабаш аз мушк чун туғро баровард.
Ҳамесоз, Анварӣ, бо дарди ишқаш,
Ки халқ аз ишқи ӯ ово баровард.

❁ ❁ ❁

Боз дастам ба зери санг овард,
Боз пойи дилам ба чанг овард.
Бурд ланге ба роҳворе пеш,
Пешам аз бас ки узри ланг овард.
Пой дар сулҳ нониҳода ҳанӯз,
Ноз аз сар гирифту ҷанг овард.
Чун гул аз нозукӣ зи боди ҳаво
Чок зад ҷома бозу ранг овард.
Хоби харгӯш дод як гандум,
Оқибат одати паланг овард.
Хӯи некаш ба рӯзгор охир,
Бар дилам рӯзгор танг овард.
Анвариро чу ному нанг бибурд,
Рафту даъвои ному нанг овард.

❁ ❁ ❁

Ҳуснаш аз рух чу парда баргирад,
Моҳ вохиҷлатоҳ дар гирад.
Чун ғами ӯ дарояд аз дари дил,
Сабри бечора роҳ баргирад.
Шоҳиди ҷонаму дилам ғами ӯст,
К-ин ба по орад, он зи сар гирад.
Ишқ умрам бибурду ишва бидод,
То бубинӣ, ки сар ба сар гирад.
Дил ҳамегӯядам ба боқии умр
Бӯсае хоҳ, бӯ, ки даргирад.
Сад ғам аз ишқи ӯ фузун дорад,
Анварӣ гар шумор баргирад.
Гар диҳад бӯсаеву гар надиҳад,
Андар он сад ғами дигар гирад.

❁ ❁ ❁

Ҳар киро бо ту кор даргирад,
Баҳра аз рӯзгор баргирад.
Ба сухан лаб зи ҳам чу бикшойӣ,
Ҳама рӯи замин шакар гирад.
Чун занад ғамза чашми ғаммозат,
Ду ҷаҳонро ба як назар гирад.
Чашми ту оҳуест бас нодир,
Ки ҳама сайди шери нар гирад.

❂ ❂ ❂

Маро сурат намебандад, ки дил ёре дигар гирад,
Маро бекор бигзорад, сари коре дигар гирад.
Дили худро диҳам панде, агарчи панд напзирад,
Ки бигзорад ҳавои ӯ ҳаводоре дигар гирад.
Аз ӯ дурӣ наёрам ҷуст, тарсам з-он ки ногоҳе
Хӯрад зинҳор бо ҷонам, вафодоре дигар гирад.
Агар з-он лаъли шаккарбор бифрӯшад ба ҷон мӯе,
Ризои ӯ биҷӯяд ҷон, харидоре дигар гирад.
Гули боғи висолашро раҳо кардам ба нодонӣ,
Ба ҷойи гул зи хаҷри ӯ ҳаме хоре дигар гирад.

❂ ❂ ❂

На дил кам ишқи ёр мегирад,
На бо дигаре қарор мегирад.
Аз дасти ту он сиришк меборам,
К-ангушт аз ӯ нигор мегирад.
Сармояи сад ҳазор ғам беш аст,
Онро, ки ба ғамгусор мегирад.
Сабре на, ки созгори дил бошад,
Бо ғам, ба чӣ кор кор мегирад.
Ҳар ғам, ки на аз миёни дил хезад,
Пиндорӣ, аз ӯ канор мегирад.
Умре ба баҳонаи видоъ ӯро
Мебӯсаду дар канор мегирад.
Оре, ғами ишқ агар ба ҳақ гӯйӣ,
Дилро на ба ихтиёр мегирад.

❂ ❂ ❂

Дил роҳи салоҳ бар намегирад,
Кардам ҳама ҳила, дар намегирад.
Маъшуқа дигар гирифту дигар шуд,
Дил ҳар чӣ кунад, дигар намегирад.
Алҳақ, на дурӯғ, рост бояд гуфт,
Маъзур бувад, агар намегирад.
Ман тахтаи ошиқӣ зи сар гирам,
Ҳарчанд ки ӯ зи сар намегирад.
Додам дилу ҷон ба бод дар ишқат,
Моро ба ду ҳабба бар намегирад.

❂ ❂ ❂

На ваъдаи васлат интизор арзад,
На хамри ҳавои ту хумор арзад.
Ҳамтабъи замонаӣ, ки нашкуфтаст
Касро зи ту ҳеч гул, ки хор арзад.
Барбоди ту дод рӯзгорам дил,
В-он чист туро, ки рӯзгор арзад.
Мансуба, манеҳ ки бо дағои ту,
Ҳаққо, ки агар на шаш, чаҳор арзад.
Гӯйӣ ба ҳазор ҷон диҳам бӯсе,
Зеро ки яке ба сад ҳазор арзад.
В-он ҷо, ки каноре андарафзоӣ ,
Сад мулки замона як канор арзад .
Баргир шумори ҳусни хеш, охир,
То бӯсу канор бар шумор арзад.
Гӯйӣ, ки ба сад чу Анварӣ арзам,
Оре, шаба дурри шоҳвор арзад.

❁ ❁ ❁

Ҷоно, даҳони тангат сад тунги шаккар арзад,
Андоми симрангат хирворҳо зар арзад.
Ҳарчанд дилрабоӣ, зулфат ба ҷон харидам,
К-овози мурғи ҷонон шохи санавбар арзад.
Бо ошиқони кӯят лофе занем гаҳ- гаҳ,
Он дил кучост моро, к-андӯҳи дилбар арзад.
Аз ишқи рӯйи хубат об оварам зи дида,
Кишти биҳишт хуррам, корези Кавсар арзад.
Гӯянд мулки Санҷар аз Қоф то ба Қоф аст,
Бӯсе аз он лаби тар сад мулки Санҷар арзад.

❁ ❁ ❁

Дарди ту сад ҳазор ҷон арзад,
Гарди ту нури дидагон арзад.
Ман ғаматро баҳо ба ҷон накунам,
Ки бар онам, ки беш аз он арзад.
Гарчи бар «манязид»-и ишқи ғамат
Дилу ақлу тану равон арзад.
Ҳаҷри ту бар умеди васл хуш аст,
Дузди матбах ҷазои хон арзад.
Аз зарифон, ба хоса, аз чу туе
Қасди ҷоне ҳазор ҷон арзад.
Дурд аз чокарат дареғ мадор,
Саги кӯи ту устухон арзад.
Ёд кун бандаро ба ёдкуне,
Дузд дашноми посбон арзад.

❁ ❁ ❁

Аз васли ту оташи ҷигар хезад,
В-аз ҳаҷри ту нолаи саҳар хезад.
Саргаштаи олами ҳавои ту
Ҳар рӯз зи олами дигар хезад.
Девонаи зулфу хастаи чашмат
Ҳар фардое зи дӣ батар хезад.
Гӯӣ: Ба ҳалоки ҷон-т бархезам,
Бархоста гир, аз ин чӣ бархезад?
Ҳангоми қиём хоки поятро
Хуршеди фалак ба фарқи сар хезад,
Маҳ чун саги посбонат ар хоҳӣ,
Ҳар лаҳза зи остони дархезад.
Моро зи даҳони танги ширинат,
З-он чи, ки ба тунгҳо шакар хезад.
К-он ҷо сухани зари ба хирвор аст,
В-он ҷо суханат аз ин чӣ бар хезад.
Гӯйӣ чу зар аст Анвариро, бас,
В-аз кисаи ӯ зар ин қадар хезад.

❁ ❁ ❁

Чун касе нест, ки аз ишқи ӯ фарёд расад,
Чӣ кунам, сабр кунам, гар зи ту бедод расад.
Гар висоли ту ба мо менарасад, мову хаёл
Орзу гар ба гадоён нарасад, ёд расад.
Чӣ расидаст ба лола зи рухат ҷуз ҳасрат,
Ҳасрат он аст, ки бар савсани озод расад.
Хоки даргоҳи туро сурмаи худ хоҳам кард,
Оре, аз хоки дарат ин қадарам бод расад.
Аз ту ҳар рӯз ғаме металабам, аз паи он-к
Серии дина ба имрӯз, чӣ фарёд расад.

❂ ❂ ❂

Даст дар васли ёр менарасад,
Ҷуз ғамам з-он нигор менарасад.
Ишқро гарчи остона басест,
Ҳеҷ дар интизор менарасад.
Аз шумори висоли дӯст маро
Ҷуз ғами бешумор менарасад.
Дар ғами ҳаҷр сабри ман бирасад,
Дил ба мақсуди кор менарасад.
Чанд дар интизор хоҳӣ монд,
Хабари васли ёр менарасад.

❂ ❂ ❂

Дардам фузуду даст ба дармон намерасад,
Сабрам расиду ҳаҷр ба поён намерасад.
Дар зулмати ниёз ба чаҳди Сикандарӣ
Хизри тараб ба чашмаи ҳайвон намерасад.
Бархон аз он, ки тӯъмаи ҷон аст, ҳеҷ тан,
Он ҷо ба пои ақл ба ҷуз ҷон намерасад.
Ҷон додаам, магар ки ба ҷонони худ расам,
Ҷонам бурун шудасту ба ҷонон намерасад.
Хоне, ки хоҷаи хирад аз баҳри ҷон ниҳод,
Меҳмони ақл бар сари он хон намерасад.
Гуфтам ба мизбон, ки «маро заллае фирист»,
Гуфто: «Ҳанӯз нуқл ба дарбон намерасад».
Фитроки ин савор ба ту кай расад, ки худ
Гардаш ҳанӯз сурмаи султон намерасад.
Тӯфон расид дар ғамату Анварӣ, ҳанӯз
Қисматсарои Нӯҳ ба тӯфон намерасад.

❁ ❁ ❁

Ҳар чӣ бо ман кунӣ, раво бошад,
Барги озори ту киро бошад?!
Чун ту дар айшу хуррамӣ бошӣ,
Гар набошад раҳӣ, раво бошад.
Чанд гӯйӣ, ки аз бало бигрез,
Ки раҳи ишқи ту бало бошад.
Аз балои ту чун тавон бигрехт,
Чун дилам бар ту мубтало бошад.
Бо балову ғами ту арз кунам,
Гар ҷаҳон сар ба сар маро бошад.

❁ ❁ ❁

На чу ширин лабат шакар бошад,
На чу равшан рухат қамар бошад.
Бо суханҳои талхи чун заҳрат
Айши ман хуштар аз шакар бошад
Ту ба зар моиливу нест аҷаб,
Майли хубон ҳама ба зар бошад.
Кори ошиқ ба сим гардад рост,
Ишқ бе сим дарди сар бошад.
Доим аз нестии ишқи туам
Ҳарду лаб хушку дида тар бошад.
Дар фироқи ту ошиқони туро
Ҳама шабҳои бесаҳар бошад.
Ишқу фассод дар мусулмонӣ
Сад раҳ аз кофарӣ батар бошад.

❁ ❁ ❁

Ранги ошиқ чу заъфарон бошад,
Ҳар кӣ ошиқ бувад, чунон бошад.
Рӯи фориғдилон ба ранг бувад,
Ранги ғофил чу арғувон бошад.
Қосиди ишқи ӯ зи раҳ чу расид,
Камтарин поймард ҷон бошад.
Ишқ чун дар ҳадиси ваъда шавад
Иддати ҷони хонумон бошад.
Яъламуллаҳ, ки гарди мавкиби ишқ,
Гар ба ҷон аст, ройгон бошад.

❁ ❁ ❁

Туро, к-аз некувон ёре набошад,
Маро назди ту микдоре набошад.
Набошад давлати васлат касеро,
В-агар бошад, маро боре набошад.
Туро гар кори ман доман нагирад,
Зи бахти ман аҷаб коре набошад.
Гуле бишкуфт боре ин замонам,
Агар дар зери он хоре набошад.
Маро к-андар гуноҳи худ диле нест,
Туро бар дил аз он боре набошад.
Ба бозоре, ки ҷонро нархи хок аст,
Дилеро рӯзи бозоре набошад.
Дил эмин дору бардор Анвариро,
К-аз ӯ беҳтар вафодоре набошад.
Гар аз пайванди ӯ фахрест, набвад
Чунин донам, ки ҳам оре набошад.
Гарон он кас барояд бар ту, к-ӯро
Чу Маҷдуддин харидоре набошад.

* * *

Маро гар чун ту дилдоре набошад,
Ҳазорон дарди дил боре набошад.
Чу ту ё кам зи ту ёре тавон ҷуст,
Чӣ бошад, гар ситамкоре набошад.
Маро гӯйӣ, ки дар бустони ин роҳ
Гуле бе заҳмати хоре набошад.
Бувад бо гурдрон гардан, валекин
Ба ҳар ҷавсанг хирворе набошад.
Агарчи пеши ёрон гӯям аз шарм,
К-аз ӯ хушхӯйтар ёре набошад.
Ту худ донӣ, ки аз ту булъаҷабтар
Ситамкоре, дилозоре набошад.
Чӣ гуна даст ёбад бар ту он кас,
К-аш андар киса диноре набошад?!
Чу андар ҳеч коре посухи ман
Зи гуфтори ту худ «оре» набошад.
Агар фориғ бувад сангин дили ту
Зи бахти ман, аҷаб коре набошад.

* * *

Бе ишқи туам ба сар нахоҳад шуд,
Бо хӯи ту хӯй дарнахоҳад шуд.
Оваҳ, ки ба ҷуз хабар намонд аз ман,
В-аз ҳоли манат хабар нахоҳад шуд.
Гуфтам, ки ба сабр беҳ шавад корам,
Худ менашавад, магар нахоҳад шуд.
Гирам, ки зи бад батар шавад, гӯ шав,
Донам, зи батар батар нахоҳад шуд.
В-ар умр ба коми ман нашуд коре
Дерам нашавад, агар нахоҳад шуд.
Бо ишқ даромадам ба дилтангӣ,
К-охир дили ӯ дигар нахоҳад шуд.
Ҳиҷрон-т ба таъна гуфт:-Ҷон мекан
В-аз дур ҳаменигар, нахоҳад шуд.
Ҷуз васли туам намешавад дар сар,
З-ин кор чунин ба сар нахоҳад шуд.

Хун шуд дилам аз ғамат, чӣ мегӯям
Хун шуд дилу бас ҷигар нахоҳад шуд.
То кай сипарӣ бар Анварӣ охир,
Дар хок лагадсипар нахоҳад шуд.

❂ ❂ ❂

Ҳусни ту бар моҳ лашкар мекашад,
Ишқи ту бар ақл ханҷар мекашад.
Хидматаш бар даст мегирад фалак,
Ҳар киро дасти ғамат бар мекашад.
Дасти ишқат ҳар киро доман гирифт,
Доман аз ҳар ду ҷаҳон дармекашад.
Аз бари ту гар ғамем орад расул,
Ҷон ба сад шодиш дар бар мекашад.
Аз ҳама бешу каме дар меҳру ҳусн
Дил ба ҳар меъёр, к-ат бармекашад.
Он ки мегӯяд, ки аз зулфат ба танг
Бод шаб то рӯз анбар мекашад.
Ман, ки боре сар ба ришват медиҳам,
Зулфи ту бо ин ҳама сар мекашад.
Анварӣ бар пояи ту кай расад,
То қабулат поя бартар мекашад.

❂ ❂ ❂

Бидруд шаби дӯш , ки чун моҳ баромад,
Нохонда нигорам зи дари ҳуҷра даромад.
Зеру забар аз ғояти мастию чу биншаст,
Маҷлис ҳама аз валвала зеру забар омад.
Нуқлам ҳама шуд шаккару бодом, ки он бут
Бо чашми чу бодому лаби чун шакар омад.
З-он қадди чу шохи суману рӯйи чу гулбарг
Сад шохи нишотам чу даромад, ба бар омад.
Аз хиҷлати рӯяш ба даҳон тира фурӯ шуд,
Ҳар моҳ, ки дӯш аз уфуқи ҷом баромад.
Будем ба ҳам даршуда бо қомати мавзун,
В-он қомати мавзун зи қиёмат батар омад.
Мо бе сару сомон зи харобию замона
Фарёд ҳамекард, ки шабтон ба сар омад.
Шаб рӯз шавад баъди насими саҳару дӯш
Шуд рӯзи дилам шаб, чу насими саҳар омад.

❁ ❁ ❁

Зулфат чу ба дилбарӣ даромад,
Бас кас, ки ба ҷону дил баромад.
Ҳам рояти хушдилӣ нигун шуд,
Ҳам давлати беғамӣ саромад.
Дил гум нашавад дар ончунон зулф,
К-аз фитна ҷаҳон ба ҳам баромад.
К-андеша ба ҳалқаеш дар шуд,
Кам гашту чу ҳалқа бар дар омад.
Чашми сияҳи сапедкорат
Дар кор чунон сияҳгар омад.
К-аз кибр ба дасти илтифоташ
Паҳлӯи замона лоғар омад.
Чандон ҳазари ман аз ғами ту
Оваҳ, ки ғами ту беҳтар омад.
Дар мавкиби турктоз ғамза-т
Бишкаст дари дилу даромад
Бе ранги рухи ту чун барад ҳусн,
Моҳ омаду дар баробар омад.
Ҳар хат, ки харитадори ӯ дошт,
Дар ҳусн ҳама музаввар омад.
Ҳусни ту чу шеъри Анварӣ низ
Гӯйӣ ба мизоҷ дигар омад.

❁ ❁ ❁

Маро таъсири ишқат бар дил омад,
Ҳама даъвии аҳлам ботил омад.
Дилам бурдӣ, ба ҷонам қасд кардӣ,
Маро ин воқиа бас мушкил омад.
Зи дил нолам, зи рӯи ту чӣ нолам?
Ба рӯям ҳар чӣ ояд, з-ин дил омад.
Ҳисоби васл бо ишқат бикардам,
Маро садсола меҳнат ғофил омад.
Маро зулфат амал фармуд дар ишқ,
Ҳама дарди дилам з-ӯ ҳосил омад.
Ҳама рӯйи замин ёре гузидам,
Валекин дар вафо сангиндил омад.

❁ ❁ ❁

Бо рӯйи дилафрӯзат сомон бинамемонад,
Бо зулфи ҷаҳонсӯзат имон бинамемонад.
Дар ноҳияти дилҳо бо ишқи ту шуд волӣ,
Ҷуз шаҳнаи ишқатро фармон бинамемонад.
З-ин дасти амал, к-акнун овард ғами ишқат,
Он кист, ки дар ишқат ҳайрон бинамемонад.
Дар ҳуққаи ҷон бурдам ғам, то бинадонад кас,
Ҳарчанд ҳамекӯшам, пинҳон бинамемонад.

❁ ❁ ❁

Ҷоно, дилам аз ғамат ба ҷон омад.
Ҷонам зи ту бар сари ҷаҳон омад.
Аз давлати ин ҷаҳон диле будам,
Он низ ба давлатат гарон омад.
Оре, ҳама давлате гарон ояд,
Чун пойи ғами ту дар миён омад.
Дар роҳи ту корҳо баномэзид,
Чунон ки бихостам, чунон омад.
Дар ҳуҷраи дил хаёли ту биншаст,
Чун ишқи ту дар миёни ҷон омад.
Ҷон бар дари дил бадард мегӯяд,
Дастурӣ ҳаст, дар тавон омад?
Аз дасти замона достон гаштам,
Чун пойи дилам бар остон омад.
Гуфтам, ки ту аз замона беҳ бошӣ,
Худ ҳарду навола устухон омад.
Якбора сипар бар Анварӣ мафкан,
Бо ӯ ҳама вақт бар тавон омад.

* * *

Аҷаб, аҷаб, ки туро ёди дӯстон омад,
Даро, даро, ки зи ту кори мо ба ҷон омад.
Мабар, мабар хуру хобам зи доғи ҳиҷрон беш,
Макун, макун, ки ғалат суду дил зиён омад.
Чӣ мекунӣ, ба чӣ машғулию чӣ металабӣ,
Чӣ гуфтамат, чӣ шунидӣ, чӣ дар гумон омад?
Мазан, мазан пас аз ин дар дил оташам, ки зи ту,
Биё, биё, ки бад-ин хастадил ғамон омад.
Чунон ки буд гумони раҳӣ ба бадаҳдӣ,
Ба оқибат ҳама аҳди ту ҳамчунон омад.
Карона кардӣ аз ман, ту худ надонистӣ,
Ки дил зи ишқи ту якбора дар миён омад.
Макун такаббуру баҳри Худой, рост бигӯй,
Ки то ҳадиси манат ҳеч бар забон омад?

* * *

Рухи хубат Худой медонад,
Ки агар дар ҷаҳон ба кас монад.
Моҳро бар бисоти хубии ту
Ақл бар ҳеч гӯша наншонад.
Шӯълаи офтобро бикашад,
Ҳуснат ар остин барафшонад.
Дар ҷаҳон барнаёяд об ба об,
Ишқат ар об бар ҷаҳон ронад.
Гуфтамат:- Ҷон ба бӯсае бистон,
Гуфтӣ:- Ар хасм бӯса бистонад.
Бистадӣ ҷону бӯса менадиҳӣ,
Ин ҳадисат бад-он намемонад.
Чун мизоҷи дилам ҳамедонӣ,
Ки надонад шикебу натвонад.
Бо хаёлат, бигӯ, нахоҳам дод,
То ба гӯши дилам фурӯ хонад.
Анварӣ бар бисоти гетӣ кист,
Ки на нобохта ҳамемонад?!

* * *

На дар висоли ту бахтам ба коми дил бирасонад,
На дар фироқи ту чархам зи хештан бираҳонад.
Чу барнишинад умрам, маро куҷо бинишонад,
Агар замона бихоҳад, ки бо туам бинишонад.
Зи ман мапурс, ки бе ман замона чун гузаронӣ,
Аз он бипурс, ки бар ман замона мегузаронад.
Маро магӯй зи рӯям чӣ ғам расида ба рӯят,
Расид, он чи расиду ҳанӯз то чӣ расонад.
Диле бибурд, ки як лаҳза боз менафиристад,
Ғаме бидод, ки як зарра боз менаситонад.
Маро ба дасти ту чун ишқ боз дод, вафо кун,
Ҷафо макун, ки ҳамеша ҷаҳон чунин бинамонад.
Бибурд ҳалқаи зулфат дилам ниҳон зи ду чашмат,
Чунон ки бонг бароял, ки «ин кӣ карду кӣ донад?»
Ба ғамза чашми ту гуфташ, ки гар ту дорӣ, варна,
Ман ин надонаму донам, ба корҳои ту монад.

* * *

Ҳар чӣ маро рӯйи ту ба рӯй расонад,
Нохушу хушдил ба рӯйи хуш биситонад.
Ҳаст ба рӯят ниёзам аз ҳама рӯйе,
Гарчи ҳама меҳнате ба рӯй расонад.
Дар ғами ту сар ҳаме зи пой надонам,
Гар ту надонӣ, мадон, худойи ту донад.
Рағми касеро ба хона гарчи нишинӣ,
К-оташи дилро ба оби дида нишонад.
Ҳаҷри ту бар ман ҳаме ҷаҳон бифурӯшад,
Гӯ, макун, охир, ҷаҳон чунин бинамонад.
Домани ман гар ба дасти ишқи нигорест,
Васл чӣ доман зи кори ман бифишонад?
Рав, ки чунин хоҳамат, ки тан занӣ, эй васл,
То бикунад ҳаҷр ҳар ҷафо, ки тавонад.

* * *

Маро маранҷон, к-Эзид туро биранҷонад,
Зи ман магард, ки аҳволи ту бигардонад.
Дар он макӯш, ки оташ зи ман барангезӣ,
Ки оби дидаи ман оташи ту биншонад.
Агар надонӣ ҳоли дилам, раво бошад,
Худои аззаву ҷал ҳоли ман ҳамедонад.
Маро ба бандагии худ қабул кун з-он пеш,
Ки ҳар кӣ дида маро, бандаи ту мехонад.
Мабош эмин бар ҳусну комронии хеш,
Ки ҳар чӣ гардун бидҳад, замона бистонад.

* * *

Ҳусни ту гар бар ҳамин қарор бимонад,
Қоидаи ишқ устувор бимонад.
Аз рухи ту гар бар ин ҷамол бимонӣ,
Бас ғазали тар, ки ёдгор бимонад.
Ҳар нафас аз чарх моҳро ба тааҷҷуб
Чашм дар он рӯйи чун нигор бимонад.
Бе ту маро дар канорам, ар бинамонӣ,
Хуни дилу дида дар канор бимонад.
Аз ғами ту дар дилам қарор намондаст,
Бо ғами ту дар диле қарор бимонад?!

❁ ❁ ❁

Тоқати ишқи ту з-ин бешам намонд,
Беш аз ин бе ту сари хешам намонд.
Рост мехоҳӣ, нахоҳам бе ту умр,
Барги гуфтори камобешам намонд.
Шуд тавонгар ҷонам аз темору ғам,
З-он дили бесабру дарвешам намонд.
То гирифтам ошноӣ бо ғамат,
Дар ҷаҳон бегонаву хешам намонд.
Чун кунам, тадбири корат, чун кунам?
Чун дили тадбирандешам намонд.
Анварӣ, то кай аз ин кофарбача,
К-эътиқоди мазҳабу  кешам намонд.

❁ ❁ ❁

Дарди ту, дило, ниҳон намонад,
Андӯҳи ту  ҷовидон намонад.
Аз ишқ машав чунин шукуфта
К-он рӯйи накӯ чунон намонад.
Овозаи ту фурӯ нишинад,
В-аз меҳнати ту нишон намонад.
Гар бо ҳама кас чунин кунад дил,
Як дилшуда дар ҷаҳон намонад.
Аз дарди ту дил намонду бим аст,
К-аз бераҳмит ҷон намонад.
Аз кори ҷаҳон карона, эй дил,
К-озор дар ин миён намонад.
Он суд басам, ки ту бимонӣ,
Бал то ҳама сузиён намонад.

* * *

Дар ҳама офоқ дилдоре намонд,
Дар ҳама рӯйи замин ёре намонд.
Гул намонд андар ҳама гулзори ишқ,
Ростӣ бояд, на гул, хоре намонд.
Ақл бо дил гуфт, к-андар боғи ишқ
Гарчи бар шохи вафо боре намонд.
Ёдгоре ҳам намонд охир аз он
Дил ба боде сард гуфт: – Оре, намонд.
Дар ҷаҳон як ошно нагзошт чарх,
Чархро, гӯйӣ, ҷуз ин коре намонд.
Гӯйӣ, охир ин ҳама бегонаанд,
Ин надонам, ошно, ёре намонд.
Ишқро гуфтам, ки сабрам андакест,
Гуфт: – Инат бас, ки бисёре намонд.
Анварӣ, бо хештан месоз, аз он-к
Дар диёри ёр дайёре  намонд.

* * *

Ишқи ту зи дил бурид натвонад,
Васли ту ба ҷон харид натвонад.
Рӯйи ту, агар на офтоб ояд,
Чун аст, дуруст дид натвонад.
Турфа шакарест он лабони ту,
Ҳар тӯтӣ аз ӯ мазид натвонад.
Ҳар ҷо, ки ту доми зулф густардӣ,
Як пашша аз ӯ парид натвонад.
Хоҳад, ки кунад мар-Анвариятро
Теғи ғами ту шаҳид, натвонад.

❁ ❁ ❁

Гули рухсори ту чун даста бастанд,
Баҳору боғ дар мотам нишастанд.
Саборо пой дар зулфи ту бишкаст,
Чу чини зулфи ту барҳам шикастанд.
Кӣ хоҳад раст аз ин осеби фитна?
Ки нӯги хору барги гул нарастанд.
Киро дар боғи рухсорат бувад роҳ,
Аз он дилҳо, ки дар зулфи ту бастанд?!
Ки дар ҳар гулситонаш гоҳу бегоҳ
Зи ғамзат як ҷаҳон туркони мастанд.
Чу дар пеши лабат аз бими чашмат
Ҳама хонандагон лабҳо бибастанд.
Манеҳ бар кори ин бечорагон пой,
Чӣ хоҳӣ кард, муште зердастанд.

❁ ❁ ❁

Он шӯхдида дида чу бар ҳам намезанад,
Дил сабр пеша карду кунун дам намезанад.
З-ӯ сад ҳазор захми ҷафо дораму ҳанӯз
Чун даст ёфт, захм яке кам намезанад.
Гаҳ-гаҳ ба таъна «толи бақое» задӣ маро,
В-акнун чу роҳи дил бизад, он ҳам намезанад.
Кай дасти дил кунун дари шодӣ занад зи ишқ
Илло ба дасти ӯ дари як ғам намезанад.
Ё раб, чӣ фатҳи боби балоест он, к-аз ӯ
Як абри дида нест, к-аз ӯ нам намезанад.
Чашмаш кадом зовия ғорат намекунад,
Зулфаш кадом қоида барҳам намезанад?!
Алқисса, дар вилояти хубӣ ба коми дил
Зад навбате, ки хусрави олам намезанад.

❁ ❁ ❁

Ҳар киро ишқат ба ҳам бармезанад,
Оқибат чун ҳалқа бар дар мезанад.
Толиъе дорӣ, ки аз дасти ғамат
Ҳар киро дастест, бар сар мезанад.
Дар ҳавои ту малак пар бифканад,
Инчунин к-ат ҳусн бар дар мезанад.
Ман киям, к-аз ишқи ту бар сар занам?
Бар сар аз ишқи ту санҷар мезанад.
Ишқро дар сар макун ҷавру ҷафо,
Ишқ бо мо худ баробар мезанад.
Ройи васлат хостам з-ӯ, ҳаҷр гуфт:
-Ин ҳариф, ин нақш камтар мезанад.
Дарди ҳиҷронат гарам ашке диҳад,
Ишқ сад борам ба сар бар мезанад.
Ин на бас, к-аз айши талхи ман лабат
Хандаи ширин чу шаккар мезанад.
Тири ғамзатро бигӯ оҳистатар,
Гар на андар рӯйи кофар мезанад.
Ту нишаста фориғ андар гӯшае
В-ин дуогӯ ҳалқа бар дар мезанад.
Ошиқе ҳаргиз мабод андар ҷаҳон,
Ошиқе бо кофаре бар мезанад.
Аз ту хубе чун сухан аз Анварӣ,
Ҳар замоне лофи дигар мезанад.

❁ ❁ ❁

Ҳарч аз вафо ба ҷони ман он бевафо кунад,
Онро вафо шуморам, агарчи ҷафо кунад.
Бо он ки ҷуз ҷафо накунад, кор кори ӯст,
Ё раб, чӣ корҳо кунад ӯ, гар вафо кунад.
Озодагони рӯйи заминаш раҳӣ шаванд,
Гар роҳи саркашию такаббур раҳо кунад.
Аз коми дил раҳо кунадаш дасти рӯзгор,
Онро, ки дасти ишқи вай аз дил ҷудо кунад.
Азбаски кибриёи ҷамол аст дар сараш,
Бар ошиқон салом ба кибру риё кунад.
Гар фавт гардадаш ҳамаи умр, як ҷафо
Хӯи бадаш қарор нагирад, қазо кунад.

❁ ❁ ❁

Навбати ҳусни туро лутфи ту гар панҷ кунад,
Ишқи ту хоки талаф бар сари ҳар ганҷ кунад.
Қиблаи рӯйи туро ҳар кӣ шабе бурд намоз,
Чор такбир дигар рӯз бар ин панҷ кунад.
Наргиси масти ту ҳушёртарин мурғеро
Сина чун нор кунад, чеҳра чу норанҷ кунад.
Ақл бар сахт лабатро ба сухан гуфт, ин аст,
З-он дар маҳд ҳаме тифл сухансанҷ кунад.
Руху асбе биниҳад рӯзу рухатро он кас,
К-аз маҳи якшаба ҳар маҳ рухи шатранҷ кунад.
Ғаму ранҷи ту агар ному нишонам бибарад,
Бе ғаму ранҷ мабодам, агарам ранҷ кунад.
Домани чун ту парӣ дасти гуҳар гираду бас,
Войи он кас, ки тамаъ дар ту ба найранҷ кунад.

❁ ❁ ❁

Гар вафо бо ҷамоли ёр кунад,
Ҳалқа дар гӯши рӯзгор кунад.
Моҳ даст аз ҷамол бифшонад,
Гар ба ин пой устувор кунад.
Нозҳо мекунад ҷафоомез
В-ар ба номи яке ҳазор кунад.
Бо чунин эътимод бар хубӣ
Накунад ноз, пас, чӣ кор кунад?!
Чашмаш аз пешаҳо ҷафо донад,
Зулфаш аз корҳо шикор кунад.
Ин дуо хуш бар остин бандад,
В-ин сазо нек дар канор кунад.
Дилу динам бибурду суд кунам,
Гар бар ин моя ихтисор кунад.
Бор каш, Анварӣ, ки ёр гар ӯст,
З-ин батар сад ҳазор бор кунад.

❁ ❁ ❁

Маъшуқ дил бибурду ҳаме қасди дин кунад,
Бо ошнову дӯст касе инчунин кунад?
Чун дар рикоби аҳду вафо меравад дилам,
Беҳуда аст, ҷавру ҷафо чанд з-ин кунад?
Дил пӯстин ба гозури ғам доду турфа он-к
Рӯзу шабам ҳанӯз ҳаме пӯстин кунад.
Гӯяд, ки доман аз туву аҳди ту даркашам,
То ишқи ман сазои ту дар остин кунад.
Аз осмон то ба замин миннат аст, агар
Бо ину он ҳадиси ман андар замин кунад.
Чизе дигар ҳаме нашиносам дар ин ҷуз он-к
Боре гумони халқ ба як раҳ яқин кунад.
Бар ях навишт номи вафо, к-Анварӣ, чаро
Номам зи баҳри мартаба нақши нигин кунад?

❁ ❁ ❁

Ҷон висоли ту тақозо мекунад,
К-аз ҷаҳонаш бе ту савдо мекунад.
Биллаҳ, ар дар кофарӣ бошад раво,
Он чи ҳиҷрони ту бо мо мекунад.
Дар баҳои бӯсае аз ман лабат
Дил бибурду дин тақозо мекунад.
Борҳо гуфтам, ки ҷон ҳам медиҳам,
Ҳамчунон имрӯзу фардо мекунад.
Ғорати ҷон мекунад чашми хушат
Ҳеч товон нест, зебо мекунад.
Зулфро гӯ, ёрии чашмат макун,
К-он чи битвон кард, танҳо мекунад.
Оташи дил гарчи пинҳон мекунад,
Оби чашмам ошкоро мекунад.
Ончунон шӯхӣ, ки гар гӯянд: – Кист?
Анвариро ишқ расво мекунад.
Гарчи медонам, валекин рағмро
Гӯйӣ: – Эй мард, он ба амдо мекунад.

❁ ❁ ❁

Дил ба ишқаш рух ба хун тар мекунад,
Ҷон зи ҷавраш хок бар сар мекунад.
Мехурад хуни дилу дил ишваҳош,
Мехурад чун нӯшу бовар мекунад.
Гарчи пеш аз ваъда савганд он хурад,
Он ҳам аз пешам фаротар мекунад.
Гуфтамаш:– Бас мекунад чашмат ҷафо,
Гуфт: – Некӯ мекунад, гар мекунад.
Ақлро чашми хушаш дар нарди ишқ
Медиҳад шашзарбу шашдар мекунад.
З-он ки то дасти сиёҳаш барниҳанд,
Зулфаш акнун даст, ҳам дар мекунад.
Зар надорам, лоҷарам, бе мӯҷибе
Ҳар замонам айби дигар мекунад.
Гуфт: – Зар. Гуфтам, ки ҷон. Гуфто, ки чӣ?
Алҳақ, ин нақдам тавонгар мекунад.
Гуфтам: – Охир ҷон беҳ аз зар. Гуфт: – На.
Лоҷарам, кори ту чун зар мекунад.
Чун кунӣ, хокаш ҳамебӯс, Анварӣ,
Гарчи бо хокат баробар мекунад.

❁ ❁ ❁

Ҳусни ту ишқи ман афзун мекунад,
Ишқи ӯ ҳолам дигаргун мекунад.
Ғамзае аз чашми хунхораш маро
Заҳра кард обу ҷигар хун мекунад.
Хандаи он лаъли исодам маро
Ҳар даме аз гиря Қорун мекунад.
Бар танам як мӯй аз ӯ озод нест,
Ман надонам, то чӣ афсун мекунад.
Ҳусни ӯ дар нарди хубӣ дов хост,
Хатташ акнун дов афзун мекунад.

❂ ❂ ❂

Ёр дар хубӣ қиёмат мекунад,
Ҳусн бар хубон ғаромат мекунад.
Дар қимори ҳусн бо моҳи тамом
Даъвии дови тамомат мекунад.
Аз камони абрувон кард, он чи кард,
Вои он, к-аз тири қомат мекунад.
Фитна бар фитна-ст з-ӯву ҳамчунон
Ғорати сабру саломат мекунад.
Бешак аз ҳуснаш надорам огаҳӣ
Ҳар кӣ дар ишқам маломат мекунад.
В-аз накӯрӯйӣ чу шеъри Анварӣ
Ростӣ, бояд қиёмат мекунад.

❂ ❂ ❂

Зулфаш андар ҷавр талқин мекунад
Рух пиёда, асб фарзин мекунад.
Дар рикобаш ҳусн хоҳад рафт, агар
Асби ҳусн ин аст, к-ӯ зин мекунад.
Бар камолаш хатти нуқсон мекашад,
Ҳар кӣ андар ҳусн таҳсин мекунад.
Ба руху дандон-ш рӯзу шаб фалак
Пӯстини Моҳу Парвин мекунад.
Бар сари бозори ишқаш дар тавоф
Дил кунун даллолии дин мекунад.
Бо чунин тамкин набошад кори хурд,
Гар фалакро ҳеч тамкин мекунад.
Ҳар чӣ дасташ дар тавонад шуд зи ҷавр,
Бар мани маҳҷури мискин мекунад.
Айши талхи ман кунад маълуми халқ,
Гарчи бозиҳои ширин мекунад.
Бо кӣ хоҳад кард аз гетӣ вафо,
К-аз ҷафо бо Анварӣ ин мекунад.

❁ ❁ ❁

Оламе дар раҳи ту ҳайронанд,
Пешу пас ҳеч раҳ намедонанд.
Ақлу фаҳм, арчи ҳарду тезраванд,
Чун ба корат расанд, дар монанд.
Ҷону дил гарчи иззате доранд,
Бар дари ту ғулому дарбонанд.
Дӯстонро агарчи дард зи туст,
Марҳами дарди худ туро донанд.
В-арчи фарёдхон шаванд аз ту,
Ҳам ба фарёди худ туро хонанд.

❁ ❁ ❁

Гар туро дил ҳаме чунон хоҳад,
Ки дил аз банда ройгон хоҳад.
Бандаро кай маҳалли он бошад,
К-он чи хоҳӣ ту, ҷуз чунон хоҳад.
Ба сари ту, ки ҷон диҳад банда,
Гар дили ту зи банда ҷон хоҳад.
Як замон аз ту дур бод дилам,
Гар ба ҷон соате замон хоҳад.
В-ин ҳама ҳаст, ҳам амон диҳамаш,
Аз фироқи ту гар амон хоҳад.
Худ ҳамин аст одати маъшуқ,
К-он чи хоҳӣ ту, ӯ ҷуз он хоҳад.

❁ ❁ ❁

Ёрам ин бор бор менадиҳад,
Бахт корам қарор менадиҳад.
Хоби бахтам дароз шуд, магараш
Чарх ҷуз кӯкнор менадиҳад?!
Рӯзгорам зи боғи буку магар
Гул нагӯям, ки хор менадиҳад.
Бахт ёрӣ намедиҳад, не, не,
Ин баҳона-ст, ёр менадиҳад.
Нек ғамнокам аз замона, аз он-к
Ҷуз ғамам ёдгор менадиҳад.
Ин ҳама ҳаст худ, валекин ин-к
Бо ғамам ғамгусор менадиҳад.
З-он ки то дил ба гиря хуш накунам,
Ашк бе интизор менадиҳад.
Анварӣ, дил зи рӯзгор бибур,
Ки даме рӯзгор менадиҳад.
Ҳеч касро зи сокинони замин
Осмон зинҳор менадиҳад.

❁ ❁ ❁

Ҳусни ту гар бар ҳамин қарор бимонад,
Қоидаи ишқ устувор бимонад.
Аз рухи ту гар бар ин ҷамол бимонӣ,
Бас ғазали тар, ки ёдгор бимонад.
Ҳар нафас аз чарх моҳро ба тааҷҷуб
Чашм дар он рӯйи чун нигор бимонад.
Бе ту маро дар канорам ар бинамонӣ
Хуни дилу дида дар канор бимонад.
Аз ғами ту дар дилам қарор намондаст,
Бо ғами ту дар диле қарор бимонад.

❁ ❁ ❁

Ҳар ки дил бар чун ту дилдоре ниҳад,
Санг бар дил бе ту бисёре ниҳад.
В-он киро меҳнат гуле хоҳад шукуфт,
Рӯзгораш инчунин хоре ниҳад.
В-он ки ҷонаш ҳамчу дил набвад ба кор,
Хештанро бо ту дар коре ниҳад.
Тӯҳфа созад гаҳ-гаҳам дил он зариф,
Ораду дар дасти хунхоре ниҳад.
Нек мекӯшад, Худояш ёр бод,
Гӯ, ки рӯзе даст бар ёре ниҳад.
Ишқ гуфт: – Ин ҳаҷр боре кисту чист,
Худ касе бар дил аз ӯ боре ниҳад?
Ёр пой андар миён хоҳад ниҳод,
То ба васлат рӯзи бозоре ниҳад.
Ҳаҷр гуфт: – Аз ҷониби ту рост шуд,
Ин-т савдову ҳавас, оре, ниҳад.
Ёр пой андар миён нанҳад, валек
Анварӣ сар дар миён боре ниҳад.

❁ ❁ ❁

Дӯш он, ки ҳама ҷаҳони мо буд,
Ороста меҳмони мо буд.
Савганд ба ҷони мо ҳамехӯрд,
Гарчанд балои ҷони мо буд.
Будаш ҳама хуррамию хубӣ,
Шукр Эзидро, ки они мо буд.
Аз толеъи саъди мо биронад
Фоле, ки на дар гумони мо буд.
Биншаст миёни мову бархост,
Озор, ки дар миёни мо буд?

❂ ❂ ❂

Ман он наям, ки маро бе ту ҷон тавонад буд,
Дили замонаву барги ҷаҳон тавонад буд.
Ниҳон шуд аз мани бечора рози меҳнати ту,
Қазои бад зи ҳама кас ниҳон тавонад буд.
Хуш он, ки гӯйӣ, чунӣ, ҳаметавонӣ, на,
Дар инчунин сару тӯшам тавон тавонад буд.
Агар зи ҳоли манат нест ҳеч гуна хабар,
Ки ҳоли ман зи ғамат бар чӣ сон тавонад буд?
Чаро агар ба ҳама умр нолае шунавӣ,
Ба таъна гӯйӣ: кори фалон тавонад буд.
Ҷафо макун, чӣ кунӣ, бас ки дар мамолики ҳусн
Бароти аҳду вафо норавон тавонад буд.
Дар ин замона ҳар овоза, к-аз вафо фиканад,
Ҳама садои хуми осмон тавонад буд.
Агар зи аҳду вафо ҳеч мумкин аст нишон,
Дар ин ҷаҳон чу наёбӣ, дар он тавонад буд.

❂ ❂ ❂

Он рӯзгор ку, ки маро ёр ёр буд,
Ман бар канор аз ғаму ӯ дар канор буд.
Рӯзам ба охир омаду рӯзе назод низ,
З-он гуна рӯзгор, ки он рӯзгор буд.
Имрӯз нест ҳеч умедам ба кори хеш,
Бидруд, дӣ, ки кори ман уммедвор буд.
Доим шумори васл ҳамебаргирифт дил,
Ин ҳаҷри бешумор куҷо дар шумор буд.
Бо рӯйи чун нигори нигорам ҳазор шаб
Корам зи хуррамию хушӣ чун нигор буд.
В-акнун ҳазор бор шабе бо дареғу дард
Гӯям, ки ё раб, он чӣ нишоту чӣ кор буд?

❂ ❂ ❂

Дӯш то субҳ ёр дар бар буд,
Ғами ҳиҷрон чу ҳалқа бар дар буд.
Дасти ман буду гарданаш ҳама шаб
Дӣ ҳама рӯз, агарчи бар сар буд.
Бо бари ҳамчу сими содаи ӯ
Корам аз ишқ чун зарбар буд.
Гарчи шабҳои васл буд хушам,
Шаби дӯшин зи шакли дигар буд.
Ё ман аз ишқ зортар будам,
Ё зи ҳар шаб рухат накӯтар буд.
Кас надонад, ки он чӣ толеъ буд,
Ман надонам, ки он чӣ ахтар буд.
Аз фалак то ки субҳ рӯй намуд,
Анварӣ бо фалак баробар буд.

❂ ❂ ❂

Эй дилбари айёр, туро ёр тавон буд,
Ғамҳои туро бо ту харидор тавон буд.
Бо доғи ту тан дар ситами чарх тавон дод,
Бо ёди ту андар даҳани мор тавон буд.
Бар бӯйи гули васли ту соле на, ки умре
Аз дасти гули васли ту пурхор тавон буд.
Дар орзуи шаккару бодоми ту сад сол
Бар бистари темори ту бемор тавон буд.
Сад шаб ба таманнои висоли ту чу наргис
Бе наргиси бемори ту бедор тавон буд.
Он ҷо, ки муроди ту ба ҷон кард ишорат,
Бо хасми ту дар куштани худ ёр тавон буд.

* * *

Он чи бар ман дар ғами он номусулмон меравад,
Биллаҳ, ар бо мӯъмин андар кофаристон меравад.
Дил ба даллоли ғамаш додам, ба дастам боз дод,
Гуфт: – Накде деҳ, ки ин бо хок яксон меравад.
Ончунон бемаъние корам ба ҷон оварду рафт,
Ин сухан дар ёри бемаънӣ на дар ҷон меравад.
Гуфтам: – Аз беобии чашми замон аст ин магар?
Пешат оби ман кунун тира ба дастон меравад.
Дил кадомӣ саг бувад ҷойе, ки сад ҷони азиз
Дар рикоби камтарин шогирди сагбон меравад?!
Дар тамошогоҳи зулфаш аз пайи тартиби ҳусн
Бод бо фармонравоӣ ҳам ба фармон меравад.
Бод боре зулфи ӯро чун ба фармон шуд чунин,
Деви зулфаш гар на бо муҳри Сулаймон меравад.
Ид будаст, он чи дар Кашмир мерафтаст аз ӯ,
Кори ин дорад, ки акнун дар Хуросон меравад.
Дар миёни оташи дил гарчи ҳар шаб то ба рӯз
Ҷонам аз ёди лабаш дар оби ҳайвон меравад.
Ҳар замон гӯяд:- Чӣ хориҷ меравад акнун зи ман?
Дам намеёрам задан, варна фаровон меравад.
Оби лутф аз ҷониби ӯ меравад бо Анварӣ,
Балки аз инсофу адлу доди Султон меравад.
Хусрави офоқ Зулқарнайни сонӣ Санҷар он-к
Қайсараш дар тахти фармон ҳамчу хоқон меравад.

* * *

Оби ҷамол ҷумла ба ҷӯйи ту меравад,
Хуршед дар ҷанибати рӯйи ту меравад.
Эй дар рикоби зулфи ту сад ҷон пиёда беш,
Дил дар рикоби рӯйи накӯи ту меравад.
Ҳар рӯз ҳаст бар сари кӯи аҷал ду ид,
Дардо аз он ки бар сари кӯи ту меравад
Ҳар дам ҳазор хирмани ҷон беш мебарад,
Боде, ки дар ҳимояти бӯйи ту меравад.

Ҷон хоҳиям ба бӯсаву бозистӣ зи қавл,
Чун к-ин музоиқат ҳама сӯи ту меравад?
Дар хок леначӯям ҷаври замонаро,
Ба он, ки дар замона зи хӯи ту меравад.
Ранҷе намонд Анварӣ, андар ракӯи васл
В-ин ранг ҳам зи ҷинси ракӯи ту меравад.

❂ ❂ ❂

Даст дар рӯзгор менашавад,
Пои умр устувор менашавад.
Шоҳиди хубсурат аст амал,
Дар дилу дида хор менашавад.
Рӯзи шодӣ чу рози гардун аст,
Лоҷарам, ошкор менашавад.
Ҳеч ғамро карон намебинам,
То ду чашмам чаҳор менашавад.
Пойбарҷой нест ҳосили даҳр,
Ишқ аз он пойдор менашавад.
Ҳеч имсол дидаӣ ҳаргиз,
Ки дигар сол пор менашавад?!
Пур шуд аз хуни дил канори замин
В-осмон дилфигор менашавад.
Шод мезӣ, ки дар арӯсии даҳр
Ранг чандин ба кор менашавад.
Як тасаллист, в-он тасаллӣ он-к
Марг дар ихтиёр менашавад.
Хуррам он кас, ки нест бар сари хок,
То чунин хоксор менашавад.
Анварӣ, дар миёни ин аҳвол
Ҳеч кас бар канор менашавад.

❂ ❂ ❂

Васлат ба оби дида муяссар намешавад,
Дастам ба ҳилаҳои дигар дар намешавад.
Ҳарчанд гирди пою сари дил баромадам,
Ҳечам ҳадиси ҳаҷри ту дар сар намешавад.
Дил бештар зи дида биполуду ҳамчунон
Як зарра-ш орзуи ту камтар намешавад.
Бо он, ки кас ба шодии ман нест дар ғамат,
З-ин як матоам, ин ҳама дарх(в)ар намешавад.
Гуфтам, ки корам аз ғами ишқат ба ҷон расид,
Гуфтӣ: Маро ҳадиси ту бовар намешавад.
Ҷоно, аз ин ҳадис туро худ фароғатест,
Гар боварат ҳамешаваду гар намешавад.
Гӯйӣ чу зар шавад ҳама корат, чу зар бувад,
Корат чу безарист, ки чун зар намешавад.
Миннат Худойро, ки зи иқболи Маҷдидин
Гӯям аз ин сухан ба арақ, тар намешавад.
Дар ҳеч маҷлисе набувад, то чу Анварӣ
Як шоиру дуву се тавонгар намешавад.
Чандон ки аз замон-т барояд, бигир накд,
Дар Ховарон наям, ки муяссар намешавад.

❂ ❂ ❂

Чун нестӣ, ончунон ки мебояд,
Тан дардодам, чунон ки мебояд.
Гуфтӣ, ки аз ин батар кунам, хоҳӣ?
Алҳақ, на, ки ҳеч дар намебояд.
Бо ин ҳама ғам, ки аз ту мебинам,
Гар хоб дигар набиниям, шояд.
Бо фитнаи рӯзгори ту ид аст,
Ҳар фитна, ки рӯзгор мезояд.
Гуфтам, ки дилам ба бӯса хурсанд аст,
Гуфтӣ надиҳам вагарчи мебояд.
З-ин турфатарат ҳикояте дорам,
Дил бин, ки ҳаме чӣ бод паймояд.
Бӯсе набидиду ҳар замон гӯяд,
Бошад, ки каноре андарафзояд.
Дасте бар неҳ, ки Анварӣ, эй дил,
Аз дасти ту пушти даст мехояд.

❂ ❂ ❂

Дӯсте якдилам ҳамебояд,
Вагарам хуни дил хӯрад, шояд.
Худ нигаҳ мекунам ба модари даҳр,
То ба умре аз ин яке зояд.
Ҳеч кас нест зери даври фалак,
Ки на з-он беҳтарак ҳамебояд.
Даст гирди ҷаҳон баровардам,
Пои аҳле ба даст меояд.
Анварӣ, рӯзгори қаҳти вафост,
З-ин хасон ҷуз ҷафот нагшояд.
Бо касе гар вафо кунӣ ҳама умр,
Оқибат ҷуз ҷафот нанмояд.

❂ ❂ ❂

Дил дар ҳавасат зи ҷон барояд,
Ҷон дар ғамат аз ҷаҳон барояд.
Гӯ, ҷону ҷаҳон мабош анде-к
Мақсуди ту аз миён барояд.
Судест  тамом агар дилеро,
Як ғам зи ту ройгон барояд.
Ҳамхонаи ҳар кӣ шуд ғами ту,
Зудо, ки зи хонумон барояд.
В-он кас, ки фурӯ шавад ба кӯят,
Деро, ки аз ӯ нишон барояд.
Гӯйӣ, ки агарчи ҳаст комам,
То коми дили  фалон барояд.
Лекин зи забони ину он аст
Ҳар таъна, ки аз забон барояд.
Нашнидастӣ, чунон тавон мурд,
Эй ҷони ҷаҳон,  ки ҷон барояд.
Дил таънаи ту бидид, бихрид,
То дидаи ину он барояд.
Арзон мафурӯш Анвариро,
Гар боз харӣ, гарон барояд.

❁ ❁ ❁

Зи ҳиҷрони ту ҷонам мебарояд,
Бикун раҳме, макун, к-охир нашояд.
Фурӯ шуд рӯзам аз ғам, чанд гӯйӣ
Ки мекун ҳилае, то шаб чӣ зояд.
Сияҳрӯии ман чун офтоб аст,
Ба рӯз охир чароғе мебибояд.
Ба як барф оби ҳаҷрат ғам чунон шуд,
Ки аз хунам фуқаъҳо мегушояд.
Гирифтам, дар ғамат умре бипоям,
Чӣ ҳосил, чун замона менапояд?
Дар ин шабҳо дилам бо ишқ мегуфт,
Ки аз васлат чӣ гӯям, ҳечам ояд.
Ҳанӯз ин бар забонаш ногузашта,
Фироқат гуфт: – Оре, менамояд.

❁ ❁ ❁

Онро, ки ғамат зи дар дарояд,
Мақсуди ту оламаш барояд.
Дар пойи ту ҳар кӣ кушта гардад
Аз кулли замона бар сар ояд.
Бо ранҷи ту роҳати ду олам
Дар чашм ҳаме муҳаққар ояд.
Худ гар сухан аз висол гӯӣ,
К-он кист, ки дар баробар ояд?
Кас нест, ки дар бисоти ишқат
Аз саффи ниол бартар ояд.
Моему сареву андаке зар,
То ишқи туро чи дарх(в)ар ояд.
Пас бо ҳама дил бигуфта, к-эй мард
Ҳарч ояд, бар сару зар ояд.
Гар дар ҳама умр гӯям, эй васл,
Ҳиҷрон-т зи бому дар дарояд.
З-он то зи ту барнаёядам ком,
Кори ду ҷаҳон ба ҳам барояд.
Таслим кун, Анварӣ, ки ин нақш
Ҳар бор ба шакли дигар ояд.

❁ ❁ ❁

Сабр бо ишқ бас намеояд,
Ёр фарёдрас намеояд.
Дил зи коре, ки пеш менаравад,
Қадиме бозпас намеояд.
Ишқ бо офият наёмезад,
Нафасе ҳамнафас намеояд.
Беғамӣ хуш валоят аст, валек
Зери фармони кас намеояд.
Дод дар корвони хурсандист,
З-он хурӯши ҷарас намеояд.
Гӯйӣ аз ҷон-т мебарояд пой,
Чӣ ҳадис аст, бас намеояд.

❁ ❁ ❁

Дарди сари дил ба сар намеояд,
Пой аз гили ишқ барнамеояд.
Оваҳ, умрам ба раҳна берун шуд,
В-ин бахт зи рахна дарнамеояд.
Гуфтам, шаби айшро бувад рӯзе,
Ин рафт в-аз он хабар намеояд.
Дил хонафурӯш, ному нангам зад,
Дилбар зи татук ба дар намеояд.
Аз ҳарчӣ кунад, хиҷил намегардад,
В-аз ҳарчӣ кунӣ, батар намеояд.
Ҳамдасти замона шуд, ки дар дастон
Рангаш ду чу якдигар намеояд.
Парканда шудам в-аз ошёни ӯ
Як мурғи вафо ба пар намеояд.
Бар ҳаҷр навис, Анварӣ, корат,
Чун  кор-т ба ҷаҳд барнамеояд.

❁ ❁ ❁

Ё васли туро иноятe бояд,
Ё ҳаҷри туро ниҳоятe бояд.
Сад сураи ҳаҷр ме фурӯхонӣ,
Дар шаъни висол оятe бояд.
Дил умр ба ишқ медиҳад ришват,
Охир зи ту дар ҳимоятe бояд.
Бӯсе надиҳӣ в-агар тамаъ дорам,
Гӯйӣ ба баҳо вилоятe бояд.
Алҳақ, беҳ аз ин баҳо бинатвон ҷуст,
Дар ҳар коре кифоятe бояд.
Охир зи ту дар ҷаҳон пас аз умре
Ҷуз ҷавру ҷафо ҳикоятe бояд.
В-он гаҳ зи манат чӣ айб меҷӯйӣ,
Ҷуз меҳру вафо шикоятe бояд.
Дар хуни мане чаро наяндешӣ,
К-ин дилшударо ҷиноятe бояд.

❁ ❁ ❁

Зи умрам бе ту дарди дил физояд,
Гар ин умрам набошад бе ту, шояд.
Диламро дарди ту мебояду бас,
Аҷаб, к-ӯро ҳаме роҳат наёяд.
Маро ин ғам, ки ҳаргиз кам мабодо,
Биҳамдиллаҳ, ки ҳар дам мефизояд.
Ба дасти ҳаҷри хешам боз додӣ,
Ки то ҳар дам маро ранҷе намояд.
Агар лофе задам, к-они туам ман,
Бад-ин ҷурмам чӣ молиш воҷиб ояд?!

❁ ❁ ❁

Аз нозукӣ, ки ранҷи рухи ёр менамояд,
Гул бо ҳама латофати ӯ хор менамояд.
В-он ҷо, ки сояи сари зулфаш рухаш бипӯшад,
Рӯз офтоб бар сари девор менамояд.
Доии ишқи ӯ чу ба бозори дин барояд,
Саҷҷодаҳо ба сурати зуннор менамояд.
Дар боғи рӯзгор зи бедоди наргиси ӯ
То шохи наргисе ба масал дор менамояд.
Фардои ваъдаҳош чунон рӯзгор хоҳад,
К-имсол бо баҳонаи ӯ пор менамояд.
Гуфтам, ки бӯса! Гуфт, ки зар! Гуфтамаш, ки ҷон!
Гуфт: Ин забун нигар, ки харидор менамояд.
Гуфтам, ки ҷон беҳ аз зар. Гуфто, ки гар чунин аст,
З-онам аз ин матоъ ба хирвор менамояд.
Тадбир чӣ, ки ҳар кӣ ба гетӣ ба коре омад,
Дар кори ӯ фурӯ шуду ҳам кор менамоянд.
З-ин сон ки мондаанд, киро кор аз ӯ барояд,
Чун кори Анварӣ зи ғамаш зор менамояд.

❁ ❁ ❁

Чу коре зи ёрам ҳаме барнаёяд,
Чу нуре ба корам ҳаме дарнаёяд.
Чӣ бошад, ки ман дар ғами ӯ сароям,
Чу бар ман ғами ӯ ҳаме сар наёяд.
Валекин ҳамин ғам беҳ охир, ки бо ин
Ҳаме ҳеч шодӣ баробар наёяд.
Маро, к-аз дари дил дарояд ғами ӯ,
Зи сад шодии дигар он дарнаёяд.
Ба пайғомаш аз ҳоли худ боз гӯям,
К-аш аз ман наёяд, ки бовар наёяд.
Ҷавобам фиристад, к-аз ин ме чӣ ҷӯйӣ,
Агар боварам ояду гар наёяд.
Туро бо ғами хештан кор бошад,
Ки аз ту ҷуз ин кори дигар наёяд.
Ту, эй Анварӣ, гар набошӣ, чӣ бошад,
Аз ин ҳеч тӯфон ҳаме бар наёяд.

* * *

Ба умре дар кафам боре наёяд,
В-ар ояд, ҷуз ҷигархорӣ наёяд.
Баномэзад, зи бустони замона
Зи гул қисмам ба ҷуз хоре наёяд.
Кунун нақшам касе ме бозмолад,
Ки бо ӯ аз ду шаш чоре наёяд.
Ба ҷоне бӯсае мехостам, гуфт:
«Ба ҳар ҷоне яке боре наёяд».
Маро дар мазҳаби ишқаш мурод ӯст
Зи даҳ саҷҷода зунноре наёяд.
Ба сарфи ҷон чу дар бозори ҳуснаш
Ба сад динор дидоре наёяд.
Бар ӯ чун кисае дӯзам, ки ҳаргиз
Маро дар киса диноре наёяд.
Мабанд, эй Анварӣ, дар кори ӯ дил,
Туро з-ӯ равнақи коре наёяд.

* * *

Зи аҳди ту бӯйи вафо менаёяд,
Ки аз кӯи ту ҷуз ҷафо менаёяд.
Ҷаҳонест ҳуснат, ки ҷуз тухми фитна
Бар он обу хоку ҳаво менаёяд.
Магар  бар куҷо омад осеби ҳаҷрат,
Нишон деҳ, бигӯ, бар куҷо менаёяд.
Чунон даст бар хун равон кард чашмат,
Ки як тири ғамза-ш хато менаёяд.
Баномэзад, аз дӯстони замона
Яке бо яке ошно менаёяд.
Аз ин пас вафорасм ҳаргиз маё гӯ
Чу дар навбати ишқи мо менаёяд.
Хуш он, к-ам ту гӯйӣ бирав, аз пай ту
Касе менаёяд, чаро менаёяд.
Ғами ту каси тусту ҳаргиз набинӣ,
Ки пайдарпаям дар қафо менаёяд.
Бисоз, Анварӣ, бо бало, к-аз ҳаводис
Бар озодагон ҷуз бало менаёяд.

❁ ❁ ❁

Тоқатам дар фироқи ту бирасид,
Сабр якборагӣ зи ман бирамид.
То гирифтори ишқ шуд ҷонам,
Бар дилам боди хуррамӣ навазид.
Чарх бар рӯзномаи умрам,
Ҳама гӯйӣ, нишони ҳаҷр кашид.
Ақл кӯшид бо ғамат якчанд,
Оқибат ҳам тариқи аҷз гузид.

❁ ❁ ❁

Ғорати ишқат ба дилу ҷон расид,
Об зи доман ба гиребон расид.
Ҷону диле доштам аз чизҳо,
Навбати он низ ба поён расид.
Гуфтам: «Ҷоне ба сар ояд маро»,
Ишқи ту охир ба сари он расид.
Бо ту чӣ созам, ки чу афғон кунам,
З-он чи ба ман дар ғами ҳиҷрон расид.
Бишнавӣ афғонаму гӯйӣ ба танз:
«Кори фалон зуд ба афғон расид».
Руқъаи дардам зи ту бечоравор
Нимшабон дӯш ба кайвон расид.
Гар ту туӣ, зуд, ки хоҳанд гуфт:
«Сӯзи фалон дар тани баҳмон расид».

❁ ❁ ❁

Соқиё, бодаи сабуҳ биёр,
Донаи доми ҳар футӯҳ биёр.
Қиблаи миллати Масеҳ бидеҳ,
Офати  тавбаи Насӯҳ биёр.
Ҳин, ки тӯфони ғам ҷаҳон бигирифт,
Майи ҳамзоди умри Нӯҳ биёр.
В-аз пайи нафйи ақлу роҳати рӯҳ
Роҳи софӣ чу ақлу рӯҳ биёр.
Дилам аз шеъри Анварӣ бигирифт,
Эй писар, қавли Булфутӯҳ биёр.

❁ ❁ ❁

Ҳеч донӣ, ки сари сӯҳбати мо дорад ёр,
Сари пайванд чу ман боз фуруд орад ёр?
Кошкӣ ҳеч касе з-ӯ хабаре медиҳадӣ,
То аз ин воқиа худ ҳеч хабар дорад ёр.
Ту бибинӣ, ки маро ишвадиҳон хандоханд
Солҳо зор бигирёнаду бигзорад ёр.
Ёрат ар ҷавр кунад, худ чӣ кунад, чун ба итоб
Хун бирезад, ки  ҳаме мӯй наёзорад ёр.
Анварӣ, ҷони ҷаҳон гиру кам ангор диле,
Пеш аз он, к-ат ба ҳамин рӯз кам ангорад ёр.

❂ ❂ ❂

Салому алайк, эй ҷафопеша ёр,
Куҷойиву чун дорӣ аҳволи кор?
Агар бахт бо ман мухолиф шудаст,
Ту бо вай мувофиқ машав зинҳор.
Чӣ гӯям, маро бо ғами ту хуш аст,
Ки ҷуз ғам надорам зи ту ёдгор.
Хатое, ки кардам, ба ман бармагир,
Ҷафое, ки кардам, зи ман даргузор.
Ҷавоби саломи раҳӣ боздеҳ,
Салому алайк, эй ҷафопеша ёр.

❂ ❂ ❂

Эй ғами ту ҷисмро ҷоне дигар,
Ҷон наёбад чун ту ҷононе дигар.
Эй ба зулфи кофари ту ақлро
Ҳар замоне тоза имоне дигар.
В-эй зи тири ғамзаи ту рӯҳро
Ҳар дам андар дида пайконе дигар.
Нест бар исботи Яздон  назди ақл
Аз ту беҳтар ҳеч бурҳоне дигар.
Гар бубинад рӯйи хубат Аҳриман
Бегумон гӯяд, ки Яздоне дигар.
Эй фурӯ бурда ба васлат аз тамаъ
Ҳар диле  беҳуда дандоне дигар.
В-эй бароварда зи ишқат дар ҳавас
Ҳар касе сар аз гиребоне  дигар
Нест бемори ғами ишқи туро
Беҳтар аз дарди ту дармоне  дигар.
Дил ба фармонат ба тарки ҷон бигуфт,
Эй беҳ аз ҷон, ҳаст фармоне дигар?!

❁ ❁ ❁

Дилдор ба табъ гашт ром охир,
В-ин кор ба сабр шуд тамом охир.
Он курраи саркашидаи тавсан
Бероиз гашт хушлагом охир.
В-он мурғи рамида в-аз қафас ҷаста
Боз омад чун дилам ба дом охир.
Ҳар кас, ки ба сабр пой бифшорад,
Рӯзе бирасад чу ман ба ком охир.
Маншуре нест даври меҳнатро,
Чун ёбад давлати давом охир.

❁ ❁ ❁

Эй шуда аз рухи ту тоб қамар,
В-эй шуда аз лаби ту об шакар.
Аз руху зулфи хеш дар олам
Фитнае дарфикандӣ, эй дилбар.
Чеҳра пинҳон макун, ки дар хубӣ
Чун ту соҳибҷамол нест дигар.
Ошиқони туро бад-ин уммед,
То бибинандат, эй парипайкар.
Дар ҳавои ту мондаанд бадард,
Чеҳра пурхуну сина пурахтар.
Нест чун Анварӣ яке ошиқ
Бо лаби хушку бо ду дидаи тар.

❂ ❂ ❂

Эй писар, бардаи қаландар гир,
Парда аз рӯйи корҳо баргир.
Куфру ислом кори кас накунад,
Ошён з-ин ду шох бартар гир.
Ин ду маъшуқаи ду қавм шудаст,
Ту бирав, мазҳаби се дигар гир.
Пой дар банди ону ин чӣ кунӣ,
Худсаре бошу кор аз сар гир.
Раҳбарони ту раҳзанони туанд,
Кам ин муште аҳмақи хар гир.
Пеш, к-ин раҳбарон раҳат бизананд,
Роҳи бутхонаҳои Озар гир.

❂ ❂ ❂

Дило, дар ошиқӣ ҷоне зиён гир,
Вагарна ҷои бозӣ нест, ҷон гир.
Ҷаҳони ошиқӣ  поён надорад,
Агар ҷонат ҳамебояд, ҷаҳон гир.
Маро гӯйӣ чунин ҳам нест, охир,
Чунон, к-ат дил ҳамехоҳад, чунон гир.
Ман инак дар миёни корам, эй дил,
Сару коре ҳамебинӣ, карон гир.
Дари он мезанӣ, к-аз ғам шавӣ хун,
Бирав, ҳам офиятро остон гир,
Ба бӯйи васл худ рангаш набинӣ,
Ба ҳурмат  ҷони ҳиҷрон дар миён гир.

* * *

Эй ҷаҳонро ба ҳазрати ту ниёз,
Дари ҷоҳи ту то қиёмат боз.
Даргаҳат қиблае, ки дар кеҳу меҳ
Хидмати ӯ фариза шуд чу намоз.
Гираҳи абруи сиёсати ту
Оштӣ дода кабкро бо боз.
Назари раҳмату риояти ту
Эминӣ дода озро зи ниёз.
Дар завоёи сояи адлат
Фитна дар хоб карда пой дароз.
Гар ҷаҳонро бувад зи ҳаҷми ту садд,
Марг ҳайрон зи даҳр гардад боз.
В-ар фалакро бувад зи рои ту меҳр,
Дари шаб то абад кунанд фароз.
Он ҳақиқат камоли туст, ки нест
Осмонро дар ӯ муҳолу муҷоз.
В-он саодат вуҷуди туст, ки нест
Ҳадасонро бар ӯ умеди ҷавоз.
Эй зи ҷоҳат шаби ситам дар санг,
Хуррамат бод рӯзи сангандоз!

* * *

Тахтаи ишқ барнавиштам боз,
Барнавис, эй нигор, тахтаи ноз.
То бар устоди ошиқӣ хонем
Рӯзаке чанд боби нозу ниёз.
Вароқе боз кун зи аҳди қадим
Боз кун хоки ишва аз сари оз.
Ҳин, ки рӯзу шаби замона ҳаме
Вароқи умрамон кунанд фароз.
Чанд гӯйӣ, замона дар пеш аст?
Бар вафои замона ҳеч маноз!
Қисса кӯтоҳ кун, ки кӯтаҳ кард
Рӯзи уммед интизори дароз.

❁ ❁ ❁

Қиёмат мекунӣ, эй кофар, имрӯз,
Надонам, то чӣ дорӣ дар сар имрӯз.
Ба таъна заҳр пошидӣ ҳаме дӣ,
Ба ханда мефишонӣ шаккар имрӯз.
Ду ҳоруги ту гар дӣ буд ҷонбар,
Ду ёқути ту шуд ҷонпарвар имрӯз.
Лабат то даст гирад ошиқонро,
Бурун омад ба дасте дигар имрӯз.
Туӣ султони бутрӯён, ки дар ҳусн
Надорад чун ту султон Санҷар имрӯз.
Ба ҳаққи он, ки дод, эй бут, ҷамолат,
Ба ҳоли банда як дам бингар имрӯз.

❁ ❁ ❁

Ҷамолат ишқ меафзояд имрӯз,
Рухат ғораткунон меояд имрӯз.
Маҳу хуршед дар хубию кашшӣ
Ғуломи рӯйи хубат шояд имрӯз.
Сари зулфат сари он дорад акнун,
Ки рози ошиқон бигшояд имрӯз.
Баномэзад, нигоро, аз накӯйӣ
Чунонӣ, к-ат чунон мебояд имрӯз.

❂ ❂ ❂

Чораи ишқи ту надонад кас,
Номаи васли ту нахонад кас.
Нақши ҳиҷрони ту, ки молад боз,
Ту тавонӣ, агар тавонад кас.
Ба ғаме чун диле набистонӣ,
Аз ту инсоф чун ситонад кас?
Аз ту ҳар ч-ам батар ба рӯй расид,
Худ ба рӯйӣ кас ин расонад кас.
Ҳам бар ин дил агар бихоҳӣ монд,
То на бас дар ҷаҳон намонад кас.

❂ ❂ ❂

Ҷоно, ба ғарибистон чандин бинамонад кас,
Боз ой, ки дар ғурбат қадри ту надонад кас.
Сад нома фиристодам, як номаи ту н-омад,
Гӯйӣ хабари ошиқ ҳаргиз нарасонад кас.
Дар пеши рухи хубат хуршед наяфрӯзад,
Дар пеши саворон хар ҳаргиз бинаронад кас.
Ҳар к-ӯ зи майи васлат як ҷом биёшомад,
То зинда бувад, ӯро ҳушёр нахонад кас.

❁ ❁ ❁

Нигоро, бар сари аҳду вафо бош,
Дар ойини накӯаҳдӣ чу мо бош.
Чунон к-аз мо ҷудойӣ, моҳрӯё,
Зи ҳар-ч, он ҷуз вафо бояд, ҷудо бош.
Маро хасм аст дар ишқи ту бисёр,
Наяндешам, ту бар хоки ризо бош.
Чу бо ҷонам ғами ту ошно шуд,
Макун бегонагиву ошно бош.
Нигорино, туро бошад ҳама умр,
Худовандӣ куну як дам маро бош.

❁ ❁ ❁

Боз дӯш он санами бодафурӯш
Шаҳре аз валвала овард ба ҷӯш.
Субҳдам буд, ки мешуд ба вусоқ
Чун парандӯш на беҳӯш, на баҳуш.
Даст баркарда ба шӯхӣ аз ҷайб,
Чодар афканда зи шангӣ бар дӯш.
Доман аз хоб кашон дар наргис,
Доми дилҳо зада аз марзангӯш
Лолааш з-оташ, ме парвинпош,
Зӯҳраш аз боди саҳар сунбулпӯш.
Пешкораш қадаҳи бода ба даст,
Ӯ яке чанги хуш андар оғӯш.
Роҳавӣ карда ба амдо парда,
То бувад пардадару парданиюш
Талаъ-ас-субҳу ало асъади фол
Он каши фитнакаши офаткӯш.
Бам сето дар амал оварда чунон-к
Мири олам нашунидаст ба гӯш.
Қавли ин савти чунон мутриби ӯ
Вой, агар шаҳр барошуфтӣ дӯш.
Эй басо шарбати хун, к-аз ғами ӯ
Дӯш гаштаст бар овозаш нӯш.

Рустоибачае  шаҳр бисӯхт,
Кас дар ин фитна набошад хомӯш.
Гар шабе дигар аз ин ҷинс кунад,
Даргаҳи мири Хуросону хурӯш.

❁ ❁ ❁

Дӯш дар раҳ нигорам омад пеш,
Он ба хубӣ зи моҳи гардун беш.
Гашта аз рӯю зулфи хунхораш
Хок гулрангу бод мушкпареш.
Чун маро дид соате аз дур
Он бути некхоҳи некандеш,
Ба ишорат, ниҳон зи душман гуфт
К-ассалому[1] алайк, эй дарвеш.

❁ ❁ ❁

Ба ҷон омад маро кор аз дили хеш,
Ғамӣ гаштам  зи кори мушкили хеш.
Дар он дарё шудастам ғарқа, к-он ҷо
Ба ҷуз ғам менабинам соҳили хеш.
Ба роҳи васл мепӯям, валекин
Ҳама дар ҳаҷр бинам манзили хеш.
Мабодо ҳеч осоиш диламро,
Агар ҷуз ранҷ бинам ҳосили хеш.
Агар кас қотили худ буд, ҳаргиз,
Манам он кас, нахустин қотили хеш.

❂ ❂ ❂

Киро дар шаҳр баргӯям ғами дил,
Ки ояд дар ду олам маҳрами дил ?
Диле дорам, ҳамеша ҳамдами ғам ,
Ғаме дорам, ҳамеша ҳамдами дил.
Диле олам намедонам, яқин дон,
Аз он афтодаам дар олами дил.
Дилеву сад ҳазорон оҳи хунин,
Зи ҳад бигзашт, алҳақ, мотами дил.
Канори марҳамат ар боз гирӣ,
Ба хирворон фурӯ резам ғами дил.

❂ ❂ ❂

Соқӣ андар хоб шуд, хез, эй ғулом,
Бодаро дар ҷоми ҷон рез, эй ғулом.
Бо ҳарифи ҷинс дарсоз, эй писар,
Дар шароби лаъл овез, эй ғулом!
Чанд гӯйӣ: «Маст гаштам, май бинеҳ!»
Вақти мастӣ нест, мастез, эй ғулом!
Чанд парҳезӣ аз ин парҳез, чанд?
Аз чунин парҳез парҳез, эй ғулом!
Беш аз ин бадхӯию тундӣ макун,
Соате бо ман биёвез, эй ғулом.
Дар паноҳи бода шав чун Анварӣ
В-аз ғами айём бигрез, эй ғулом!

❁ ❁ ❁

Маст аз дарам даромад дӯш он маҳи тамом,
Дар бар гирифта чангу ба каф барниҳода ҷом.
Бар рӯзи равшан аз шаби тира фиканда банд,
В-аз мушки суда бар гули сурӣ ниҳода дом.
Оҳанг паст карда ба савти ҳазини хеш,
Шаккар ҳаме фишонда зи ёқути лаълфом.
Гуфто, ки лаъли нобу ақиқи гудохта-ст
Дар ҷоми ӯ зи акси рухи ӯ  шароби хом.
Биншаст бар канори ману бода нӯш кард
Он моҳи сарвқомату он сарви кашхиром.
Гуфт: Эй касе, ки дар ҳама умр аз ҷафои чарх
Бо ман шабе ба рӯз наёвардаӣ ба ком,
Инак, ману туву майи лаълу суруду руд,
Бо заҳмати расул фиристодани паём.
Бо чанг барканор буд  андар канори ман
Махмур то ба субҳи сафед аз намози шом.
Дар гӯшае, ки кас набуд огаҳ зи ҳоли мо,
З-он ишрати бағояту з-он мастии тамом.
На мутрибу на соқию на ёру на ҳариф,
Ӯ буду Анварию майи лаъл, вассалом.

❁ ❁ ❁

То ба меҳри ту тавалло кардаам,
Аз ҳама хубон табарро кардаам.
Ҳар ғаме, к-ояд ба рӯйи ман зи ту,
Ҷойи он дар сина пайдо кардаам.
Кай фуруд ояд ғамат ҷойи дигар,
Чун ман асбобе муҳайё кардаам.
Дар баҳои ҳар ғаме хоҳӣ диле,
В-он гаҳе гӯйӣ муҳобо кардаам.
Баски дар уммеди фардо дар ғамат
Бо дили мискин мудоро кардаам.

❁ ❁ ❁

Ба ду чашми ту, ки то зиндаам,
Ту худовандию ман бандаам.
Сари зулфи ту гувоҳи ман аст,
Ки ман аз баҳри рухат зиндаам.
Ба рухи хеш бинозӣ чунон,
Ки ман аз ишқи ту то зиндаам.
Чӣ занам ханда, ки дар ишқи ту
Зи дусад гиря бувад хандаам.

❁ ❁ ❁

То ранги меҳр аз рухи равшан гирифтаам,
Бе ранги ӯ бубин, ки чӣ шеван гирифтаам.
Дарёи ман ғизои дили танги ман шудаст,
Дарёи киштие, ки ба сӯзан гирифтаам.
Оҳандило, дилам зи фироқи ту бишканад,
К-ӯро ба дасти сабр дар оҳан гирифтаам.
Як рӯз домани ту бигирам, ки чанд шаб
Дар ту ба ашки хеш ба доман гирифтаам.
То худ маро зи баҳри ту будаст дӯстӣ,
З-он бе ту хештанро душман гирифтаам.
Тарсам, ки ҷони ман ками ман гирад аз ҷаҳон,
К-аз ҷумлаи ҷаҳон ками ҷон ман гирифтаам.

❁ ❁ ❁

Яъламуллаҳ, ки дӯстдори туам,
Ошиқи зори беқарори туам.
Бе ту, ай ҷону дидаи равшан,
Чун сари зулфи тобдори туам.
Дар сари ман хумори андуҳи туст,
То ки бе рӯйи чун нигори туам.
Арғавонам чу заъфарон бе дард,
То ки бе чашми пурхумори туам
Ҳар шабе дар канори ғам ҷастам,
То чаро дур аз канори  туам.
Ёри дарду ғамам мадор, ки ман,
Охир эй моҳруй, ёри туам.

❃ ❃ ❃

Рӯй надорам, ки рӯй аз ту битобам,
З-он ки чу рӯйи ту дар замона наёбам.
Чун ҳама олам хаёли рӯйи ту дорад,
Рӯй зи рӯят,бигӯ, чӣ гуна битобам?
Ҳилагарӣ чун кунам ба ақл, чу гум кард
Ишқ сари риштаи хатову савобам.
Не зи ту битвон бурид, то бишикебам,
Не ба ту битвон расид, то бишитобам.
Ман чу шаб аз меҳнати ту ҳеч нахусбам,
Шояд к-андар хаёли васл бихобам.
Роҳатам аз рӯзгори хеш ҳамин аст,
Ин ки ту донӣ, ки бе ту дар чӣ азобам.
З-он ки аз ин беш нест барги ҷавобам.
Арбада бар маст ҳеч хурда нагиранд,
Бо ман аз инҳо макун, ки масту харобам.

❃ ❃ ❃

Кас надонад, к-аз ғамат чун сӯхтам,
Хештан дар чӣ бало андӯхтам.
Диданӣ дидам аз он рухсори ту
Ҷон бад-он як диданат бифрӯхтам.
Баркашида ҷомаи шодӣ зи тан,
В-аз бало далқе кунун нав дӯхтам.
Ҳар чӣ дониш буд, гум кардам ҳама,
Дар фироқат заргарӣ омӯхтам.
Зар барандудам бар ин рухсори сим,
Оташ андар кӯраи дил сӯхтам.

❂ ❂ ❂

Охир, дари зӯҳду тавба дарбастам,
В-аз банди қабули ону ин растам .
Бар пардаи чанг парда бидридам,
В-аз бодаи ноб тавба бишкастам.
Бо он бути камзани муқомирдил
Дар кунҷи қиморхона биншастам.
Чун навбати ҳусн панҷ кард он бут,
Зуннори чаҳоргона барбастам.
Аз рухсати ишқ рахнае ҷустам
В-аз одати модару падар ҷастам.
Чун пойи бало ба ҷавр бигшодам,
Бе бода мабод як нафас дастам.
Дар буткада гоҳ мӯъмини габрам,
Дар мастаба гоҳ оқили мастам.
Дастам зи забони хасм кӯтаҳ шуд,
К-имрӯз чунон ки гӯядам, ҳастам.

❂ ❂ ❂

Дил аз хубони дигар баргирифтам,
Зи дил нав боз ишқе даргирифтам.
Надонистам, ки асли ошиқӣ чист,
Чу донистам, раҳе дигар гирифтам.
Фикандам дафтару ҷастам зи томот,
Хароботӣ шудам, соғар гирифтам.
Итоби дӯстон як сӯ гирифтам,
Китоби ошиқиро баргирифтам.
Зи баҳри ишқи ту дар бутпарастӣ
Тариқи Мониву Озар гирифтам.

❁ ❁ ❁

Эй зулфи тобдори туро сад ҳазор хам,
В-эй ҷони ғамгусори маро сад ҳазор ғам.
Холӣ нагардад аз ғами ишқи ту ҷони ман,
То ҳалқаҳои зулфи ту холӣ нашуд зи хам.
Ба орази ту ҳалқаи зулфи ту гӯиё
К-аз мушк чашмаҳост, ба гулбарги тар рақам.
Ё силсила-ст аз шаба бар гирди офтоб,
Ё беҳҳои шаб зада бар рӯйи субҳдам.
Эй дар хиҷолати руху зулфи ту рӯзу шаб,
В-эй дар ҳимояти лабу чашми ту шаҳду сам.
Эй пушти ман зи ишқи ту чун абруи ту кӯж
В-эй бахти ман зи юмни ту  чун чашми ту дижам.
Ҷонам зи ҷазъу лаъли ту пурдарду пуршифост,
Табъам зи рӯю мӯйи ту пурнуру пурзалам.
Аз пой то ба сар ҳама банд аст зулфи ту,
З-он рӯй баста дорадам аз фарқ то қадам.
Аз банди ту чӣ гуна бувад рӯйи ҷастанам,
К-он дам, ки аз ту дуртарам, бо туам ба ҳам.
Дар чашми дил маро ту чунонӣ, ки дил чу хасм
Пайваста дорадам ба висоли ту муттаҳам.
Эй дар дилам хаёли ту шакке беҳ аз яқин,
В-эй дар сухан лаби ту вуҷуде кам аз адам.
Кам кун зи сар такаббуру биншин, ки Анварӣ
Дар ишқ чун миёну лабат гашт кам зи кам.

❁ ❁ ❁

Дардову дареғо, ки дил аз даст бидодам,
В-андар ғаму андешаву тимор фитодам.
Обе, ки маро назди бузургони ҷаҳон буд,
Хуш-хуш ҳама бар боди ғами ишқи ту додам.
Бо васли ту нобуда ҳанӯзам сару коре,
Сар бар хати бедоду ҷафои ту ниҳодам.
Дил дар сухани зарқи зарандуди ту бастам.
То дар ғами ту хуни дил аз дида гушодам.
Мапсанд, ки бо хок барам дарди фироқат,
Чун дасти ғами ишқи ту бардод ба бодам.
Бо он ки набошӣ нафасе ҷуз ба хилофам,
Ҳаргиз нафасе ҷуз ба ризои ту мабодам!

❁ ❁ ❁

Бар онам, к-аз ту ҳаргиз барнагардам,
Ба гирди дилбаре дигар нагардам.
Дил андар ишқ бастам, в-ар ҳама умр
Ҷафо бинам ҳам, аз ту барнагардам.
Маро ислом мондаст, андар он кӯш,
Ки аз ҳиҷрони ту кофар нагардам.
Чунонам ман зи ҳиҷронат, нигоро,
К-аз ин ғам то зиям, беҳтар нагардам.

❁ ❁ ❁

Эй мусулмонон, зи ҷон сер омадам,
Бе нигорам аз ҷаҳон сер омадам.
Гар набудӣ ҷон, кӣ дидӣ ҳаҷри ӯ?
Аз вуҷуди худ аз он сер омадам.
Шодие бояд зи ғам охир маро,
Аз ғами он дилситон сер омадам.
Аз дилам ҳаргиз напурсад он нигор,
Аз мурооти замон сер омадам.
Гуфтам: «Аз сафро зи ман сер омадӣ?»
Гуфт он кофар, ки «ҳон, сер омадам».

❁ ❁ ❁

Дар дасти ғами ёри дилором бимондам,
Ҳушёртарин мурғаму дар дом бимондам.
Бурдам надаби ишқ зи хубони ҷаҳон ман,
Аз дасти дили сода саранҷом бимондам.
Як гом ба коми дили худкома ниҳодам,
Саргашта ҳама умр дар он гом бимондам.
Оташ задам андар дил, то ҷумла бисӯзад,
Дил сӯхта шуд охиру ман хом бимондам.
Бар боми тамаъ рафтам, то васл бубинам,
Бишкаст қазо пояму бар бом бимондам.
Ёрон ҳама рафтанд зи айёми ҳаводис,
Афсӯс, ки ман дар кафи айём бимондам.

❁ ❁ ❁

Бад-он азмам, ки дигар раҳ ба майхона камар бандам,
Дил андар васлу ҳаҷри он бути бедодгар бандам.
Ба риндӣ сар барафрозам, ба бода рух барафрӯзам,
Раҳи майхона баргирам, дари томот барбандам.
Чу урён монам аз ҳастӣ, қабоҳои бақо дӯзам,
Чу муфлис гардам аз ҳастӣ, камарҳои базар бандам.
Гарам ёри хароботӣ ба кеши хеш бифребад,
Ба зуннораш, ки дар соат чу ӯ зуннор дарбандам.
Зи хайру шар чу ҳосил шуд сар аз гардун баровар худ,
Мани нодон чӣ маъниро дил андар хайру шар бандам?!
Чу кас воқиф намегардад ҳаме бар сирри кори ӯ,
Ҳамин бандам дил, охир, беҳ, ки дар кори дигар бандам.

❁ ❁ ❁

Дил боз ба ошиқӣ дарафкандам,
Бардод  ба бод аҳду савгандам.
Пайваст ба шавқ то дигарбора,
Бибрид зи хосу ом пайвандам.
Барканд ба дасти ишва аз бехам,
То бехи салоҳу тавба баркандам.
Пандам бидиҳад, ҳамешавад  дар сар
Ин бор, ки нек-нек дар бандам.
Чун бастаи банди ошиқӣ бошам,
Кай суд кунад насиҳату пандам?!
Аз марҳами васл фориғам, зеро
К-аз ёр ба дарди ҳаҷр хурсандам.
Охир шаби ҳаҷр бигзарад бар ман,
Гар бигзоранд рӯзаке чандам.

❁ ❁ ❁

Зери бори ғаме гирифторам,
К-андар ӯ дам задан намеёрам.
Умру айшам ба ранҷ мегузарад,
Ман аз ин умру айш безорам.
Дар таманнои як даме беғам
Ҳама шаб то ба рӯз бедорам.
То ғамат мекашад гиребонам,
Доманат чун зи даст бигзорам?
Ҳосили давлати ҷавонии хеш
Домане пур зи обу хун дорам.

❁ ❁ ❁

Ҳарчанд ба ҷои ту вафо дорам,
Ҳам аз ту таваққуъи ҷафо дорам.
Дар сар зи ту ҳамчунон ҳавас дорам,
Дар дил зи ту ҳамчунон ҳаво дорам.
Аз ман чу ҷаҳон мабур, ки ту донӣ,
К- аз давлати ин ҷаҳон туро дорам.
Бегона машав чу дину дил бо ман,
Чун бо ғами ту дил ошно дорам.
Гӯйӣ, ки магӯй роз бо хасмон,
Ҳошо лиллаҳ, ки ин раво дорам.
Лекин ба гил офтоб чун пӯшам,
Чун пушт чу моҳи нав дуто дорам?!

❁ ❁ ❁

Биё, ки бо сари зулфи ту корҳо дорам,
Зи ишқи рӯйи ту дар сар хуморҳо дорам.
Биё, ки чун ту биёӣ, ба вақти дидани ту
Зи дидагон қадаматро нисорҳо дорам.
Биё, ки бе рухи гулрангу зулфи гулбӯят
Шикаста дар дилу дар дида хорҳо дорам.
Биё, ки дар паси зону зи чанд рӯзи фироқ
Ҳазорсола фузун интизорҳо дорам.
Чу омадӣ, марав аз дасти ман, ки дар ҳама умр
Ба бӯса бо лаби лаълат шуморҳо дорам.
На ҷаври бахти ману рӯзгори меҳнати ту
Захираҳои басе рӯзгорҳо дорам.
Маро зи ёд мабар, он мабин, ки дар руху чашм
Зи гӯшу гардани ту ёдгорҳо дорам.
Хатост ин, ки ҳамегӯям, ин тамаъ накунам,
Ки дастбурди тамаъ чандборҳо дорам.
Қарорҳои маро бо ту рангу бӯйе нест,
Ки бо замонаи инҳо қарорҳо дорам.
Зи кори хеш тааҷҷуб ҳамекунам, ё раб,
Чу нордони фурӯбаста корҳо дорам.

❁ ❁ ❁

То ба кӯйи ту раҳгузар дорам,
Кас надонад, ки ман чӣ сар дорам.
Дил рабудию қасди ҷон кардӣ,
Расму оини ту зи бар дорам.
Достоне зи ғуссаи ҳама сол
Қиссаи умри ҷоншикар дорам.
Ҷуз ғами ошиқӣ зи бесимӣ
Сад ҳазорон ғами дигар дорам.
Аҳду паймон шикастаӣ ба раҳам,
Сар баровардаӣ, хабар дорам.
Ҳар ғаме, к-аз ту бошадам, ҳаққо,
Эй, ду дида, ба дида бардорам.

❁ ❁ ❁

Дарди дил ҳар замон фузун дорам,
Чӣ кунам, бевафост дилдорам.
Ҳама бо ман ҷафо кунад, лекин
Ба ҷафо ҳеч аз ӯ наёзорам.
Бори андӯҳу ранҷи меҳнати ӯ
Бикашам, з-он, ки дӯсташ дорам.
Ёди васлаш кунам, маозаллоҳ,
Кай бувад ин маҳаллу миқдорам?!
То тавонам ҳадиси ҳаҷрат кард,
Меравад сад ҳазор бекорам.
Гуфта будам, к-аз ӯ кунам дархост,
То намояд зи дур дидорам.
Ин қадар илтимос худ чӣ бувад,
Солҳо шуд, ки то дар он корам.
Боварам мекунӣ ба неъмати шоҳ,
К-ин қадар низ ҳам намеёрам.

❂ ❂ ❂

Ишқат андар миёни ҷон дорам,
Ҷон зи баҳри ту бар миён дорам.
То маро бар сари ҷаҳон дорӣ,
Ба сарат, гар сари ҷаҳон дорам.
Гӯйӣ аз дасти ҳаҷр ҷон набарӣ,
Ғофилам, гар на ин гумон дорам.
Бар сарам ҳаҷри ишқ бинвиштаст,
Як ба як бар сари забон дорам.
Аз асарҳои толеъи ишқат
Чун қазоҳои осмон дорам,
Беш пой аз қафои ҳаҷр манеҳ,
Мани бечора низ ҷон дорам.
Ҷонам андар баҳои васл бихар,
Гарчи бар ҳаҷр дил зиён дорам.
Гӯйӣ аз ҷон касе ҳадис кунад,
Чӣ кунам, дар киеӣ он дорам.
Бар ту аҳволи Анварӣ пайдост,
Бо такаллуф чаро ниҳон дорам?!

❂ ❂ ❂

Ҳарчанд ғами ишқат пӯшида ҳамедорам,
Ҳар кас, ки маро бинад, донад, ки ғаме дорам.
Гуфтам, ки фурӯ гӯям бо ту тарафе з-ин ғам,
З-андешаи ғам хун шуд, ҳам заҳра намедорам.
Бо он ки ба ҳар фурсат сад нукта дарандозам,
Ҳам дар ту намегирад, чӣ суд ҳаме дорам?
Гӯӣ, ки чу зар орӣ, кори ту чу зар гардад,
Ҳаққо, ки агар ҷуз ҷон ваҷҳи дираме дорам.
Аз Анвариву ҳолаш донам, ки наӣ беғам,
В-аз булаҷабӣ гӯйӣ, к-ин ғам чӣ каме дорам.

❁ ❁ ❁

Ҷуз сари пайванди он нигор надорам,
Гарчи аз ӯ ҷуз дили фигор надорам.
Ҳар нафасам ёди ӯст, гарчи аз ӯ ман
Ҷуз нафаси сард ёдгор надорам.
Шод бидонам, ки дар фироқи ҷамолаш
Ҷуз ғами ӯ ҳеч ғамгусор надорам.
З-он нашавам ранҷа аз ҷафош, ки дар ишқ
Сирати ушшоқи рӯзгор надорам.
В-аз ғами ҳиҷрони ӯ ба костани тан
Ҳеч ғами дигар эътибор надорам.

❁ ❁ ❁

Дорӣ хабар, ки дар ғамат аз худ хабар надорам,
В-аз ту ба ҷуз ғами ту насибе дигар надорам.
Ҳастам ба хоки пою ба ҷону сарат ба ҳоле,
К-имрӯз дар ғами ту сару пою сар надорам.
Манмой дарди ҳаҷр аз ин бештар, ки донӣ
Аз ҳад гузашту тоқат аз ин бештар надорам.
Дардо, ки бар умеди висоли ту дар фироқат
Аз ман асар намонду зи васлат асар надорам.
Эй ҷону дил бибурдаву дар парда хуш нишаста,
Ҳон, то зи рӯи рози ниҳон парда барнадорам.
Ашки чу сим дораму рӯйи чу зар аз ин ғам,
К-андархури ҷамолу рухат симу зар надорам.
Дорам зи ғам ҳазор ҷигар хуну Анвариро
Шаб нест, то ба хуни ҷигар дида тар надорам.

❃ ❃ ❃

Ёрам туӣ, ба олам ёри дигар надорам,
То дар танам бувад ҷон, дил аз ту барнадорам.
Дил барнадорам аз ту, в-аз дил сухан нагӯям,
З-он дил сухан чӣ гӯям, к-аз вай хабар надорам.
Дорам ғами ту доим бо ҷону дил баробар,
Зеро ки ҷуз ғами ту чизе дигар надорам.
Гӯйӣ, ки сабр бигзин, то коми дил биёбӣ,
Сабр аз чунон ҷамоле нашгифт, агар надорам.
Сабрам чӣ гуна бошад аз ишқи моҳрӯйе,
К-андар замона касро з-ӯ дӯсттар надорам.

❃ ❃ ❃

Агар нақши рухат бар ҷон надорам,
Ба зулфи кофират имон надорам.
Зи ту як дардро дармон мабодам,
Агар сад дарди бедармон надорам.
Зи ишқат розҳо дорам, валекин
Зи бесабрӣ яке пинҳон надорам.
Сабуриро магар маъзур дорӣ,
Диле мебояду ман он надорам.
Маро гӯйӣ: Зи пайвандам чӣ дорӣ?
Чӣ дорам? Ҷуз ғами ҳиҷрон надорам.
Гар аз ту бӯсае хоҳам ба ҷоне,
Ту гӯйӣ: – Бӯсае арзон надорам.
Лабат дандонам аз ҷо баркашидаст,
Чу гӯйӣ, бо лабат дандон надорам.

❂ ❂ ❂

Нигоро, ҷуз ту дилдоре надорам,
Ба ҷуз ту дар ҷаҳон ёре надорам.
Ба ҷуз бозори васвоси ту дар дил,
Ба ҷони ту, ки бозоре надорам.
Агарчи хотирам озурдаи туст,
Зи ту дар хотир озоре надорам.
Зи кирдори ту чун н-озорам, эй дӯст,
Ки дар ҳаққи ту кирдоре надорам.
Туро боре ба ҳар ғам ғамхуре ҳаст,
Ғами ман хур, ки ғамхоре надорам.
Ба сони Анварӣ  дар гулситонам,
Чӣ бадбахтам, ки худ хоре надорам.

❂ ❂ ❂

Гар азизам барои ту, гар хорам,
Чӣ кунам, дӯстат ҳамедорам.
Бар дилам гӯ ғамат ҷаҳон бифрӯш,
Бо чунин сад ғамат харидорам.
Соя бар кори ман намефиканӣ,
Инчунин нур   кай диҳад корам.
Ҳеч гул ношукуфта аз васлат,
Ҳаҷр то кай ниҳад ба ҷон хорам.
Гӯямат, ҷони ман биёзорӣ,
В-ар ту ҷонам барӣ, наёзорам.
Хештанро бад-ин маёр, чу ман
Хештанро бад-он  намеорам.
Гӯйӣ  ар «ҷуз Худой дораму ту»,
Анварӣ, аз Худой безорам.
Ҳам ту донӣ, ки ин чӣ  дастон аст,
Рав, ки ширин ҳамекунӣ корам.

* * *

Биё, то бубинӣ, ки ман бар чӣ  корам,
Наёӣ,  маё, барги ин ҳам надорам.
Ба ҷоне, ки бе ту маро мебарояд,
Чӣ бояд  ҷаҳоне ба ҳам барнаёрам.
Диле дорам, он ҷо на бепоймардам,
Ғаме дорам, он ҷо на бе  дастёрам.
Маро гӯйӣ: Аз ишқи ман бар чӣ корӣ?
Агар кор ин аст, бар ҳеч корам.
Манам гоҳу бегоҳ дар дахлу харҷе,
Ғаме меситонам, даме месупор.
Ғамат бо дилам гуфт, к-аз ишқ  чунӣ,
Нафас барнаёвард,  яъне ки зорам.
Чӣ гӯйӣ  ғами ту бад-он сар дар дорад,
Ки дар сояи давлаташ сар барорам.
Фироқи ба рӯзи худат ҳам бибинам,
Агар ҳеч боқист бар рӯзгорам.

* * *

Умр бе ту ба сар чӣ гуна барам,
Ки ҳама бе ту рӯзу шаб шумарам?
Хунҳо аз ту дида полудам,
Рахна-рахна шуд аз ғамат ҷигарам.
Ту зи шодиву  хуррамӣ бархур,
Ки ман аз ту ба ҷуз ҷигар нах(в)арам.
Магар ин буд  бахшишам зи фалак,
Ки зи дасти ғами ту ҷон набарам.
Чанд бартофтам зи кӯйи ту рӯй,
Бо қазо барнаёмад он ҳазарам.

❂ ❂ ❂

Корам ба ҷон расиду ба ҷонон намерасам,
Дардам зи ҳад гузашту ба дармон намерасам.
Имону куфр нест маро дар ғамаш, ки ман
Дар кори ӯ ба куфру ба имон намерасам.
Роҳест бекарона ғами ишқашу маро
Чун пойи сабр нест, ба поён намерасам.
Ёрест бас азиз, ба мо з-он намерасад,
Сабрест бас шигарф, бад-ӯ з-он намерасам.
Гӯяд ба мо зи ҳурмати мо кам ҳамерасӣ,
Ҳурмат баҳонаест, зи ҳирмон намерасам.
Султони ишқи ӯ чу диламро асир кард,
Маъзурам, ар ба хидмати султон намерасам.

❂ ❂ ❂

Дил рафту ин батар бари дилбар намерасам,
Кон меканам, валек ба гавҳар намерасам.
Дарвешҳол кард ғами ишқи ӯ маро,
З-он дар висоли ёри тавонгар намерасам.
Боғи висолро ба ҳама ҳолҳо дар аст,
Гумраҳ шудам зи ҳаҷр бад-он дар намерасам.
Дорад висоли ёр яке пояи баланд,
Оре, маро чӣ ҷурм бувад, барнамерасам.
Ҳиҷрони ёр ҳаст маро, гар висол нест,
Бо ӯ бисохтам, чу ба дигар намерасам.

❁ ❁ ❁

Пойбарҷой нест ҳамнафасам,
Чӣ кунам, ӯст дастгиру касам.
Дар пайи гарди корвони ғамаш
Аз расулони нолаи ҷарасам.
Бар сари кӯи ӯ шабе гузарам,
Ки ҳимоят кунад сагу асасам.
Маҳрами пистаи лабат нашудам,
То нагуфтам туфайлию магасам.
Гуфтамаш:-Дил висол металабад,
Ростӣ, ман ҳам андар ин ҳавасам.
Гуфт:-Бо дил бигӯ, ки ҳолӣ нест
Моҳазар ҷуз ба ҳаҷр дастрасам.
Дил маро гуфт ҳам беҳ аз ҳечат
Ройгон ҳаҷр ёфтам, на басам?
Гӯядам Анварӣ, дар ин пайванд
Пой дар пешу пой бозпасам.
Гӯям, инак, аз ин-т мегӯям,
Пойбарҷой нест ҳамнафасам.

❁ ❁ ❁

Қори ҷаҳон нигар, ки ҷафои кӣ мекашам,
Дилро ба пеши аҳду вафои кӣ мекашам.
Ин наъраҳои гарм зи ишқи кӣ мезанам,
Ин оҳҳои сард барои кӣ мекашам?
Баҳри ризои дӯст зи душман ҷафо кашам,
Чун дӯст нест, баҳри ризои кӣ мекашам?
Дил дар ҳавои ӯ зи ҷаҳоне карона кард,
Охир, нагӯядам, ки ҳавои кӣ мекашам.
Эй рӯзгори офият, охир куҷо шудӣ?
Боре биё, бубин, ки ҷафои кӣ мекашам.
Шаҳрест Анварию шабу рӯзи ин ғазал,
Кори ҷаҳон нигар, ки ҷафои кӣ мекашам.

❁ ❁ ❁

Нав ба нав ҳар рӯз боре мекашам,
Бор набвад, чун зи ёре мекашам.
Ношукуфта з-ӯ гуле ҳаргиз маро,
Ҳар замон з-ӯ ранҷи хоре мекашам.
Гар балояш мекашам, айбам макун,
К-ин бало охир ба коре мекашам.
Заҳмати сармои сард аз моҳи дай
Бар умеди навбаҳоре мекашам.
Ишқ ҳар дам бар миёнам мекашад,
Гарчи худро бар каноре мекашам.
Кори ман рӯзе шавад ҳамчун нигор,
К-ин ғам аз баҳри нигоре мекашам.
Фахри вақти хештан донам ҳаме,
Ин ки аз хасмон-ш оре мекашам.
Бори ӯ натвон кашид аз ҳаҷру васл,
Пас, маро ин бас, ки боре мекашам.
Ту маро гӯйӣ «кашидӣ дарду ғам»,
Ман чӣ мегӯям, ки «оре, мекашам».

❁ ❁ ❁

Эй орзуи ҷонам, дар орзуи онам,
К-аз ҳаҷр як шикоят дар гӯши васл хонам.
Донӣ чӣ гуна бошам, дар меҳнате чунинам,
З-он пас, ки дида бошӣ дар давлате чунонам.
Бо дил ба дард гуфтам, к-охир маро нагӯйӣ,
К-он хушдилӣ куҷо шуд? Дил гуфт:– Менадонам.
Оре, гарат биёбам, рӯзе ба ком ёбам.
Варна чунон-к бошад, з-ин рӯз дар намонам.
Гаҳ-гаҳ ба оби дида хурсанд кардаме дил,
Кор он чунон шуд акнун, он ҳам наметавонам.
Ман ин ҳама надонам, донам, ки мебарояд
Ҷонам зи орзуят, эй орзуи ҷонам!

❁ ❁ ❁

Эй дӯсттар аз ҷонам, з-ин беш маранҷонам,
Магзар зи вафодорӣ, магзор бар ин сонам.
Ҷон буду диле моро, дил дар сари корат шуд,
Ҷон монда, чӣ фармойӣ, дар пойи ту афшонам.
Ман бо ту ҷафо накнам, ту одати ман донӣ,
Бо ман ту вафо накнӣ, ман толеъи худ донам.
Бо дилшудаи мискин чандин чӣ кунӣ хорӣ,
Эй кофири сангиндил, охир, на мусулмонам.
Бишкаст ғамат пуштам, бо ин ҳама азм он аст,
То ҷон бувадам дар тан, рӯй аз ту нагардонам.

❁ ❁ ❁

Ҷоно, зи ғами ишқи ту имрӯз чунонам,
К-андар хами зулфи ту тавон кард ниҳонам.
Бар чеҳра аён гашт ба як бор замирам,
В-аз дида ниҳон кард ба як бор нишонам.
З-ин беш мамон дар ғами хешам, ки аз ин пас
Донӣ, ки агар бе ту бимонам, бинамонам.
Аз дасти фироқат агарам даст нагирӣ,
Зудо, ки фироқи ту барад даст ба ҷонам.
Ҳарчанд, ки андеша кунам, то ғарази ту
Аз куштани ман чист, ҳаме ҳеч надонам.

❁ ❁ ❁

Ту донӣ, ки ман ҷуз ту касро надонам,
Туӣ ёри пайдову ёри ниҳонам.
Маро ҷои сабр асту донам, ки донӣ,
Туро ҷои шукр асту донӣ, ки донам.
Бар онӣ, ки хунам ба хорӣ бирезӣ,
Барои ризои ту ман бар ҳамонам.
Маро гӯйӣ: Аз ман ба ҷуз ғам набинӣ,
Ҳамин аст, агар рост хоҳӣ, гумонам.
Гар аз васли ту шод гардам вагарна,
Ба ҳар сон, ки бошад, зи ғам дарнамонам.
Миёни ману ту ҳам андар ҳам омад,
Чу дар ҷустуҷӯи ту ҷон бар миёнам.
Аҷаб нест, к-аз Анварӣ бар каронӣ,
Маро бин, ки ӯям в-аз ӯ бар каронам.

❁ ❁ ❁

Раҳ фарокори худ намедонам,
Ғами ман нестат, ба ғам з-онам.
Ошиқам бар туву ҳамедонӣ,
Фориғӣ аз ману ҳамедонам.
Накунӣ ҷуз ҷафо, ки нашкебӣ,
Накунӣ ҷуз вафо, ки натвонам.
Кофарӣ мекунӣ дар ин маънӣ,
Кофарам, гар кунун мусулмонам.
Гуфтиям: «То ба бӯса фармон аст»,
Гуфтамат: «То ба ҷон ба фармонам».
Гарчи бархостӣ ту аз сари ин,
Ман ҳама умр бар сари онам.
Кай ба ҷон баркашам зи ту дандон,
Чун зи ҷон хуштарӣ ба дандонам.
Мӯҳри меҳри ту бар нигини дил аст,
Тоҷи аҳди ту бар сари ҷонам.
Бо чунин мулк дар вилояти ишқ
Анварӣ нестам, Сулаймонам.

* * *

Туро ман дӯст медорам, надонам, чист дармонам?
На рӯйи ҳаҷр мебинам, на роҳи васл медонам.
Напурсӣ ҳаргиз аҳволам, насозӣ чораи корам?
Набигзорӣ, ки бо ҳар кас бигӯям рози пинҳонам.
Дилам бурдию он гоҳе ба пандам сабр фармойӣ,
Макун таклифи новоҷиб, ки бе дил сабр натвонам.
Агар бо ман нахоҳӣ сохт, ҷонам ҳамчу дил бистон,
Ки бе васли ту андар дил ваболи дил бувад ҷонам.

* * *

Аз ишқат, эй ширинсанам, гарчи ба сар бармезанам,
На ёри дигар мекунам, на рои дигар мезанам.
Ту шоҳи хубониву ман то рӯз бар рухсори худ
Ҳар шаб ба доруззарби ғам бар номи ту зар меза-нам.
То шуд дилам овехта дар ҳалқаи зулфайни ту,
Сар аз ҳавои дилбарон чун ҳалқа бар дар мезанам.
Дил бурду доман даркашид аз пойбанди васли ту,
Ҳар шаб ду даст аз ҳаҷри ғам то рӯз бар сар меза-нам.

❁ ❁ ❁

Биё, эй роҳати ҷонам, ки ҷонро бар ту афшонам,
Замоне бо ту биншинам, зи дил ин ҷӯш биншонам.
Зи ҳоли дил ки маълум аст, ки ҳам ин буду ҳам он шуд,
Бигӯям шаммае бо ту, туро маълум гардонам.
Ба дандон музди ҷон хоҳӣ, ки ойӣ як замон бо ман,
Гувоҳ орӣ, раво бошад, ҳарифи оби дандонам.
Маро гӯйӣ: Чӣ дорӣ ту, ки пеши ман кашӣ онро?
Чӣ дорам, ҳар чӣ дорам ман, нашояд он туро, до-нам.
Яке дарёи хун донам, ки онро дида мегӯям,
Яке водии ғам донам, ки онро дил ҳамехонам.

❁ ❁ ❁

Ман кӣ бошам, ки таманнои висоли ту кунам,
Ё киям, то ки ҳадиси лабу холи ту кунам?
Кас ба даргоҳи хаёли ту намеёбад роҳ,
Ман чӣ беҳуда таманнои висоли ту кунам?
Гилаи ишқи ту дар пеши ту натвонам кард,
Сокитам, то ки шабе пеши хаёли ту кунам.
Аз сари мардумие гар ту кулоҳе ниҳиям?
Мардуми чашму сарам тарфи даволи ту кунам.
В-ар ба чашми ту дарояд суханам, то бизиям,
Дар ғазалҳо сифати чашми ғизоли ту кунам.
Шеъри ман сеҳр шуду шуд ба камол аз пайи он,
Ки ҳаме васли ҷамоли бакамоли ту кунам.
Чашми ту сеҳри ҳилол асту ҳаром аст маро,
Шоирӣ ҳар чӣ на бар сеҳри ҳилоли ту кунам.

❂ ❂ ❂

Боз чун дархурди ҳиммат мекунам,
Сар фидои теғи тӯҳмат мекунам.
Қимати як бӯси ӯ сад бадра зар
Гар кунам, бо ӯ хусумат мекунам.
Ман даҳон хуш мекунам, лекин куҷост,
Ваҳ, ки як ҷав з-он-ч қимат мекунам.
Дӯшам он дилбар гирифт андар канор
Як замон, яъне, ки раҳмат мекунам.
Бар сари он нуктае дарёфтам,
Гарчи донистам, ки заҳмат мекунам.
Чашм кардам шӯху гуфтам: «Эй нигор,
Бар сари по низ хидмат мекунам».

❂ ❂ ❂

То напиндорӣ, ки дастон мекунам,
Ин, ки аз дасти ту афғон мекунам.
Корам аз ҳиҷрон ба ҷон овардаӣ,
Ҷон хуш аст, ин нохушӣ з-он мекунам.
Дӯстӣ гӯйӣ на аз дил мекунӣ,
Рост мегӯйӣ, ки аз ҷон мекунам.
Нафси тӯҳматро агар душвори ишқ,
Пеши ҳар кас бар дил осон мекунам.
Бе лабу дандони ширини ту сабр
Аз буни сию ду дандон мекунам.
Бар ман аз хуршед ҳам пайдотар аст,
К-он ба гил хуршед пинҳон мекунам.
Доман аз ман дармакаш, то ҳар дамат
Ришвате нав дар гиребон мекунам.
Зар надорам, лекин аз дарёи табъ
Ҳар замонат гавҳар афшон мекунам.
Аҳл шав дар ишқ, то чун Анварӣ
Ҷилваи аҳли Хуросон мекунам.

* * *

Бе ту, ҷоно, зиндагонӣ мекунам,
В-аз ту ин маънӣ ниҳонӣ мекунам.
Шарм бод аз кори хешам, то чаро
Бе ту чандин зиндагонӣ мекунам.
Ту наву ман дар ҷаҳони зиндагон
Ростӣ бояд, гаронӣ мекунам.
Сабр гӯям мекунам, лекин чӣ сабр,
Ҳилате чунон ки донӣ, мекунам.
Аз ғамам шодию то бишнидаам,
Аз ғами худ шодмонӣ мекунам.
Дар ҳама роҳи таманно кардаме,
Бар сари раҳ дидабонӣ мекунам.

* * *

Ҳар ғам, ки зи ишқи ёр мебинам,
Аз гардиши рӯзгор мебинам.
Бедоди фалак аз он, ки дӣ будаст,
Имрӯз яке ҳазор мебинам.
То шохи замона кай гуле зояд,
Акнун ҳама захми хор мебинам.
Дар банди даме, ки бе ғаме бошам.
Бингар, ки чӣ интизор мебинам.
Дар ҳар дили дӯсте, баномэзад,
Сад душмани ошкор мебинам.
Он мебинам, ки кас намебинад,
Оре, на ба ихтиёр мебинам.
Бо дасти замона дар ҷаҳон ҳаққо
Гар пойи кас устувор мебинам.
Гардун на шумор бо яке дорад,
Номи ҳама дар шумор мебинам.
Бо даҳр масоз, Анварӣ, коре,
К-ин кор на пойдор мебинам.

❁ ❁ ❁

Дилро ба ғамат ниёз мебинам,
Корат ҳама кибру ноз мебинам.
В-он ҷома, ки дӣ висоли мо будӣ,
Акнун на бар он тароз мебинам.
Сад гуна зиён ҳаме падид ояд,
Сармояи дил чу боз мебинам.
Онро, ки фалак ҳамекунад нозиш,
Ӯро ба ту ҳам ниёз мебинам.
Ҳин, чанд ки зулфи гирдаи ту
Бар дасти ғамат дароз мебинам.

❁ ❁ ❁

Сари он дорам, к-имрӯз бари ёр шавам,
Бари он дилбари дурдикаши айёр шавам.
Ба хароботу маю мастаба имон орам,
В-аз муноҷоти шабу савмаа безор шавам.
Чунки шоистаи саҷҷодаву тасбеҳ наям,
Бошад, эй дӯст, ки шоистаи зуннор шавам.
Кор май дораду маъшуқу хароботу қимор,
Кай бувад, кай, ки дигар бар сари ин кор шавам?
Хӯрд бар айши хушам тавба фаровон зинҳор,
Бар бари май ҳаме аз тавба ба зинҳор шавам.
Ту агар мӯътакифи тавба ҳамебошӣ, бош,
Ман ҳаме мӯътакифи хонаи хаммор шавам.
Рав туву «қомат»-и муъзин, ки маро з-ин мастӣ
То қиёмат сари он нест, ки ҳушёр шавам.

❁ ❁ ❁

Рӯз ду аз ишқ пушаймон шавам,
Тавба кунам, боз ба сомон шавам.
Боз ба як васвасаи деви ишқ
Бори дигар бо сари девон шавам.
Бас, ки зи ишқи ту агар ман манам,
Габр шавам бозу мусалмон шавам.
Булъаҷабӣ, ҷони ман, аз сар бинеҳ,
К-он чи кунӣ, ман ба сари он шавам.
Дӯст туӣ, кош бидонистаме,
К-аз ту ба пеши кӣ ба афғон шавам.
Ман ту нагаштам, ки ба ҳар хурдае,
Гаҳ ба фалон, гоҳ ба баҳмон шавам.
Аз буни дандон бикашам ҷаври ту,
Бу, ки туро бар сари дандон шавам.

❁ ❁ ❁

Чӣ гӯйӣ, бо ту даргирад, ки аз банде бурун оям,
Ғаме бо ту фурӯ гӯям, даме бо ту баросоям.
Надорам ҷони он, лекин чу ту бо ман сухан гӯйӣ,
Мани бечора пиндорам, ки аз ҷойе ҳамеоям,
Маро, гӯйӣ, к-аз ин охир чӣ меҷӯйӣ, чӣ меҷӯям,
Камар то аз ту барбандам, фуқаъ то аз ту бикшоям.
Ғаме дорам, агар хоҳӣ, бигӯям бо ту, варна не
Бидорам даст аз ин маънӣ, ҳамон дасте ҳамехоҳам.
Ба ҷон гар бӯсае хоҳам, бидеҳ, чун дил гарав дорӣ,
Матарс, арчи тиҳидастам, валекин пойбарҷоям.
Агар дасте ниҳам бар ту, ниҳодам даст бар мулке,
Вагарна бе ту танг ояд, ҳаме офоқ дар поям,
Фироқат ҳар замон гӯяд, ки бигрез, Анварӣ, растӣ,
Агар ме ростӣ хоҳӣ, чу ҳинду нест парвоям.

❁ ❁ ❁

То рахти дил андар сари зулфи ту ниҳодем,
Бар рух зи ғами ишқи ту хуноба кушодем.
Дар кори ту ҷонро ба ҷафо нест гирифтем,
Дар роҳи ту рухро ба вафо рост ниҳодем
Дар орзуи рӯйи ту аз аз даст бирафтем,
В-андар талаби васли ту аз пой фитодем.
Чун фитнаи дидори ту гаштем ба ноком,
Дар бандагии рӯйи ту иқрор бидодем.
То бастаи банди аҷали хеш нагардем,
Аз банди ғами ишқи ту озод мабодем.
Не-не, ба аҷал ҳам нараҳем аз ғами ишқат,
Бо ишқи ту мирем, ки бо ишқи ту зодем.

❁ ❁ ❁

Охир ба муроди дил расидем,
Худрову туро ба ҳам бидидем.
Аз зулфи ту тобҳо кушодем
В-аз лаъли ту шурбҳо чашидем,
Бе он ки фироқ ҳамнафас буд,
Бо ту нафасе биёрамидем,
Бар тан зи ту ҷомаҳо даридем.
Нози ту ба табъи дил бибурдем,
Рози ту ба гӯши ҷон шунидем.
Бо мо ба забони расму одат
Зарқе, ки фурӯхтӣ, харидем,
Сар бар хати аҳди ту ниҳодем,
Хат гирди замона даркашидем.

❁ ❁ ❁

Эй рӯйи хуби ту сабаби зиндагониям.
Якрӯза васли ту тараби ҷовидониям.
Ҷуз бо ҷамоли ту набувад шодмониям,
Ҷуз бо висоли ту набувад компрониям.
Ба ёди рӯйи хуби ту ар як нафас занам
Маҳсуб нест он нафас аз зиндагониям.
Дарди ниҳониест маро аз фироқи ту,
Эй шодии ту офати дарди ниҳониям.

❁ ❁ ❁

Дил бидодему ҷон намехоҳем,
Хилвате ҷуз ниҳон намехоҳем.
Аз ниҳоне, ки ҳаст хилвати мо,
Пойи дил дар миён намехоҳем.
Хидмати ту маро зи ҷон беш аст,
Шояд, ар з-он, ки ҷон намехоҳем.
Ҳастии ҷону дил хусумати мост,
Ҳастии ҳардувон намехоҳем.
Бо ту бӯйи вуҷуди ҷон на хуш аст,
Луқма бар устухон намехоҳем.
Ману маъшуқаву бар ин мафзой,
Заҳмати дигарон намехоҳем.
Гар бувад шишае, набошад бад,
Мутрибе қалтабон намехоҳем.

❁ ❁ ❁

Дармони дили худ аз кӣ ҷӯям,
Афсонаи хеш бо кӣ гӯям?
Тухме, ки нарӯяд он, чӣ  корам,
Чизе, ки наёбам он, чӣ  ҷӯям?
Овард фироқ  зардрӯйӣ
Дур аз рухат,эй санам,  ба рӯям.
Эй Юсуфи Миср, бе рухи ту
Байтулаҳсон шудаст кӯям.
Андар раҳи ҳирс  бо ду ҳамроҳ
Чун биму умед чанд пӯям?
Ман ташна бар он  лабам, вагарчанд
Бар чеҳра ҳамеравад ду ҷӯям.
Бе санг шудам зи фурқат, оре
Вақт аст, агар на сангу рӯям.

❁ ❁ ❁

Эй бандаи рӯйи ту худовандон,
Девонаи зулфи1 ту хирадмандон.
Бозори ҷамоли рӯйи хубатро
Ороста раста-раста дилбандон.
Дар ҳар паси  дар муҷовире дорӣ
Гирёну дар интизор  дилхандон.
Чандин чӣ кунӣ ба ваъда дар бандам,
Айём вафо намекунад чандон.
Гӯйӣ, машитоб то ки вақт ояд,
Гар хоҳию  гар на аз буни дандон.
Аз хӯи бадат шикояте дорам,
К-он нест  нишони некпайвандон.
Ҳаҷрат ба ҷавоби он падид омад,
Гуфт ин-т ғам, Анварӣ, сару сандон.

❂ ❂ ❂

Ишқ бар ман сар нахоҳад омадан,
Пой аз ин гил барнахоҳад омадан.
Гарчи дар ҳар ғам дилам сурат кунад,
К-аз паяш дигар нахоҳад омадан.
Ман ҳамедонам, ки то ҷон дар тан аст,
Бар дил ин ғам сар нахоҳад омадан.
Умр берун шуд ба дарди интизор,
Васлаш аз дар дарнахоҳад омадан.
Чун ба ҳусн аз моҳ беш омад ба ҷавр,
З-осмон камтар нахоҳад омадан.
Гӯямаш: Ҳоли ман аз ишқат бипурс,
К-аз манат бовар нахоҳад омадан.
Гӯядам: Ҷоне кам ангор, Анварӣ,
Бе ту тӯфон барнахоҳад омадан.

❂ ❂ ❂

Ошиқӣ чист? – Мубтало будан,
Бо ғаму меҳнат ошно будан.
Сипари ханҷари бало гаштан,
Ҳадафи новаки қазо будан.
Банди маъшуқ чун бибастат пой,
Аз ҳама бандҳо ҷудо будан.
Зери бори балои ӯ ҳама умр
Чун сари зулфи ӯ дуто будан.
Офтоби рухаш чу рух бинмуд,
Пеши ӯ зарраи ҳаво будан.
Ба ҳама меҳнате ризо будан,
В-аз ҳама давлате ҷудо будан.
Гар лагадкӯби сад ҷафо бошӣ,
Ҳамчунон бар сари вафо будан.
Ишқ агар устухонат ос кунад,
Санги зерини осиё будан.

❂ ❂ ❂

Ҳам маслиҳат набинӣ рӯйе ба мо намудан,
З-ойинаи дили мо зангори ғам зудудан.
З-он ҷо, ки рӯйи кор аст хуршеди осмонро,
Бо рӯйи ту чӣ рӯй аст ҷуз бандагӣ намудан.
Бар чист ин такаббур в-инро ҳаме чӣ хонанд,
Охир дилат нагирад з-ин хештан сутудан.
Дар давлати ту охир моро шабе бибояд
Зулфи кажат бисудан, қавли хушат шунидан.
Аҳсант валлаҳ, алҳақ, дорӣ рухони зебо,
Карда туро мусалло дар ҷумла дил рабудан.
Гуфтӣ, ки хуну ҷонат моро мубоҳ бошад,
Фармон туроcт, оре , натвон бар ин фузудан.

❂ ❂ ❂

Оташ, эй дилбар, маро бар ҷон мазан,
Дар дили мискини ман дандон мазан.
Шарту паймон кардаӣ дар дӯстӣ,
Дӯстӣ кун, шарт бар паймон мазан.
Ҳаҷру васлат дарду дармони ман аст,
Мардумӣ кун, васл бар ҳиҷрон мазан.
Дидаи бахти маро гирён макун,
Гардани бахти маро хандон мазан.
Чашмро гӯ, дар рухам ханҷар макаш,
Зулфро гӯ, бар дилам чавгон мазан.
Пардаи ёқут бар Парвин мабанд,
Хаймаи санҷоб бар сандон мазан.
Ҷону дил чун ҳар ду ҳамроҳи туанд,
Гар мусулмонӣ, раҳи эшон мазан.

❁ ❁ ❁

Ба умри охирам рӯзе вафо кун,
Ба бӯсе ҳоҷатам рӯзе раво кун.
Ҷафо кун бо ман, оре, то тавонӣ,
Ту ҳамчун рӯзгор, оре, ҷафо кун.
Ба ранҷам аз ту, ранҷамро шифо бош,
Ба дардам аз ту, дардамро даво кун.
Чу дар ишқи ту сахт афтод корам,
Ту низ ин роҳи бераҳмӣ раҳо кун.

❁ ❁ ❁

Эй бути яғмо, дилаш яғмо макун,
Шодмон ҷони маро пайдо макун.
Рӯйи хуб аз чашми ман пайдо мадор,
Рози пинҳони маро пайдо макун.
Мулки зебоӣ мусаллам шуд туро,
Шукр онро, боз нозебо макун.
Дар сари кибру ҷафо ҳар соате
Бо чу ман савдоие сафро макун.
Бидҳам, ар имрӯз ҷон хоҳӣ зи ман,
Чун ба анҷоми манӣ, фардо макун.

* * *

Зи ман ҳуҷраи шоҳ пинҳон макун,
Ҷаҳон бар дили ман чу зиндон макун.
Саломе, ки мегуфтаӣ то кунун,
Агар бештар нест, кам з-он макун.
Агар дар дили ту мусулмонӣ аст,
Пас, оҳанги хуни мусулмон макун.
Сухан боз гирӣ зи чокар ҳаме,
Макун ҷон, макун ҷон, макун ҷон, макун.

* * *

Рӯйи хуби хешро пинҳон макун,
Дил ба дасти туст, қасди ҷон макун.
Ҳуҷраи бедод ободон махоҳ,
Хонаи сабри маро вайрон макун.
Ҳар замон гӯйӣ, бирезам хуни ту,
Рағми бадхоҳон магӯю он макун.
Сар магардон аз ману, эй ҷон, маро
Дар ҳавои хеш саргардон макун.
Анвариро беҷиноят, эй нигор,
Дар ғами ҳиҷрони худ гирён макун.

❁ ❁ ❁

Шарм дор, охир, ҷафо чандин макун,
Қасди озори мани мискин макун.
Пойе аз ғам дар рикоб овардаем,
Беш аз ин асби ҷафоро зин макун.
Дар ғами Моҳи гиребонат маро
Ҳар шабе доман пур аз Парвин макун?
Чанд гӯйӣ, ёри дигар мекунам,
Ҳар чӣ хоҳӣ кун, валекин ин макун.
Бӯсае хоҳам, тамаъ дар ҷон кунӣ,
Нақд кардам, гиру ҳону ҳин макун.
Чун сабукрӯҳӣ, гаронкобин мабош,
Ҷони ширин, ноз ноширин макун.
Ишқро гӯйӣ, фалонро хун бирез,
Ишқро хун рехтан талқин макун.
Эй писар, иди туро қурбон басест,
Анвариро аз миён таъйин макун.

❁ ❁ ❁

Зи ман баргаштӣ, эй дилбар, дареғо, рӯзгори ман,
Шикастӣ аҳди ман яксар, дареғо, рӯзгори ман.
Дилам ҷуфти ано кардӣ, ба ҳаҷрам мубтало кардӣ,
Вафо кардам, ҷафо кардӣ, дареғо, рӯзгори ман.
Дилам дар ишқи ту хун шуд, хурӯши ман ба гардун шуд,
Умеди ман дигаргун шуд, дареғо, рӯзгори ман.
Ту бо ман дил дигар кардӣ, ба шаҳру деҳ самар кардӣ,
Шудӣ, бори дигар кардӣ, дареғо рӯзгори ман.

❁ ❁ ❁

Эй боди субҳдам, хабаре деҳ зи ёри ман,
К-аз ҳаҷри ӯ шудаст пижӯлида кори ман.
Ӯ буд ғамгусори ман андар ҳама ҷаҳон,
Ӯ рафту нест ҷуз ғами ӯ ғамгусори ман.
Бекор нестам, ки маро ишқи ӯст кор,
Бе ёр нестам, чу ғамаш ҳаст ёри ман.
Ҳар гунае шумор гирифтам зи рӯи васл,
Ҳаргиз набуд фурқати ӯ дар шумори ман.
Ку он касе, ки кард шикоят зи рӯзгор,
То бингарад ба рӯзи ману рӯзгори ман?!
Пурхун дилу канор ҳамехонам ин ғазал,
Бирбуд рӯзгор туро аз канори ман.

❁ ❁ ❁

Чу кард хаймаи ҳуснат таноби хеш маҳин,
Хурӯши умр баромад зи осмону замин.
Ҷаҳониён ҳама волеҳ шуданду мегуфтанд,
Яке, ки ку тану ҷону яке , ки ку дилу дин?
Шигифт мондам дар боргоҳи давлати ту,
Аз он ки дидам аз ин дидаи ҳақиқатбин.
Равоқи ҳуҷраи дил сохт самт баҳри ту бахт,
Буроқи равзаи ҷон кард ақл баҳри ту зин.
Суол кардам дӯш аз хаёли булъаҷабат,
Ки аз чӣ ҳила шавам з-он ду лаъли шаккарчин.
Чу ёфт мӯйи ту дар кӯи дилбарӣ имкон,
Чу ёфт рӯйи ту дар роҳи ошиқӣ тамкин,
Зи ҷазъи ҳосил дарҳол шуд равон пайдо
Ба ҷодувони ҳазину ба сокинони ҳазин.
Яке ба ҳила ҳамегуфт: Мусӣ омад, ҳон!
Яке ба мужда ҳамегуфт: Исӣ омад, ҳин!

❂ ❂ ❂

Эмин зи орази ту ин хатти сиёҳи ту(?)
Гӯйӣ, ки ба Рум омад аз Занги сипоҳи ту.
Бар ғабғаби чун симат аз хатти сияҳ гӯйӣ
Мушк аст тарозанда бар турраи моҳи ту.
То абри туро дидам бар гирди маҳи равшан,
Чун раъд ҳаменолам ҳар лаҳза зи моҳи ту.

❂ ❂ ❂

Эй қабои ҳусн бар болои ту,
Мояи хубӣ рухи зебои ту.
Ёди зулфат бурд оби рӯи сабр,
Оташи ғам гашт хоки пойи ту.
Сад ҳазорон дил ба ғавғо бурдаӣ,
Шаҳр пуршӯр аст аз ғавғои ту.
Ҳар чӣ хоҳӣ аз ситамкорӣ, бикун,
Менагардад чарх ҷуз бо рои ту.
Гар ба хидмат кам расад, маъзур дор,
К-аз ғами ту нестам парвои ту.

* * *

Турки ман, эй ман саги ҳиндуи ту,
Дурам аз рӯйӣ ту, дур аз рӯйи ту.
Бар лабу чашмат ниҳодам дину дил,
Ҳарду бар тоқи хами абрӯи ту.
Ман ба гардат кай расам, чун бодро
Оби рӯят пай кунад дар кӯи ту?!
Гӯйи аз ман бигзарон, менагзарад
Ин камонро ҳам туву бозуи ту.
Нест як найранги ту бе бӯи хун,
Гар маро рангест дар паҳлӯи ту.
Рӯзро рӯят ба силӣ хост зад,
Гар на дасте барниҳодӣ мӯи ту.
Зулфи марзангӯшро даври қабул
Бо саре шуд, бо сари гесӯи ту.
Моҳӣ аз хубӣ, хато гуфтам, наӣ
Пӯст сӯи ӯст, мағз аз сӯйи ту.

* * *

Эй ҷони ман ба ҷони ту, к-аз орзуи ту
Ҳаст оби чашми ман ҳама чун оби ҷӯйи ту.
Эй ман ғуломи он хами гесӯи мушкбӯй,
Афтода дар ду пои ту аз орзуи ту.
Ҳар шаб хаёли рӯйи ту ояд ба пеши ман,
То рӯзи ман кунад ба сиёҳӣ чу мӯйи ту.
Бар банди нома мӯй ба наздики ман фирист,
То ҷон ба ҷои нома фиристам ба сӯйи ту.
Дар кӯи ту ба бӯйи ту ҷон медиҳам ба бод,
Гар бӯйи ту ба ман бидиҳад хоки кӯи ту.

❂ ❂ ❂

Ҷурми раҳӣ дӯстии рӯйи ту,
Офати савдои дилаш мӯи ту.
Дил нафаси ишқи ту танҳо занад,
Дар ҳама дилҳо ҳаваси рӯи ту.
Новаки ғамза мазан, он дон, ки ӯ
Куштаи ҳар ғамзадаи хӯи ту.
Ҳаст басе Юсуф Яъқубранг,
Пираҳане, к-ӯст дар ӯ бӯи ту.
Аз дари худ ошиқи худро марон,
Раҳм кун, ангор саги кӯи ту.

❂ ❂ ❂

Эй мардумон бигӯед, ороми ҷони ман ку,
Роҳатфизои ҳар кас, меҳнатрасони ман ку?
Номаш ҳаменаёрам бурдан ба пеши ҳар кас,
Гаҳ-гаҳ ба ноз гӯям: Сарви равони ман ку?
Дар бӯстони шодӣ ҳар кас ба чидани гул,
Он гул, ки нашкуфидаст дар бӯстони ман, ку?
Ҷонони ман сафар кард, бо ӯ бирафт ҷонам,
Боз омадан аз эшон пайдост, они ман ку?
Ҳарчанд дар камина нома ҳаменаярзам,
Дар номаи бузургон з-ӯ достони ман ку?
Ҳар кас ба хонумоне доранд меҳрубоне,
Ман меҳрубон надорам, номеҳрубони ман ку?

❁ ❁ ❁

Эй бурда дили ману ҷафо карда,
Бо фурқати хеш ошно карда.
Охир ба ҷафо маро биёзурдӣ,
Дар аввали дӯстӣ вафо карда.
Рӯй аз ту, буто, чӣ гуна гардонам,
Пушт аз ғами ишқи ту дуто карда?
Эй ранҷи фироқи рӯю мӯйи ту
Ҷону дили ман зи ман ҷудо карда.
В-он гаҳ мани мустаманди бедилро
Дар меҳнати ошиқӣ раҳо карда.

❁ ❁ ❁

Эй Эзид аз латофати маҳзат биёфарида,
В-андар канори раҳмату лутфат бипарварида.
Лаълат ба ханда тавбаи каррубиён шикаста,
Ҷазъат ба ғамза пардаи рӯҳониён дарида.
Бар гулбуни амал чу ту як шох ношукуфта,
Дар бешаи азал чу ту як мурғ нопарида.
Машшотагони олами улвӣ зи рашки хаттат
Ҳурони хулдро ба ҳавас нил баркашида.
Эй сояи камоли ту бар шаш ҷаҳон фитода,
В-овозаи ҷалоли ту дар нӯҳ фалак шунида.
Эй аз хаёли рӯйи ту андар хаёли ҳар кас,
Моҳе дигар баромада, субҳе дигар дамида.
Дар орзӯи сояи қадди ту ҳар саҳаргоҳ
Фарёди хоки кӯи ту бар осмон расида.
Моро ба ройгон бихар аз мову доғ барнеҳ,
Эй дарди доғи ишқи туро мо ба ҷон харида.

❁ ❁ ❁

Эй рухат рашки офтоб шуда,
Офтоб аз рухат батоб шуда.
Офтобест он ду оразе ту,
Зулфи ту пеши ӯ ниқоб шуда.
Зуд бинам, зи тири ғамзаи ту
Оламе сар ба сар хароб шуда.
Гарчи ҳаст, эй париваши маҳрӯ,
Бутгариро рухат маоб шуда.
Ҳаст бар оташи ғами ҳаҷрат
Ҷигари Анварӣ кабоб шуда.

❁ ❁ ❁

Ҳаргиз аз дил хабар надоштаӣ,
Бар дилам  ранҷ аз он гумоштаӣ.
Сипар афканда  осмон то ту,
Рояти ҷавр барфароштаӣ.
Кӣ хӯрад бар зи ту, ки ту ҳаргиз
Тухми пайванди кас надоштаӣ.
Ҳамраҳӣ ҷустаӣ зи ман в-он гаҳ
Дар миёни раҳам гузоштаӣ.

❂ ❂ ❂

То дили ман бурдаӣ, қасди ҷафо кардаӣ,
Не бари ман будаӣ, не ғами ман хӯрдаӣ.
Ҳаст ба наздики халқ ҷурми ману ту падид,
Ман рухи ту дидаам, ту дили ман бурдаӣ.
Эй зи мани дилшуда бе гунаҳе сар матоб,
Ё хабаре боз деҳ, гар зи ман озурдаӣ.
Дил бибарӣ в-он гаҳе бозкашӣ дил зи ман?
Ман на дар ин пардаам, гар ту дар ин пардаӣ.
Чун ба ту дорам умед, рӯй магардон зи ман,
З-он, ки маро пеш аз ин чун на чунин кардаӣ.

❂ ❂ ❂

Саҳл мегирам, чу бо мо кардаӣ,
Гарчи мегирам, ки амдо кардаӣ.
Ман худ аз савдои ту саргаштаам,
Ҳар замон бо ман чӣ сафро кардаӣ?
Киштии сабрам шикаста аз ғамат,
Чашмам аз хуноба дарё кардаӣ.
Ҷон нахоҳам бурд имрӯз аз ту ман,
Васлро чун ваъда фардо кардаӣ.
Нози дигар мекунӣ ҳар соате,
Шод бош, аҳсант, зебо кардаӣ.
Рӯи хубатро басе пуштӣ зи мӯст,
Ин далериҳо аз он ҷо кардаӣ.
Анварӣ чун дар сари кори ту шуд,
Бар сари халқаш чӣ расво кардаӣ.

❂ ❂ ❂

Мискин дилам ба доғи ҷафо реш кардаӣ,
Ҷавр аз ҳама ҷаҳон ту ба ман беш кардаӣ.
Дил реш шуд, ҳанӯз ҷафо мекунӣ бар ӯ,
Эй пурнамак, дилам ҳама пурреш кардаӣ.
Гуфтӣ, ки аз фироқ чӣ ранҷат ҳамерасад,
Оре, қиёси мо зи дили хеш кардаӣ.

❂ ❂ ❂

Бар маҳ аз анбар узор овардаӣ,
Бар паранд аз мушк мор овардаӣ.
Бар ҳарир аз қир нақш афкандаӣ,
Бар гул аз сунбул нигор овардаӣ.
Ҳар чӣ хубонро ба кор ояд зи ҳусн,
Дар хати мушкин ба кор овардаӣ.
Беш рух манмой, к-андар кори тан
Рӯҳро чун зеру зор овардаӣ.
Дӯш мекардӣ ҳисоби ошиқон,
Анвариро дар шумор овардаӣ?!

* * *

То ки дастам зери санг овардаӣ,
Ростиро, рӯзи ман шаб кардаӣ.
Аз ғами ишқи ту дил хун мехурад,
Войи он мискин, ки бо ӯ х(в)ардаӣ.
Як бирешим кам кун аз оҳанги ҷавр,
Гар на бо айём дар як пардаӣ.
Дил ҳамедуздию мункир мешавӣ,
Бозии некӯ ба кӯ овардаӣ.
Бо чунин даст андар ин бозӣ магар
Солҳо ин навъ мепарвардаӣ.
Анварӣ, дам даркашу таслим кун,
К-ин ситам бар хештан худ кардаӣ.

* * *

Доман андар пойи сабр овардаӣ,
Пас ба бедод остин бар кардаӣ.
Ҳар замон гӯйӣ чӣ хӯрдам з-они ту,
Беш аз ин чӣ б-вад, ки хунам х(в)ардаӣ.
Як ба дастам кам кун аз оҳанги ҷавр,
Гар на бо айём дар як пардаӣ.
Хун ҳамерезию фориғ меравӣ,
Бозии некӯ ба кӯ овардаӣ.
Боре аз хуни манат гар чора нест,
Ҳам ту, к-аш чун ҳам туам парвардаӣ.
Анварӣ, худкардаро тадбир чист?
Заҳр ханду хун гирӣ, худ кардаӣ!

❁ ❁ ❁

Зардрӯям зи чархи дандонхой,
Тирароям зи умри меҳнатзой.
На умеде,  ки сурх дорам рӯй,
На навиде, ки тоза дорам рой.
Бо кӣ гӯям, ки ҳаққи ман бишнос
Бо кӣ гӯям, ки банди ман бикшой?!
Аз қиёсе,  ки такягоҳи ман аст,
Бозҷустам замонаро сару пой,
Равшанам шуд, ки дар басити замин
Некаҳдӣ наёфарид  Худой.

❁ ❁ ❁

Ҷоно, ба камоли суратеӣ.
Дар ҳусну  ҷамол оятеӣ.
Васфи рухи ту чӣ гуна гӯям,
Медон, ки ба рух  қиёматеӣ.
Бо васли ту мулки Ҷам нахоҳам,
Зеро, ки тубеҳ зи мулкатеӣ.
Инсоф агар диҳем, ҷоно,
Ороста хуб суратеӣ.
Гуфтӣ, ки туроам, Анварӣ, бош,
Лекин чӣ кунам, ки соатеӣ.

❁ ❁ ❁

Гар маро рӯзгор ёр астӣ,
Кор бо ёри чун нигор астӣ.
Барнагаштӣ чу рӯзгор аз ман,
Гар на бо рӯзгор ёр астӣ?
Бар канорам зи ёр агар на, маро
Ҳама мақсуд дар канор астӣ
Нест дар бӯстони васл гуле,
Ин чӣ жож аст, кош хор астӣ.
Ҳаҷр бар ҳаҷр мешумораму ҳеч,
Бори як васл дар шумор астӣ.
Беш аз ин рӯйи интизорам нест,
Кошкӣ рӯйи интизор астӣ.
Рӯзгор аст мояи ҳама кор,
Эй дареғо, ки рӯзгор астӣ.
Бор каш, Анварӣ, ҳадис макун,
Ки агар бар харет бор астӣ,
Дар ҳама номҳот ном ҳастӣ,
Дар ҳама корҳот кор астӣ.

❁ ❁ ❁

Ҳамчун сари зулфи ту шикастӣ,
Он аҳд, ки бо раҳӣ бибастӣ.
Бадаҳд нахонамат, нигоро,
Ҳарчанд, ки аҳди ман шикастӣ.
Кас сирату хӯи ту надонад,
Ман донаму дил, чунон ки ҳастӣ.
Аз шохи вафо гулам надодӣ,
В-аз хори ҷафо дилам бихастӣ.
Аз ҳаҷри ту дар хуморам имрӯз,
Ноёфтае зи васл ҳастӣ.
Бо ин ҳама майли ман суи ту
Чун рафтани сел сӯи пастӣ
Аз ҷони ман, эй азиз чун ҷон,
Кӯтоҳ кун ин дароздастӣ.

❂ ❂ ❂

Ё бад-он рух назаре боястӣ,
Ё аз он лаб шакаре боястӣ.
Ё маро дар ғаму андешаи ӯ
Чун дили ӯ дигаре боястӣ.
Нест аз дил хабарам дар ғами ӯ,
Аз дили ӯ хабаре боястӣ.
Муддате тухми вафо кошта шуд,
Ба ҷуз уммеди баде боястӣ.
Охир ин тирашаби айши маро
Солҳо шуд, саҳаре боястӣ.
Ё раб, ин «ё раб»-и бефоида чист?
Охир инро асаре боястӣ.
Риштаи сӯҳбати моро пас аз ин
Беҳ аз ин пову саре боястӣ.
Ҳама бигзоштам охир, ба дилаш
Анвариро гузаре боястӣ.

❂ ❂ ❂

Эй дер ба даст омада, бас зуд бирафтӣ,
Оташ задӣ андар ману чун дуд бирафтӣ.
Чун орзуи тангдилон дер расидӣ,
Чун дӯстии сангдилон зуд бирафтӣ.
З-он пеш, ки дар боғи висоли ту дили ман
Аз доғи фироқи ту баросуд, бирафтӣ.
Ногашта ман аз банди ту озод, бичастӣ,
Нокарда маро васли ту хушнуд, бирафтӣ.
Оҳанг ба ҷони мани дилсӯхта кардӣ,
Чун дар дили ман ишқ бияфзуд, бирафтӣ.

❁ ❁ ❁

Чӣ ноз аст он, ки андар сар гирифтӣ,
Ба якбора дил аз мо баргирифтӣ.
Зи чӣ берун бинозӣ, даргирифтам,
Бурун з-андоза нозе баргирифтӣ.
Туро гуфтам, ки бо ман оштӣ кун,
Раҳо карда, раҳе дигар гирифтӣ.
Дареғ, он дӯстӣ бо ман ба як бор,
Шудӣ дар ҷангу хашм аз сар гирифтӣ.
Ниҳодӣ бар шакар мошураи сим,
Пас он гаҳ лаъл дар шаккар гирифтӣ.
Маро дар пойи ғам куштию рафтӣ,
Ҳавои дигаре дар бар гирифтӣ.

❁ ❁ ❁

Эй дил, ту маро ба бод додӣ,
Азбаски намудӣ устодӣ.
Аз дасти ту дар бало фитодам,
Охир, ту куҷо ба ман фитодӣ?!
Чанд аз ту маро накӯҳиш охир,
К-ам доғ ба доғ барниҳодӣ.
Озарм зи пеш баргирифтӣ,
Хуноба зи чашми ман кушодӣ.
Худрову маро ба ғам фикандӣ,
Нодида ҳанӯз ҳеч шодӣ.
Ғамхор шудаст ҷонам, эй дил,
Аз хӯрдани ғам ту шод бодӣ!

❁ ❁ ❁

Дидӣ, ки пой аз хати фармон бурун ниҳодӣ,
Дидӣ, ки дасти ҷавру ҷафо боз баркушодӣ.
Бурдам зи пойбозии ту дастбурд умре,
Бозам ба дастбозӣ ту даст барниҳодӣ.
Бар кори ман ниҳӣ ба ҷафо пой ҳар замоне,
Корам зи даст рафт, бад-ин кор чун фитодӣ?
Дар хуну хок пеши ту мегардаму зи шӯхӣ
Дар чашмат об нест, надонам, ки бар чӣ бодӣ.
Шод он замон шавӣ, ки маро дар ғаме бибинӣ,
Ғам табъ шуд маро, чу ба ғам хӯрдаӣ ту шодӣ.
Гӯйӣ аз ин пасат ба ҳама ранҷ ёр бошам,
На ранҷҳот мерасад, аҳсант, шод бодӣ!
Дар толиъам зи кас чу вафо нест, аз ту монад
Аз модари замона ба ҳар толиъе, ки зодӣ.
Ишқат ба кор бурдаму бурдам чунон-к бурдам,
Умре ба бод додиву додӣ, чунон-к додӣ.
Эй Анварит гашта фаромӯш, ёд бодат,
К-ӯро ҳанӯз дар ҳама андешаҳо ба ёдӣ.

❁ ❁ ❁

Эй дӯст, ба коми душманам кардӣ,
Бурдӣ дилу з-он пасам ҷигар х(в)ардӣ.
Чун даст зи ишқ бар сар овардам,
Аз даст шудию сар баровардӣ.
Он дӯстие чунон бад-он гармӣ,
Эй дӯст, чунин шавад бад-ин сардӣ?!
Гуфтам, ки чу рӯзгор баргардад,
Ту низ чу рӯзгор баргардӣ.
Гуфтӣ накушам чунин, маъозаллоҳ,
Дидӣ, ки ба оқибат чунон кардӣ.
Дархурди ту нест Анварӣ, оре,
Лекин ба зарураташ ту дарх(в)ардӣ.

* * *

Гар туро рӯзе зи мо ёд омадӣ,
Дил куҷо аз ғам ба фарёд омадӣ.
Хирмани андӯҳ кай мондӣ ба ҷой,
Гар зи сӯи васли ту бод омадӣ.
Кошкӣ бар дасти кори чопакӣ
Бахти мо бо чашмат устод омадӣ.
Номи бедод аз ҷаҳон бархостӣ,
Гар зи зулфат гаҳ-гаҳе дод омадӣ.
В-ар ба ҷоне васли ту мумкин шудӣ,
Ошиқат пайваста дилшод омадӣ.

* * *

Бас дилафрӯзу дилором омадӣ,
Хаҳ, баномэзад баҳангом омадӣ.
Баски будам дар пайи сайде чу ту,
Охирам имрӯз дар дом омадӣ.
Хом хондандам, ки тавба бишканам,
Чун ту бо ман бо маю ҷом омадӣ.

* * *

Гар туро табъи доварӣ будӣ,
Дар ту васфи паямбарӣ будӣ.
Олати дилбарӣ ҷамолат ҳаст,
Табъи дурбор бар саре будӣ.
Гуфтам андар ҳама мусулмонӣ
Чун туе ҳаст, кофарӣ будӣ.
Муштарӣ гар ба ту расидӣ, ҳеч
Ба дилу ҷон-т муштарӣ будӣ.
Бо ҳама зуҳд гар Увайс туро
Дида будӣ, қаландаре будӣ.

❁ ❁ ❁

Ёд медор, к-он чӣ бинмудӣ,
Дар вафо бар хилофи он будӣ.
Ҳоли ман дида дар кашокаши ҳаҷр,
Васлро ҳеч рӯй нанмудӣ.
Ноз танҳот буд одату бас,
Хуш - хуш акнун ҷафо дарафзудӣ.
Бӯсае хостам, набахшидӣ,
Нолаҳо кардаму набахшудӣ.
Ваъдаҳое диҳӣ  бад-он дерӣ,
Пас пушаймон шавӣ бад-ин зудӣ.
Ростӣ  бояд, аз лабат хиҷилам,
Ки басе харҷҳош фармудӣ,
Хидмати ман бад-ӯ расону бигӯ,
Чунӣ, аз дарди сар баросудӣ?
Анварӣ, ин чӣ шеваи ғазал аст,
Ки бад-он гӯи  нутқ бирбудӣ.
Доман аз чарх баркашид сухан,
То ту доман бад-ӯ биёлудӣ.

❁ ❁ ❁

Бедилам, эй ёр, ҳамчунон ки ту дидӣ,
Дида гуҳарбор, ҳамчунон ки ту дидӣ.
Дар кафи ишқи ту ҷони мумтаҳани ман
Ҳаст гирифтор, ҳамчунон ки ту дидӣ.
В-аз гули рухсорат, эй нигори суманбар,
Баҳраи ман хор, ҳамчунон ки ту дидӣ.
Кӯж чу чанги ту ҳамчу нолаи зер аст,
Нолаи ман зор, ҳамчунон ки ту дидӣ.
Пурсию гӯӣ: «Чӣ гунаӣ ту?» Чӣ гӯям? –
Бедилу беёр, ҳамчунон ки ту дидӣ.

* * *

Дилам бурдӣ, нигоро, в-орамидӣ,
Ҷазокаллоҳу хайран ранҷ дидӣ.
Ба ҷони чокарат ар қасд кардӣ,
Биҳамдиллаҳ, бад-он наҳмат расидӣ.
Хато гуфтам ман аз ишқат ба ҳикмат,
Маозаллаҳ, ки аз ман ин шунидӣ.
Наёбад беш аз ин донам ғаромат,
Ки хат дар дафтари ҷонам кашидӣ.
Кунун боре ба васлат дарпазирам,
Чу бо ин ҷумла айбам дархаридӣ.

* * *

Бадхӯйтарӣ, магар хабар дорӣ,
К-имрӯз таровате дигар дорӣ?
Ё медонӣ, ки бо дилу чашмам
Пайванду ҷамоли бештар дорӣ?
Рӯзе, ки ба дасти ноз бархезӣ,
Донам, зи ниёзи ман хабар дорӣ.
Дар пардаи дил чу ҳам туӣ охир,
Аз рози дилам чӣ парда бардорӣ.
Гӯйӣ, ки аз ин пасат вафодорам,
Гӯям ба вафову аҳд, агар дорӣ.
Бар пой ҷаҳӣ, ки қисса кӯтаҳ кун,
Имшаб сари мову дарди сар дорӣ.
Эй ояти ҳусн ҷумла дар шаънат,
З-ин сурати ишва сад зи бар дорӣ.
Дашном диҳӣ, ки Анварӣ, ё раб,
Чун табъи латифу шеъри тар дорӣ.
Чӣ-твон гуфтан, на аввалин доғ аст,
К-аз таъна маро ту дар ҷигар дорӣ.

❁ ❁ ❁

Рӯи чун моҳи осмон дорӣ,
Қадди чун сарви бӯстон дорӣ.
Дил ту дорӣ, ғалат ҳамегӯям,
На, ба ҷону сарат, ки ҷон дорӣ.
Дар миёни дилию хоҳӣ буд,
Хешро чанд бар карон дорӣ?
Рози ман дар ғамат чу пайдо шуд,
Рӯй то кай зи ман ниҳон дорӣ?
Гар ниҳонию бевафо, чӣ аҷаб,
Ҷонию одати ҷаҳон дорӣ!
Аз ғамат рӯй бар замин дорам,
В-аз ҷафо сар ба осмон дорӣ.
Чанд аз ин, гарчи барги ин дорам,
Чанд аз он, гарчи ҷойи он дорӣ.
Чун гаронӣ ҳаме бихоҳӣ бурд,
Сар чӣ бар Анварӣ гарон дорӣ?!

❁ ❁ ❁

Моро ту ба ҳар сифат, ки дорӣ,
Дил гум накунад зи дӯстдорӣ.
Ҳар дам ба вафо яке ҳазорам,
Гарчи ба ҷафо яке ҳазорӣ.
Ҳеҷат ғами ҳеч кас надорад,
Фаззах ту, ки ҳеч ғам надорӣ.
Умр аз ту зиёну ишва суд аст,
Маъшуқа наӣ, ки рӯзгорӣ.
Пероҳани сабри ошиқонро
Шояд, ки зи ғам қабо надорӣ.
Гӯям, ки зи дурии ту ҳастам
Дур аз ту ба сад ҳазор зорӣ.
Гӯйӣ, ки маро чӣ кор бо он,
Аҳсанту зиҳӣ сапедкорӣ.
Дар пойи ғами ту хурд гаштам,
Ҳам саркашию бузургворӣ.
Дар сар дорӣ магар, ки ҳаргиз
Дасте ба сарам фурӯ наёрӣ.
Худ аз ту надорам, Анварӣ, чашм,
К-ин қисса ба гӯш даргузорӣ.

❁ ❁ ❁

Ту гар дӯст дорӣ маро в-ар надорӣ,
Манам ҳамчунон бар сари дӯстдорӣ.
Ба ҳар даст хоҳӣ, бурун ой бо ман,
Зи ту дастбурду зи ман бурдборӣ.
Чӣ дорам зи ишқи ту, умре гузашта,
Наёрӣ бад-ин хосият рӯзгоре.
Чу гӯям, ки хорам зи ишқи ту, гӯйӣ,
Ҳам аз модари ишқ зодаст хорӣ.
Ман аз кори ту даст боре нашустам,
Зиҳӣ пойдорӣ, зиҳӣ дасткорӣ.
Ту дорӣ сари он, ки дар кори хешам,
Зи пой андарорию сар дарнаёрӣ
Дил он ҷо ниҳодам, ки аҳде бикардӣ,
Ба пойи вафо бар кадом устуворӣ.
Ҳамон беҳ, ки бо ҳуи ту дил набандам,
Ки алҳақ, чунин хуб ҳӯе надорӣ.

❁ ❁ ❁

Гирифтам, к-аз ғами ман ғам надорӣ,
Афокаллаҳ, дурӯғе ҳам надорӣ.
Ба банди ишва поям баста медор,
К-аз ин сармоя боре кам надорӣ.
Ба дашноме, ки душманро бигӯянд,
Дилам дар дӯстӣ хуррам надорӣ.
Бирав, к-андар ситамкорӣ чу олам
Назире дар ҳама олам надорӣ.
Маро гӯйӣ чу з-ин дасте, ки ҳастӣ,
Чаро пойи дилат маҳкам надорӣ?
Ҷавоби рост чун донӣ, ки талх аст,
Лаби ширин чаро барҳам надорӣ?
Дилам дар дасти туст, охир, маро низ
Дар ин як моҷаро маҳрам надорӣ.
Бидидам гарчи дарди Анвариро
Туӣ марҳам, ту ҳам марҳам надорӣ.

❁ ❁ ❁

Як дам ба муроот дилам гарм надорӣ,
Як зарра маро ҳурмату озарм надорӣ.
Ман дӯст надорам, ки туро дӯст надорам,
Ту шарм надорӣ, ки зи ман шарм надорӣ?
Ин маркаби бедоди ту тавсан чу дили туст,
В-онро чу бари хеш чаро нарм надорӣ?
Дар дафтари тундию дуруштӣ, ки ҳамоно,
Як сура барояд, ки ту он барм надорӣ.

❁ ❁ ❁

Надорам ҷуз ғами ту ғамгусоре,
На ҷуз темори ту темордоре.
Маро аз ту ғами ту ёдгор аст,
Аз ин беҳтар чӣ бошад ёдгоре?
Бидон, то рӯзгорам хуш кунӣ ту,
Бар он уммед будам рӯзгоре.
Ҳама уммед дар васли ту бастам,
Ба сар шуд умру ҳам накшод коре.

* * *

Эй кори ғами ту ғамгусорӣ,
Андӯҳи ғами ту шодхорӣ.
Аз кибр нигоҳ кард рӯят
Дар чашмаи хур ба чашми хорӣ.
Аз тобиши рӯю тоби зулфат
Шаб равшан гашту рӯз торӣ.
Фақри ғами ту зи боғи дилҳо
Барканд ниҳоли комгорӣ.
Эй шарбати бӯсаи ту шофӣ,
В-эй зарбати ғамзаи ту корӣ.
Дорӣ сари он, ки беш аз инам
Дар банди фироқи худ бидорӣ.
Гӯйӣ: – Бе ман дили ту чун аст?
Чун аст? Ба сад ҳазор зорӣ!
Рӯзе, ки ғами навам намойӣ,
Онро ба ғанимате шуморӣ.
Бо ёрон ин кунанд аҳсант,
Чашми бад дур, нек ёрӣ.
Имрӯз бар аспи ҷавр бо ман
Ҳар гӯша ҳамекунӣ саворӣ.
Тарсам фардо гаҳи мазолим
Тоби сақалулмулук н-орӣ.

❁ ❁ ❁

Бо ман андаргирифтаӣ коре,
К-он ба умре кунад ситамкорӣ.
Ростӣ зишт мекунӣ бо ман,
Рӯйи некӯ чунин кунад, оре.
Баъд аз ин ҳам бикуш, раво дорам,
Ҳеч мумкин шавад, ки як боре
Рӯзгораш гуле шукуфт аз ту,
Ки ба умре чунон ниҳад хоре.
Гӯямат: Бӯсае! Маро гӯйӣ:
«Гуфтаанд ин ҳадис бисёре»
Лекин ар ишва боядат, бидиҳам.
Набувад ёдкард хирворе.
Бӯса дар кори ту кунам, чӣ шавад,
Гар барорӣ ба хандае коре.
Чун рухонам сиёҳ хоҳӣ кард,
Сари дандон сапед кун боре.
Ҷон ба даллоли васли ту додам,
Гуфтам инро бувад харидоре.
Гуфтам, ар ройгонакам надиҳӣ,
Бихарандат ба тез бозоре.

❂ ❂ ❂

Нагуфтӣ, к-аз ин пас кунам созгорӣ,
Биномэзад, алҳақ, накӯқавл ёрӣ.
Баҳона чӣ ҷӯйӣ, карона чӣ гирӣ,
Биё, дар миён неҳ, ба ҳақ, ҳарчӣ дорӣ!
Ҳаме гӯйӣ инсофи ту бидҳам, оре,
Ту маъруф бошӣ ба инсофкорӣ.
Ҳама узри ланг аст, к-аз ту бидидем,
Сари мо надорӣ, баҳона чӣ орӣ?!
Ба инсоф бишнав чунин рост н-ояд,
Ки дил мерабоию ғам мегузорӣ.
Ғами дил чӣ гӯям, ту з-ин кор дурӣ,
Ба ҳарза чӣ кӯбӣ дари хостгорӣ?
Ҳамон беҳ, ки ин дарди сар боздорам,
Кунам бо ту дар боқӣ он дӯстдорӣ.

❂ ❂ ❂

Эй ошиқони гетӣ, ёрӣ диҳед, ёрӣ,
К-он сангдил диламро хорӣ намуд, хорӣ.
Чун дӯстони якдил дил пеши ту ниҳодам,
Баста ба дӯстӣ дил, бинмуда дӯстдорӣ.
Гуфтам, ки дил ситонам, ногоҳ дил супурдам,
Бар тамъи дилситонӣ мондам ба дилсупорӣ.
Кай бошад ин бахилӣ, бо вай ба додани дил,
Кай бошад аз лабонаш якбора созворӣ?
Гӯяд ҳаме чӣ номӣ, ёре чу ман надорӣ,
Ёрест он, ки надҳад ҳаргиз ба бӯса ёрӣ.
Душман ҳаме зи душман як рӯз дод ёбад,
Ман з-ӯ ҳаме наёбам бӯсе ба сабру зорӣ.
Ҷуз сабру бурдборӣ рӯйе ҳаме набинам,
Чун ошиқам, чӣ чора ҷуз сабру бурдборӣ.

❂ ❂ ❂

Алҳақ, на дурӯғ, мӯҳташам ёрӣ,
Нозат бикашам, ки ҷойи он дорӣ.
Нози чу туе тавон кашид, эй ҷон,
Бо ин ҳама чобукию айёрӣ.
Бо рӯйи ту дар тафаккурам, к-Эзид
Аз раҳматат офарид, пиндорӣ.
Дар ишқи ту гарданони гардунро
Гардан наниҳам ҳаме зи ҷабборӣ.
Гар сар ба фалак барам, раво бошад,
Чун сар ба касе чу ман фуруд орӣ.
Чун ошиқи зори ту шудам боре,
Аз ман маситон ба хира безорӣ .
Мафрӯш маро, чу кардам, эй дилбар,
Ғамҳои туро ба ҷон харидорӣ.
Нагзорамат, ар ба ҷон расад корам,
То бе сабабе маро ту нагзорӣ.
Гар баргардам, на Анварӣ бошам,
Аз ту ба дусад маломату хорӣ.

❂ ❂ ❂

Гирифтам, сар ба паймон дарнаёрӣ,
Сари ҷавру ҷафо боре чӣ дорӣ.
Чу ёрон гар ба пайғоме наярзам,
Ба дашноме чаро ёдам наёрӣ?
Ба ғам боре диламро шод медор,
Агар одат надорӣ ғамгусорӣ.
Ман аз васлат фуқаъ то кай кушоям,
Чу ту номам ба ях барменигорӣ?!
Шумор аз васли ту кай бартавон дошт,
Ту касро аз шуморе кай шуморӣ?!
Туро гӯям, ки беҳ з-ин бояд ин кор,
Маро гӯйӣ ту боре, дар чӣ корӣ?!
Дили бемаънии ту кай гузорад,
Ки ин маъно ба гӯш андаргузорӣ.
Туро чӣ дар миён, ғам Анварирост,
Ту бемаъно, аз ин ғам барканорӣ.

* * *

Ҷоно, агар ба ҷон-т биёбам, гарон набошӣ,
Ҷонам мабод, агар ба азизӣ чу ҷон набошӣ.
Ҳон, то қиёси кори худ аз дигарон нагирӣ,
Кори ту дигар аст, ту чун дигарон набошӣ.
Ишқат ба дил харидаму ҳаққо, ки суд кардам,
Ҷонам ба ғам бихар, ки ту ҳам бар зиён набошӣ.
Чу ман шумори ҳеч баду нек барнагирам,
Аз корҳои хеш, ки ту дар миён набошӣ.
Эй дар миёни кор кашида ба як раҳамро
Воҷиб чунон кунад, ки чунин бар карон набошӣ.
Ҷуз ҳаҷри ту ба гирди ҷаҳон достон набошад,
Бо дӯстон ба васл чу ҳамдастон набошӣ.
Гӯйӣ, ки ҷуз ба ҷону ҷаҳон ёри кас набошам,
Ҷоно, ба ҳар чӣ бошӣ, ҷуз ройгон набошӣ.
Бихрид Анварӣ-т ба ҷону ҷаҳон ба шарте,
К-аз вай ниҳону дур чу ҷону ҷаҳон набошӣ.

* * *

Маро вақте хуш аст имрӯзу ҳолӣ,
Қадаҳҳо пур кунеду ҳуҷра холӣ.
Кӣ донад, то чӣ хоҳад буд фардо,
Бизан руду биёвар бода ҳолӣ.
Гаҳе дилсӯзтар аз рӯзи ҳиҷрон,
Майе хуштар зи шабҳои висолӣ.
Зи табъи худ нахоҳад гашт гардун,
Агар з-ӯ шукр гӯйӣ ё биналӣ.
Қадаҳ бар дасти ман неҳ, то бинӯшам
Ба ёди Маҷдидин Зайнулмаъолӣ.

❁ ❁ ❁

Гар ҷону дил ба дасти ғами ту надодаме,
Пойи нишот бар сари гардун ниҳодаме.
Гар бими зулфи пурхами ту нестӣ маро,
Ин корҳои бастаи худ баркушодаме.
В-ар бар сарам набишта набудӣ қазои ту,
Шаҳре пур аз бутон, ба ту чун уфтодаме?
В-акнун чу уфтод дил андар балои ту,
Эй кош соате ба ҷамоли ту шодаме.
Гар бе ту хост буд маро умр, кошкӣ
Ҳаргиз набудамею зи модар назодаме.

❁ ❁ ❁

Як замон аз ғам наёсоям ҳаме,
То ки ҳастам, бода паймоям ҳаме.
Мекунам тадбир гуногун, валек
Бастаи тақдир накшоям ҳаме.
Чанд бошам дар вафои дилбарон,
Чун даме з-эшон наёсоям ҳаме.
Ҷону дилро дар ҳавои маҳвашон
Ҷуз ғаму темор нафзоям ҳаме.
Меравам ҳар ҷою меҷӯям мурод,
Оқибат навмед боз оям ҳаме.

❁ ❁ ❁

Бахте на бас мусоид, ёре чунон ки донӣ,
Бас роҳате надорам боре зи зиндагонӣ.
Эй бахти номусоид, боре ту худ чӣ чизӣ,
В-эй ёри номувофиқ, охир, ту бо кӣ монӣ?
Ҷоне хароб кардам дар орзуи рӯят,
Рӯзам сиёҳ кардӣ, дардо, ки менадонӣ.
Гуфтӣ, зи рафтан омад, он ки бадӣ ба рӯят,
Бояст тирарӯйӣ, рав ҷон, ки нанги ҷонӣ.
Умре ба бод додам андар пайи висолат,
То худ чӣ гуна бошад аҳволи инҷаҳонӣ.

❁ ❁ ❁

Огаҳ наӣ зи ҳолам эй ҷону зиндагонӣ,
Дардо, ки дар фироқат мебигзарад ҷавонӣ.
Умре ҳамегузорам, рӯзе ҳамешуморам,
Рӯзе чунонки ояд, умре чунонки донӣ.
Ҳаргиз зи ман надидӣ як рӯз бевафоӣ,
Ҳаргиз зи ту надидам як рӯз меҳрубонӣ.
Дар кори ман назар кун, бар ҳоли ман бубахшой,
То чанд бевафоӣ, то кай зи бадгумонӣ?!
Эй ёри номувофиқ, ранҷест бениҳоят,
В-эй бахти номусоид, корест осмонӣ.

❂ ❂ ❂

Баномэзад, ба чашми ман чунонӣ,
Ки некӯтар зи моҳи осмонӣ.
Агар чун дидаву дил будиям дӣ,
Биё, к-имрӯз чун ҷони ҷаҳонӣ.
Биё, дил, васлат арзонам баромад
Чӣ мегӯям, ба сад ҷон ройгонӣ.
Агар бо ман найӣ, бе ту наям ман,
Аҷаб, ҳам дар миён, ҳам бар каронӣ.
Хаёлат ранҷа гардад гаҳ-гаҳ охир,
Ту низ ин моя гар хоҳӣ, тавонӣ.
Туро бар ман ба дил бошад, ки ёрам,
Маро аз ту гузар набвад, ки ҷонӣ.
Ман аз ту рӯйи баргаштан надонам,
Ту гар баргардӣ аз ман, он ту донӣ.

❂ ❂ ❂

Эй ғояти айши инҷаҳонӣ,
Эй асли нишоту шодмонӣ.
Гар рӯҳ бувад, латиф рӯҳӣ,
В-ар ҷон бошад, азиз ҷонӣ.
Гуфтӣ, ки «чӣ гунаӣ ту бе мо?»,
Дур аз ту, буто, чунон-к донӣ.
Аз дарди ту сахт нотавонам,
Ранҷе биргир, агар тавонӣ
Кардем ба пурсише қаноат,
З-ин пеш ҳаме макун гаронӣ.
Гар дастрасӣ будӣ ба бӯсе,
Коре будӣ ҳазоргонӣ.

* * *

Гирди моҳ аз мушк хирман мезанӣ,
В-оташ андар хирмани ман мезанӣ,
Пардаи шабро бад-ин дурӣ чаро
Бар фарози рӯзи равшан мезанӣ?!
Ман зи савдои ту бар сар мезанам,
Ту нишаста фориғу тан мезанӣ.
Эй бибурдастӣ ба таррорӣ зи ман,
Ман надонистам,  ки ин фан мезанӣ.
Остин бишкардаӣ бар куштанам,
Табли худ бар зери доман мезанӣ.
Тири мижгонро бигӯ оҳистатар
Гуна андар рӯйи душман мезанӣ.
Бӯсае ман бар кафи поят диҳам,
Муддате он бар сари ман мезанӣ.

* * *

Дилам бурдию баргаштӣ, зиҳӣ дилдори бемаънӣ,
Чӣ буд охир туро мақсуд аз ин озори бемаънӣ.
Нигор аз ин ҷафо кардам, бидон, то ман биёзорам,
Раво дорӣ, ки хонандат ҷаҳоне ёри бемаънӣ?!
В-агар ҷойи дигар тез аст рӯзе чанд бозорат.
Машав ғарра, нигорино, бидон, бозори бемаънӣ.
Ҳамегуфтӣ, ки то умрам туро ҳаргиз бинагзорам,
Кунун ҳайрон бимондастам аз ин гуфтори  бемаънӣ.

❁ ❁ ❁

Номи васл андар забоне афканӣ,
То диламро дар гумоне афканӣ.
Рост чун ҷон бар миён бандад дилам,
Хештанро бар кароне афканӣ.
Аз ҷаҳон он дӯстдорӣ, к-оташе
Ҳар замон андар ҷаҳоне афканӣ.
Чашмат андар тирборон-ш афканад,
Зулф чун дар ҳалқа ҷоне афканӣ.
Чун қарини шодие хоҳам шудан,
Бар сипеҳри ғам қироне афканӣ.
Гар кунам дар умр дандоне сапед,
Дар наволам устухоне афканӣ.
Подшоҳӣ, дар накӯйӣ чӣ-т зиён,
Гар назар бар посбоне афканӣ?!
Толеъе дорӣ, ки хуршедӣ шавад,
Соя гар бар осмоне афканӣ.
Ҳаҷрро гӯйӣ, ки кори Анварӣ,
Бук бо ному нишоне афканӣ.
Бо сару коре чунинаш дархур аст,
Ин ки дар пойи чуноне афканӣ.

❁ ❁ ❁

Сари он дорӣ, к-имрӯз маро шод кунӣ,
Дили мискини маро аз ғамат озод кунӣ.
Хонаи сабри дилам, к-аз ғами ту гашт хароб,
З-он лаби лаъли шакарбори худ обод кунӣ.
Хоки пойи туаму з-оташи савдой маро
Барзанӣ обу ҳама андуҳ барбод кунӣ.
Охират шарм наёяд, ки ҳама умр маро,
Ваъдаи дод диҳию ҳама бедод кунӣ.
Шуд фаромӯш маро роҳи саломат зи ғамат,
Чӣ шавад, гар ба саломе дили ман шод кунӣ.

❂ ❂ ❂

Охир, эй ҷони ҷаҳон, бо ман ҷафо то кай кунӣ,
Дасти аҳд аз домани сӯҳбат раҳо то кай кунӣ?!
Чун ба ҷуз ҷавру ҷафо коре надорӣ рӯзу шаб,
Пас, маро беғораи меҳру вафо то кай кунӣ?!
Бохтам дар нарди ишқат ин ҷаҳону он ҷаҳон,
Чун ҳама дарбохтам, бо ман даға то кай кунӣ?!
Чун кулоҳи хоҷагӣ якбора бинҳодам зи сар,
Ҷони ман, пероҳани сабрам қабо то кай кунӣ?!
Аз вафои Анварӣ чун рӯй гардонидаӣ,
Шарм дор аз рӯйи ӯ, охир ҷафо то кай кунӣ?!

❂ ❂ ❂

Аз ман, эй ҷон, рӯй пинҳон мекунӣ,
То ҷаҳон бар ман чу зиндон мекунӣ.
Ошкоро гашт розам, то зи ман
Хандаи дуздида пинҳон мекунӣ.
Хуни дилҳои азизон рехтан
Гарчи душвор аст, осон мекунӣ.
Заҳра кай дорад бикардан ҳеч кас,
Он чи ту аз макру дастон мекунӣ.
Ҳар чӣ мумкин гардад аз ҷавру ҷафо,
Бо дили мискини ман он мекунӣ.

❁ ❁ ❁

Ноз аз андоза берун мекунӣ,
В-аз ҷигар хӯрдан дилам хун мекунӣ.
Ҳарчи ман аз саркашӣ кам мекунам,
Дар кулаҳдорӣ ту афзун мекунӣ.
Моҳи рухсорат на бас дар меғи ҳаҷр,
Низ бо ин ҷаври гардун мекунӣ.
Чун ба як навъ аз ҷафо тан дардиҳем,
Тоза сад навъи дигаргун мекунӣ.
Ин-т дасте, к-андар ин бозӣ турост,
Нек хор аз пой берун мекунӣ.
Ҳар замон гӯйӣ, ки ман нек оварам,
Ин сухан боре бигӯ, чун мекунӣ?
Дар ҳисоби Анварӣ ҳаргиз набуд,
К-аз ту ин ояд, ки акнун мекунӣ.

❁ ❁ ❁

Боз оҳанги балое мекунӣ,
Қасди ҷони мубталое мекунӣ.
Бо вафодоре, ки дар банди ту шуд,
Ҳар замон қасди ҷафое мекунӣ.
Кай шавад воқиф касе бар табъи ту,
З-он ки турфа шаклҳое мекунӣ.
Гаҳ-гаҳе гар мекунӣ моро талаб,
Он на аз дил, аз риёе мекунӣ.
Кимиёи васли ту н-ояд ба даст,
З-он ки ҳар дам кимиёе мекунӣ.
Ҳаст ҳам чизе дар ин зери гилем,
Ё маро «толи бақое» мекунӣ.
Гардӣ аз ушшоқ куштан шодмон,
Рост пиндорӣ, ғазое мекунӣ.

* * *

Эй ҳама чобукию зебойӣ,
Инчунин аз куҷо ҳамеойӣ.
Чун маҳи чордаҳ ба некӯйӣ,
Чун бути Озарӣ ба зебойӣ.
Маҳ нахонам туро маозаллоҳ,
Маҳ ниҳонаст то ба пайдойӣ.
Моҳ сарду тар асту рангомез,
Шабдаву беқарору ҳарҷойӣ.
Кай тавон карданат ҳаме монанд,
Ки ту хуршеди оламоройӣ.

* * *

Хаҳ, марҳабову аҳло, охир, ту худ куҷойӣ,
Аҳволи мо напурсӣ, наздики мо наёйӣ.
Мо худ намешавемат дар рӯй, агар на охир
Саҳл аст ин, ки гаҳ-гаҳ рӯйе ба мо намойӣ.
Бе хурда рост хоҳӣ, гарчи хушат наёяд,
Бадхӯи хубрӯйӣ, бегонаошноӣ.
Гуфтам: – Ғамат бикуштам – Гуфто: – Чӣ захра дорад?
Ғам он қадар надонад, к-охир ту они мойӣ.
Алҳақ ҷавоби шофӣ инак чунин-т хоҳам,
Додӣ ба як ҳадисам аз дасти ғам раҳойӣ.
Гӯйӣ бад-он маёрам, к-аз бад батар кунам ман,
Ман з-ин суханналангам, ту бо кӣ дар куҷоӣ.
На барги ин надорам, ҳон, хайр ме чӣ гӯйӣ,
Не дасти он надорӣ, ҳин зуд ме чӣ пойӣ?
Гар Анварӣ набошад кам гир тирарӯзе,
Ту кори хеш мекун, эй ҷону рӯшнойӣ.

❂ ❂ ❂

Эй хубтар зи хубӣ, некӯтар  аз накӯӣ,
Бадхӯ чаро шудастӣ, охир, маро нагӯйӣ?
Дар некуйӣ тамомӣ, дар бадхуйӣ бағоят,
Ё раб, чӣ чашмзахм аст хубитро накӯйӣ.
Гаҳ дӯстӣ намоӣ, гаҳ  душманӣ физойӣ,
Бегонаошноӣ, бадхӯи хубрӯйӣ.
Гирам, ки баргирифтӣ, дасти иноят аз ман,
Ҳар соате ба хунам дасти ҷафо чӣ шӯйӣ?
Ҷурмам ниҳию гӯйӣ, дорам ҳазори дигар,
Эй зудсер, дер аст то ту баҳонаҷӯйӣ.

❂ ❂ ❂

Қурта бикшою замоне бинишин, беш магӯй,
Рӯй бинмой, ки имрӯз чунин дорад рӯй.
Дари узру гираҳи мӯй бибанду бикушой,
Ки пазирои гираҳ шуд танам аз мӯя чу мӯй.
Эй шуда пойи дилам обила дар ҷустани ту,
Чун ба даст омадиям, дил биниҳу ҷуст  маҷӯй.
Санги ишқи ту чу бишкаст сабӯи дили ман,
Боз бояд задан охир ба ҳам ин сангу сабӯй.
Анварӣ пой нахоҳад зи гили ишқи ту шуст,
Гар ту з-ӯ даст бишӯйӣ, чӣ кунам, даст бишӯй!

## ЛУҒАТ

**Амдо-** қасдан.

**Ано- а.** ранҷ, сахтӣ; ғам, андӯҳ.

**Арбада- а.** доду фарёд, тундхӯӣ, хархаша намудан.

**Асас- а**. таър. сардори шабгардон, миршаб.

**Барандудан-** андова кардан, молидан.

**Барм-** оби кӯле, ки аз борон пайдо шудааст.

**Барг- а.** узви аз ҳаво ва аз нури офтоб ғизогирандаи дарахт ва рустаниҳо; маҷ. тӯҳфаи майда; як навъ кабоб, ки аз гӯшти нарми гӯсола ё гӯсфанд парча-парча тахия мешавад, кабоби барг; созу наво; воҳиди шумориш.

**Барот-** 1) ар. хатти озодӣ, ҳуҷҷати авфи гуноҳ; ҳуҷатте, ки дар асоси он пулу мол ба касе гузаронида мешавад; 2) тоҷ. номи рӯзи 15-уми моҳи шаъбон-моҳи 8-уми солшумории ҳиҷрии қамарӣ.

**Баҳман-** 1) моҳи ёздаҳуми соли шамсӣ(мутобиқи далв); 2) гиёҳи 2-солаи сабзранг бо гулҳои зардранг, ки решаи он хусусияти табобатӣ дорад; гули баҳман, ки бо номҳои бойчечак ва гули тағорашиканак дар байни мардум маълум аст.

**Бепоймард-** маҷ. даступогумкарда, бепою қадам.

**Булаҷаб- а.**тааҷҷубовар, аҷиб, ғалатӣ.

**Бурок (-и равза)- ар.** номи аспи Муҳаммади пайғамбар (с) , ки дар шаби меъроҷ савори он аз Макка то Байтулмуқаддас ва аз он ҷо ба осмон рафтааст; маҷ. асп.

**Волӣ- а.** таър. он, ба идораи вилояте таъйин мешуд, ҳокими вилоят.

**Вола- а.** (аслаш волеҳ) гирифтори савдои касе; тоҷ. суроб.

**Вусоқ(вусуқ) – а.** эътимод, боварӣ, итминон.

**Габр-** 1) пайрави дини оташпарастӣ; 2) як навъ ли-боси ҷангӣ, ки бо пахта ва абрешим пур ва лаганда шудааст.

**Гозур-** либосшӯй, шустагар, козур.

**Гурд –** паҳлавон, далер, шуҷоъ.

**Ғарра- а.** густох, мағрур, мутакаббир.

**Давол-** тасмаи чармин барои борбандӣ, тасмаи рикоб; тасма барои нақоразанӣ.

**Даға-** макру фиреб; маҷ. одами каҷбоз, қаллоб, фиребгар.

**Дайёр- а.** аҳли диёр, бошанда; дайрнишин, роҳиб.

**Далқ- а.** хирқа, либоси пашмини дарвешон; либоси кӯҳна ва жанда.

**Дов-** 1) навбати гашт дар бозии шоҳмот ва нард; навбати бозӣ дар қимор; 2) зиёд кардани пули қи-мор;3) даъво, иддао.4) маҷ. хонаву дар, чизу чора.

**Доӣ- а.** дуогӯй; он, ки дар байни пайравони дину оини дигар таблиғоти динӣ мекунад; маҷ. камина, банда (одатан муаллиф барои изҳори хоксории худ менависад).

**Дижам-** андӯҳгин, хашмгин; маҷ. парешон, ошуфта.

Доруззарб- а. хонаи сикка задани пул, зарробхона, зарбхона.

**Дурдикаш-** боданӯши гузаро, арақнӯши ашаддӣ.

**Жож-** гиёҳи ниҳоят сафеди бемаза, ки шутур онро дар сурати хоидан ҳам фурӯ бурда наметавонад; маҷ. сухани ҳарза, гапи беҳуда.

**Зарандуд-** он чи ба рӯйи он оби тило давонда шудааст, зарҳалкоришуда, зарнигор.

**Зариба(р) - а.** андоз, хироҷ, боҷу хироҷ.

**Зарқ- а.** дурӯягӣ, риёкорӣ, тазвир.

**Зовия- а.** дар илми ҳандаса кунҷ, гӯша; кулба

**Зуннор- а.** таър. риштае, ки ғайримусулмонон дар мамлакатҳои исломӣ бояд аз болои либос ба камар мебастанд; занҷира ё риштае, ки бо он салибро ба гардан меовезанд.

**Карона-** 1) канори чизе, канора; 2) интиҳо, поён.

**Кашӣ-** хушӣ, хушҳолӣ, тандурустӣ, зебоӣ.

**Кибр- а.** калонгирӣ, такаббур, мағрурӣ.

**Кофур – ҳ.** моддаи булӯрини сафедранги бӯйдор, ки дар тиб ва техника ба кор меравад; маҷозан сафед.

**Кобин-** пул ё мулки манқул ва ғайриманқуле, ки дар вақти никоҳ домод пардохтани онро ба арӯс ба зимма мегирад ва дар сурати занро талоқ додани шавҳар ё мурдани шавҳар бояд ба зан дода шавад; маҳр.

**Коҷ-** 1) дарахти сӯзанбарги ҳамешасабз; 2) олус, чашмкаҷ.

**Курра-** бачаи хар, асп, шутур, той, тойча.

**Курд-** яке аз халқҳои эронинажод, ки асосан дар Эрон, Ироқ, Туркия, Сурия ва дар Қафқозу Осиёи Миёна зиндагӣ мекунанд.

**Кӯж-** хамида, пуштхамида, кӯзпӯшт.

**Кӯкнор-** гиёҳест, ки аз тухми он равған мекашанд; аз шираи танаи он маводи мухаддир –чакида ва баргу пояашро ҷӯшонда, тарёк ҳосил менамоянд.

**Кӯра-** 1) оташдони оҳангарону мисгарон, иншооти махсус барои хиштпазӣ; хумдон; 2) як тӯб шоҳӣ, ки ба дувоздаҳ куртаи занона мерасад; тӯ-тӯб.

**Қалтабон-** нокас, разил; далла, даюс.

**Қир- ю.-а.** моддаи равғанмонанди сиёҳ ва часпак, ки аз нафт ҳосил мешавад ва онро барои муоличаи ҷароҳати шутурҳо кор мефармоянд, инчунин ба дарзи киштӣ мемоланд, то ки ба киштӣ об надарояд; киноя аз зулфи сиёҳ.

**Мавкиб – а.** гурӯҳи савора ё пиёда, ки дар рикоби подшоҳ мерафтанд, аҳли рикоб.

**Мазид- а.** афзунӣ, зиёдӣ, афзоиш.

**Маншур- а.** 1.интишорёфта, нашршуда, паҳншуда ба миқдори зиёд. 2. таър. фармони подшоҳӣ , ярлиғ дар бораи додани мансаб, рутба. 3. Имтиёзнома.

**Маозаллоҳ-а.** нидо паноҳ ба Худо! Худо нигоҳ до-рад!

**Мастаба- а.** суфа; таърихан оромгоҳ, мақбара дар Мисри қадим; майхона, майкада.

**Марзангӯш-** навъи райҳон, ки баргҳояш ба гӯши муш монандӣ дорад.

**Маркаб- а.** ҳайвони саворӣ (монанди асп, хар, шу-тур); хар

**Машотта- а.** зане, ки мӯйи арӯсонро оро медиҳад;ороишгар, шоназан.

**Моҳазар- а.** он чи ҳозир аст; таоми бетакаллуф, ки ҳозир ва мавҷуд аст, таоми андаки тайёр.

**Музаввар- а.** ботазвир, бардурӯғ, сохта, қалбакӣ.

**Муҳаққар- а.** ҳақир, ночиз, хурд, кӯтоҳ, миқдори каме аз чизе

**Музоиқат- а.** танг гирифтан, фишор овардан, сахтӣ, душворӣ; чизеро ба касе ҳайф шумурдан.

**Муноҷот- а.** тавалло ва зорӣ кардан ба Худо, розу ниёз; адш. яке аз унсурҳои асари бадеӣ дар адабиёти классикӣ, ки аз ситоиши Худо ва наъти пайғамбар (с.) иборат аст.

**Муҷовир- а.** 1) ҳамсоя, наздик, қариб; 2) муқим ва бошандаи назди ибодатгоҳ ва дигар ҷойҳои муқаддас.

**Муҳобо (т)** – муомилаи нағз, муомилаи боэҳтиром; тарс, бим; муболиға, воҳима кардан.

**Мӯътакиф- а.** гӯшанишин; он, ки барои ибодат масҷид ё гӯшаеро ихтиёр кардааст.

**Навола-** 1) хӯрок,тӯша, як миқдор хӯроке, ки барои касе ҷудо карда мешавад; 2) кулӯлаи хамир, луқма; 3) ризқ.

**Найранҷ-** муарраби найранг, сеҳр, афсун, макр, фиреб, тазвир.

**Насӯҳ- а.** носеҳ, насиҳаткунанда, тавбаи насӯҳ маҷозан тавбаи қатъӣ.

**Нафй – а.** 1) рад, инкор; 2) бадарға, рондан аз ҷойе ба ҷойе; 3) дар забоншиносӣ воситаи инкори фикр дар феълҳо (монанди пешвандҳои на-, но-, ма- ).

**Оз-** тамаъ, ҳирс, тангчашмӣ.

**Паранд-** матои абрешимии нафис, ҳарир, шоҳӣ; теғ, шамшер, ҷавҳари шамшер ва теғ.

**Парандӯш-** парершаб.

**Пижӯлида-** пажмурда; маҷ. ошуфта, парешон, бе-тартиб.

**Равза- а.** боғ, сабзазор, боғи биҳишт; маҷ. мақбара, марқади одамони бузург, мазор.

**Рағм- а.** кароҳат, ҳақиру хор нигаристан, ба назар нагирифтан.

**Рикоб- а.** узангу; пиёла, ҷоми май, қадаҳ, соғар.

**Ришва (т) – а.** пул ё чизе, ки барои пеш бурдани коре ё баровардани ҳукме бар хилофи қонун ба каси мансабдоре дода мешавад; пора.

**Роят (-и ҷавр)- а.** байрақ, алам, ливо.

**Роиз- а.** ромкунандаи тавсан, той, ки қобили саворӣ омӯзонандаи асп; маҷозан чобуксавор, тезгард.

**Рукӯъ- а.** 1) хам шудан, яке аз шартҳои намоз, ки намозхон то расидани ду кафи даст ба сари ду зону хам мешавад; 2) маҷ. таъзим, тавозӯъ.

**Руқъа (т) –** мактуб, хат, нома; порчаи коғаз.

**Сабӯҳ- а.** он чи субҳ (субҳона, ношто) хӯранд ё нӯшанд.

**Савмаа-** ибодатхонаи насоро, дайр; хонақоҳи шайхон ва зоҳидон.

**Сандон- а.** оҳани калони рӯ паҳн, ки оҳангарон ба рӯйи он оҳани сӯзонро монда, бо путк ё болға ба шакли даркорӣ медароранд.

**Сафро- а.** дар тибби қадим яке аз чаҳор хилти тар-кибии бадани инсон, ки онро талха ва заҳра низ гӯянд; моеи талхи зард, ки дар халтачаи заҳра ҷамъ мешавад.

**Саҷҷода- а.** ҷойнамоз, мусалло.

**Табарро – а.** безорӣ, дурӣ.

**Тавaққӯъ- а.** чашмдошт, умед; орзу.

**Тавоф- а.** гардидан гирди чизе; дар маросими ҳаҷ давр задании гирди хонаи Каъба;

**Тавсан-** аспи ҷавони ромнашуда, аспи саркаш; асп; маҷ. саркаш, гарданкаш.

**Танз- а.** тамасхур, ришханд, истеҳзо, пичинг.

**Тарф- а.** канора, канор; камарбанд, банди зарин ва нуқрагин, ки ба камар мебанданд; нигоҳ, назар, ҷунбонидани пилки чашм.

**Темор-** ғам, андӯҳ, ғусса.

**Тироз-** зинат, нақшу нигор, нақшу нигори ҷома.

**Томот- а.** суханони бесару бун, даъвоҳои беасос.

**Том(ма)- а.** муаннаси том(м); рӯзи қиёмат; маҷ. ба-лои сахт, бадбахтӣ.

**Узор- а.**( аслаш изор)  рухсора, ораз.

**Улвӣ- а**.баланд, боло; осмонӣ; он чӣ дар осмон аст;

**Фазаъ- а.** тарс , бим; беқарорӣ аз аз хавфу тарс.

**Фариза- а.** супориш ва вазифаҳои динии худофар-муда, ки иҷрои он фарз аст; вазифаи ҳатмӣ.

**Фуқаъ(фуқоъ)- а.** нӯшобаи кайфоваре, ки аз ҷав ё биринҷ тайёр мекунанд.

**Футӯҳ- а.** ҷамъи фатҳ.

**Хаммор- а.** майфурӯш, шаробфурӯш.

**Хулд- а.** бақои доим ва ҳамешагӣ; биҳишт, ҷаннат, фирдавс.

**Хирвор-** харвор; маҷозан хеле зиёд.

**Ҳарун- а.** саркаш, ноором.

**Ҳирмон- а.** маҳрамӣ, бенасибӣ, ноумедӣ.

**Ҳону ҳин-** калимаҳои нидоӣ, огоҳ бош, ҳуш дор!

**Ҳур- а.** зани бисёр хушрӯй дар ҷаннат.

**Ҳуққа- а.** қуттичаи чӯбин; сандуқчаи ҷавоҳирот.

**Ҷуъл-** пул, музд.

**Ҷавоз- а.** иҷозат, рухсат, изн; иҷозатнома, гузарнома.

**Ҷазъ- а.** навъе аз сангҳои ороишӣ, ки сафеду сиёҳ ва мӯҳраи сулаймонӣ ё яманӣ ҳам номида мешавад; оникс.

**Ҷанибат(ҷаниба) – а.** асп, аспи кӯтал, етакӣ (бештар  аспи махсуси подшоҳ); аспи радиф, аспе, ки саворон ҳамроҳи худ мебаранд.

**Шаба-** санги сиёҳи барроқи нарм, мӯҳраи сиёҳ.

**Шанг-** зебо, хушрӯй.

**Шангӣ-** шӯхӣ, зарофат.

**Шашдар-** дорои шаш дар; дар бозии нард – мавриде, ки ҳариф ҳамаи шаш хонаи тарафи муқобилро ишғол карда, ба ҳаракат додани мухраҳо имкон надиҳад; мач. оҷиз, ҳайрон.

**Шодхорӣ-** шодмонӣ, хушҳолӣ.

**Шофӣ- а.** басанда; рост, дуруст.

**Шурб- а**. нӯшидан, нӯшиш; нӯшоба, ошомиданӣ.

**Юмн- а.** бахт, толеъ, хушбахтӣ; баракат; некӣ, хубӣ.

# ХОҚОНИИ ШАРВОНӢ

**(1126-1191)**

***Зи жожхойии ҳар аблаҳе натарсам аз он-к***
***Ҳанӯз дар адам аст он ки ҳамқирони ман аст.***

Ҳассонулаҷам Афзалиддин Бадил ибни Алӣ ибни Усмон Хоқонии Ҳақоиқии Шарвонӣ аз бузургтарин шоири қасидасарои садаи дувоздаҳуми адабиёти тоҷику форс маҳсуб ме-шавад. Ба гуфти соҳибони тазокири «Оташкада», «Маҷмаъулфусаҳо», «Риёзулорифин», «Маҷолисул-мӯъминин» ва «Тароиқулҳақоиқ» номи ӯ Иброҳим буда, дар замони ҳаёташ ба Афзалуддин шӯҳрат доштааст ва ин лақаб дар мавориди мутааддид дар ашъораш омадааст. Хоқонӣ дар ибтидои шоирӣ барои худ тахаллуси "Ҳақоиқӣ"-ро интихоб карда будааст ва имрӯз дар қисми ками сурудаҳои ӯ метавон ин тахаллусро ба мушоҳида гирифт

Аммо пас аз ошноӣ бо Абулалои Ганҷавӣ ва ба воситаи ӯ роҳ ёфтан ба дарбори маъруфтарин шоҳи хонадони Шарвоншоҳиён – Манучеҳр писари Фаридуни Шарвоншоҳ, ки бо лақаби "Хоқони акбар" машҳур буд, Хоқонӣ ҳам тахаллу-си хешро аз номи ӯ гирифтааст.

Лақабе, ки дар ашъори шоир зиёдтар аз ҳама омадааст, «Ҳассонулаҷам» аст, ки гӯё аз ҷониби амми донишманди худ Кофиуддин Умар ибни Усмон, ки дар тарбияи шоир саҳми беназир дорад, гирифтааст.

Эдвард Браун ва Бадеуззаамон Фурӯзонфар 520ҳ.-ро зодсоли Хоқонӣ медонанд, ки мутобиқ ба соли 1126 м. мебошад. Зодгоҳи шоир шаҳри Шарвон аст, ки имрӯз дар хоки Озорбойҷон воқеъ аст. Хоқонӣ дар қасидаи «Қалами бахти ман шикастасар аст» дар бораи зодгоҳи худ мегӯяд:

*Айби Шарвон макун, ки Хоқонӣ,*
*Ҳаст аз он шаҳр, к-ибтидош шар аст.*
*Айби шаҳре чаро кунӣ ба ду ҳарф,*
*К-аввали шаръу охири башар аст.*

Падари Хоқонӣ Наҷибуддини Алӣ марди дуредгаре буд, ки Хоқонӣ аз баракати пешаи ӯ рӯзгори осуда дошт ва мода-

ри шоир канизаки тарсокеш буд, ки гӯё дар ҷангҳои салибӣ аз Рум ба Шарвон оварда мешавад ва пас аз ислом овардан дар он ҷо бо Алии наҷҷори шарвонӣ – падари шоир пай-ванди заношӯӣ мебандад.

Осори ин суханвари бузург ҳанӯз аз садаи 19 таваҷҷӯҳи ховаршиносонро ба худ ҷалб карда буд. Дар ин замина мақолаву рисолаҳои Н.В. Хаников, К.Г.Залеман, В. Минорский, аз олимони муосир Ю.Н. Марр, К.И.Чайкин, Е. Бертелс, Алии Абдурасулӣ, Муҳаммад Шуайб, Бадеуззамони Фурӯзонфар, Забеҳуллоҳи Сафо, Муҳаммад Муин, Абулҳусайни Зарринкӯб, Мир Ҷалолуддини Каззозӣ, Зиёуддини Саҷҷодӣ, Сайид Алии Саҷҷодӣ, Ғаффор Кандли, Ҳамид Арасли, Маъсумаи Маъданкан, Муҳаммадоғо Султонов ва донишмандони дигар ба табъ расидаанд.

Аксари тазкиранигорон ва муҳаққиқон бар онанд, ки Хоқонӣ падидоварандаи сабки тоза буда, шеваи сухан ҳам бар ӯ хатм шудааст. Худи шоир мегӯяд:

*Сухандонӣ ба кӣ хатм аст медониву мепурсӣ,*
*Фалакро бин, ки мегӯяд, ба Хоқонӣ, ба Хоқонӣ.*

Дарҳақиқат шеъре, ки дар матонату устуворӣ, ҷазолат, маънипарварӣ ва таъсирангезӣ чун шеъри Хоқонӣ бошад, бағоят кам аст:

*Суварнигори ҳадисам, вале дар он сурат,*
*Ки ҷон дар ӯ натавонам ниҳод, нангорам.*

Хоқонӣ ба сухани ноби порсӣ рӯҳи ҳикамиву фалсафӣ ворид кард. Ӯ бо табъу қареҳаи хос аз мафоҳими фалсафиву ҳикамӣ, мусталеҳоти мазҳабӣ, фарҳанги масеҳӣ, истилоҳоти улуми тиб, ахтаршиносӣ, бозиҳои кӯдакон, нарду шатранҷ, ва бисёр иштиғолоти шахсӣ шеър офаридаст. Ин аст, ки дар боби мушкилоти шеъри Хоқонӣ китобҳои шарҳ ва рисо-лаҳои маънишиносон ба вуҷуд омадааст. Азҷумла, Шайх Озарӣ дар

зимни «Ҷавоҳируласрор» абёти алоҳида ва қаси-даи тарсоии шоирро шарҳ додаст. Шоири тавонои асри 16 Урфии Шерозӣ ва муҳаққиқи маънишинос Абдулваҳҳоби Маъмурии Ғиноӣ баҳсҳои ҷолибе дар боби шеъри Хоқонӣ доир кардаанд, ки бар мабнои он шарҳи Абдулваҳҳоби Маъмурӣ бар қасоиди Хоқонӣ ба вуҷуд омадааст. Баъдтар шурӯҳи Алавии Шодиободӣ, Ризокулихони Ҳидоят, Алавии Лоҳиҷӣ ва муаққиқони дигар ба қалам омадаанд.

Хоқонӣ асосан шоири қасидасарост, вале дар ашколи шеърии рубоӣ, ғазал, қитъа, маснавӣ низ дасти расо дорад. Лозим ба ёдоварист, ки дар давоми садсолаҳо суханварони зиёде дар татаббӯи қасидаҳои Хоқонӣ шеър сурудаанд. Ба ишораи тазкиранависон қасидаи «Миръотуссафо»-и Хоқо-ниро Амир Хусрави Деҳлавӣ, Сайфи Исфарангӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Урфии Шерозӣ, Қоонии Шерозӣ ва ба ишораи бархе сарчашмаҳо беш аз 50 суханвар истиқол кардаанд.

Хоқонӣ соли 595 ҳ.қ., мутобиқ ба соли 1191 мелодӣ дар Сурхоби Табрез аз олам чашм мепӯшад.

**Мероси адабии Хоқонӣ.**

**1.Девони ашъор** – иборат аз 17 ҳазор байт буда, шомили 102 қасидаи бузург ва 110 қасидаи кӯчак, 330 ғазал, 300 рубоӣ, 290 қитъа ва 450 байти арабӣ аст. Ин девон дар соли 1316 шамсӣ дар Теҳрон бо тасҳеҳи Алии Абдурасулӣ чоп шуда ва дар соли 1338 бо тасҳеҳ, муқаддима ва таълиқоти доктор Сайид Зиёуддини Саҷҷодӣ ба нашр раидааст.

**2.«Тӯҳфатулироқайн»** – дуюмин асари маъруфи Хоқонӣ буда, зимни сафари нахустини шоир ба ҳаҷ дар қолаби маснавӣ дар 3200 байт суруда шудааст. Дар ин китоб Хоқонӣ аз моҷароҳои сафари худ ба Макка ва Ироқайн сухан мегӯяд ва ба ҳар шаҳр, ки мерасад, аз донишмандон ва суханварони он ёд мекунад.

**3.«Хатмулғароиб»** – сеюмин асари Хоқонӣ дар қолаби маснавӣ аст. Дар ин китоб ба ҳамду санои шаҳри Исфаҳон пардохта ва Садруддини Хуҷандӣ ва Ҷамолуддини Мавси-

лиро, ки аз мардони бузурги он шаҳр буданд, сутудааст. Порае аз он дар маҷаллаи «Фарҳанги Эронзамин» дар соли 1344 бо тасҳеҳ ва муқаддимаи доктор Зиёуддини Саҷҷодӣ ба чоп расидааст.

**4.«Муншаот»** – охирин асари Хоқонӣ буда, фарогири номаҳо ба бузургони рӯзгор, ёрон ва шоҳони замон аст.

**RS: Ҳамаи ашъор (ба истисони як шеър, ки ишора шудааст) аз рӯи китоби зерин интихоб шудаанд:** Девони Хоқонии Шарвонӣ. Бо муқаддимаи устод Бадеуззамони Фурӯзонфар, муассисаи интишороти «Нигоҳ», Теҳрон, 1375

## ДАР ЯКТОПАРАСТӢ ВА СИТОИШИ ҲАЗРАТИ ХАТМУЛАНБИЁ

Ҷавшани сурат бурун кун дар сафи мардон даро,
Дил талаб, к-аз дори мулки дил тавон шуд подшо.
То ту худро пой бастӣ, бод дорӣ дар ду даст,
Хок бар худ пош, к-аз худ ҳеч нагшояд туро.
Бо ту қурби қоби қавсайн он гаҳ афтад ишқро,
К-аз сифоти худ ба баъдулдмашриқин афтӣ ҷудо.
Они хешӣ, чанд гӯӣ: «они ӯям, они ӯ»,
Бош то ӯ гӯяд: «Эй ҷон, они моӣ, они мо».
Нест ошиқ гаштан илло буданаш парвонавор,
Аввалаш қурбу миёна сӯхтан, охир фано.
Лофи якрангӣ мазан то аз сифат чун оина,
К-аз дарунсӯ тирагӣ дориву берунсӯ сафо.
Оташин дорӣ забон з-он дилсиёҳӣ чун чароғ,
Гирди худ гардӣ, аз он тардоманӣ чун осиё.
Рахт з-ин гунбад бурун бар то ҳаёте боядат,
З-он ки то дар гунбадӣ, бо мурдагони ҳамвато.
Нафси Исо ҷуст хоҳӣ, роҳ кун сӯи фалак,
Нақши Исо дар нигористони роҳиб кун раҳо.
Бар дари фақр ой то пеш оядат сарҳанги ишқ,
Гӯяд: Эй соҳибхироҷи ҳар ду гетӣ андар о.
Шурб узлат сохтӣ аз сар бибар оби ҳавас,
Боғи ваҳдат ёфтӣ, аз бун бикан бехи ҳаво.
Бо қатори хук дар Байтулмуқаддас по манеҳ.
Бо сипоҳи пил бар даргоҳи байтуллаҳ маё.
Сар бинеҳ, к-ин ҷо сареро сад сар ояд дар иваз,
Балки бар сар ҳар сареро сад кулоҳ ояд ато.
Ҳар чӣ ҷуз нуруссамовот аз Худоӣ узл кун,
Гар туро машкути дил рӯшан шуд аз мисбоҳи «ло».
Чун расидӣ бар дари «ло» садри Илло ҷӯй аз он-к,
Каъбаро ҳам дид бояд, чун расидӣ дар Мино.
В-ар ту аъмо будаӣ, бар дӯши Аҳмад дор даст,
К-андар ин раҳ қосиди ту Мустафо беҳ, Мустафо.

Ӯст мухториХудову чарху арвоҳу ҳавос,
З-он гирифтанд аз вуҷудаш миннати бемунтаҳо.
Ҳашт хулду ҳафт чарху шаш ҷиҳат аз панҷ ҳис,
Чор аркон аз се арвоҳу ду кавн аз як Худо.
Чун маро дар наъти чун ӯе равад чандин сухан,
Аз ҷаҳон бар чун мане то кай равад чандин ҷазо.

## МАТЛАИ ДУЮМ

Кори ман боло намегирад дар ин шеби бало.
Дар мазиқи ҳодисотам бастаи банди ано.
Мекунам ҷаҳде, к-аз ин хазрои хазлон бигзарам,
Ҳаббазо, рӯзе, ки ин тавфиқ ёбам, ҳаббазо.
Субҳи охир дидаи бахтам чунон шуд пардадар,
Субҳи аввал дидаи умрам чунон шуд камбақо.
Бо кӣ гирам унс, к-аз аҳли вафо берӯзиям,
Манн чунин берӯзиям, ё нест дар олам вафо.
Дар ҳама Шарвон маро ҳосил наёмад ним дӯст,
Дӯст худ номумкин аст, эй кош, будӣ ошно.
Ман Ҳусайни вақту ноаҳлон Язиди шумри ман,
Рӯзгорам ҷумла Ошурову Шарвон Карбало.
Эй Ироқаллоҳа ҷорак, нек машғулам ба ту,
В-эй Хуросон умракаллаҳ сахт муштоқам туро.
Гарчи ҷон аз равзани чашм аз шумо берӯзӣ аст,
Аз даричай гӯш мебинад шуоoти шумо.
Узри ман донед, к-ин ҷо пойбасти модарам,
Ҳадяи ҷонам равон доред бар дасти сабо.
Ташнаи дилтафтаам аз Даҷла оредам шароб,
Дардманди зорам аз Бағдод соэедам даво.
Бӯи роҳат чун тавон бурд аз мизоҷи ин диёр,
Нӯшдору чун тавон ҷуст аз даҳони аждаҳо.
Пеши мо бинӣ каримоне, ки гоҳи моида,
Мокиён бар дар кунанду гурба дар зиндонсаро.
Гар барои шӯрбое бар дари инҳо шавӣ,
Аввалат сикбо диҳанд аз чеҳра, он гаҳ шӯрбо.
Мардум, эй Хоқонӣ, аҳреман шуданд аз хашму зулм,
Дар адам нех рӯй, к-он ҷо бинӣ инсофу ризо.

## ДАР ИШТИЁҚИ ХУРОСОН БА ВАҚТЕ КИ ӮРО АЗ РАФТАН МАНЪ МЕ-КАРДАНД

Чи сабаб сӯи Хуросон шуданам нагзоранд,
Андалебам, ба гулистон шуданам нагзоранд.
Нест бӯстони Хуросонро чун ман мурғе,
Мурғам, овах сӯи бӯстон шуданам нагзоранд.
Ганҷу дурҳо натавон бурд ба дарёи Ироқ,
Гар ба бозори Хуросон шуданам нагзоранд.
На, на, сарчашмаи ҳайвон ба Хуросон хезад?
Чун на Хизрам ба сари он шуданам нагзоранд.
Чун Сикандар ману таҳвил ба зулмоти Ироқ,
Ки сӯи чашмаи ҳайвон шуданам нагзоранд.
Исиям, манзили ман боми чаҳорум фалак аст,
Ки ба ҳаштум дари ризвон шуданам нагзоранд.
Ҳамчу Исӣ гулу райҳон зи нафас бардиҳамат,
Гарчи назди гулу райҳон шуданам нагзоранд.
Чи исоат зи ман омад, ки бад-ин ташнадилӣ,
Ба сӯи машраби эҳсон шуданам нагзоранд.
Ё чун обест чунон поку ман олуда чунин,
Ба ҷанобат сӯи Қуръон шуданам нагзоранд.
Ё ман он пили ғиревони дари Абраҳаам,
Ки сӯи Каъбаи дайён шуданам нагзоранд.
Оре, афлоки маолист Хуросон, чи аҷаб,
Ки бар афлок чу шайтон шуданам нагзоранд.
Ман ҳамерафтам боре ҳама роҳ шодондил,
Дил надонист, ки шодон шуданам нагзоранд.
Рай харос[1] асту Хуросон шуда айвони Ирам,
Дар ҳаросам, ки ба айвон шуданам нагзоранд.
Дар хароси Рай аз айвони Хуросон пурсам,
Гарчи ин тоифа пурсон шуданам нагзоранд.

1. харос-осиёе, ки бо қувваи чорпоён мегардад. Низомӣ мегӯяд:
Зи ҳар чав, ки андохтам дар харос,
Дурре боздодам ба ҷавҳаршинос.

Гардани ман чу танобест ки аз гови харос,
Сӯи равғанкада меҳмон шуданам нагзоранд.
Ҳастам он нутфаи мазғашуда к-аз баъди се моҳ,
Хун шавам боз, ки инсон шуданам нагзоранд.
Аз хурӯсони Хуросон чу мане нест чи шуд,
Ки гаҳи субҳ хурӯшон шуданам нагзоранд.
Манам он субҳи нахустин, ки чу бикшоям лаб,
Хуш фурӯ хандаму хандон шуданам нагзоранд.
Нобаҳангомбаҳорам, ки ба даймаҳ шукуфам,
Ки ба ҳангомаи найсон шуданам нагзоранд.
Дарди дил дораму дармон-ш Хуросон зи сарон,
Худ сазад, к-аз пайи дармон шуданам нагзоранд.
Ҷонам он ҷост ба дарёи талаб ғарқа магар,
Кӯҳ гирам, ки сӯи ҷон шуданам нагзоранд.
Гар чу харгӯш кунам пайравии шер чи суд,
Ки чу оташ ба найистон шуданам нагзоранд.
Баҳри фирдавси Хуросон ба дари дӯзахи Рай,
Чӣ нишинам, ки ба пинҳон шуданам нагзоранд.
Бозгардам чу ситора, ки шавад роҷеъ аз он-к,
Мустақими раҳи имкон шуданам нагзоранд.
Бозпас гардаму чун ашки ғаюрон аз чашм,
Ки зи ғайрат сӯи мижгон шуданам нагзоранд.
Муштаривор ба Ҷавзои дурӯям ба вубол,
Чи кунам, чун сӯи сартон шуданам нагзоранд.
Бӯи мушки суханам мағзи Хуросон бигирифт.
Меравад бӯй, гар ишон шуданам нагзоранд.
Гӯйи ман сад пай аз он сӯй сари майдон шуд,
Гарчи бо гӯй ба майдон шуданам нагзоранд.
Файди[1] бефоида бинам Райу ман файднишин,
Ки сӯи каъбаи имон шуданам нагзоранд.
Равзаи поки ризо дидан агар туғён аст,
Шояд ар бар раҳи туғён шуданам нагзоранд.
В-ар ба Бастом шудан низ зи пайи сомонест,
Пас сарон бесару сомон шуданам нагзоранд.

1. Файд – номи шаҳре дар нимароҳи Кӯфа ба Макка.

Ин ду содиқ – хираду рой, ки мизони диланд,
Бар пайи ақраби исён шуданам нагзоранд.
В-ин дилу ақл, ки пайкони раҳи тавфиқанд,
Бар сари шаҳраҳи хазлон шуданам нагзоранд.
Дорам ихлосу яқин компарастӣ накунам,
К-он ду шеранд, ки сагбон шуданам нагзоранд.
Ақлу исмат, ки маро тоҷи фароғат доданд,
Бар сари мансаби девон шуданам нагзоранд.
Манам он Кова, ки таъйиди фаридуниву бахт,
Толиби кӯраву сандон шуданам нагзоранд.
Дилам аз ишқи Хуросони камавтон бигирифт[1],
В-ин дилу ишқи ба автон шуданам нагзоранд.
Аз ватан дураму уммеди Хуросонам нест,
Ки бад-он мақсади кайҳон шуданам нагзоранд.
Вайҳак, он муми ҷудомонда зи шаҳдам, ки кунун,
Маҳраму мӯҳри Сулаймон шуданам нагзоранд.
Фитна аз ман чи нависад, ки маро донишу дин,
Ду рақибанд, ки фаттон шуданам нагзоранд.
Тарси ҷоҳу ғами ҷон дораму ин ҳарду сабаб,
Ба Хуросон сӯи ихвон шуданам нагзоранд.
Ҳама бар ҷоҳ ҳаметарсаму бар ҷон, ки мабод,
Чоҳу ҷоне, ки таносон шуданам нагзоранд.
Ҳирқилам,[2] меҳри набӣ варзаму душман дорам,
Тоҷу тахте, ки мусалмон шуданам нагзоранд.
Ҳам гузоранд, ки гӯйи сари майдон гардам,
Гар хилоли буни дандон шуданам нагзоранд.
Он бухорам бо ҳаво баршуда аз баҳр ба баҳр,
Бозпас гашта, ки борон шуданам нагзоранд.
Он шарорам, ки ба қувват нарасам сӯи асир,
Чун шиҳоб ахтари рахшон шуданам нагзоранд.
Гир фармон надиҳандам ба Хуросон рафтан,
Боз Табрез ба фармон шуданам нагзоранд.

1. Камавтон гирифтан – нобуда ангоштан ва надида гирифтан
2. Ҳирқил – қайсари Рум аст, ки даъвати Паёмбари исломро дар мавриди ислом овардан пинҳонӣ пазируфт ва аз румиён пинҳон дошт.

Аз пайи илм ду ҷо мактабу дӯкон дорам,
На ба мактаб, на ба дӯкон шуданам нагзоранд.
Ҳар чӣ андӯхтам ин тоифаро ришва диҳам,
Бӯ, ки дар роҳ гаравгон шуданам нагзоранд.
Ногузир аст маро тӯъмаи мӯрон додан,
Гар на мӯрон ба сари хон шуданам нагзоранд.

## ДАР СИТОИШИ ХУРОСОН

Накҳати ҳуроcт, ё ҳавои Сифоҳон,
Ҷабҳати Ҷавзост, ё лиқои Сифоҳон.
Давлату миллат ҷаноба зод чу Ҷавзо,
Модари бахти ягоназои Сифоҳон.
Чун зари Ҷавзоӣ ахтарони сипеҳранд,
Сахта ба мизони азкиёи Сифоҳон.
Балки чу Ҷавзо ҷаноб[1] бурд ба рифъат,
Хоки ҷаноби Ирамнамои Сифоҳон.
Балки чу Ҷавзо ду меваанд ҷуноба,
Аршу ҷаноби ҷаҳонгушои Сифоҳон.
З-он нафаси «**иставо**» зананд «**ало ал-арш**[2]»,
К-аз бари арш омад истивои Сифоҳон[3].
Хоки Сифоҳон ниҳолпарвари Сидра-ст,
Сидраи тавҳид мунтаҳои Сифоҳон.
Дидаи хуршед чашмдард ҳамедошт,
Аз ҳасади хоки сурмазои Сифоҳон.
Лоҷарам, инак барои дидаи хуршед,
Дасти Масеҳ аст сурмасои Сифоҳон.
Чарх набинӣ, ки ҳаст ҳовани сурма,
Ранг гирифта зи сурмаҳои Сифоҳон.
Нури нахустин шиносу сури пасин дон,
Рӯҳу ҷасадро ба ҳам, ҳавои Сифоҳон.
Ярҳамакаллаҳ зад осмон, к идами субҳ,
Атсаи мушкин зад аз сабои Сифоҳон.
Дасти Хизир чун наёфт чашма дубора,
Кард таяммум ба хоки пои Сифоҳон.
Чоҳи Сифоҳон мадон нишемани даҷҷол,
Маҳбити Маҳдӣ шумар финои[4] Сифоҳон.
Чатри сиёҳ аст холи чеҳраи мулкат,
З-он сияҳи(й)и хол дон зиёи Сифоҳон.

1. Ҷаноб – гарав, бозӣ тариқи шартбандӣ
2. Ало ал-арш – ишора ба ояти 5-и сураи Тоҳо – «ар-раҳмону ало ал-арши иставо».
3. Яъне Исфаҳон бо арш паҳлӯ мезанад.
4. Фино-гирдогирди ( сарои Сифоҳон)

Мурғи замири маро васияти анқост,
«Ё лака мин» булбули салои Сифоҳон.
Қулту лимоил ҳаёти. «Ҳал лака айни?»
Қолу наъам: Каффи ағниёи Сифоҳон.
Қулту ли насришшамоъи. Ҳал лака туъми,
Қола бало – ҷуди асхиёи Сифоҳон.
Рой ба Рай чист? Хезу ҷой ба Ҷай[1] ҷӯй,
К-он ки Рай ӯ дошт, дошт ройи Сифоҳон.
Пор ман аз ҷамъи ҳоҷ бар лаби Даҷла,
Хостам инсофи моҷарои Сифоҳон.
Мустамеъе гуфт: Ҳон сафовати Бағдод,
Чанд сифат пурсӣ аз сафои Сифоҳон.
Мункари Бағдод чун шавӣ, ки зи қадр аст,
**Регбуни Даҷла сарбаҳои Сифоҳон.**
Хоса, ки Бағдод хинги хоси халифа(а)ст,
Наълбаҳо[2] зебадаш баҳои Сифоҳон.
Он дигаре гуфт: К-аз закоти тани Карх,
Ҳаст нисоби Ҷайю навои Сифоҳон.
Гуфтам: Бағдод бағе[3] дораду бедод,
Дида наӣ доди боғҳои Сифоҳон.
Карх кулӯх дар сиқояи Ҷай дон,
**Даҷла ним қурбаи сиқои Сифоҳон.**
Аз хати Бағдоду сатҳи Даҷла фузун аст,
**Нуқтае аз тӯлу арзҳои Сифоҳон.**
Чун ба сари кӯҳи Қоф нуқтаи «фо» дон,
Хиттаи Бағдод дар азои Сифоҳон.
Атр кунанд аз палангмушк[4] ба Бағдод,
В-оҳуи мушк ояд аз фазои Сифоҳон.

1. Ҷай – номи қадимаи Сифоҳон.
2. Наълбаҳо – боҷест, ки ба душман медиҳанд, то сарзаминеро ба тороҷ надиҳад.
3. Бағ – Худо. Бағдод – шакли қадимаи «Бакдод»-и паҳлавӣ аст, яъне офаридаи Худо, худодод.
4. Палангмушк – номи доруи гиёҳӣ аст. Аз он ки гулаш ба раҳҳои пушти паланг ва бӯяш ба мушк монанд аст, палангмушк хондаанд.Бедмушкро низ гуфтаанд.

Фоқаи Канъон диҳад хасосати Бағдод,
Неъмати Миср оварад сахои Сифоҳон.
Байзаи Миср аст беҳ зи фурзаи Бағдод,
В-аз хати Миср аст беҳ бинои Сифоҳон.
Нил кам аз Зиндарӯду Миср кам аз Ҷай,
Қоҳира маққури подшои Сифоҳон.
Боғчаи Айни шамс гулхани Ҷай дон,
В-аз баласон[1] беҳ шумар гиёи Сифоҳон.
Ин ҳама додам ҷавоби хасму гувоҳам,
Ҳаст рафеи Райу ъалои Сифоҳон.
Муддати сӣ со ласт, к-аз сари ихлос,
Зинда чунин доштам вафои Сифоҳон.
Инки «Хатмулғароиб» охир диданд,
То чӣ сано рондаам барои Сифоҳон.
Мадҳи ду форуқи дин чи гуна кунам ман,
Садру Ҷамол[2] – он ду муқтадои Сифоҳон.
Дар сана(й) сонун алф ба ҳазрати Мавсил,
Рондам сонун алиф санои Сифоҳон.
Соҳиби ҷибрилдам, Ҷамоли Муҳаммад,
К-аз карамаш дорам истифои Сифоҳон.
Дод ҳазори ахтарам натиҷаи хуршед,
Он ба гуҳар Шеърои самои Сифоҳон.
**Пеши алоасғару атобаки акбар,**
Бурда раҳоварди ман санои Сифоҳон.
Назди Сулаймоншаҳам сутуд чу Осаф,
Гуфт, ки: Ҳо ҳудҳуди сабои Сифоҳон.
Пас чу ба Макка шудам, шудам зи буни гӯш,
Ҳалқабагӯши саносарои Сифоҳон.
Каъба ибодатситои ман шуд аз эро-к
Дид маро макраматситои Сифоҳон.

1. Баласон – гиёҳест, ки мисли дарахтаки хурд буда, аз он равғани доруӣ мегиранд. Дар Айнушшамс, ки аз тавобеи Миср аст, мерӯяд.
2. Садруддин ва Ҷамолиддини Хуҷандӣ дар назар аст, ки аз бузургони Исфаҳон буданд. Хоқонӣ онҳоро бо Умар ибни Хаттоб баробар карда, «форуқи дин» номидааст.

Каъба маро ришва дод шуққаи сабзаш,
То наниҳам Маккаро варои Сифоҳон.
Ин ҳама гуфтам ба ройгон, на бар он тамъ,
К-афсари зар ёбам аз атои Сифоҳон.
Деви раҷим, он ки буд дузди баёнам,
Гар дами туғён зад аз ҳиҷои Сифоҳон.
Ӯ ба қиёмат сапедрӯй нахезад,
З-он ки сияҳ баст бар кафои Сифоҳон.
Аҳли Сифоҳон маро бадӣ зи чӣ гӯянд,
Манн чи хато кардам ба ҷойи Сифоҳон.
Зангор омада маро зи мис, на зар эро,
Сирка расидаш, на кимиёи Сифоҳон.
Ҷурми манн он аст, к-аз хазоини аршӣ,
Ганҷи Худоям, вале гадои Сифоҳон.
Гир гадои муҳаббатам, наям охир,
Хармагаси хони резҳои Сифоҳон.
Ганҷи Худоро ба ҷурми дузд нагиранд,
Ин написанданд зи асфиёи Сифоҳон.
Дасту забонаш чаро надод буридан,
Мӯҳтасиби шаҳру пешвои Сифоҳон.
Ё ба сари дор-бар чаро накашидаш,
Шаҳнаи инсофу кадхудои Сифоҳон.
Ҷурм зи шогирд, пас итоб бо устод,
Ин-т бад истод аз асдиқои Сифоҳон.
Кардаи қассор, пас уқубати ҳаддод,
Ин масал аст они авлиёи Сифоҳон.
Ин магар он ҳукми божгунаи Миср аст,
Оре, миср аст рустои Сифоҳон.
Бавр сари ин ҳукмнома мӯҳр набандад,
Пири шашум чарх дар казои Сифоҳон.
Кард лабам гӯши рӯзгор пур аз дурр,
Ношуда чашми ман ошнои Сифоҳон.
Бас лабу гӯшам ба ҳанзалу хасак анбошт,
Ҳам қасабаи гулщакарфизои Сифоҳон.

Сунбулаи чарх ку масоҳии маънӣ[1],
Донаи дил сояд осиёи Сифоҳон.
Рост ниҳоданд пардаҳошу ба бахтам,
Пардаи каж дидам аз ситои Сифоҳон.
Шери зару «Тахти Тоқдес» хасонро,
Боз маро ҷуфт Киннавои[2] Сифоҳон.
Во ҳазано гуфтаам ба шоҳиди ҳирбо,
З-ин гилаи ҳирбаи ҷафои Сифоҳон.
З-он гила кардам ба офтоб, ки дидам,
К-ӯст сано барқе аз санои Сифоҳон.
Гуфт: Чу барбат мазан зи роҳи забон дам,
Дам зи раҳи чашм зан чу нойи Сифоҳон.
Аз тани олам хуранд гӯшт? мабодо!
Заҳр чи гуна сазад ғизои Сифоҳон.
Дод Сифоҳон зи ибтидои кудурат,
Гарчи сафо бошад ибтидои Сифоҳон.
Себи Сифоҳон алиф фузуд дар аввал,
То хурам осеби ҷонгизойи Сифоҳон.
*Армаза қалби балоуҳу ва **соулқи**,*
*Нора Бароҳим фи балои Сифоҳон.*
*Аззаниял калбу сумма аззата калбин,*
*Савфа удови ба боқлои Сифоҳон*[3].
Ин ҳама сикбои ғам хурдам, к-охир
Бинам лавзинаи ризои Сифоҳон.
Гарчи Сифоҳон ҷазои ман ба бадӣ кард,
Ҳам ба некӯӣ кунам ҷазои Сифоҳон.
Хиттаи Шарвон, ки номдор ба ман шуд,
Гар ба харобӣ расад, бақои Сифоҳон.

---

1. Доктор Каззозӣ менависад, ки дар ин ҳол байт маънии пазируфтанӣ намедиҳад ва шояд «… гӯ масо ҷайи маънӣ» бошад. «Ҷайи маънӣ» (Исфаҳони маънӣ) – ишора ба худи шоир аст. «Масо» – масой, яъне соиш мадеҳ, озор мадеҳ. (М. Каззозӣ. Гузориши душвориҳои девони Хоқонӣ, саҳ. 460)
2. Киннаво, ё «Кини Эрач» номи лаҳни 19-ум аз 30 лаҳни Борбад.
3. Маънии абёт: Ранҷу озори Сифоҳон диламро гудохт, аммо дере нахоҳад гузашт, ки дар балои Сифоҳон оташи Иброҳимро хоҳам дид ва ин оташ бар ман гулистон хоҳад шуд. Саг маро газид, пас аз газидани саг ба зудӣ худро бо боқлои Сифоҳон дармон хоҳам кард.

Нисбат хоқон ба ман кунад чу гаҳи фахр,
Дарнигарад донишозмои Сифоҳон.
Понсади ҳиҷрат чу манн назод ягона,
То ба дугона кунам дуои Сифоҳон.
Аз дами Хоқонӣ офарини абад бод,
Бар ҷуласоуллаҳ атқиёи Сифоҳон.

## ҲАНГОМИ УБУР АЗ МАДОИН ВА ДИДАНИ ТОҚИ КИСРО

Ҳон, эй дили ибратбин, аз дида назар кун, ҳон,
Айвони Мадоинро оинаи ибрат дон.
Як раҳ зи раҳи Даҷла манзил ба Мадоин кун,
В-а дида дувум Даҷла бар хоки Мадоин рон.
Худ Даҷла чунон гиряд, сад Даҷлаи хун гӯӣ,
К-аз гармии хунобаш оташ чакад аз мижгон.
Бинӣ, ки лаби Даҷла каф чун ба даҳон орад,
Гӯӣ зи тафи оҳаш лаб обила зад чандон.
Аз оташи ҳасрат бин бирён ҷигари Даҷла,
Худ об шунидастӣ, к-оташ кунадаш бирён?
Бар Даҷла гаро нав-нав в-аз дида закоташ деҳ,
Гарчи лаби дарё ҳаст аз Даҷла закотистон.
Гар Даҷла даромӯзад боди лабу сӯзи дил,
Ниме шавад афсурда, ниме шавад оташдон.
То силсилаи айвон бигсаст Мадоинро,
Дар силсила шуд Даҷла, чун силсила шуд печон.
Гаҳ-гаҳ ба забони ашк овоз деҳ айвонро,
То бу, ки ба гӯши дил посух шунавӣ з-айвон.
Дандонаи ҳар касре панде диҳадат нав-нав,
Панди сари дандона бишнав зи буни дандон.
Гӯяд, ки ту аз хокӣ, мо хоки туем, акнун,
Гоме ду-се бар мо неҳ в-ашке ду-се ҳам бифшон.
Аз навҳаи ҷуғдулҳақ моем ба дарди сар,
Аз дида гулобе кун, дарди сари мо биншон.
Оре, чи аҷаб дорӣ, к-андар чамани гетӣ,
Ҷуғд аст пайи булбул, навҳаст пайи алҳон.
Мо боргаҳи додем, ин рафт ситам бар мо,
Бар қасри ситамкорон то худ чӣ расад хизлон.
Гӯйи, ки нагун кардаст айвони фалаквашро,
Ҳукми фалаки гардон, ё ҳукми фалакгардон.
Бар дидаи ман хандӣ, к-ин зи чӣ мегиряд,
Гирянд бар он дида, к-ин ҷо нашавад гирён.

Не золи Мадоин кам аз пиразани Кӯфа,
На ҳуҷраи танги ин камтар зи танӯр он?
Донӣ чӣ? Мадоинро бо Кӯфа баробар неҳ,
Аз сина танӯре кун в-аз дида талаб тӯфон.
Ин аст ҳамон айвон, к-аз нақши рухи мардум,
Хоки дари ӯ будӣ девори нигористон.
Ин аст ҳамон даргаҳ, к-ӯро зи шаҳон будӣ,
Дайлам малики Бобул, ҳинду шаҳи Туркистон.
Ин аст ҳамон суффа, к-аз ҳайбати ӯ бурдӣ,
Бар шерри фалак ҳамла шерри тани шодурвон.
Пиндори ҳамон аҳд аст, аз дидаи фикрат бин,
Дар силсилаи даргаҳ, дар кавкабаи майдон.
Аз асп пиёда шав, бар натъи замин неҳ рух,
Зери пайи пилаш бин, шаҳмот шуда нӯъмон.
Не, не, ки чу Нӯъмон бин пилафкани шоҳонро,
Пилони шабу рӯзаш гашта ба пайи даврон.
Эй бас паша пилафган, к-афганд ба шаҳ пиле,
Шатранҷии тақдираш дар мотгаҳи ҳирмон.
Маст аст замин зеро хӯрдаст ба ҷойи май,
Дар коси сари Ҳурмуз хуни дили Нӯшервон.
Бас панд, ки буд он гаҳ бар тоҷи сараш пайдо,
Сад панди наваст акнун дар мағзи сараш пинҳон.
Кисрову турунҷи зар, Парвезу биҳи зарин,
Барбод шуда яксар, бо хок шуда яксон.
Парвез ба ҳар базме заррин тара густурдӣ,
Кардӣ зи бисоти зар заррин тараро бистон.
Парвез кунун гумм шуд, з-он гумшуда камтар гӯ,
Зарринтара ку, бархон? Рав «Камтара ку[1]» бархон.
Гуфтӣ, ки куҷо рафтанд он тоҷварон, инак
З-эшон шиками хокаст обистани ҷовидон.

1. Ишора ба сураи Духон, оятҳои 24 то 27; Дарёро ором пушти сар гузор, ки он лашкар ғарқшудагонанд. 25 Баъд аз худ чӣ боғҳову чашмасорҳо бар ҷой гузоштанд, 26 ва киштзорҳову хонаҳои некӣ 27 ва неъмате, ки дар он ғарқи шодмонӣ буданд.

Бас дер ҳамезояд обистани хок, оре
Душвор бувад зодан, нутфа ситадан осон.
Хуни дили Ширин аст он май, ки диҳад разбун,
З-обу гили Парвез аст, он хум, ки ниҳад деҳқон.
Чандин тани ҷabборон, к-ин хок фурӯ хурдаст,
Ин гурсиначашм охир ҳам сер нашуд з-эшон.
Аз хуни дили тифлон сурхоби рух омезад,
Ин золи сапедабрӯ в-ин моми сияҳпистон.
Хоқонӣ аз ин даргаҳ дарюзаи ибрат кун,
То аз дари ту з-ин пас дарюза кунад хоқон.
Имрӯз гар аз султон ринде талабад тӯша,
Фардо зи дари ринде тӯша талабад султон.
Гар зоди раҳи Макка туҳфа-ст ба ҳар шаҳре,
Ту зоди Мадоин бар тӯҳфа зи пайи Шарвон.
Ҳар кас барад аз Макка субҳа зи гули ҳамза,
Пас ту зи Мадоин бар субҳа зи гули салмон.
Ин баҳри басират бин, бе шарбат аз ӯ магзар,
К-аз шатти чунин баҳре лабташна шудан натвон.
Ихвон, ки зи раҳ оянд, оранд раҳоварде,
Ин қитъа раҳоvард аст аз баҳри дили ихвон.
Бингар, ки дар ин қитъа чи сеҳр ҳамеронад,
Маҳтуки масеҳодил, девонаи оқилҷон.

## ИН ҚАСИДАРО ДАР МАРСИЯИ ФАРЗАНДИ ХЕШ АМИР РАШИДАДДИН СУРУДА ВА ОНРО «ТАРАННУМУЛМАСОИБ» ГӮЯНД

Субҳгоҳе сари хуноби ҷигар бикшоед,
Жолаи субҳидам аз наргиси тар бикшоед.
Дона-дона гуҳари ашк бибоpед чунон-к
Гираҳи риштаи тасбеҳ зи сар бикшоед.
Хок лабташнаи хун аст зи сарчашмаи дил,
Оби оташзада чун чоҳи сақар бикшоед.
Нав-нав аз чашмаи хуноб чу гул ту бар ту,
Рӯйи парчиншуда чун суфраи зар бикшоед.
Сели хун аз ҷигар оред сӯи боми димоғ,
Новадони мижаро роҳи гузар бикшоед.
Аз забар сел ба зер ояду селоб, шумо
Гарчи зер аст раҳаш сӯи забар бикшоед.
Чун сиёҳии инаб, к-об диҳад сурх, шумо
Сурхии хун зи сиёҳии басар бикшоед.
Барқи хун, к-аз мижа бар лаб заду лаб обила кард,
Замҳарире зи лаби обилавар бикшоед.
Рух намакзор шуд аз ашку бубаст аз тафи оҳ,
Ба дигар ашк намакро чу шакар бикшоед.
Ба вафои дили ман нола бароред, чунон-к
Чанбари ин фалаки шӯъбадагар бикшоед.
Чун ду шаш ҷамъ бароед чу ёрони Масеҳ,
Бар ман ин шашдари айём магар бикшоед.
Дил кабуд аст чу Нили фалак ар битвонед,
Боми хумхонаи нилӣ ба табар бикшоед.
З-ин ду нони фалак ар хончаи дунон бинед,
То набинам, ки даҳон аз пайи хвар бикшоед.
Аз тараб рӯза бигиреду ба хунрези сиришк,
На ба хонрезаи ин хончаи зар бикшоед.
Ба ҷаҳон пушт мабандеду ба як садмаи оҳ,
Мӯҳраи пушти ҷаҳон як зи дигар бикшоед.
Гиря гар сӯи мижа роҳ надорад, мижаро
Раҳ сӯи гиря, к-аз ӯ нест гузар бикшоед.

Гар сӯи қундузи мижгон[1] нарасад Отили[2] ашк,
Роҳи Отил сӯи қундуз ба Хазар бикшоед.
Лавҳи ибрат, ки хирадрост ба каф, бархонед,
Мушкили ғусса, ки ҷонрост зи бар бикшоед.
Лӯъбати чашм ба хунинбачагон ҳомила шуд,
Роҳи он ҳомиларо вақти саҳар бикшоед.
Гар ба Ноҳид расонед чу карнои хурӯш,
Ҳашт гӯши сари он барбати кар бикшоед.
В-ар бигирйед ба дард аз дами дарёи сиришк,
**Гӯши моҳиро ҳам роҳи хабар бикшоед.**
Ғам расадвор зи лаб боҷи нафас мегирад,
Лаб зи бими расади ғам ба ҳазар бикшоед.
Ба ғами тоза шумоед маро ёри куҳан,
Сари ин бори ғами умршикар бикшоед.
Хун гушод аз дилу шуд дар ҷигарам садда[3] бубаст,
Ин бубандед ба ҷаҳд, он ба асар бикшоед.
Огаҳед аз раги ҷонам, ки чи хун мерезад,
Хун зи рагҳои дили васвасагар бикшоед.
На камед аз шаҷари раз, ки гушояд раги об,
Раги хун ҳамчу раги оби шаҷар бикшоед.
Дастхун аст дар ин қамраи хокӣ[4], ки манам,
Оҳ агар шашдараи аври қамар бикшоед.
Сеҳри чарх аз ду қувора(й) маҳу хвар хобам баст,
Банди ин соҳири ҳорутсияр бикшоед.
Ҳама ҳамхонаву ҳамдарди дили танги манед,
Маркаби хоби маро тангсафар бикшоед.
На, на чашмам пас аз ин хоб мабинод, ба хоб,
В-ар бубинад раги ҷонаш ба саҳар бикшоед.
Хоби бад дидаму аз буи хатарнокии хоб,
Нек бадранг шудам, банди хатар бикшоед.

1. Қундузи мижгон – киноя аз сиёҳии чашм
2. Отил – рӯдест, ки аз шимоли баҳри Хазар вориди он дарёча (яъне баҳри Хазар мурод аст, Т.К.) мешавад ва имрӯз ба Волга маъруф аст (маънӣ аз таълиқоти девони Хоқонӣ, саҳ. 1022)
3. Садда – гирифтани пеши чизе, монеа, банд, девор
4. Қамараи хокӣ – истиора аз дунё

Оташе дидам, к-ӯ боғи маро сӯхт ба хоб,
Сари ин оташу он боғи ба бар бикшоед.
Гар надонед, ки таъбир кунед оташу боғ,
Рамзи таъбир зи оёту сувар бикшоед.
Оре, оташ аҷалу боғи ба бар фарзанд аст,
Рафт фарзанд, шумо зевару зар бикшоед.
Нозанинони мано, мурд чароғи дили ман,
Ҳамчу шамъ аз мижа хуноби ҷигар бикшоед.
Хабари марги ҷигаргӯшаи ман гӯш кунед,
Шуд ҷигар чашмаи хун, чашми ибар бикшоед.
Ашки Довуд биборед пас аз навҳаи Нӯҳ,
То зи тӯфони мижа хуни ҳадар бикшоед.
Боди ғам ҷаст, дари лавҳу тараб барбандед,
Мавҷи хун хост, дари баҳру тазар бикшоед[1].
Сар-сари боғчаву лаб-лаби бирка биканед,
Раги мурғон зи сари сарву хазар бикшоед.
Гулшан оташ бизанеду зи сари гулбуну шох,
Норасида гулу ночида самар бикшоед.
Нахли бустону турунҷи сари айвон бибуред,
**Нахли мӯминро ҳам барг зи бар бикшоед.????????**
Хони ғамро пари товус магасрон ба чи кор,
Банди он моидаорои батар бикшоед.
Теғи сим аз даҳани тӯтии гӯё биканед,
Тавқи мушк аз гулӯи қумрии нар бикшоед.
Булбули нағмагар аз боғи тараб шуд ба сафар,
Гӯш бар нағмаи зоғон ба ҳазар бикшоед.
Гесӯи чангу раги бозӯи барбат бибуред,
Гиря аз чашми найи тезнигар бикшоед.
Маснад аз тахту мухадда зи намат баргиред,
**Ҳаҷар аз баҳву сатора[2] зи ҳаҷар бикшоед.**

1. Тазар – ин калимаро Хоқонӣ дар чор маврид ба маънии «хонаи зимистонӣ» ба кор бурдааст. (ниг. Таълиқоти девони Хоқонӣ, ба кӯшиши Зиёуддини Саҷҷодӣ, саҳ. 1023)
2. Сатора – ба фатҳи аввал, бар вазни шарора навъе аз чодар бошад, ки онро шомиёна хонанд. Ва хаймаеро низ гӯянд, ки аз порчаи бисёр нозук ҷиҳати дафъи магас дӯзанд.

Гарчи ғамхонаи моро на ҳаҷар монду на баҳв,
Ҳар чи ороиши тоқ аст, зи бар бикшоед.
Ҷайбу гесӯи вушоқону бутон боз кунед,
Тавқу дасторчаи асбу сатар бикшоед.
Парда бар рӯи сапедони суманбар бидаред,
Сохт[1] аз пушти сиёҳони ағар[2] бикшоед.
Курта бар қадди ғизолон чу қабо бишкофед,
Чашма аз чашми гавазнон чу шамар бикшоед.
Аз кулаҳ[3] куқаву аз сидра алам баргиред,
В-аз ҳамоил зару аз ҷайб дурар бикшоед.
**Сурат аз дафтару ҳулят зи қалам маҳв кунед,**
**Ҳалӣ аз ханҷару кавкаб зи сипар бикшоед.**
**Сури айвон аз дуди ҷигари тира кунед,**
**Ҳам ба шангарфи мижа рӯи сувар бикшоед.**
Дари дорулкутубу боми дабистон биканед,
Бар назора зи дару боммафар бикшоед.
Сари ангушти қаламзан чу калам бишкофид,
Бани аҷзои мақолоту самар бикшоед.
Абҳари наср зи ҳар шохи нукат бор кунед,
Ҷавҳари назм зи ҳар силки ғурар бикшоед.
**Нусхаи рух ҳама аҷму нуқат аст аз хати ашк,**
З-ӯ муаммои ғами манн ба фикар бикшоед.
Модар ар шуд, қаламу лавҳу давоташ бишикаст,
Хун бигирйед чу бар ҳар се назар бикшоед.
Манн рисолоту давовину кутуб сӯхтаам,
Дидаи биниши ин ҳоли зарар бикшоед.
Пойи нохонда расиду нафари мӯякунон,
«Во Рашидоҳ»-кунон роҳи нафар бикшоед.
Душманонро, ки чунин сӯхта дорандам ҳол,
Роҳ бидҳеду ба рӯи ҳама дар бикшоед.
Дӯстоне, ки вафошон зи азал доштаам,
**Чун дароянд раҳ аз пеши ҳашар бикшоед.**

1. Сохт – созу барги асб
2. Сиёҳони ағар – асбони сиёҳи пешонисапед
3. Куқа – тугмаи кулоҳ, гиребон, остин ва ғ

## МАТЛАИ ДУЮМ

Эй ниҳондоштагон, мӯй зи сар бикшоед,
В-аз сари мӯй сар оғӯш ба зар бикшоед.
Эй тазарвони ман он тавқ зи ғабғаб бибуред,
Тоҷи лаъл аз сару пероя зи бар бикшоед.
Офтобам гарави шому шумо баста ҳулӣ[1],
Он ҳулӣ ҳамчу ситора ба саҳар бикшоед.
Шуд шикаста камарам даст баоред аз ҷайб,
Сарзанон нудбакунон ҷайби гуҳар бикшоед.
Муҳра аз бозуву муъҷар зи ҷабин боз кунед,
Ёра[2] аз соъиду як дона зи бар бикшоед.
Мӯйбанди ба зар аз мӯи зиреҳвар бибуред,
Ақраб аз сунбулаи моҳсипар бикшоед.
Пас ба мӯйе, ки бибуррид зи бедод фалак,
Ҳама зуннор бубандеду камар бикшоед.
Гесувон бофта чун хӯша чи доред ҳанӯз,
Банди ҳар хӯша ки он бофтатар, бикшоед.
Сиккаи рӯй ба нохун бихарошед чу зар,
Чун ба ранги шафақ аз чашмаи хвар бикшоед.
Бомдодон ҳама шеван ба сари бом баред,
З-оташин оби мижа мавҷи шарар бикшоед.
Паси он каъбаи дил ҷон чу ҳаҷар бигзоред,
Ба вафо замзами хунин зи ҳаҷар бикшоед.
Онак, он маркаби чӯбин ки савораш қамар аст,
Раҳи дарвоза бар он тангмақар бикшоед.
Онак, он чашмаи ҳайвон паси зулмоти мадар[3],
Ташнагонро раҳи зулмоти мадар бикшоед.
Онак, он Юсуфи Аҳмадхӯйи ман дар чаҳу ғор,
Зевари фахру фар аз Мисру музар бикшоед.
Онак, он тозабаҳори дили ман дар дили хок,
Аз саҳоби мижа хуноби матар бикшоед.

1. Ҳулӣ – зевар, ороиш
2. Ёра – дастпона
3. Мадар – замин,хок

Сарви симин қаламзан шуду дар васфи қадаш,
Сари заррини қалам ғолия хвар бикшоед.
Сарв чун меҳргиёҳ зери замин ҷисн гирифт,
Дари ҳуснаш ба саворони сафар бикшоед.
Модараш бар сари хок аст ба хун ғарқу зи нутқ,
Дам фурӯ баста аҷаб дорам агар бикшоед.
Ин ҳама аҷз зи ашколи қадар мумкин нест,
Ки шумо мушкили ин ғам ба ҳунар бикшоед.
Уқдаи бобулиёнро[1] битавонанд кушуд,
Натавонед, ки ашколи қадар бикшоед.
Ин тавонед, ки модар ба фироқи писар аст,
Пеши модар сари тобути писар бикшоед.
Падари сӯхта дар ҳасрати рӯи писар аст,
Кафан аз рӯи писар пеши падар бикшоед.
То бубинад ки ба боғаш на суман монд на сарв,
Дари он боғ ба оину хатар бикшоед.
Аз пайи дидани ин боғ, ки Хоқонирост,
Чашмбанди амал аз чашми башар бикшоед.
Ҷои аҷз асту маро нест гумоне, ки шумо,
Гираҳи аҷз ба ангушти зафар бикшоед.

1. Уқдаи бобулиён -яъне ҷоду

## ДАР БЕМОРИИ ФАРЗАНД БА ТАЪСИР АЗ ДАРГУЗАШТИ ВАЙ ГӮЯД

Ҳосили умр чи доред, хабар боздиҳед,
Моя ҷонест аз ӯ воми назар боздиҳед.
Ҳар бароте, ки амалрост зи маълуми мурод,
Чун наронанд ба девони қадар боз диҳед.
З-оташи дил чу расад дуд сӯи равзани чашм,
Аз сӯи рахнаи дил ҷон ба шарар боздиҳед.
Чор тӯфони нав аз чор гуҳар бикшоед,
Гар шумо ҷони ситамкаш ба гуҳар боздиҳед.
Чун чароғед ҳама дар ситаду доди ҳаёт,
К-он чӣ дар шом ситонед саҳар боздиҳед.
Оби ҳар ишва, ки дар ҷайби шумо резад чарх,
Осиёвор ҳам аз домани тар боздиҳед.
Дида чун хуфт, ки то хоби бадаш бояд дид,
Дида бад кард ҷавобаш ба батар боздиҳед.
Дидаро хоб зи хун хост, ки хун орад хоб,
Ҳарчи хуни ҷигар аст, он ба ҷигар боздиҳед.
Шаҳрбандони бало гар ҳашар аз сабр кунанд,
Хона ғавғои ғамон бурд, ҳашар боз диҳед.
Бас ғарибед дар ин кӯчаи шар, кӯч кунед,
Ба муқимони нав ин кӯчаи шар боздиҳед.
Чӣ нишонед ҷамоза ба сари чашмаи оз,
Барнишинеду инонро ба сафар боздиҳед.
Бишнавед ин нафаси ғуссаи Хоқониро,
Шарҳи ин ҳодисаи умри шакар боздиҳед.
Ҳама ҳамҳолату ҳамғуссаву ҳамдарди манед,
Посухи ҳоли ман оростатар боздиҳед.
Он ҷигаргӯшаи ман назди шумо бемор аст,
Дӯш донед, ки чун буд, хабар боздиҳед.
Ҳама беморнавозону Масеҳонафасед,
Мадади рӯҳ ба бемор магар боздиҳед.
Дар илоҷаш яди байзо бинамоед магар,
К-оташи ҳусн бад он сабзшаҷар боздиҳед.

Раҳи дармон-ш биҷӯеду бикӯшед дар он-к,
Сарву хуршеди маро сояву фар боздиҳед.
Ҳар ақоқир, ки дорукадаи Бобулрост,
Ҳозир ореду баҳо бадраи зар боздиҳед.
Ҳадя поранҷи табибон ба миёнҷӣ биниҳед,
Хоби беморпарастон ба саҳар боздиҳед.
То чаки[1] офият аз ҳокими ҷон бистонед,
Хати безории осоишу хвар боздиҳед.
Сарви болон, ки зи болин сараш омад ба сутӯҳ,
Доягонро тану болин-ш ба бар боздиҳед.
Рӯзи панҷум, ба таби гарму хайи сард фитод,
Шаби ҳафтум хабар аз ҳоли дигар боздиҳед.
Х(в)ай таби гулгул бар ҷабҳати гулгун хатар аст,????
Он сафи Парвин з-он тарфи қамар боздиҳед.
Ҷав ба ҷав ҳар чӣ зани доназан аз ҷав бинамуд,
Хабари он зи шифо, ё зи хатар боздиҳед.
Қуръаандоз, к-аз абҷад сифати фол бигуфт,
Шарҳи он ҳол зи оёту сувар боздиҳед.
Донаи дурр, ки амонат ба шумо додастам,
Он амонат ба ман эмин зи зарар боздиҳед.
Моҳи ман зард чу шамъ асту забон карда сиёҳ,
Мояи нур бад-он шамъи басар боздиҳед.
Дур аз он маҳ асаре монд тани душмани ӯ,
Гар тавонед ҳаёте ба асар боздиҳед.
На, на, бемор ба ҳолест, на уммеди беҳист,
Бад батар шуд ҳама асбоби ҳазар[2]  боздиҳед.
Сездаҳ рӯз маҳи чордаҳам табзада буд,
Таб хаданги аҷал андохт, сипар боздиҳед.
Хат ба хун боз ҳамедод табиб аз паи ҷон,
Ҷон бурун шуд, чӣ ҷавобест, хуш ар боздиҳед.
Ин табибони ғалатбин ҳама мӯҳтолонанд,
Ҳамаро нусха бидарреду басар боздиҳед.

1. Чак -хати барот
2. Ҳазар  – парҳез иҷтиноб

Нӯшдоруву муфаррех̣, ки ҷаве феъл накард,
Ҳам бад-он осии[1] осеманазар боздиҳед.
Нусхаи толеъу аҳкоми бақо, к-асл надошт,
Ҳам ба каззоби сутурлобнигар боздиҳед.
Сеҳру пайранҷу тилисмот, ки суде нанамуд,
Ҳам ба афсунгари ҳорутсияр боздиҳед.
Ҳайкалу нушраву ҳирзе, ки аҷал бознадошт,
Ҳам ба таъвиздеҳи шӯъбадагар боздиҳед.
Он зуголобу сипанде, ки араз дафъ накард,
Ҳам бад-он пирзани михрақахар боздиҳед.
Риштаи пургираҳу мӯҳри таби қурроён,
Ҳам ба қурродами тасбеҳшумар боздиҳед.
Дар ҳамоил суру чанг чу судеш накард,
Чанги шеру суруи оҳуи нар боздиҳед.
Чашми бад, к-аз патару оҳану таъвиз нагашт,
Банди таъвиз бибурреду патар боздиҳед.
Барфурӯзед чароғеву биҷӯед, магар,
Ба мани рӯзфурӯрафта писар боздиҳед.
Ҷон фурӯшеду асирони аҷал боз харед,
Магар он Юсуфи ҷонро ба падар боздиҳед.
Қуввати рӯҳу чароғи мани маҷрӯҳ Рашид,
К-аз маъониш ҳама шарҳи ҳунар боздиҳед.
Диданӣ шуд ҳама нуре ба зулам дар шиканед,
Чошнии ҳама софӣ ба кадар боздиҳед.
Ба сари нохуни ғам рӯи тараб бихрошед,
Ба сарангушти ано ҷоми батар боздиҳед.
Аз бурун обиларо чора шароби кадар аст,
Чун дарун обила доред, кадар боздеҳед.
Мӯя гар ногузарон аст раҳаш бикшоед,
Нойу нӯше, ки аз ӯ ҳаст гузар боздиҳед.
Ашк агар моя гарон кард бари мӯягарон,
Воми ашк аз садафи ҷон ба гуҳар боздиҳед.
Гар нахоҳед, к-аз айвону ҳаҷар резад хун,
Нақши Навшод[2] ба айвони ҳаҷар боздиҳед.

1. Осӣ -табиб
2. Навшод – номи шаҳрест, ки мардумонаш ба хушрӯӣ машҳуранд.

Вар набояд ки шабистону тазар нолад зор,
Сарви бӯстон ба шабистону тазар боздиҳед.
Пеш к-он гавҳари тобанда ба тобут кунед,
Оби дида ба ду ёқуту дурар боздиҳед.
Пеш, к-он тунг шакар дар лаҳади танг ниҳанд,
Бӯсаи талхи видоӣ, ба шакар боздиҳед.
Пеш, к-он чашмаи хур дар чаҳи зулмот кунанд,
Нури ҳар чашм ба он чашмаи хвар боздиҳед.
Забари тахт бихобид сиҳӣ сарви маро,
Пеши тахт наззорагиён парда зи дар боздиҳед.
Бар ду абрӯш кулоҳи зари шоҳона ниҳед,
Пас ба дасташ қалами ғолиях(в)ар боздиҳед.
Н-аз ҳаҷар гавҳари рахшон бадар оред шумо,
Чун писандед, ки гавҳар ба ҳаҷар боздиҳед?
Моҳи ман чархсипар буд, раво кай доред,
Ки ба дасти замӣ моҳсипар боздиҳед.
Юсуферо, ки зи сайёра ба сад ҷон бихаред,
Бе муҳобош ба зиндони мадар боздиҳед.
Панд мадҳед маро, гар битавонед ба ман,
Он чароғи дил аз он тирамақар боздиҳед.
Тоза нахли гуҳареро ба ман ореду маро,
Баҳрае з-он гуҳаре нахли ба бар боздиҳед.
Ӯ башар буд, вале рӯҳи малак дошт, кунун,
Малакирӯҳ ба тасвири башар боздиҳед.
На, на, ҳар банд кушодан битавонед, валек,
Натавонед, ки ҷонро ба сувар боздиҳед.
Умри зоеъшударо салвати ҷон боз оред,
Насри воқеъшударо қуввати пар боздиҳед.
Ғурари сеҳр ситонед, ки Хоқонирост,
Жожи манҳул ба дуздони ғурар боздиҳед.
То тавонед ҷави пухта зи таббохи Масеҳ,
Бистонеду ҷави хом ба хар боздиҳед.

## ҲАНГОМИ ҲАБС ДАР УЗЛАТУ ҚАНОАТ ВА ТАХЛИС БА МАДҲИ ХОТАМИ АНБИЁ

Ҳар субҳ пои сабр ба доман даровaрам.
Паргори аҷз гирди сару тан даровaрам.
Аз акси хун қуробаи пур мешавад фалак,
Чун ҷуръарези дида ба доман даровaрам.
Ҳар дам ҳазор баччаи хунин кунам ба хок,
Чун лӯъбатони дида ба зодан даровaрам.
Аз заъфарони чеҳра магар нушрае кунам,
К-обастанӣ ба бахти сатарван даровaрам.
Донам, ки даҳр хатти бало бар сарам кашид,
Донад, ки сар ба хатти бало ман даровaрам.
Чун оҳи оташин занам аз ҷони оҳанин,
Симобваш гудоз ба оҳан даровaрам.
Ғам дар ҷигар зад оташи барзин марову ман,
Аз оби дида Даҷла ба барзан даровaрам.
Ғам бехи умр мебараду ман ба барги он-к,
Дасте ба шохи лаҳв ба сад фан даровaрам.
Тӯфонам аз танӯр баромад чӣ суд аз он-к,
Доман чу пиразан ба нуҳанбан даровaрам.
Бо ман фалак ба кини Сиёвушу ман зи аҷз,
Асбе зи най ба ҳарби Таҳамтан даровaрам.
Чун кӯҳ хаста сина канандам ба ҷурми он-к,
Фарзанди офтоб ба маъдан даровaрам.
Аз ҷаври ҳафт пардаи азрақ зи ашки лаъл,
Тӯфон ба ҳафт руқъаи адкан даровaрам.
Аз киштзори чарху замин, к-ин ду говрост,
Як ҷав наёфтам, ки ба хирман даровaрам.
Аз чанги ғам халос таманно кунам зи даҳр,
К-афғон ба нойу ҳалқ чу арған даровaрам.
Чун Зол бастаи қафасам, навҳа з-он кунам,
То раҳмате ба хотири Баҳман даровaрам.

Не – не, ки бо ғам аст маро унс, лоҷарам,
Марямсифат баҳор ба баҳман дароварам.
На-шгифт агар чу оҳуи Чин мушк бардиҳам,
Чун сар ба хурди сунбулу баҳман[1] даровар-дам.????
Чун дам барорам аз сари зону ба боғи ғам,
Аз шохи сидра мурғи навозан даровардам.
Зону кунам расадгаҳу дар байъи хону ҷон,
Сад корвон дарди муайян даровардам.
Ғам бухтиест тавсану ман ёри корвон,
Аз хон бе пушт бухтии тавсан даровaрам[2]
Дил тангтар зи дидаи сӯзан шудасту ман,
Бухтии ғам ба дидаи сӯзан даровардам.
Ғам тухми хуррамист, ки дар як дил афканам,
Дурдест ҷинси май, ки зи як дан[3] даровардам.
Анқои муғрибам ба ғарибӣ, ки баҳри улф,
Ғамро чу Золи Зар ба нишеман даровардам.
Дар гулшани замона наёбам насими лутф,
Дуд аз самуми ғусса ба гулшан даровардам.
Фақр аст пири моидаафкан, ки нафсро,
Бар остони пири мумаккан[4] даровардам.
Оби ҳаёт аз оташи гулхан дамад чу бод,
Гар нафси хокпош ба гулхан даровардам.
Оре, зи Ҳинд уди қиморӣ барам ба Рум,????????
Гар ҳамлҳо ба Ҳинд зи Рӯин даровардам.
Чанде нафас ба суффаи аҳли сафо задам,
Якчанд пай ба дайри бараҳман даровардам.
Чун кори олам аст шутур-гурба ман ба каф,
Гаҳ саҷда, гоҳ соғари равшан даровардам.
Аз ҳазлу ҷуд чу тифл бинагзирадам, ки даст,
Гоҳе ба лавҳу гаҳ ба фалохон даровардам.

1. Баҳман – гиёҳест, ки дар моҳи баҳман гул мекунад.
2. Ин мисраъ дар нусхаи Саҷҷодӣ чунин омадааст: Дар хон ба пушти бух-тии тавсан даровaрам. (ниг.саҳ. 240)
3. Дан – хуми калон
4. Мумаккан – сукун ва қарорёфта

Ҷинсе намонд пас ману риндон, ки баҳри роҳ,
Чун Рахш нест, пой ба кавдан даровардам.
Оҳуи мушк нест, чи чора зи гову буз,
К-аз ҳарду барги анбару лодан даровардам.
Чун чарх сарфиканда зиям, гарчӣ сарварам,
Оғӯш аз он ба хоки фурӯтан даровардам.
Душман маро шикаста кунад, дӯст дорамаш,
Ҳошо, ки ман шикаст ба душман даровардам.
Таҳдиди теғ медиҳад оваҳ, куҷост теғ,
То чун ҳали-ш даст ба гардан даровардам.
К-онро, ки теша рахна кунад фазли кон ниҳам,
Рахна чаро ба тешаи конкан даровардам.
Дар девлохи оз маро маскан асту ман,
Хатти фусуни ақл ба маскан даровардам.
Ҳиммат шавад ҳиҷоб миёни ману назар,
Гар ман назар ба олами риман[1] даровардам.
Осемасар чу гови харосам[2], ки чашмбанд,
Нагзорадам, ки дида ба равған даровардам.
Дар бӯю ранги даҳр напечам, ки раҳ равам,
Арқам наям, ки бол ба чандан даровардам.
Ман номабар кабӯтари роҳам зи ҳамраҳон,
Боз уфтам, чу дида ба арзан даровардам.
Гар хоси қурби Ҳақ нашавам восиқам бад он-к,
Рахти амон ба хулди музайян даровардам.
Ҷону дилу хирад бирасонам ба боғи хулд,
Охир мусалласе ба мусамман даровардам.
Чун хармагас зи ҷифаву хас тӯъма чун кунам,
Нахлам, ки рӯзӣ аз гулу савсан даровардам.
Чун қутам орзу кунад аз гарму сарди чарх,
Бар хони ҷон ду нони мулавван даровардам.
Бо он ки қонеъам чу Сулаймон ба меҳру моҳ,
Нонрезаҳо чу мӯр ба макман даровардам.

1. Риман-аҳриман
2. Харос – осиё

Насринро ба хӯшаи парвин бупарваранд,
То ман ба хун ду мурғи мусамман даровардам.
Марди таваккалам, назанам даргаҳи мулук,
Ҳошо, ки шак ба бахшишу зулман даровардам.
Он кас, ки дод ҷон, надиҳад нон? Бале, диҳад,
Пас куфр бошад ар ба дил ин занн даровардам.
Чун Мӯсиям шаҷар диҳад оташ чӣ ҳоҷат аст,
К-оташ зи теҳи водии Айман даровардам.
Гардуни нокас ар нахарад фазли ман равост,
Нуқсе чаро ба фазли мубарҳан даровардам.
Баҳромвор гар ба ман оранд дукдон,
Ғорат чаро ба теғу ба ҷавшан даровардам.
З-он ғам, ки офтоби карам мурд барқвор,
Шаб Зӯҳраро чу раъд ба шеван даровардам.
Ин пирзан ҳанӯз арӯси карам назод,
Пас сар чаро ба хутбаи ин зан даровардам.
Гуфтам ба тарки мадҳи салотин, мабин аз он-к,
Сеҳри мубин ба шеъри мубайян даровардам.
Ку шаҳ Туғони ҷуд, ки ман баҳри атмакӣ,
Пешаш забон ба гуфтани сан сан даровардам.
Хоқонии масеҳдамам, пас ба теғи нутқ,
Ҳамчун Калим рахнаи алкан дароварам.
Баҳри дунон ситоиши дунон кунам, мабод,
К-оби гуҳар ба санги хумоҳан дароварам.
Чун мӯи хук дар зани тарсо бувад чаро,
Тори ридои рӯҳ ба дарзан дароварам.
Ҳам наъти Ҳазрати набавӣ к-он накӯтар аст,
К-ин лаъл ҳам ба тавқу ба гардан дароварам.
Куҳҳоли донишам, ки баранд ахтарон ба чашм,
Кӯҳлулҷавоҳире, ки ба ҳован дароварам.
Гуфтам равам ба Маккаву ҷӯям дар он ҳарам,
Ганҷе, ки сар ба ҳузни муҳаззан дароварам.
Чун нест ваҷҳи зар, накунам азми Макка боз,
Ҷулбоби нестӣ ба сару тан дароварам.

Табрез ғам фузуд, маро орзу-м ҳаст,
К-ин ғам ба Арзруму ба Арман дароварам.
Хуш мақсадест армону хуш маъман Арзрум,
Ман рахти дил ба мақсаду маъман дароварам.
Чун мӯр сози хона ба ахлот даркашам,
Чун мурғ барги дона ба арзан дароварам.
Миннат барад Ироқу Рай аз ман бад-ин ду ҷой,
Баҳре зи назму насри мудавван дароварам.
Бас шукр к-аз Манижаву Гевам рассад, ки ман,
Шамъе ба чоҳи тираи Бежан дароварам.

## ДАР ШИКОЯТ АЗ ҲАБСУ БАНД ВА МАДҲИ АЗИМУРРУМ ИЗЗУДДАВЛАИ ҚАЙСАР (ҚАСИДАИ ТАРСОИЯ)

Фалак каҷравтар аст аз хатти тарсо,
Маро дорад мусалсал роҳибосо.
На рӯҳуллоҳ дар ин дайр аст, чун шуд,
Чунин даҷҷолфеъл ин дайри мино.
Танам чун риштаи Марям дуто аст,
Дилам чун сӯзани Исост якто.
Ман ин ҷо пойбасти ришта монда.
Чу Исо пойбасти сӯзан он ҷо.
Чаро сӯзан чунин даҷҷолчашм аст,
Ки андар ҷайби Исо ёфт маъво.
Либоси роҳибон пӯшида рӯзам.
Чу роҳиб з-он барорам ҳар шаб ово.
Ба сури субҳгоҳӣ баршикофам,
Салиби равзани ин боми хазро.
Шудаст аз оҳи дарёҷӯшиши ман,
Таяммумгоҳи Исо қаъри дарё.
Ба ман номушфиқанд обои улвӣ,
Чу Исо з-он ибо кардам зи обо.
Маро аз ахтари дониш чи ҳосил,
Ки ман торикам ӯ рахшанда аҷзо.
Чу роҳат мурғи Исоро зи Исо,
Ки ҳамсояст бо хуршеди азро.
Гар он Кайхусрави айвону Тур аст,
Чаро Бежан шуд андар чоҳи ялдо.
Чаро Исо табиби мурғи худ нест,
Ки аъморо тавонад кард бино.
Натиҷа духтари табъам чу Исост,
Ки бар покии модар ҳаст гӯё.
Сухан бар бикри табъи ман гувоҳ аст,
Чу бар эъҷози Марям нахли хурмо.
Чу ман н-овард понсад соли ҳиҷрат,
Дурӯғе нест, ҳо бурҳони ман, ҳо.

Барорам з-ин дили чун ҷони занбӯр,
Чу занбӯрони хунолуда ғавғо.
Забони рӯғанинам з-оташи оҳ,
Бисӯзад чун дили қандили тарсо.
Чу қандилам баровезанду сӯзанд,
Се занҷирам ниҳода дасти аъдо.
Чу Марям сарфиканда резам аз таън,
Сиришки чун дами Исо мусаффо.
Чунон истодаам пешу паси таън,
Ки истодааст алифҳои «атаъно»[1]
Маро з-инсофи ёрон нест ёрӣ,
Тазаллум карданам з-он нест ёро.
Алаллоҳ аз бади даврон Алаллоҳ,
Табарро аз Худо даврон табарро.
На аз аббосиён хоҳам маунат,
На бар салҷуқиён дорам тавалло.
Чу доди ман нахоҳад дод ин давр,
Маро чи Арслон султон, чи Буғро.
Чу Юсуф нест, к-аз қаҳтам раҳонад,
Маро чи Ибни Ёмин, чӣ Яҳудо.
Маро исломиён чун дод надҳанд,
Шавам баргардам аз ислом? Ҳошо!
Пас аз таҳсили дин аз ҳафт мардон,
Пас аз таъвилу ваҳй аз ҳафт қурро.
Пас аз Алҳамду Арраҳмону Ал каҳф,
Пас аз Ёсину То син, миму Тоҳо.
Пас аз миқоти ҳаҷҷу тавфи Каъба,
Ҷамору саъйю лаббайку Муссало.
Пас аз чандин чила дар аҳди сӣ сол,
Шавам панҷоҳа гирам ошкоро.
Маро муште яҳудифеъл хасманд,
Чу Исо тарсам аз таъни муфоҷо.

1. Агар ба калимаи «таън» – аз ду тараф «алиф» гузорем, «атаъно» ҳосил мешавад. Маънои луғавии «атаъно», ки «фармон мебарем» аст, низ дар назар дошта шудааст.

Чу фармоӣ, ки аз зулми Яҳудо,
Гурезам дар дари дайри сакубо.
Чи гӯӣ, остони куфр ҷӯям?
Нахоҳам дар раҳн дин садри воло.
Дари абхозиён инак кушода,
Ҳарими румиён инак муҳайё.
Бигардонӣ зи байтуллоҳ қибла,
Ба Байтулмуқаддасу меҳроби Ақсо
Маро аз баъди панҷаҳсола ислом,
Назебад чун салибе банд бар по.
Равам ноқус бӯсам з-ин таҳакум,
Шавам зуннор бандам з-ин таъаддо.
Кунам тафсири сирёнӣ зи Инҷил,
Бихонам аз хати ибрӣ муаммо.
Маро бинанд андар кунҷи ғоре,
Шуда мулузану[1] пӯшида чухо[2].
Ба ҷои сидраи хоро чу битриқ,
Палосе пӯшам андар санги хоро.
Чу он удуссалиб андар бари тифл,
Салиб овезам андар ҳалқ амдо.
Агар ҳурмат надорандам ба Абхоз,
Кунам з-он ҷо ба роҳи Рум мабдо,
Дабиристон ниҳам дар ҳайкали Рум,
Кунам оини митронро мутарро.
Бадал созам ба зуннору ба бурнус,
Ридову тайлосон чун Пури саққо.
Кунам дар пеши турсиқуси[3] аъзам,
Зи рӯҳулқудсу ибну аб муҷоро[4].
Ба як лафз он сехонро аз чаҳи шак,
Ба саҳрои яқин орам ҳамоно.

1. Мулу – нойе, ки тарсоён навозанд.
2. Чухо – ҷомаи тарсоён
3. Турсиқус – шояд шакли дигаргуншудаи «стратегос»-и юнонӣ бошад, ки бо ин ном сардорони баландмақоми сипоҳ дар Руми шарқӣ мухотаб мешуданд. (Шарҳи қасидаи тарсоӣ)
4. Муҷоро – ин ҷо ба маънии ситеза.

Маро ускуф муҳаққиқтар шиносанд,
Зи Яъқубу зи Настуру зи Малко[1].
Кушоям рози лоҳут аз тафарруд,
Намоям сози носут аз ҳаюло.
Кашишонро кашиш биниву кӯшиш,
Ба таълими чу ман қассиси доно.
Маро хонанд Батлимуси сонӣ,
Маро донанд Файлоқуси воло.
Фиристам нусхаи солис салоса[2],
Сӯи Бағдод дар суқулсалосо[3].
Ба Қустантин баранд аз нӯги килкам,
Хануту ғолия мавтову аҳё.
Ба даст орам асои дасти Мӯсо,
Бисозам з-он асо шакли чапипо.
Ба саргини хари Исо бубандам,
Руофи ҷосилиқи нотавоно.
Зи афсори хараш афсар фиристам,
Ба хонони Самарқанду Бухоро.
Суми он хар ба ашки чашму чеҳра,
Бигирам дар зару ёқути ҳамро.
Се уқнуму [4]се фирқатро[5] ба бурҳон,
Бигӯям мухтасар шарҳи муваффо.
Чӣ буд он нафхи рӯҳлу ғуслу рӯза,
Ки Марям ур буду рӯҳ танҳо.
Ҳанӯз он мӯҳр бар дурҷи раҳим дошт,
Ки ҷонафрӯз гавҳар гашт пайдо.
Чу буд он нутқи Исо вақти милод,
Чӣ буд он савми Марям вақти изғо.
Чи гуна сохт аз гил мурғ Исо,
Чи гуна кард шахси Озар эҳё.

1. Яъқубу Настур – пешвоён ва бунёдгузорони кеши настурию яъқубӣ дар оини масеҳӣ. Малко – аз кешҳои оини масеҳист, аммо онро Хоқонӣ ҳамчун ном истифода кардааст.
2. Ишора ба сураи Моида, ояти 73
3. Сешанбе дар Бағдод бозор будааст ва низ номи кӯест дар ин шаҳр, ки тарсоён мақом доштанд.
4. Се уқнум – се гавҳари менӯӣ дар оини масеҳӣ: падар, писар, ҷони пок.
5. Се фирқат – се кеши бузурги оини тарсоӣ: яъқубӣ, малкоӣ, настурӣ.

Чи маънӣ гуфт Исо бар сари дор,
Ки оҳанги падар дорам ба боло.
В-агар Қайсар сиголад рози Зардушт,
Кунам зинда русуми Занду Усто.
Бигӯям к-он чи Занд асту чи оташ,
К-аз ӯ Позанду Занд омад мусаммо.
Чи ахгар монд аз он оташ, ки вақте,
Халилуллоҳ дар ӯ афтод дарво
Ба қастосӣ бисанҷам рози мӯбад.
Ки ҷавсангаш бувад қастои Луқо.
Чаро печад магас дастору фӯта,
Чаро пӯшад малах ронини дебо.
Ба номи қайсарон созам тасониф,
Беҳ аз Артанги Чину Танги Лушо[1].
Бас, эй Хоқонӣ аз савдои фосид,
Ки шайтон мекунад талқини савдо.
Рафиқи дун чӣ андешад зи Исо,
Вазири бад чи андозад ба Доро.
Магӯ ин куфру имон тоза гардон,
Бигӯ астағфуриллаҳ з-ин таманно.
**Фа қул ашҳад биан аллоҳи воҳид,**
**Таоло ан мақулоти таъоло.**
Чи бояд рафт то Рум аз сари зилл,
Азимурруми Иззуддавла ин ҷо.
Ямини Исиву фархрулҳаворӣ,
Амини Маряму каҳфуннасоро.
Масеҳохислато, қайсарнажодо,
Туро савганд хоҳам дод ҳаққо.
Ба рӯҳулқудсу нафхи рӯҳу Марям,
Ба Инҷилу ҳаворию Масеҳо.
Ба маҳди ростину ҳомили бикр,
Ба дасту остин бодмаҷро.

1. Танги Лушо – Танг номи донишманди бобулӣ буда, лушо номи китоби ӯст.

Ба Байтулмуқдасу Ақсою сухра.
Ба тақдисоти ансори шалихо[1].
Ба ноқусу ба зуннору ба қандил,
Би Юҳанову Шаммосу Баҳиро[2].
Ба хамсину ба данҳу лайлатулфитр,
Ба иди ҳайкалу савмулазоро.
Ба покӣ Марям аз тазвиҷи Юсуф,
Ба дурӣ Исӣ аз пайванди Ишо.
Ба беху шоху барги он дарахте,
Ки омад мева-ш аз рӯҳи муалло.
Ба моҳи тир, к-он гаҳ буд найсон,
Ба нахли пир, к-он ҷо гашт барно.
Ба бонгу зории мулузан аз дайр,
Ба банди оҳани усқуф бар аъзо.
Ба таслиси буруҷу моҳу анҷум,
Ба тарбеъу ба тасдису салосо.
Зи таслисе куҷо саъди фалакрост,
Ба тарбеъи салиби бодпарво.
Ки баҳри дидани Байтулмуқаддас,
Маро фармон бихоҳ аз шоҳи дунё.
Зи хатти устувову хатти меҳвар,
Фалакро то салиб ояд ҳувайдо.
Сазад гар Исӣ андар дайри Ҳарқил,
Кунад тасбеҳ аз ин абёти ғарро.

1. Шалихо – калимаи сурёнӣ буда, маънояш дӯсти ягона ва ҳаворӣ аст.
2. Баҳиро –дар оромӣ ба маънии баргузида. Номи донишманде, ки паёмбарро(с) дар навҷавонӣ дида, нишони паёмбариро дар шонааш шинохт ва гуфт: Ӯ ҳамон паёмбарест, ки омаданаш навид дода шудааст.

## ҚАСИДАИ «МИРЪОТ-УС-САФО» ДАР ҲИКМАТ ВА ТАКМИЛИ НАФС

Дили ман пири таълим асту ман тифли забондонаш,
Дами таслим сарушру сари зону дабистонаш.
На ҳар зону дабистонасту ҳар дам лавҳи таслимаш,
На ҳар дарё садафдор асту ҳар нам қатра найсонаш.
Сари зону дабистонест, чун киштии Нӯҳ онро,
Ки тӯфон ҷӯши дарди ӯст,Ҷудӣ гарди доманаш.
Худ он касро, ки рӯзе шуд дабистон аз сари зону,
На то каъбаш бувад Ҷудиву на то соқ тӯфонаш.
На марди ин дабистон аст ҳаргиз ҷунбише дар вай,
Ба ҳар дам чор тӯфон нест дар бунёди арконаш.
Дабистон аз сари зонуст хос он шермардеро,
Ки чун саг дар паси зону нишонад шермардонаш.
Касе, к-аз рӯи сагҷонӣ нишинад дар паси зону,
Ба зону пеши сагсорон нишастан нест имконаш.
Касе к-ин Хизри маънирост домангир чун Мӯсо,
Кафи Мӯсову оби Хизр бинӣ дар гиребонаш.
Ҳама талқинаш оёте, ки хомӯшист таъвилаш,
Ҳама таълимаш ишколе, ки нодонист бурҳонаш.
Маро бар лавҳи хомӯшӣ алиф, бе, те навишт аввал,
Ки дарди сар забон асту зи хомӯшист дармонаш.
Нахуст аз ман забон бистад, ки тифл андар навомӯзӣ,
Чу нояш безабон бояд, на чун барбат забондонаш.
Чу мондам безабон чун ной ҷон дар ман дамид аз лаб,
Ки то чун ной сӯи чашм ронам дам ба фармонаш.
Чунон дар бӯтаи талқин маро бигдохт, к-андар ман,
На шайтон монду васвосаш, на Одам монду исёнаш.
Ба гӯши ман фурӯ гуфт он чӣ гар нусхат кунам шояд,
Саҳифа сафҳаи гардуну дуда ҷирми Кайвонаш.
Навиштам абҷади таҷриду пас чун нушраи тифлон,
Нигоридам ба сурху зард аз ашку чеҳра ҳазмонаш.

Чу аз бар кардам он абҷад, ки ҳаст аз нестӣ сирраш,
Зи ёдам шуд муаммое, ки ҳастӣ буд унвонаш.
Чу дидам к-ин дабистонрост кулли илм нодонӣ,
Ҳар он чӣ ҳифз ҷуз вай буд, шустам з-оби нисёнаш.
Зиҳӣ таҳсили доной, ки сӯи худ шудам нодон,
Киро устод доно буд, чун ман кард нодонаш.
Чу тӯтӣ, к-оина бинад шиносад худ, бияфтад пай,
Чу худ дар худ шавад ҳайрон, кунад ҳайрат сухандонаш.
Дар ин таълим шуд умру ҳанӯз абҷад ҳамехонам,
Надонам кай руқумомӯз хоҳам шуд ба девонаш.
Ҳанӯзам ақл чун тифлон сари бозича медорад,
Ки он норанҷгун ҳуққа ба бозӣ кард ҳайронаш.
Назора мекунам, вайҳақ, дар ин ҳангомаи тифлон,
Ки мушкин ҳуққа осудасту нилӣ ҳуққа гардонаш.
Ба поён омад ин ҳангома, к-инак рӯз охир шуд,
Бувад ҳар ҷо, ки ҳангомаст, шабҳангом поёнаш.
Хирад ноэмин аст аз таб аз он ҳарзаш кунам ҳайрат,
Чу Мӯсо зинда дар тобут, аз дорам ба зиндонаш.
Хирад бар роҳи табъ ояд, ки маҳди нафс Мӯсоро,
Гузар бар хайли Фиръавн асту ночор аст аз эшонаш.
Ҳаво мехост то дар саффи боло бартарӣ ҷӯяд,
Гирифтам дасту афкандам ба садфи поймочонаш.
Ба аввал нафс чун занбӯри кофар доштам, лекин,
Ба охир ёфтам чун шоҳи занбӯрон мусалмонаш.
Магар мехост то муртад шавад нафс аз сари одат,
Маро ин сирр чу пайдо шуд, буридам сар ба пинҳонаш.
Миёни чор деворе ба хокаш кардаму аз хун,
Сари гӯраш бияндудам, чу талқин кардам имонаш.
Ки гӯри куштагон бошад ба хун олуда берунсӯ,
Валекин андарун бошад ба мушк олуда ризвонаш.
Натарсам, з-он ки наббоши табиат гӯр бишкофад,
Ки маҳтоби шариатро ба шаб кардам нигаҳбонаш.
Зи гӯри нафс агар барруст хор алҳамдулиллаҳ гӯ.

Бурунсӯ хор дидастӣ, дарунсӯ бин гулистонаш,
Маро ҳиммат чу хуршед аст шоҳаншоҳ Зандосо.
Ки чархаш зери рон асту сари Исост бар ронаш,
Бале, худ ҳиммати дарвеш чун хуршед мебояд,
Ки сомонаш ҳама шоҳиву ӯ фориғ зи сомонаш.
Сулаймон аст ин ҳиммат ба мулки хоси дарвешӣ,
Ки кӯси «рабби ҳабли» мезананд аз пеши майдонаш.
Ду бут бинӣ ҷаҳону ҷон фитода дар лагадкӯбаш,
Ду саг бинӣ ниёзу оз баста пеши дарбонаш.
Зиҳӣ Хизри Сикандардил ҳаво тахту хирад тоҷаш,
Зиҳӣ сармасти оқилҷон бақо нузлу ризо хонаш.
Ду хозин фикру илҳомаш, ду ҳорис шаръу тавфиқаш.
Ду заммӣ нафсу омолаш, ду расмӣ чарху Кайҳонаш,
На чун Чайполи ҳинд аз ҷавр тахте карда Тоғуташ,
На чун Хоқони Чин аз зулм тоҷе дода туғёнаш.
Зи баҳри матбахи таслим ҳима тахти Чайполаш,
Барои маркаби ихлос наъл аз тоҷи хоқонаш.
Чу дар майдони озодӣ савори-ш орзӯ кардӣ,
Сари омол будӣ гӯю пои ақл ҷавгонаш.
Дилам қасри мушаббак дошт ҳамчун хони занбӯрон,
Бурун сода дару бому дарун неъмат фаровонаш.
На хони анкабутосо саропарда зада берун,
Дарун вайронаву бар хон магас бинанд бирёнаш.
На чун моҳӣ дарунсӯ сифру берун аз дирам ганҷаш,
Ки берун чун садаф уру дарунсӯ аз гуҳар конаш.
Бирафтам пеши шоҳаншоҳи ҳиммат то замин бӯсам,
Ишорат кард давлатро, ки боло хону биншонаш.
Ба хони салватам биншонду худ ҳоҷат набуд он ҷо,
Ки ашкам чун намак будиву рух заррин намакдонаш.
Ба дастам дӯстгонӣ дод ҷоми хоси хурсандӣ,
Ки хоки ҷуръачин шуд Хизру ҷуръа оби ҳайвонаш.
Касе, к-ин нузлу манзил дид, мумкин нест тавҳилаш,
Касе к-ин нуқлу маҷлис ёфт, ҳоҷат нест нуқлонаш.

Маро чун даъвати Исост иде ҳар замон дар дил,
Дилам қурбони иди фақру Ганҷи гов қурбонаш.
Маро дил гуфт, ганҷи фақр дорӣ дар ҷаҳон мангар,
Наими Миср дидакас, чӣ бояд қаҳти Қанъонаш.
Буни домон шабистон кун ба шарти он ки ҳар рӯзе,
Бисоте созӣ аз рухсору ҷорӯбе зи мижгонаш.
Чу бурданд асби умратро авонони фалак сахра,
Чӣ ҷӯӣ з-ин алафхона, ки қаҳт афтод дар хонаш.
Наёбӣ ҷав ханӯреро, ки даврон сӯхт бунгоҳаш,
Наёбӣ нон танӯреро, ки тӯфон кард вайронаш.
Бидидӣ ҷав ба ҷав гетӣ, надорӣ ҷав дар ин хирман,
Маҳар чун тарки ҷав гуфтӣ ба як ҷав нози деҳқонаш.
Чу саръ омехт бо ақле на сар монду на дастораш,
Чу дузд афтод бар боре, на хар монду на полонаш.
Фалак ҳам тангчашме дон, ки бар хон дафъи меҳмонро,
Зи рӯзу шаб саге бастаст, хонсолори давронаш.
Натарсӣ з-ин саги аблақ, ки дарридаст пеш аз ту,
Басе шерони дандонхоюю пай кардаст дандонаш.
Ба чархи ганданогун бар ду нон биниву як хӯша,
Ки як деги туро кашниз н-ояд з-он дуто нонаш.
Бад-ин нонрезаҳо мангар, ки дорад шаб бар ин суфра,
Ки аз дарюзаи Исост хушкорӣ дар анбонаш.
Намози мурда кун бар ҳирс лекин чун вузӯ созӣ,
Ки бе обист оламрову дар ҳайзанд сукконаш.
В-агар гӯям таяммум кун ба хоке, чун кунӣ к-он ҷо,
Ба хуни куштагон олуда шуд хоки биёбонаш.
Ниҳоди танпарастонро гули хандону гулхан дон,
Дарунсӯ ҳубсу нопокиву берун дурру марҷонаш.
Сагони озро ид аст чун мири ту хон созад,
Ту шерӣ, рӯза медору мабин дар сабъа алвонаш.
Наими пок бистонад, чу кард олуда биспорад,
На шарм аз обдаст ояд, на нанг аз обдастонаш.
Дареғо, кош донистӣ, ки дар гил хан майафзояд,
Зи чандин хӯрдани хуни разону хуни ҳайвонаш.

Бигӯ бо мир к-андар пӯст саг дориву ҷифа ҳам,
Саг аз беруни дар гардад, ту ҳамкоса магардонаш.
Кашаф дар пӯст мирад, лек афъӣ пӯст бигзорад,
Ту кам з-афъӣ наӣ, дар пӯст чун мондӣ ба ҷо монаш.
Сулаймонӣ макун даъвӣ, нахуст ин деви инсиро,
Бикуш, ё банда кун, ё кор фармо, ё бурун ронаш.
Чу ҷони камфармоят ба боғи хулд хоҳад шуд,
Ҳавоси кор кун, дар ҳабси тан магзору бирҳонаш.
Ки хуш набвад, ки шоҳаншоҳ зи ғурбат боз мулк ояд,
Бимонда хосагон дар банду ӯ фориғ зи айвонаш.
Сафар берун аз ин олам куну болои ин олам,
Ки дил з-ин ҳарду мустағнист, бартар з-ину он дониш.
Ду олам чист? Ду каффаст мизони машийатро,
В-аз ин ду каффа берун нест, ҳар к-ӯ ҳаст ваззонаш.
Зане бошад на марде, к-аз ду олам хонае созад,
Ки Ноҳид аст не Кайвон, ки бошад хона мизонаш.
Зи хоки пои мардон кун чу бахти ҳосибон тоҷат,
В-агар тоҷи зарат бахшанд сар дардузду мастонаш.
На дарвеш аст ҳар к-аш тоҷи султонӣ кунад сағба,
Ки дарвеш он ки султонию дарвешист яксонаш.
Дигар саф хостар бинӣ, дар ӯ дарвеши султондил,
Ки хоки пои дарвешон намояд тоҷи султонаш.
На худ султони дарвешони хос аст Аҳмади мурсал,
Ки аз нун-ул-қалам туғрост дар маншури фармонаш.
Чу дарвешӣ ба дарвешон назар беҳ кун, ки қурси хур,
Ба урёнон диҳад зарбафту худ бинанд урёнаш.
Сахо ҳангоми дарвешӣ фузунтар кун, ки шохи раз,
Чу дарвеши хазон гардад, падид ояд зарафшонаш.
Сахо баҳри ҷазо кардан рибохорист дар ҳиммат,
Ки як бидҳиву он гаҳ даҳ ҷазо хоҳӣ зи яздонаш.
Зи бад гар некӯӣ н-ояд, ту узраш з-офариниш неҳ,
Ки маъзур аст мор ар нест чун наҳл аз асал шонаш.
В-агарчӣ наҳл вақте нӯш борад, неш ҳам дорад,
Ту он мангар, ки «авҳай раббук»[1] омад ваҳй дар шонаш.

1. Ишора ба сураи Наҳл, ояти 68

Маёлой ар тавонӣ даст аз ин олоиши гетӣ,
Ки дунё санги истинҷосту олудаст шайтонаш.
Рақамҳое, ки мармуз аст андар хирқа аз бахя,
Руқуми лавҳи маҳфуз аст агар хонӣ ба айқонаш.
Ҳама кас ошиқи дунёву мо фориғ зи ғам айро,
Ғами маъшуқи сагдил ҳаст бар ушшоқи сагҷонаш.
Бад ин иқболи як ҳафта, ки бифзояд машав ғарра,
Ки чун моҳи дуҳафтаст он, к-аз афзунист нуқсонаш.
Ба чолокии беданҷир мангар дар маҳи найсон,
Бад-он афтодагӣ бингар, ки бини моҳи обонаш.
Зи чарх иқболи беидбор хоҳӣ, ӯ надорад ҳам,
Ки иқболи маҳи нав ҳаст бо идбори сартонаш.
Бақое нест ҳеҷ иқболро чанд озмудастӣ,
Худ он ки «ло бақо» мақлуби «иқбол» аст, бархонаш.
Битарс аз тирборони заъифон дар камини шаб,
Ки ҳар к – ӯ ҳаст нолонтар, қавитар захми пайконаш.
Ҳазар кун з-оҳи мазлуме, ки бедор асту хунборон,
Ту шаб хуфта ба болини ту сел ояд зи боронаш.
Зи таъҷили қазои бад панохе соз, к-андар пай,
Ба хок афкандае дорӣ, ки ларзад арш аз афғонаш.
Чу Бежан дорӣ андар чаҳ махусб Афросиёбосо,
Ки Рустам дар камин асту наҳанге зери хафтонаш.
Ту ҳамчун кирми қаз мастию хуфта в-он к-аш озурдӣ,
Чу кирме, к-он ба шаб тобад, бубин бедору сӯзонаш.
Сагӣ кардӣ, кунун «ал-афв» мегӯ гар пушаймонӣ,
Ки саг ҳам «афв» – мегӯяд, магар дил шуд пушаймонаш.
Агар пирӣ гаҳи мурдан чаро бинанд нолонат,
Ки тифл инак гаҳи зодан ҳамебинанд гирёнаш.
Туро аз гӯспанди чарх дунё мениҳад дунба,
Ту бар гови замин бурда асоси қасру бунёдаш.
Замин доясту ту тифлӣ, ту шираш хӯрда, ӯ хунат,
Ҳама хуни ту з-он шире, ки хӯрдастӣ зи пистонаш.
Махӯр бода, ки он хунест, к-аз шахси ҷавонмардон,
Замин хӯрдасту берун дода бар шохи разистонаш.

Замин аз шахси ҷабборон чу нафси золими раъно,
Дарунсӯ ҳаст гӯристону берунсӯст бӯстонаш.
Хуросон гар ҳарам буду меҳин каъба Маликшоҳаш,
Самарқанд ар фалак буду меҳин ахтар Қадархонаш.
Қадархон мурд, чун рӯзе нагиряд худ Самарқандаш,
Маликшаҳ рафт, чун вақте намӯяд чун Хуросонаш.
Маликшоҳ обу оташ буду рафт он обу мурд оташ,
Кунун хокистару хокест монда дар Сипоҳонаш[1].
На бар Санҷар шабехун бурд з-аввал Гӯрхон охир,
Шабехун кард аҷал, то гӯрхона шуд шабистонаш.
Зиҳӣ давлат, ки имкони ҳидоят ёфт Хоқонӣ,
Кунун сад фалсафӣ фулсе наярзад пеши имконаш.
Туӣ, Хоқониё, тифле, ки устоди ту дин беҳтар,
Чӣ ҷои Занду Усто ҳаст бо Зардушту Ниронаш.
Ҳидоят з-аҳли дин омӯзу з-аҳли фалсафа машнав,
Ки тӯтӣ, к-он зи Ҳинд ояд, наҷӯяд ас ба Хазронаш.
Фароиз варзу суннат ҷӯй, усул омӯзу мазҳаб хон,
Миҷастӣ чисту ашколаш, Қулидус чисту ақронаш.
Намозатро намозӣ кун ба ҳафт оби ниёз, ар на,
Намозе, к-ин чунин набвад, ҷунуб хонанд ихвонаш.
Намозӣ нест гарчӣ ҳафт дарё андарун дорад,
Касе, к-андар парастиш ҳаст ҳафт андом кослонаш.
Намозе, к-аз се илм орад Фалотун пиразан бинӣ,
Ки як дам чор раъкат кард, ҳосил шуд ду чандонаш.
Фақеҳе беҳ зи Афлотун, ки он к-иш чашмдард ояд,
Яке кӯҳҳоли Кобул беҳ, зи сад аттори Кирмонаш.
Ду кавн имрӯз дӯконест кӯҳҳоли шариъатро,
Ки худ кӯҳл-ул-ҷавоҳир ёфтанд ансору аъвонаш.
Бубанд ар кӯҳли дин хоҳӣ камар чун дастаи ҳован,
Ба пеши он ки арвоҳанд ҳованкӯби дукконаш.
Ҳама гетист бонги ҳован, аммо нашнавад хоҷа,
Ки симоби залолат рехт дар гӯш аҳли хазлонаш.
Фалак ҳам ҳовани кӯҳлест, карда сар нагун, гӯӣ,
Ки манъи кӯҳлсоиро нагун карданд ин сонаш.

1. Исфаҳон пойтахти Маликшоҳи салҷуқӣ буд. Ишора ба он ки мақбараи Маликшоҳ дар Исфаҳон аст. (Шарҳи Шодиободӣ)

## ДАР НАКӮҲИШИ ҲУССОД

Нест иқлим суханро беҳтар аз ман подшо,
Дар ҷаҳон мулки сухан рондан мусаллам шуд маро.
Марями бикри муаллоро манам руҳулқудус,
Олами зикри муаллоро манам фармонраво
Шаҳтуғони ақлро ноиб манам неъм-ул-вакил,
Наварӯси фазлро соҳиб манам неъм-ул-фато.
Диръи ҳикмат пӯшаму бе тарс гӯям ал-қитол,
Хони фикрат созаму бе бухл гӯям ас – сало.
Нуктаи дӯшизаи ман ҳирзи рӯҳ аст аз сифат,
Хотири обистани ман нури ақл аст аз сафо.
Иқди наззомони сеҳр аз ман ситонад восита,
Қалби зарробони шеър аз ман пазирад кимиё.
Рашки назми ман хурад Ҳассони Собитро ҷигар,
Дасти насри ман занад Саҳбони Воилро қафо.
Ҳар куҷо наъле барандозад Буроқи табъи ман,
Осмон з-он теғи буррон созад аз баҳри қазо.
Бар сари ҳиммат билофахр аз азал дорам кулоҳ,
Бар тани узлат билобағӣ аз абад дорам қабо.
Ман зи ман чун сояву оёти ман гирди замин,
Офтобосо равад манзил ба манзил ҷо ба ҷо.
Ин аз он пурсад, ки охир номи ин фарзона чист?,
В-он бад ин гӯён, ки охир ҷои ин соҳир куҷо?
Пешкори ҳирсро бар ман набинӣ дастрас,
То шаҳаншоҳи қаноат шуд маро фармонраво,
Туршу ширин аст қадҳу мадҳи ман ба аҳли аср,
Аз инаб май пухта созанду зи ҳасрим тӯтиё.
Ҳам иморат ҳам забон дорам калиди ганҷи арш,
В-ин ду даъвиро далел аст аз ҳадиси Мустафо.
Ман қарини ганҷу инҳо хокбезони ҳавас,
Ман чароғи ақлу инҳо рӯзкӯрони ҳаво.
Душмананд ин ақлу фитнатро ҳарифони ҳасад,
Мункаранд ин сеҳру мӯъҷизро рафиқони риё.
Ҳусни Юсуфро ҳасад бурданд уште носипос,
Қавли Аҳмадро хато гуфтанд ҷамъе носазо.

Ман ҳаме дар ҳинди маънӣ рост ҳамчун Одамам,
Ин харон дар Чини сурат кӯж чун мардумгиё.
Чун миёни косаи арзиз дилшон бе фурӯғ,
Чун даҳони кӯзаи симоб кафшон бе ато.
Ман Азизам Мисри ҳикматрову ин номаҳрамон,
Ғарзанони барзананду ғарчагони русто.
Гар маро душман шуданд ин қавм маъзуранд аз он-к
Ман Суҳайлам, к-омадам бар мавти авлодуззино.
Ҷуръанӯши соғари фикри мананд аз ташнагӣ,
Резахӯри суфраи рози мананд аз ношито.
Мағзашон дар сар биёшӯбам, ки пиланд аз сифат,
Пӯсташон аз сар бурун орам, ки моранд аз лиқо.
Лашкари Оданду килки манн чу сарсар дар сарир,
Насли Яъҷуҷанду нутқи ман чу сур андар садо.
Хештан ҳамҷинси Хоқонӣ шуморанд аз сухан,
Поргинро абри найсонӣ шиносанд аз сахо.
Най ҳама як ранг дорад дар найистонҳо, валек
Аз яке най қанд хезад аз дигар ай бурё.
Донам аз аҳли сухан ҳар-к ин фасоҳат бишнавад,
Ҳам бисӯзад мағзу ҳам савдо пазад бе мунтаҳо.
Гӯяд ин Хоқонии дарёмасобат худ манам,
Хонамаш Хоқонӣ, аммо аз миён афтода «қо».

## ДАР ҶАВОБИ МАРДЕ СУРУДА, КИ УНСУРИРО БАР Ӯ ТАРҶЕҲ НИҲОДААСТ

Ба таъриз гуфтӣ, ки Хоқониё,
Чи хуш дошт табъи равон Унсурӣ.
Бале, шоире буд соҳибқирон,
Зи мамдӯҳи соҳибқирон Унсурӣ.
Зи маъшуқи некӯву мамдӯҳи нек,
Ғазалгӯ шуду мадҳхон Унсурӣ.
Ҷуз аз тарзи мадҳу тарози ғазал,
Накардӣ зи табъ имтиҳон Унсурӣ.
Шиносанд афозил, ки чун ман набуд,
Ба мадҳу ғазал дурфишон Унсурӣ.
Ки ин сеҳркорӣ, ки манн мекунам,
Накардӣ ба сеҳри баён Унсурӣ.
Зи даҳ шева, к-он ҳилати шоирист,
Ба як шева шуд достон Унсурӣ.
Маро шеваи хосу тозасту дошт,
Ҳамон шеваи бостон Унсурӣ.
На тахқиқ гуфту на ваъзу на зӯҳд,
Ки ҳарфе надонист аз он Унсурӣ.
Ба даври карам бахшише нек дид,
Зи Маҳмуди кишварситон Унсурӣ.
Ба даҳ байт сад бадраву барда ёфт,
Зи як фатҳи Ҳиндустон Унсурӣ.
Шунидам, ки аз нуқра зад дегдон,
Зи зар сохт олоти хон Унсурӣ.
Агар зинда мондӣ дар ин даври бухл,
Хасак сохтӣ дегдон Унсурӣ.
Нахӯрдӣ зи хонҳои ин мардумон,
Паривор ҷуз устухон Унсурӣ.
Ба бӯи ду нон пеши дунон шудӣ,
Задӣ бӯса чун пари нон Унсурӣ.
Зи тири фалак теғи чустӣ надошт,
Чу ман дар ниёми даҳон Унсурӣ.
Зи най дурбоши душохӣ надошт,
Чу манн дар се шохи банон Унсурӣ.

Набудаст чун манн гаҳи назму наср,
Бузургояту хурдадон Унсурӣ.
Ба назми чу Парвину насри чу Наъш,
Набуд офтоби ҷаҳон Унсурӣ.
Адибу дабиру муфассир набуд,
На Саҳбони яърабзабон Унсурӣ.
Чунон к-ин арӯс аз дарам хуррам аст,
Ба зар буд хуррамравон Унсурӣ.
Диҳам молу пас шод бошам, кунун
Ситад зарру шуд шодмон Унсурӣ.
Ба дониш бар аз арш гар рафта буд,
Ба давлат бар аз осмон Унсурӣ.
Ба дониш тавон Унсурӣ шуд, валек
Ба давлат шудан чун тавон Унсурӣ?

## ДАР УЗЛАТ ВА ҚАНОАТ ТАРКИ ТАМАЪ

З-ин беш обрӯй нарезам барои нон,
Оташ диҳам ба рӯҳи табиъӣ ба ҷои нон.
Хуни ҷигар хурам. нахурам нони нокасон.
Дар хуни ҷон шавам, нашавам ошнои нон.
Бо ин палангҳимматӣ аз саг батар бувам.
Гар з-ин сипас чу саг бидавам аз қафои нон.
Дар ҷурми моҳу қурсаи хуршед нангарам,
Ҳар гаҳ, ки дидҳо шавадам раҳнамои нон.
Аз чашм зайбақ ораму дар гӯш резамаш,
То нашнавам зи суфраи дунон салои нон.
Гуфтам ба тарки нони сапеди сияҳдилон,
Бал, то фанои ҷон бувадам дар фанои нон.
Нон-шон чу барф, лек суханшон чу замҳарир,
Ман зодаи халифа набошам гадои нон.
Онро диҳанд гирда, ки ӯ Гирдкӯҳ[1] дид,
Ман кимиёи дин надиҳам дар баҳои нон.
Чун оби осиё сари ман дар нишеб бод,
Гар пеши кас даҳон шавадам осиёи нон.
Аз қут дарнамонам, гӯ нон мабош аз он-к.
Қутест меъдаи ҳукаморо варои нон.
Чун оҳувон гиё чарам аз саҳнаҳои дашт,
Анде, ки нагзарам ба дари деҳкёи[2] нон.
То чанд нону нон, ки забонам бурида бод.
К-оби умед бурд умеди атои нон.
Одам барои гандуме аз равза дур монд,
Ман дур мондам аз дари ҳиммат барои нон.
Одам зи ҷаннат омаду ман дар сақар шудам,
Ӯ аз балои гандуму ман аз балои нон.
Ё раб, зи ҳоли одаму ранҷи ман огаҳӣ,
Худ кун азоби гандуму худ деҳ ҷазои нон.

1. Гирдкӯҳ – номи кӯҳест дар Домғон. Низ аз қалъаҳои маъруфи исмоилиён дар он ҷо будааст.
2. Деҳкиё – раис ва кадхудои деҳ

То кай ба дасти нокасу кас захмҳо зананд,
Бар гурдаҳои номварон гардҳои нон.
Нонам надод чарху надонам чӣ мӯҷиб аст,
Эй чархи носазо набудам ман сазои нон.
Дар осмон фариштаи рӯзӣ ба бахти ман,
Мансух кард ояти ризқ аз адои нон.
Хоқониё, ҳавову ҳавон ҳамтавилаанд.
То нашкананд қадри ту, бишкан ҳавои нон.
Ноне, ки аз касон талабӣ бар Худо навис.
К-охир Худои хон набувад кадхудои нон.

**0.**

Бо ӯ дилам ба меҳру муҳаббат нишона буд,
Симурғи васлро дилу ҷон ошёна буд.
Будам муаллими малакут андар осмон,
Аз тоатам ҳазор-ҳазорон хизона буд.
Ба даргаҳам зи хели малоик басе сипоҳ,
Арши маҷид зоти маро ошёна буд.
Ҳафсад ҳазор сол ба тоат гузоштам,
Уммеди ман зи халқ бар ин ҷовидона буд.
Дар роҳи ман ниҳод малик доми ҳукми хеш,
Одам миёни ҳалқаи он дом, дона буд.
Одам зи хок буду ман аз нури поки ӯ,
Гуфтам манам ягонаву ӯ худ ягона буд.
Гӯянд олимон, ки накардӣ ту саҷдае,
Наздики аҳли маърифат ин худ афсона буд.
Мехост ӯ нишонаи лаънат кунад маро,
Кард он чӣ хост, одами хокӣ баҳона буд.
Бар арш буд навишта, ки малъун шавад касе,
Бурд он гумон ба ҳар касу бар худ гумон набуд.
Хоқониё, ту такя ба тооти худ макун,
К-ин панд баҳри дониши аҳли замона буд.

**1.**

Эй оташи савдои ту хун карда ҷигарҳо,
Барбод шуда дар сари савдои ту сарҳо.

Дар гулшани уммед ба шохи шаҷари ман,
Гулҳо нашукуфтанду баромад на самарҳо.
Эй дар сари ушшоқ зи шӯри ту шағабҳо,
В-эй дар дили зуҳҳод зи сӯзи ту асарҳо.
Олуда ба хунобаи ҳаҷри ту равонҳо,
Полуда зи андешаи васли ту ҷигарҳо.
В-эй мӯҳраи уммеди маро захми замона,
Дар шашдари ишқи ту фурӯ баста гузарҳо.
Кардам хатареу бар сари кӯи ту гузаштам,
Бисёр кунад ошиқ аз ин гуна хатарҳо.
Хоқонӣ аз он гаҳ, ки хабар ёфт зи ишқат,
Аз бехабарӣ ӯ ба ҷаҳон рафт хабарҳо.

**2**

Табъи ту дамсоз нест ошиқи дилсӯзро,
Хӯи ту ёригар аст ёри бадомӯзро.
Дастхуши ту манам, дасти ҷафо баргушой,
Бар дили ман баргумор, тири ҷигардӯзро.
Аз пайи онро ки шаб пардаи рози ман аст,
Хоҳам к-аз дуди дил парда канам рӯзро.
Лек зи бими рақиб в-аз пайи нафйи гумон,
Роҳ бурун бастаам, оҳи дарунсӯзро.
Дил чӣ шиносад, ки чист қимати савдои ту,
Қадр чӣ донад садаф дурри шабафрӯзро.
Гар асари рӯи ту сӯи гулистон расад,
Боди сабо рад кунад тӯҳфаи наврӯзро.
То дили Хоқонӣ аст, аз ту ҳаме нагзарад,
Бӯ ки дарорад ба меҳр он дили кинтӯзро.

**3**

Хуш-хуш хиромон меравӣ, эй шоҳи хубон то куҷо,
Шамъиву пинҳон меравӣ, парвонаҷӯён то куҷо?
З-инсоф хӯ во кардаӣ, зулм ошкоро кардаӣ,
Хунрези дилҳо кардаӣ, хун карда пинҳон то куҷо?
Ғабғаб чу тавқ овехта, фармон зи мушк ангехта,
Сад шаҳнаро хун рехта, ботавқу фармон то куҷо?

Бар дил чу оташ меравӣ, тез омадӣ к-аш меравӣ,
Дар ҷӯи ҷон хуш меравӣ, эй оби ҳайвон то куҷо?
Тарфи кулаҳ каж барзада, гӯӣ гиребон гум шуда,
Банди қабо боз омада, гесӯ ба домон то куҷо?
Duздони шабрав дар талаб, аз шамъ тарсанд, эй аҷаб,
Ту шамъпайкар нимшаб дилдуздӣ ин сон, то куҷо?
Ҳар лаҳза н-оварде занӣ, ҷавлон кунӣ, мард афканӣ,
На дар дили танги манӣ, эй тангмайдон, то куҷо?
Гар раҳ диҳам фарёдро, аз дам бисӯзам бодро,
Ҳаддест ҳар бедодро, ин ҳадди ҳиҷрон то куҷо?
Хоқонӣ инак марди ту, мурғи балопарварди ту,
Эй гӯшаи дил х(в)арди ту, нохонда меҳмон то куҷо?

**6.**

Ба забони чарб ҷоно, бинавоз ҷони моро,
Ба саломи хушк хуш кун дили нотавони моро.
Зи миён барор дасте, магар аз миёнҷии ту,
Ба карон барад замона ғами бекарони моро.
Баду чашми оҳуи ту, ки ба давлати ту гардун,
Ҳама абада нависад саги посбони моро.
Зи пайи имории ту чӣ равон кунем маркаб,
Чу ракиби ту равон шуд, чӣ маҳал равони моро.
Ба сарову маҷлиси худ маталаб нишонии мо,
Чу ту бар нишони корӣ, чӣ кунӣ нишони моро.
Гилаи фироқ гуфтам, ки на нек рафт биллоҳ,
Ба карашма мӯҳр барнеҳ, пас аз ин забони моро.
Ба ту даргурехт Хоқониву ҷон фишонд бар ту,
Агараш мазид хоҳӣ, бипазир ҷони моро.

**7**

Ба сари карашма аз дил хабаре фирист моро,
Ба баҳои ҷон аз он лаб шакаре фирист моро.
Ба ғуломии ту моро ба ҷаҳон хабар баромад,
Гираҳе зи зулф кам кун, камаре фирист моро.
Ба баҳонаи ҳадисе бикушой лаъли нӯшин,
Ба хироҷи ҳар ду олам гуҳаре фирист моро.

Ба ду чашми ту ки аз ҷон асаре намонд бо мо,
Зи насими ҷонфизоят асаре фирист моро.
Зи паи масофи ҳиҷрон, ки камон кашид бар мо,
Зи висол мардумӣ кун, ҳашаре фирист моро.
Магузор,к-аз ҷафоят дили гарми мо бисӯзад,
Зи вафо муфарраҳе кун, қадаре фирист моро.
Ба ту даргурехт, Хоқониву дил фишонд бар ту,
Агараш қабул кардӣ, хабаре фирист моро.

**12**

Дардзада аст ҷони ман, меваи ҷони ман куҷо,
Дард маро нишона кард, дарднишони ман куҷо.
Дӯш зи чашми мардумон ашк ба вом хостам,
Ин ҳама ашки орият, ашки равони ман куҷо.
Ӯ зи мани харобдил кард, чу ганҷ пай ниҳон,
Ман ки хароба андарам, ганҷи ниҳони ман куҷо.
Ёр зи ман гусасту ман баҳри мувофиқат кунун,
Банди равон гусастаам, унси равони ман куҷо
Гаҳ-гаҳе он шаккарфишон сиркафишон зи лаб шудӣ,
Гармҷигар шудам зи таб сиркафишони ман куҷо.
Рӯз ба рӯз бар фалак бахшиши офият бувад,
Он ҳамаро расида бахш, эй фалак, они ман куҷо.
Нолаи Хоқонӣ агар додситон шуд аз фалак,
Нолаи ман набаст ғам, додситони ман куҷо.

**13**

Сар ба адам дар неҳу ёрон талаб,
Бӯи вафо хоҳӣ аз эшон талаб.
Бар сари олам шаву ҳамҷинс ҷӯй,
Дар таги дарё раву марҷон талаб.
Маркази хокӣ набувад ҷои ту,
Мартабаи гунбади гардон талаб.
Моидаи ҷон чу ниҳӣ дар миён,
Ҷон ба миёнҷӣ неҳу меҳмон талаб.
Рӯи замин хайли шаётин гирифт,
Шамъ барафрӯзу Сулаймон талаб.

Эй дили Хоқонии маҷрӯҳ, хез,
Аҳл ба даст овару дармон талаб,
Заҳри сафар нӯш кун аввал чу Хизр,
Пас бираву чашмаи ҳайвон талаб.
Хиттаи Шарвон нашавад хайрвон,
Хайр бурун аз хати Шарвон талаб.
Санг ба қурробаи хешон фикан,
Хешу қаробот дигарсон талаб.
Юсуф дидӣ ки зи ихва чӣ дид,
Пушт бар ихват куну ихвон талаб.
Машраби Шарвон зи наҳангон пур аст,
Обхур осон ба Хуросон талаб.
Рӯй ба дарё неҳу, чун бигзарӣ,
Дар Табаристон тарабистон талаб.
Мақсади омол зи омил шинос,
Юсуфи гумкарда ба Гургон талаб.

**15.**

Масти тамом омадааст бар дари ман нимшаб,
Он бути хуршедрӯй в-он маҳи ёқутлаб.
Кӯфт ба овози нарм ҳалқаи дар, к-эй ғулом,
Гуфтам, к-ин вақт кист бар дари мо, эй аҷаб.
Гуфт: Манам ошно гарчӣ нахоҳӣ садо,
Гуфт: Манам меҳмон гарчӣ накардӣ талаб.
Ӯ чу даромад зи дар, бонг баромад зи ман,
К-ин-т шикоре шигарф в-инт шабе булаҷаб.
Кардам бар ҷон рақам шукри шабу мадҳи май,
К-омадани дӯстро буд зи ҳар ду сабаб.
Гар на шабастӣ рухаш кай шавадӣ бениқоб,
В-арна май астӣ сараш кай шавадӣ пуршағаб.
Гуфтам агарчӣ маро тавба дуруст аст лек,
Дар шиканам тарфи шаб бо ту ба шаккарр тараб.
Гуфтам к-аз баҳри харҷ ҳадя пазирад зи ман,
Орази симини ту ин рухи заррин салаб.
Гуфт, ки Хоқониё рӯйи ту зарфом нест,
Гуфтам маъзур дор, зар нанамояд ба шаб.

## 20.

Инсоф дар ҷибиллати олам наёмадаст,
Роҳат насиби гавҳари одам наёмадаст.
Аз модари замона назодаст ҳеч кас,
К-ӯ ҳам зи даҳр номзади ғам наёмадаст.
Аз мавҷи ғам наҷот касерост, к-ӯ ҳанӯз
Бар шатти кавну фарзаи олам наёмадаст.
Аз соғари замона кӣ нӯшид шарбате,
К-он нӯш ҷонгизойтар аз сам наёмадаст.
Гетӣ туро зи ҳодиса эмин куҷо кунад,
К-ӯро зи ҳодисот амон ҳам наёмадаст.
Дуздест чарх нақбзан андар сарои умр,
Оре, ба ҳарза қомати ӯ хам наёмадаст.
Бо хастагӣ бисоз, ки мороз и рӯзгор,
Захм омадасту ҳосилу марҳам наёмадаст.
Осудагӣ маҷӯй, ки касро ба зери чарх,
Асбоби ин мурод фароҳам наёмадаст.
Дар ҷомаи кабуди фалак бингару бидон,
К-ин чарх ҷуз сарочаи мотам наёмадаст.
Хоқониё, фиреби ҷаҳонро мадор гӯш,
К-ӯро зи даҳ ду қоида маҳкам наёмадаст.

## 21.

Пойи гурез нест, ки гардун камонкаш аст,
Ҷои фароғ нест, ки гетӣ мушавваш аст.
Мовиз дар фалак, ки на бас чарбмашраб аст,
Бархез аз ҷаҳон, ки на бас хуб мафраш аст.
Чун мори арқам аст ҷаҳон гоҳи озмун,
К-андар дарун кушандаву берун мунаққаш аст.
Бо хештан бисозу зи кас мардумӣ маҷӯ,
К-он к-ӯ фаришта буд, кунун аҳриманваш аст.
Бо ҳар кӣ унс гирӣ, аз ӯ сӯхта шавӣ,
Бингар, ки унс чист, мусаҳҳаф зи оташ аст.
Олам нагашту мову ту гардандаем аз он-к,
Гардун ҳанӯз ҳафту ҷиҳат ҳамчунон шаш аст.

Дар банди даври чарх ҳам аркон, ҳам анҷум аст,
Дар зери рони даҳр ҳам адҳам, ҳам абраш аст.
Хоқониё, манол, ки ин нолаҳои ту,
Бар сози рӯзгор на бас захмаи х (в) аш аст.

**22**

То ҷаҳон аст, аз ҷаҳон аҳли вафое барнахост,
Некаҳде барнаёмад, ошное барнахост.
Гӯӣ андар кишвари мо барнамехезад вафо,
Ё худ андар ҳафт кишвар ҳеҷ ҷое барнахост.
Хун ба хун мешуй, к-аз роҳат нишоне монда нест,
Худ ба худ месоз, к-аз ҳамдам вафое барнахост.
Аз мизоҷи аҳли олам мардумӣ кам ҷуй аз он-к,
Ҳаргиз аз кошонаи каргас ҳумое барнахост.
Боварам кун, к-аз нахустин тухми одам то кунун,
Аз замини мардумӣ мардумгиёе барнахост.
Ваҳшате дорӣ, бирав бо ваҳши саҳро унс гир,
К-аз миёни инсу ҷон ваҳшатзудое барнахост.
Кӯси ваҳдат зан дар ин пирӯзагунбад к-андар ӯ,
Аз навои кӯси ваҳдат беҳ навое барнахост.
Дарнавард аз оҳи сард ин тахти нарди сабзро,
К-андар ӯ то ӯст хасли бедағое барнахост.
Мил дар чашми амал каш, то набинад дар ҷаҳон,
К-аз ҷаҳон ториктар зиндонсарое барнахост.
Аз амал бемордилро ҳеҷ, нагшояд аз он-к,
Ҳаргиз аз гӯгирди танҳо кимиёе барнахост.
Аз касу нокас бибур Хоқониосо, к-аз ҷаҳон,
Ҳеҷ соҳибдардро соҳибдавое барнахост.

**24**

Кори гетиро навое монда нест,
Рӯзи роҳатро бақое монда нест.
З-он баҳори офият к-айём дошт,
Ёдгор акнун гиёе монда нест.

Ваҳшате дорам тамом аз ҳар кӣ ҳаст,
Рӯшанам шуд, к-ошное монда нест.
Дил аз ину он гурезон мешавад,
З-он ки донад бовафое монда нест.
Занги андӯҳ гавҳари умрам бихӯрд,
Чун кунам, к-андӯҳзудое монда нест.
Кӯҳи оҳан шуд ғамам в-аз бахти ман,
Дар ҷаҳон оҳанрабое монда нест.
Бо ано месоз, Хоқонӣ аз он-к,
Хушдиле имрӯз ҷойе монда нест.

**25.**

Аҳл бар рӯи замин ҷустем, нест,
Ишқро як нозанин ҷустем, нест.
З-ин сипас бар осмон ҷӯем аҳл,
З-он ки бар рӯи замин ҷустем, нест.
Барнишин эй умру маншин эй умед,
К-ошное ҳамнишин ҷустем, нест.
Хармагас бар хони гетӣ саф задаст,
Як магасро ангубин ҷустем, нест.
Гуфтӣ аз гетӣ вафо ҷӯям, маҷӯй,
К-аз тую ӯ мо ҳамин ҷустем, нест.
Бар камингоҳи фалак будем, дер,
Шермарде дар камин ҷустем, нест.
Ҳаст дар гетӣ Сулаймон сад ҳазор,
Як Сулаймонро нигин ҷустем, нест.
Тарки Хоқонӣ басе гуфтем, лек,
Мисли ӯ сеҳрофарин ҷустем, нест.
Дар Хуросон нест монандаш чунон-к,
Дар Ироқаш ҳамқарин ҷустем, нест.

**26**

Огаҳ наӣ, ки дар дилам аз ғам чӣ дард хост,
Меҳнат ду аспа омаду аз сина гард хост.
Бар сина доғи воқеъа нақшулҳаҷар бимонд,
В-аз дил барои нақш ҳаҷари лоҷуворд хост.

Ҷон шуд сиёҳ чун дили шамъ аз тафи ҷигар,
Пас ҳамчу шамъ аз мижа хуноби зард хост.
Ҳамсанги хеш гиряи хун рондам аз фироқ,
То сангро, зи гиряи ман дил ба дард хост.
Дар кори ишқ дида маро поймард буд,
Ҳар дарди сар, ки дидам аз ин поймард хост.
Дил ёдкарди ёр фаромӯш кай кунад,
Дар хун нишастани ман аз ин ёдкард хост.
Дилташнаи муродаму сер омада зи умр,
Дил бин, к-аз оташи ҷигараш обх(в)ард хост.
Дардо, ки бахти ман чу замин кундпой гашт,
Ин кундпоӣ аз фалаки тезгард хост.
Дар тахти нарди хокӣ асири мушашдарам,
З-ин мӯҳраи дуранг, к-аз ин тахтанард хост.
Хасмам, ки поймоли бало дид, даст кӯфт,
То боди сардам аз дами гардуннаворд хост.
Гар бод хезад, эй аҷаб, аз даст кӯфтан,
Аз дасткӯби хасм маро боди сард хост.
Хоқониё, манол, ки ғамро чу ту басест.
К-аввал нишаст ҷуфту ба фарҷом фард хост.

**27**

Дар ин аҳд аз вафо бӯе намондаст,
Ба олам ошнорӯе намондаст.
Ҷаҳон дасти ҷафо бикшод, овах,
Вафоро зӯри бозӯе намондаст.
Чи оташ сӯхт бӯстони вафоро,
Ки аз хушку таре бӯе намондаст.
Фалак ҷое ба мӯй овехт ҷонам,
К-аз он ҷо то аҷал мӯе намондаст.
Ба кӣ нолам, ки андар насли одам,
Бидидам одамихӯе намондаст.
Назар бардор, Хоқонӣ, зи дунон,
Ҷигар мехӯр, ки дилҷӯе намондаст.

**28**

Аз кафи айём амон кас наёфт,
В-аз равиши даҳр замон кас наёфт.
Шому саҳар ҳаст расаддори умр,
З-ин ду расад хатти амон кас наёфт.
Рафт замоне, ки зи роҳат дар ӯ,
Номи ғам аз ҳеҷ замон кас наёфт.
В-омад аҳде, ки зи хуррамдилон,
Дар ҳама офоқ нишон кас наёфт.
Аҳл маяндеш, ки дар аҳди мо,
Сояи анқо ба ҷаҳон кас наёфт.
Ҷинс талаб кардаӣ, Хоқониё,
Кам талаб он чиз, ки он кас наёфт.

**29.**

З-оташи андеша ҷонам сӯхтаст,
В-аз тафи «ё Раб» даҳонам сӯхтаст.
Аз фалак дар синаи ман оташест,
К-аз сари дил то миёнам сӯхтаст.
Сӯзи ғамҳо кори ман кардаст хом,
Хомӣ гардуни равонам сӯхтаст.
Шӯълаҳои оби ман дар пеши халқ,
Пардаи рози ниҳонам сӯхтаст.
Давлате ҷустам, вуболам омадаст,
Оташе гуфтам, забонам сӯхтаст.
Дидаӣ оташ, ки чун сӯзад паранд,
Барқи меҳнат ҳамчунонам сӯхтаст.
Шеъри ман з-он сӯзнок омад, ки ғам,
Хотири гавҳаршиносам сӯхтааст.
Дар сухан ман ноиби Хоқониам,
Осмон з-ин рашк ҷонам сӯхтааст.

**30.**

Захми замонаро дари марҳам падид нест,
Дору бар остонаи олам падид нест.

Дар зери обнӯси шабу рӯз ҳеҷ дил,
Шамшодвор тозаву хуррам падид нест.
Ҳар-к андаруни панҷараи осмон нишаст,
Аз панҷаи замона мусаллам падид нест.
Эй дил, ба ғам нишин, ки саломат нуҳуфта монд,
В-эй Ҷам, ба мотам ой, ки Ҳотам падид нест.
Дардо, ки чанги умр шуд аз созу бадтар он-к,
Сурной гум ба будаи мотам падид нест.
Хоқониё, даме, ки вуболи ҳаёти туст,
Дар сина кун ба гӯр, ки ҳамдам падид нест.

## 31.

Чи офатӣ ту, ки камтар ғами ту ҳиҷрон аст,
Чи ҷавҳари ту, ки камтар баҳои ту ҷон аст.
Ҷаҳони ҳусн ту дорӣ ба зери хотами зулф,
Турост мӯъҷизаву номи ту Сулаймон аст.
Аз он замон, ки туро ном шуд ба хиракушӣ,
Замона аз ҳама хунрезҳо пушаймон аст.
Бар он диёр, ки боди фироқи ту бигзашт,
Ба ҳар куҷо, ки кунӣ қасд қасри вайрон аст.
Шикаст рӯзаму дар шаб чи рӯзи уммед аст,
Гузашт оби ман аз сар, чи ҷои домон аст.
Зи васл гӯӣ, кам гуй, он маро гӯянд,
Маро зи дард чӣ парвои васлу ҳиҷрон аст.

## 33

Бахти бадранги ман имрӯз гум аст,
Ё раб, ин ранги савоб аз чӣ хум аст.
Дулдули дил зи сари хандақи ғам,
Чун ҷаҳонам, ки бас афкандасум аст.
Бо ман имрӯз фалакро ба ҷафо,
Оштӣ нест, ҳама уштуалум аст.
Шуд чу киштӣ ба кажӣ кори фалак,
Ки инонаш маҳали пордум аст.
Давлат имрӯз зану ходимрост,
К-ин амири Райю он шоҳи Қум аст.

Ҳар киро неъмату мол омаду ҷоҳ,
Сифлагиро баъаҳум калбуҳум аст.
То ба даргоҳи Худо дорӣ рӯй,
Зари олуда саги ҳалқадум аст.
Боз чун бар дари халқ афтад кор,
Зар бари сифла худои дувум аст.
Ин карам ҷустани Хоқонӣ чист?
Ки карам дар ҳама офоқ гум аст.

**34**

Турра мафшон, ки ғаромат бар мост,
Тира маншин, ки қиёмат бар пост.
Ғамза бар куштани ман тез макун,
К-он на ғамзаст, ки шамшери қазост.
Бас, ки аз хасми туам бими сар аст,
Бар сари ин ҳама хашми ту чарост.
Гар итобе зи сари ноз бирафт,
Марав аз ҷой ки сӯҳбат барҷост.
Гуфт беҳуда бар ангушт мапеч,
Бар касе, к-ӯ ба ту ангушнамост.
Ҳеҷ бад дар ту нагуфтам биллоҳ,
Худ хаёли ту бар ин гуфта гувост.
Ин қадар гуфтам к-он рӯи чу гул,
Бастаи дидаи ҳар хас на равост.
Ман ҳамонам, ту ҳамон бош ба меҳр,
Ки ҳама шаҳр ҳадиси туву мост.
Банда Хоқонӣ агар кард гуноҳ,
Узри он карда ба ҷон хоҳад хост.

**35.**

Дар ҷаҳон ҳеҷ сина бе ғам нест,
Ғамгусорӣ зи кимиё кам нест.
Хастагиҳои синаро нав-нав,
Хок пур кун, ки ҷои марҳам нест.

Дами сард аз даҳон бар оҳи ҷигар,
Боз гардон, ки ёри ҳамдам нест.
Ҳеҷ як хӯшаи вафо имрӯз,
Дар ҳама киштзори одам нест.
Киштиҳои ниёз хушк бимонд,
К-абрҳои умедро нам нест.
Ба навола ҳазор марҳам ҳаст,
Ба гаҳи нола ним маҳрам нест.
Гар биноли ба дӯсте гӯяд,
Ҳон, Худо офият диҳад, ғам нест.
Донӣ осуда кист дар олам?
Он ки мақбули аҳли олам нест.
Ҳаст соле ду рӯз шодии халқ,
Чун накӯ бингарӣ ҳамон ҳам нест.
З-он ки як ид нест дар олам,
Ки дар ӯ садҳазор мотам нест.
Хез, Хоқониё, зи хони ҷаҳон,
Ки ҷаҳон мизбони хуррам нест.

**38**

Чӣ нишинам, ки фитна бар пой аст,
Рояти ишқ пой бар ҷой аст.
Ҳарчӣ боист, доштам алҳақ,
Меҳнати ишқ низ мебояст.
Сабр бо ин бало надорад пой,
Бигурезад, на банд бар пой аст.
Ростӣ беҳ, ки сабр маъзур аст,
Бар сари теғ чун тавонпой аст.
Бехи уммеди ман зи бун барканд,
Он ки шоҳи замонаперой аст.
Кори ман бад шудасту бадтар аз ин,
Ҳам шавад, то фалак бар ин рой аст.
Аз кӣ нолам, бигӯ, зи коргузор,
Ё аз он кас, ки корфармой аст.

Нола дорад зи захми мор салим,
Мор аз он кас, ки морафсой аст.
Хез, Хоқонӣ аз нишемани хок,
Ки на бас ҷои роҳатафзой аст.

**42**

Исилаб аст ёру дам аз ман дареғ дошт,
Бемори ӯ шудам, қадам аз ман дареғ дошт.
Охир чӣ маънӣ орам аз он офтобрӯй,
К-ӯ бӯи худ ба субҳидам аз ман дареғ дошт.
Бӯси видоӣ аз лаби ӯ чун талаб кунам,
К-аз дур як салом ҳам аз ман дареғ дошт.
Ман чун кабутарон ба вафо тавқдори ӯ,
Ӯ Каъбаи ману ҳарам аз ман дареғ дошт.
Аз ҷаври ёр пираҳани қоғазин кунам,
К-ӯ қоғазу сари қалам аз ман дареғ дошт.
Ман з-оби дида нома навиштам ҳазор фасл,
Ӯ з-оби дуда як рақам аз ман дареғ дошт.
Худ ёд н-орад аз дили Хоқонӣ, эй аҷаб,
Гӯӣ чӣ буд, к-ин карам аз ман дареғ дошт.

**45**

Лаъли ӯ бозори ҷон хоҳад шикаст,
Хандаи ӯ мӯҳри кон хоҳад шикаст.
Обидонро парда ин хоҳад дарид,
Зоҳидонро тавба он хоҳад шикаст.
Ҳавдаҷи нозаш нағунҷад дар ҷаҳон,
Лек маҳмил дар ҷаҳон хоҳад шикаст.
Парниён ҷӯӣ ба пои пили ғам,
Дил чу пили парниён хоҳад шикаст.
Рӯи гандумгуни ӯ дар чашми моҳ,
Хори роҳи каҳкашон хоҳад шикаст.
Ғамза-ш ар ғавғо кунад ҳеҷаш магӯй,
К-ӯ тилисми осмон хоҳад шикаст.
Душманон аз доғи ҳаҷраш растаанд,
Пул ҳама бар дӯстон хоҳад шикаст.

Ҷои фарёд аст, Хоқонӣ, ки чарх,
Нолаи фарёдхон хоҳад шикаст.

**56**

Мо ба ғам хӯ кардаем, эй дӯст, моро ғам фирист,
Тӯҳфае к-аз ғам фиристӣ, назди мо ҳар дам фирист.
Ҷомаҳомон чок созу хонаҳомон пок сӯз,
Хилъаҳомон дард бахшу тӯҳфаҳомон ғам фирист.
Чун ба ёди мо расӣ дасте ба гарди худ барор,
Гар ҳама ашке ба даст ояд туро, он ҳам фирист.
Хастагии синаи моро хаёлат марҳам аст,
Эй ба ҳиҷрон хаста моро, хастаро марҳам фирист.
Юсуфи гумгаштаи мо зери банди зулфи туст,
Гаҳ-гаҳе моро хабар з-он зулфи хам дар хам фирист.
Зулфи ту гар хотам аз дасти Сулаймон даррабуд,
Он бар ӯ бигзор в-аз лаълат яке хотам фирист.
Рахти Хоқонӣ дар ин олам намеғунҷад зи ғам,
Ғамзае барҳам зану ӯро бад-он олам фирист.

**58.**

Шӯре зи ду ишқ дар сари мост,
Майдони дил аз ду лашкар орост.
Аз як назарам ду дилбар афтод,
В-аз як ҷиҳатам ду қубба бархост.
Хуршедпараст будам аввал,
Акнун ҳама майли ман ба Ҷавзост.
Дар машриқу мағриби дили ман,
Ҳам бадру ҳам офтоб пайдост.
Ҷонам зи ду хур дар биҳишт аст,
Корам зи ду моҳ бар Сурайёст.
Гар ёфтаам ду дур(р) аҷаб нест,
Зеро ки ду чашми ман ду дарёст.
Биллаҳ, ки хатост ҳар чӣ гуфтам,
Валлаҳ, ки ҳар он чӣ рафт, савдост.
Хоқониро чӣ рӯзи ишқ аст,
Бо ин ғами рӯзгор, ки ӯрост.

Рӯзе дорад сиёҳ чунонки,
Душман ба дуои нимшаб хост.

**60.**

Он нозанин, ки Исии дилҳо забони ӯст,
Удуссалиби ман хати зуннорсони ӯст.
Бас ақли Исавӣ, ки зи мушкин салиби ӯ,
Зуннор бандад, ар чӣ фалак тайласони ӯст.
Ҳар дам лабаш ба ханда барояд Масеҳи нав,
Моно, ки Марями дигар андар даҳони ӯст.
Фарсудатар зи сӯзани Исо тани ман аст,
Бориктар, зи риштаи Марям лабони ӯст.
Он лаълро ба риштаи Марям кӣ даркашид,
Аз сӯзани Масеҳ, ки шакли миёни ӯст.
Гар бар дилам Забур бихонанд, нашнавад,
К-анҷири мурғаш аз лаби инҷилхони ӯст.
Пирони Каъба лоф, зи Хоқонӣ оваранд,
Тарсои Рум кист, ки хоқонӣ они ӯст.

**61**

Исилабиву мурдадилам дар баробарат,
Чун тухми пилла зинда шавам боз дар барат.
Чун шамъ резам аз мижа селоби оташин,
З-он лаб, ки оташ асту асал медиҳад барат.
Гар худ магас шавам нанишинам бар он асал,
Тарсам зи неши чашми чу замбӯри кофарат.
Ёқут ҳаст зодаи хуршед, не магӯй,
Хуршед ҳаст зодаи ёқути аҳмарат.
Хунрези мост ғамзаи ҷоду-т, пас чаро,
Хунин салаб шудааст лаби мӯъҷизоварат.
Моно, ки ҳам лабат хурад он хун, ки ғамза рехт,
К-инак нишони хун ба лаби шакарин-дарат.
Аз наштарат силоҳи ду бодом гоҳи ҷанг,
Чашмам чу писта пурраги хунин зи наштарат.

Хоқоние, ки бастаи бодоми чашми туст,
Чун писта бин, кушодадаҳон дар баробарат.

**67**

Дилро зи дами ту дом рӯзист,
В-аз софи ту дурди хом рӯзист.
Аз соқии маҷлиси ту моро,
Аз доври хаёли ҷом рӯзист.
Ҷон хоки ту шуд, ки хоки роҳам,
Аз ҷуръаи нотамом рӯзист.
Мурғест дилам баландпарвоз,
Аммо зи қазош дом рӯзист.
Ноком шудам ба коми душман,
То худ зи туам чи ком рӯзист.
З-он пой бар оташам, ки дилро,
Бар хоки дарат мақом рӯзист.
Мондам ба шумори ҳаҷру васлат,
То з-ин ду маро кадом рӯзист.
Фатвост ба хуни ман ғаматро,
Алҳақ, ғами ту ҳаромрӯзист.
Хоқониро зи ёд хондӣ,
К-ӯро зи вуҷуди ном рӯзист.

**70**

Хаҳ, ки дигар бора дил дарди ту дар бар гирифт,
Боз ба пиронасар ишқи ту аз сар гирифт.
Ёр даромад ба кӯй, шӯр баромад зи шаҳр,
Ишқ даромад зи бом, ақл раҳи дар гирифт.
Лаъли ту як ханда зад, мурдадиле зинда кард,
Ҳусни ту як шӯъла зад сӯхтае даргирифт.
Тохтан овард ҳаҷар, теғи бало охта,
Заҳмати ҳастии мо аз раҳи мо баргирифт.
Шер ба чанголи унф гардани оҳу шикаст,
Боз ба минқори қаҳр боли кабӯтар гирифт.
Сабру дилу дини мо ҷумла зи мо бистанад,
Рӯҳи муҷаррад бимонд, домани дил баргирифт.

## 72

Ҳар кӣ дар ошиқӣ қадам назадаст,
Бар дил аз хуни дида нам назадаст.
Ӯ чӣ донад, ки чист ҳолати ишқ,
Ки бар ӯ ишқ, тири ғам назадаст.
Ишқро мартабат надонад он –к,
Ҳама ҷуз дар висол кам назадаст.
Дилу ҷон бохтааст, ҳарду ба ҳам
Гарчи бо дилрабоӣ дам назадаст.
Оташи ишқи дӯст дар шабу рӯз,
Ба ҷуз андар дилам алам назадааст.
Ё раб, ин ишқ чист дар пасу пеш,
Ҳеҷ ошиқ дари ҳарам назадааст.
Оҳ, аз он сӯхтадили бирён,
К-ӯ ба ҷуз дар ҳавот дам назадааст.
Рӯзи шодӣ –ш кас надиду чӣ рӯз,
Боди шодӣ қафош ҳам назадааст.
Шодмон он дил аз ҳавои буте,
Ки бар ӯ дарду ғам рақам назадааст.

## 75

Ё раб, он хол бар он лаб чӣ хуш аст,
Бар ҳилолаш нуқат аз шаб чӣ хуш аст.
Даҳанаш ҳалқаи танги зираҳ аст,
Нуқта бар ҳалқаи маркаб чӣ хуш аст.
Маҳ сипар кардаву шаб моҳсипар,
Ба сипар бар зада кавкаб чӣ хуш аст.
Бар лабаш хол зи гозам асар аст,
Асари гоз бар он лаб чӣ хуш аст.
Зулф дасторчаву ғабғаб тавқ,
Зери дасторча ғабғаб чӣ хуш аст.
Гӯшвораш бар паноҳи хами зулф,
Хӯша дар сояи ақраб чӣ хуш аст.
Дил дар он зулфи муанбар чӣ накӯст,
Мурғ дар доми муақраб чӣ хуш аст.
Пушти даст ойинаи рӯй кунад,

Ӯ бад-он ойина мӯъҷаб, чӣ хуш аст.
Сунбулаш ларзаду гул х(в)ай гирад,
Он х(в)айу ларзаи бетаб чӣ хуш аст.
Бар дараш ҳалқабагӯшам чу дараш,
Аз дар он нола мураттаб чӣ хуш аст.
Кушт чашмаш дили Хоқониро,
Ӯ бад-ин воқеъа, ё раб, чӣ хуш аст.

**82**

Алами ишқ олӣ афтодааст,
Кисаи сабр холӣ афтодааст.
Ихтиёрӣ набуд ишқ маро,
Ки заруриву ҳолӣ афтодааст.
Ахтари ишқро ба толеъи ман,
Сифати безаволӣ афтодааст.
Даст бар шохи васли ӯ нарасад,
З-он, ки дар асл олӣ афтодааст.
Хуш бихандам чу зулфи ӯ бинам,
З-он, ки шаклаш ҳилоле афтодааст.
Ҳарчи дорад замири Хоқонӣ,
Дар ғамаш ҳасбиҳолӣ афтодааст.

**85**

Онҳо, ки муҳаққиқони роҳанд,
Дар маснади фақр подшоҳанд.
Дар разм ялони бенабарданд,
Дар базм сарони бекулоҳанд.
Каъбасифатанду роҳпаймой,
Бовар кунӣ осмону моҳанд.
Бар чарх зананд хаймаи оҳ,
Ҳам худ ба сифат миёни оҳанд.
Бозичаи даҳрашон бинафрефт,
З-он гаҳ, ки дар ин хаёли коҳанд.
Мастони шабонаанд, аммо,
Соҳибхабарони субҳгоҳанд.

Хоқонивор дар ду олам,
Аз дӯст ризои дӯст хоҳанд.

**99**

Сар нест к-аз ту бар сари ханҷар намешавад,
То сар намешавад, ғамат аз сар намешавад.
Аз шасти ишқи нав напарад ҳеҷ новаке,
К-он бо қазои чарх баробар намешавад.
Ҳар дам ба тири ғамза бирезӣ ҳазор хун,
В-ин турфатар, ки тири ту худ тар намешавад.
Султони некӯвониву бедод мекунӣ,
Мекун, ки дасти шаҳна ба ту дар намешавад.
Инсофи ман зи ту кӣ ситонад, ки дар ҷаҳон,
Довар намонд, к-аз ту ба довар намешавад.
Рӯзам фурӯ шуд аз ғаму дар кӯи ишқи ту,
Ин дуд ҷуз зи равзани ман бар намешавад.
Рӯзе ҳазор бор бихонам китоби сабр,
Гӯшам ба туст, лоҷарам аз бар намешавад.
Аз орзуи васли ту ҷону дилам намонд,
К-омад-шуди фироқи ту камтар намешавад.
Кардам ҳазор «ё раб»-у дар ту асар накард,
Ё раб, магар саодати ёвар намешавад.
Хоқониё, зи «ё раб»-и бефоида чи суд,
К-ин «ё раб» аз бурути ту бартар намешавад.

**104**

Фурӯғи ҷамолат назар барнатобад,
Сифоти хаёлат хабар барнатобад.
Ба кӯи ту аз заҳмати ошиқонат,
Насими саҳаргаҳ гузар барнатобад.
Ба бозори ту муштарӣ бебасар беҳ,
Ки ҷонон харидан басар барнатобад.
Балое, ки аз ишқат омад ба рӯям,
Қазо барнагирад, қадар барнатобад.
Ба ҳар зиштӣ аз ишқи ту барнагардам,
Ки аз ишқи хубон ҳазар барнатобад.

Бар оне, ки хунам бирезиву саҳл аст,
Чӣ ошиқ бувад, к-ин қадар барнатобад.
Макун ҳеҷ тақсир дар куштани ман,
Ки кори азизон хатар барнатобад.
Ба бӯса лабатро кунад ранҷа, не-не,
Ки дарди сари ӯ назар барнатобад.
Ба комат зи тангӣ сухан дар нагунҷад,
Миёни ту ҷонро камар барнатобад.
Ба ҷону сари ту, ки Хоқонӣ аз ту,
Ба ҷон гар кунӣ ҳукм сар барнатобад.
Саги туст Хоқонӣ, инак ба доғат,
Чунон дон, ки доғи дигар барнатобад.

## 106

Зарра намояд офтоб ар ба ҷамоли ту расад,
Айни камол хаста бод, ар ба камоли ту расад.
Моҳи маниву моҳро чарх фидои ту диҳад,
Гар ба диёри душманон вақти заволи ту расад.
Чашми замонаро фалак мили завол даркашад,
Гар назари газанди ӯ сӯи ҷамоли ту расад.
Ёфтани висоли ту кори на чун мане бувад,
Давлати дигаре талаб, к-ӯ ба висоли ту расад.
Чашми ман ар ҳазор сол аз пайи рӯи ту давид,
Гар бирасад ба оқибат, ҳам ба хаёли ту расад.
Дидаи Хоқонӣ агар лофи ҷамоли ту занад,
Кас накунад қабул аз ӯ, к-он ба мисоли ту расад.

## 107

Ҳошо, ки маро ҷуз ту дар дида касе бошад,
Ё ҷуз ғами ишқи ту дар дил ҳавасе бошад.
Кас чун ту нишон надҳад дар кулли ҷаҳон лекин,
Чун ин дили ҳарҷоӣ ҳар ҷой басе бошад.
Бар пои ту сар дорам, гар сад хатаре дорад,
Васли ту ба даст орам, гар дастрасе бошад.
Аз хоки сари кӯят холӣ нашавам як шаб,
Гар бар сари ҳар санге ҳолӣ асасе бошад.

З-он ҷо, ки туӣ то ман садсола раҳест, алҳақ,
З-ин ҷо, ки манам то ту манзил нафасе бошад.
Аз захмати Ҳоқнӣ мо зор, ки бад набвад,
Гар хони висолатро чун ӯ магасе бошад.

**109**

Ҷоно лаби ту пешкаш аз мо чӣ ситонад,
Инак, сару зар нақди дигар то чӣ ситонад.
Моему диле ҷав-ҷав аз андешаи ишқат,
Ишқат ба яке ҷав чи диҳад, ё чӣ ситонад.
Ишқи ту зи маншури куҳан ҷон ситад аз ман,
Ё раб, чу шавад тоза ба туғро чӣ ситонад.
Имрӯз ҷаҳон бистаду моро ғами он нест,
Моро ғами он аст, ки фардо чӣ ситонад.
Гирам, ки арӯси ғами ту номзади мост,
Васли ту зи мо хатти табарро чӣ ситонад.
Чун тофтагии таби Хоқонӣ дар ин ҷост,
Дил мӯҳри таби ӯ зи дигар ҷо чӣ ситонад

**115.**

Бӯсагоҳи осмон наъли саманди ту бод,
Нурдеҳи офтоб бахти баланди ту бод.
Хоҷаи ҷонӣ ба лутф, шоҳи ҷаҳонӣ ба қадр,
Гардани гарданкашон роми каманди ту бод.
То руху мӯи туро дарнарасад чашми бад,
Мардуми он чашмҳо ҷумла сипанди ту бод.
Ханҷари ту чун паранд равшану бозинат аст,
Хуни дили ошиқон нақши паранди ту бод.
Номзади некӯӣ бар дари айвони туст,
Номзади хуррамӣ чашми нажанди ту бод.
Ишқи туро то абад ҷой зи ҷони ман аст,
Ҷони маро то аҷал қут зи қанди ту бод.
Ман чӣ сагам, эй дареғ к-омада дар банди ту,
Он, ки манаш бандаам бастаи банди ту бод.
Сурмаи Хоқонӣ аст, хоки сари кӯи ту,
Афсари хоқони Чин наъли саманди ту бод.

## 121.

Дил рафту менадонам, ҳолаш, ки худ куҷо шуд?
Озори ӯ накардам, гӯйи дигар чаро шуд?
Ҳар ҷо, ки занн бибурдам, рафтам талаб бикардам,
Поям ба санг омад, пуштам зи ғам дуто шуд.
Чандон, ки беш ҷастам, кам ёфтам нишонаш,
Гӯйӣ чӣ ҳолаш афтод, ё раб дигар куҷо шуд?
Бурдам бад-ӯ гумоне, к-аз ишқ гашт раста,
Моно, ки гашт ошиқ заннам магар хато шуд?
Ё об буду ногаҳ, андар замин фурӯ шуд?
Ё мурғ буду аз дом, парриду дар ҳаво шуд,
Гуфтам диле, кӣ дидаст, пиру ғарибу хаста,
К – имрӯз чанд рӯз аст, к-аз пеши мо ҷудо шуд.
Ногоҳ кӯдаке гуфт: Дидам диле шикаста,
Дар доми зулфи ёре афтоду мубтало шуд.

## 124.

Лаби ҷонон давои ҷон бахшад,
Дард аз он лаб ситон, ки он бахшад.
Ишқи майгун лабаш ба май монад,
Ақл бистонад, арчи ҷон бахшад.
Дият онро, ки сар бурад ба шакар,
Ҳам зи лаъли шакарфишон бахшад.
Ошиқ он нест, к-ӯ ба бӯи висол,
Ҳастии худ ба дилситон бахшад.
Ошиқ он аст, к-ӯ ба тарки мурод,
Ҳар чӣ ҳастист, ройгон бахшад.
Ду ҷаҳонро ду шохи гул донад,
Даста бандад ба дилситон бахшад.
Шаҳсуворест ишқи Хоқонӣ,
К-аз сари микраа ҷаҳон бахшад.

## 129.

Аз ин даҳрангтар ёре напиндорам, ки кас дорад,
В-аз ин бенуртар коре напиндорам, ки кас дорад.

Намонд аз риштаи ҷонам ба ҷуз як тори хунолуд,
Аз ин бориктар торе напиндорам, ки кас дорад.
Диҳам дар «ман язид»-и дил ду гетиро ба як мӯяш,
Аз ин сон рӯзи бозорӣ напиндорам, ки кас дорад.
Насими субҳ ҷонамро вадиъат оварад бӯяш,
Аз ин бетӯҳфа дарборе напиндорам, ки кас дорад.
Агар дар зери ҳар санге, чу Хоқонӣ саре бинӣ,
Аз ин бартар сухан боре напиндорам, ки кас дорад.

**130**

Май вақти сабӯҳ ровақӣ бояд,
В-он май ба хумори ошиқӣ бояд.
Чун мурғи қанина зад салои май,
Бо пири муғон мувофиқӣ бояд.
То зӯҳди такаллуфи-т бархезад,
Бар носия доғи фосиқӣ бояд.
Дар пеши хасон агар ниҳӣ хоне,
Ҳам бе намаки мунофиқӣ бояд.
Ҳамчун маҳакат чу чеҳра бихрошанд,
Бар чеҳра нишони содиқӣ бояд.
Дар ҳар кунҷест тоза Узрое,
Аммо назари ту Вомиқӣ бояд.
Чун кор ба каъбатайни ишқ афтад,
Шаш-панҷзанаш Ҳақоиқӣ бояд.

**131**

Туро нозест андар сар, ки олам бар наметобад
Маро дардест андар дил, ки марҳам барнаметобад.
Саги кӯи туро ҳар рӯз сад ҷон тӯҳфа месозам,
Ки дандон музди чун ӯе аз ин кам бар наметобад.
Маро кай рӯи он бошад, ки дар кӯи ту раҳ ёбам,
Ки аз тангӣ, ки ҳаст он раҳ нафас ҳам бар наметобад.
Маро бо ишқи ту дар дил, ҳавои ҷон намегунҷад,
Магар як Рахш дар майдон, ду Рустам бар наметобад.

Маро куштӣ ба тири ғамза в-он он гаҳ турра бибридӣ,
Макун турра мабур, к-ин қадр мотам бар наметобад.
Кӣ бошад ҷони Хоқонӣ ки дорад тоб дарди ту,
Ки бурдобурди ҳусни ту ду олам бар наметобад.

**132**

Чи рӯҳафзову роҳатборӣ, эй бод,
Чӣ шодибахшу ғамбардорӣ, эй бод.
Кабутарворам орӣ номаи дӯст,
Ки пайки нозанинрафторӣ, эй бод.
На пайванди ту дорам чашми равшан,
Ки бӯи Юсуфи ман дорӣ, эй бод.
Ба савсанбӯю тавсанхӯй туркам,
Паёми рози ман бигзорӣ, эй бод.
Бигӯӣ ҳолу боз орӣ ҷавобам,
Ки хомӯши равонгуфторӣ, эй бод.
Ба хоки пои ӯ, к-аз хоки пояш,
Сарамро сурмаи чашм орӣ, эй бод.
Ба зулфи ӯ, ки як мӯй аз ду зулфаш,
Бидуздиву ба ман биспорӣ, эй бод.
Ман аз зулфаш сухан рондан наёрам,
Ту бар зулфаш задан чун ёрӣ, эй бод.
Дилам зинҳорӣ аст он ҷо, дар он кӯш,
Ки боз орӣ дили зинҳорӣ, эй бод.
Гар ӯ нагзорад овардан диламро,
Дар ӯ овезиву нагзорӣ, эй бод.
Чунон пинҳониву пайдост сеҳрат,
Ки Хоқонӣ туӣ, пиндорӣ эй бод.

**137**

Оташи ишқи ту дид сабраму симоб шуд,
Ҳастии ман об гашт, об маро об шуд.
Аз тафи ишқи ту дил дар кафи савдо фитод,
Сӯхта чу сим гашт, кушта чу симоб шуд.
Сӯхт маро ишқи ту ҷон ба ҳақуннор буд,
Кӯра аҷаб гарм буд, сӯхта пуртоб шуд.

Дӯш гирифтам ба гоз нимаи динори ту,
Чашми ту бо зулф гуфт, зулфи ту дар тоб шуд.
Шаб ҳама маҳтобу ман кардам сари бозие,
Бас, ки сари шабравон, дар шаби маҳтоб шуд.
Ҳам ба паноҳи рухат нақб задам бар лабат,
Бок накардам, ки субҳ офати наққоб шуд.
Ин чӣ ҳадис аст боз ман кию ишқи ту чӣ,
Хоса вафо дар ҷаҳон гавҳари ноёб шуд.
Чист ба девони ишқ ҳосили корам ҷуз он-к,
Умр сабукпой гашт, бахт гаронхоб шуд.
Ҳастии Хоқонӣ аст,ғорати ишқ, эй дареғ,
Ҳарчӣ шубон парварид рӯзии қассоб шуд.

**140**

Хоки дилам ба гарди висолаш куҷо расад,
Саргашта медавад ба хаёлаш куҷо расад.
Чун офтоб соя ба моҳе набинадаш,
Девонае чу ман ба ҳилолаш куҷо расад.
Худ оламе пур аст, ки султон ғуломи ӯст.
Чун ман тиҳидаве ба висолаш куҷо расад,
Фитроки ӯ балантар аз чатри санҷарист.
Дасти мани гадо ба дуволаш куҷо расад,
То дар лабаш хазина ҳама лаълу гавҳар аст.
Дарвешро закот зи молаш куҷо расад,
То сад ҳазор донаи дилҳо сипанди ӯст.
Айнулкамол худ ба камолаш куҷо расад,
Ишқаш чу офтоби қиёмат дилам бисӯхт.
Ишқаш қиёмат аст, заволаш куҷо рассад,
Хоқонӣ ин-т, ғам, ки дилат назди ӯ гурехт,
Наззора кун зи дур, ки ҳолаш куҷо расад.

**162.**

Заҳр бо ёди ту шакар гардад,
Шом бо рӯи ту саҳар гардад.
Дарди ишқи ту булъаҷаб дардест,
Ки чу дармон кунам, батар гардад.

Натавонад нишонд дарди дилам,
Гар Сифоҳон ба гулшакар гардад.
Мекашам ратли ишқ то Бағдод,
Ҳам кашам гар зи сар бадар гардад.
Бар ту то зиндаям дигар накунам,
Гар чи кори ҷаҳон дигар гардад.
Бар нагардам ман аз ту то умрест,
Он надонам, ки умр бар гардад.
Хокрӯбест банда Хоқонӣ,
К-аз қабули ту номвар гардад.
Банда Хоқонӣ аз ту сарвар гашт,
Бас намонад, ки тоҷвар гардад.

## 181

Омад нафаси субҳу саломат нарасонид,
Бӯи ту наёварду паёмат нарасонид.
Ё ту ба дами субҳ саломе насупурдӣ,
Ё субҳидам аз рашк саломат нарасонид.
Ман нома навиштам, ба кабӯтар бисупурдам,
Чи суд, ки бахтам сӯи бомат нарасонид.
Бод омаду бигсаст ҳаворо зи раҳи абр,
Бӯи зараи ғолияфорам нарасонид.
Бар бод супурдам дилу ҷон, то ба ту орад,
З-ин ҳарду надонам, ки кадомат нарасонид.
Умрест, ки чун хок ҷигарташнаи ишқам,
В-айём ба ман ҷуръаи ҷомат нарасонид.
Мурғест дилам турфа, ки бар доми ту зад ишқ,
Худ ишқи чунин мурғ ба домат нарасонид.
Хоқонӣ, аз ин толеъи худ ком чӣ ҷӯӣ,
К-ӯ чошнии ком ба комат нарасонид.
Ноёфтани коми дилат коми дили туст,
Пас шукр кун аз ишқ, ки комат нарасонид.

## 185

Овозаи ҷамолат андар ҷаҳон фитод,
Шӯре зи кибриёи ту дар осмон фитод.

Дил дар сарои васли ту як гом дар ниҳод,
Бардошт гоми дигару бар остон фитод.
Бар шоҳроҳи синаи ман сӯзи ишқи ту,
Дузди диловарест, ки бар корвон фитод.
Бозоргоне аз дил зортар, кӣ дид,
К-аз ишқ суд ҷуст, ба ҷон дар зиён фитод.
Киштии сабри ман сӯи соҳил куҷо расад,
Бо сад ҳазор рахна, ки дар бодбон фитод.
Қуфле, ки аз вафои ту бар сина доштам,
Акнун зи бими хасм тавон бар даҳон фитод.
Хоқонӣ аз ту дур на бар ихтиёр монд,
Донӣ, ки дар бало ба зарурат тавон фитод.

**187**

Ишқат оташ зи ҷон барангезад,
Растахез аз ҷаҳон барангезад.
Боди савдот бигзарад бар дил,
Замҳарир аз равон барангезад.
Хели ишқат ба ҷон фуруд ояд,
Сели хун аз миён барангезад.
То қиёмат ғуломи он ишқам,
Ки қиёмат зи ҷон барангезад.
Аз бурунам забон фурӯ бандад,
В-аз дарунам фиғон барангезад.
Таб ниҳонист аз ғами ту маро,
Ларза аз устухон барангезад.
Нола пайдо аз он кунам, ки ғамат,
Таби ишқ аз ниҳон барангезад.
Шаҳнаи васл ку, ки ҳиҷронро,
Аз сарам як ҷаҳон барангезад.
Ҳаҷр бар сар мувакқал аст маро,
Аз сарам гард аз он барангезад.
Оҳи Хоқонӣ, аз тафи ишқат,
Оташ аз осмон барангезад.
Чун ҳадисе кунад дил аз даҳанат,
Боди оташфишон барангезад.

## 192

Хезу ба айёми гул бодаи гулгун биёр,
Навбати дай фавт шуд навбати акнун биёр.
Дасти мақомир бибӯс, нақши ҳарифон бихоҳ,
Базми сабӯҳӣ бисоз, нузли дигаргун биёр.
Шоҳиди дил ноштост, дурди забонгаз бидеҳ,
Мутриби ҷон хушнавост нағмаи мавзун биёр.
Шарти сабӯҳӣ бувад гови зару хуни раз,
Хуни Сиёвуш бидеҳ, гови Фаридун биёр.
Пеш ки ёва шаванд хурдвушоқони чарх,
Бар бари гулоразон соғари гулгун биёр.
Бода ба ҳамкосагон то хати Бағдод деҳ,
Баҳри лаби хосагон як-ду хат афзун биёр.
Ғуссаи айём рехт хуни чу Хоқоние,
Шав дияти хуни ӯ з-он майи чун хун биёр.

## 195

Ҳадиси тавба раҳо кун, сабӯи бода биёр,
Сарам каду чи кунӣ, як кадуе бода биёр.
Ду қибла нест раво, ё салоҳ, ё бода,
Сари салоҳ надорам, сабӯи бода биёр.
Ба субҳу шом, ки гулгунаиву ғолияист,
Маро фиреб мадеҳ, рангу рӯй бода биёр.
Инони шоҳиди дил гиру дасти пири хирад,
Зи роҳи зӯҳд бигардон ба кӯи бода биёр.
Бубин, ки умр гиребондарида мегузарад,
Бигир доманаш аз раҳ, ба сӯи бода биёр.
Мунодиёни қадаҳро ба ҷон занам лаббайк,
Чу ман ҳарифе лаббайкгӯйи бода биёр.
Субҳ гӯям, сабӯ гӯӣ, чун бошам,
Чу ман маломатии рухсаҷӯи бода биёр.
Ба ҷӯйбори биҳиштат чӣ кор, Хоқонӣ,
Дили ту боғи биҳишт аст, ҷӯи бода биёр.

## 196

Он холи ҷавсангаш бубин, он рӯи гандумгун нигар,
Бар хоки роҳи ӯ маро, ҷав-ҷави дили пурхун нигар.
Ҳаст аз парирухсорае, дар насли одам шӯрише,
Шӯри банӣ одам ҳама, з-он рӯи гандумгун нигар.
Ман талх гирям чун қадаҳ, ӯ хуш бихандад ҳамчу май,
Ин гиряи носоз бин, он хандаи мавзун нигар.
Боғест товуси рухаш, морест афсунгар дар ӯ,
Шаҳре чу ман бинҳода сар, бар хати он афсун нигар.
Ӯ оташ асту ҷону дил, парвонаю хокистараш,
Хокистаре дар доманаш, парвона перомун нигар.
Бисёр дидӣ дар дилам, бозори ишқ ороста,
Он чист к-он гаҳ дидаӣ, бозори ишқ акнун нигар.
Дил куштаам дар пои ту, шабзиндадорам, лоҷарам,
Хобам ҳама шаб коста, з-ин дарди рӯзафзун нигар.
Ман ошиқу ӯ бехабар, ӯ моҳи нав, ман шефта,
Ӯ аз ману, ман з-ӯ ҷудо, ин ҳоли бӯқалмун нигар.
Дар ғамзаи ҷодуи ӯ найранги ранговранг бин,
Дар табъи Хоқонӣ кунун савдои гуногун нигар.

## 197

Сарҳои сарандозон дар пои ту авлотар,
Дар синаи ҷонбозон савдои ту авлотар.
Эй ҷони ҳама олам, райҳони ҳама олам,
Султони ҳама олам,мавлои ту авлотар.
Эй довари маҳҷурон ҷондоруи ранҷурон,
Сабри ҳама мастурон, расвои ту авлотар.
Хоҳӣ, ки кушӣ ёре, он ёр манам, оре,
Гар куштаниям боре, дар пои ту авлотар.
Хуррамтарам инак бин аз хӯи туам ғамгин,
К-аз ҳар чӣ кунам таскин, сафрои ту авлотар.
Дил к-аз ҳама дармонад, ҷон бар сарат афшонад,
Чун ҷои ту ӯ донад, ӯ ҷои ту авлотар.
Рои ту ба кинтӯзӣ дорад, сари ҷонсӯзӣ,
Чун нест лабат рӯзӣ, ҳам рои ту авлотар.

То ту ба парӣ монӣ, шайдои ту ҳам донӣ,
Як шаҳр чу Хоқонӣ шайдои ту авлотар.

**199**

Рӯзи умрам дар шаб афтодаст боз,
В-аз шабам рӯзи ано зодааст боз.
Гӯӣ андар доман омад пои дил,
К-аз паи он дар сар афтодаст боз.
Чун нишинам каж, ки хуршеди умед,
Рост болои сар истодаст боз.
Қисми ҳар кас ҷуръа буд аз ҷоми ғам,
Қисми ман то хатти Бағдод аст боз.
Ҳамчу об аз оташу оташ зи бод,
Дил ба ҷӯшу тан ба фарёд аст боз.
Шоядам к-алмос борад чашм аз-он-к,
Банд бар ман кӯҳи пӯлод аст боз.
Шуд забонам мӯю шуд мӯям забон,
Аз тазаллум, к-ин чӣ бедод аст боз.
Синаи ман к-осмон дар хуни ӯст,
Аз харобӣ меҳнатобод аст боз.
Аз мижа дар оташинобам, ки дил,
Таффи ин ғамҳо бурун додаст боз.
Рахти ҷон барбанд Хоқонӣ аз-он-к,
Дил дари ғамхона бикшодаст боз.

**245.**

Чун талх сухан ронӣ тунги шакарат хонам,
Чун кор ба ҷон орӣ, ҷони дигарат хонам.
Заҳри ғами хешам деҳ, то умри хушат гӯям,
Хоки дари хешам хон, то тоҷи сарат хонам.
Ашку рухи ман ҳарду сурх асту кабуд аз ту,
Хуш рангразӣ, з-ин пас исиҳунарат хонам.
Чун дарди туам гирад, домони ғамат гирам,
Оям ба сари кӯят в-аз дар ба дарат хонам.
З-ин хондани беҳосил бастам лабу бас кардам,
Ҳам кам шунавӣ донам, гар бештарат хонам.

Гуфтӣ ки чу вақт ояд корат беҳ аз ин созам,
Ин ишва мадеҳ, к-он гаҳ афсусгарат хонам.
Аз меҳнати Хоқонӣ бас бехабарӣ, вайҳак,
Донам нашавӣ дар хат гар бехабарат хонам.

**299**

Пушти пое зад хирадро рӯи ту,
Ранги ҳастӣ дод ҷонро бӯи ту.
Гашта чун ман куштаи зуннордор,
Ҷони Исо дар салиби мӯи ту.
Аз пайи хунрези ҷони хокиён,
Шаҳрбанде шуд фалак дар кӯи ту.
Дида кофуриву ҷон қирӣ кунад,
Дар сияҳкорӣ сапедӣ хӯи ту.
Аз дилат тарсам ба гоҳи сулҳ аз он-к,
Сар ба шаккар мебурад ҷодуи ту.
Бандаи дандони хешам, к-ӯ ба гоз,
Нақши ёсин кард бар бозӯи ту.
Дар ба дар ҳар моҳ чун гардад қамар,
Дида шояд он ҳилол абрӯи ту.
Оҳуи тоторро созад асир,
Чашми ҷодухезу анбармӯи ту.
Ҷон Хоқонӣ ту дорӣ, ин-т сайд,
Чарбпаҳлӯӣ ҳам аз паҳлӯи ту.

**345**

Чӣ кардам, к-остин бар ман фишондӣ,
Маро куштиву пас доман фишондӣ.
Ҷафо пул буд бар ошиқ шикастӣ,
Вафо гул буд бар душман фишондӣ.
Чу хуршед омадӣ бар равзани дил,
Бирафтӣ, хок бар равзан фишондӣ.
Лаболаб ҷом бо дунон кашидӣ,
Пайёпай ҷуръаҳо бар ман фишондӣ.
Маро сад дом дар ҳар сӯ ниҳодӣ,
Ҳазорон дона пероман фишондӣ.

Туро бод аст дар сар, хоса акнун,
Ки гарди мушк бар савсан фишондӣ.
Ту ҳамноварди Хоқонӣ наӣ, з-он-к,
Силоҳи мардумӣ аз тан фишондӣ.

**382**

Зи ман гусастиву бо дигарон бипайвастӣ,
Маро дуруст шуд акнун, ки аҳд бишкастӣ.
Ба ёди мастаба бархостӣ маарбадвор,
Бар оташам бинишондиву дур биншастӣ.
Маро ба ним карашма бикуштӣ, эй кофар,
Фиғон зи куфри тую оҳ аз ин сабукдастӣ.
Ба меҳри фохта з-он пас, ки рӯй бинмудӣ,
Гурез ҷустиву аз доми ман бурун ҷастӣ.
Барои меҳри ту ҷон бар миён ҳаме бастам.
Чаро ба кинаи ҷонам миён фурӯбастӣ.
Хабар надорӣ, к-аз бас канораҷӯиву кибр,
Миёни ҷонам бераҳмвор бигсастӣ.
Маро туфайли касон марҳаме ҳамедодӣ,
Кунун зи додани он қадр низ ворастӣ.
Басо тавилаи гавҳар, ки чашми ман бигсаст,
Чу дар тавилаи бадгавҳарон бипайвастӣ.
Ситам буд ин ки ту кардӣ ба ҷони Хоқонӣ,
Ситамгарӣ написанд, эй Худой, чун ҳастӣ.

**383**

Як забон дориву сад ишвагарӣ,
Ману сад ҷон зи пайи ишвахарӣ.
Аз ҷигар хӯрдан тавба накунӣ,
З-он, ки парварда ба хуни ҷигарӣ.
Заҳрадорӣ ту зи бими дили хеш,
Ки ба ҳар дам ҷигари мо бихӯрӣ.
Гуфта будӣ, ки тамомам ба вафо,
Бирав, эй шӯх, ки бас мухтасарӣ.
Ба дуои саҳарӣ хостамат,
Корам афтод ба оҳи саҳарӣ.

Дасти ҳаҷри ту даҳонам бардӯхт,
То нагӯям, ки макун пардадарӣ.
Чанд дар чанд ҳамебинам ҷавр,
Чи кунам гар накунам навҳагарӣ.
Оби Хоқонӣ гуфтӣ бибарам.
Бурдаӣ биллаҳу ҳаққо, ки барӣ.

**201.**

Даҳони шиша кушо, субҳ шуд, шароб бирез,
Майе ба соғари ман, ҳамчу офтоб бирез.
Ҳилоли ид бувад бар сипеҳри по ба рикоб,
Ба ҷоми соқӣ гули чеҳра мешитоб бирез.
Ниқоб барфикану оташе ба ҷонам зан,
Зи дидаи тари ман ҳамчу шамъ об бирез.
Дилам зи дасти ту обод гар намегардад,
Биёр оташу дар хонаи хароб бирез.
Лаби ту дод ба дастам қадаҳ зи шарбати қанд,
Дар ӯ зи рӯи арақноки худ гулоб бирез.
Гаҳе, ки ҷурми маро пеши ту ҳисоб кунанд,
Ту рашҳае зи карамҳои беҳисоб бирез.
Бубин ба дидаи инсоф назми Хоқонӣ,
Табақ-табақ зи ҷавоҳир бар интихоб бирез.

**202.**

Аз ин даҳрангтар ёре напиндорам, ки дорад кас,
Аз ин бенуртар коре напиндорам, ки дорад кас.
Намонд аз риштаи ҷонам ба ҷуз як тори хунолуд,
Аз ин бориктар, торе напиндорам, ки дорад кас.
Маро зулфи гираҳгираш гираҳ бар дил занад амдо,
Аз ин бадтар гираҳкоре напиндорам, ки дорад кас.
Диҳам дар манязиди дил ду гетиро ба як мӯяш,
Аз ин сон рӯзи бозоре напиндорам, ки дорад кас.
Насими субҳи ҷонамро вадиат оварад бӯяш,
Аз ин беҳ тӯҳфа дар боре напиндорам, ки дорад кас.
Агарчӣ зери ҳар санге чу Хоқонӣ садо бинӣ,
Аз ин бадтар сухан боре напиндорам, ки дорад кас.

## 204

Маҳ наҷӯям, маҳ маро рӯйи ту бас,
Гул набӯям, гул маро бӯйи ту бас.
Ақли ман девонаи ишқи ту шуд,
Бандаш аз занҷири гесӯйи ту бас.
Ашки ман борони беабр аст, лек,
Абри беборон хами мӯйи ту бас.
Оина аз даст бияфкан, к-аз сафо,
Пуштдасти оина(й) рӯйи ту бас.
Ранги зулфат бас шаби меъроҷи ман,
Қоба қавсайнам ду абрӯи ту бас.
Толиби зилли ҳумое нестам,
Сояи девор дар кӯйи ту бас.
Осмон дар хуни Хоқонӣ чарост?
К-ин муҳимро номзад хӯйи ту бас.

## 205

Кашад мӯ бар тани нахчир тир аз шавқи пайконаш,
Ба дил чун ранг бар гул медавад захми намоёнаш.
Ҳамин бас дар баҳористони маҳшар хунбаҳои ман,
Ғубораш бӯйи гул шуд дар рикобу гарди ҷавлонаш.
Гули паймона дар дасташ зи хиҷлат ғунча мегардад,
Ба ораз то фитад аз тоб бе гулҳои хандонаш.
Нишонаш аз кӣ мепурсӣ, суроғаш аз кӣ мегирӣ,
Гирифторе гирифтораш, парешоне парешонаш.
Биболад хуррамӣ бар навбаҳори ӯ чӣ кам дорад,
Таббасум арғувонзораш тамошо наргисистонаш.
Миёни анҷуман ногуфтанӣ бисёр мемонад,
Мани девонаро танҳо баред охир ба девонаш.
Дар оғӯши ду олам ғунчаи захмӣ намеғунҷад,
Ҳуҷум оварда бар дилҳо зи бас торочи мижгонаш.
Мани махмур агар мастам зи чашми ёр медонам,
Маро аз ман ҷудо карда ишоратҳои пинҳонаш.
Парешон мешавӣ, ҳоли дили ошиқ чӣ мепурсӣ,
Намедонад аҷал таъбири як хоби парешонаш.
Бинозам шаъни беқадрӣ, ман он бедасту по будам,

Ки гардид аз шарафмандӣ кафи дасти Сулаймонаш.
Зи найранги ҳавову аз фиреби оз Хоқонӣ,
Дилат хулд аст, холӣ соз аз товусу шайтонаш.

**206.**

Ҳар дил, ки ғами ту доғ кардаш,
Хуни ҷигар омад обх(в)ардаш.
Чун кӯшам бо ғамат, ки гардун
Кӯшиду набуд ҳамнабардаш.
Дар дарди фироқи ту дили ман
Ҷон доду накард ҳеҷ дардаш.
Дур аз ту гузашт рӯзи умрам,
Наздик шуд офтоби зардаш.
Дар Бобул агар ниҳанд шамъе,
З-ин ҷо бикушам ба боди сардаш.
Васли ту дуасба рафт чун бод,
Ҳайҳот, куҷост расам ба гардаш.
Хоқониро ҷаҳон сар омад,
Дарёб, ки нест поймардаш.
Хоса, ки ба шеър беназир аст,
Дар ҷумлаи офтоби гардаш.

**207.**

Ақли мо султони ҷон мехонадаш,
Маҷлисафрӯзи ҷаҳон мехонадаш.
Насри тоир то лаби хандон-ш дид,
Тӯтии шаккарфишон мехонадаш.
То малоҳатро ба ҳусн омехтаст,
Ҳар кӣ ин мебинад, он мехонадаш.
То лабашро лаб нахонӣ, зинҳор,
З-он ки рӯҳулқудси ҷон мехонадаш.
То хаёли лаъли ӯ дар чашми мост,
Ҳар чӣ дар кавн аст, к-он мехонадаш.
Кӯи ӯ аз ахтарони чашми ман,
Ҳар кӣ дидаст, осмон мехонадаш.

Камтарин вассофи ӯ Хоқонӣ аст,
К-осмон соҳибқирон мехонадаш.

**208.**

Чу ба ханда бозёбам асари даҳони тангаш,
Садафи гуҳар намояд шакари ақиқрангаш.
Бикананд рух ба нохун, бигазанд лаб ба дандон,
Ҳама соҳирони Бобул, зи ду чашми шӯху шангаш.
Агар аз қиёс ҷонро ҷигар оҳанин набудӣ,
Натавонадӣ кашидан ситами дили чу сангаш.
Ба гаҳи сабӯҳ Зӯҳра зи фалак ҳаме сарояд,
Зи садои савти зораш, зи навои зери чангаш.
Чу гушод тири ғамза зи хами камони абрӯ,
Гузарад зи санги хоро сари новаки хадангаш.
Лаби ӯст лаълу шаккар, ман агар на шӯрбахтам,
Шакарин чарост бар ман суханони чун шарангаш.
Лаби ӯст оби ҳайвон, дилам аз талаб Сикандар,
Хизири дигар шавам ман, агар ораме ба чангаш.

**209**

Хастаам нек аз бади айёми хеш,
Тираам бар толеи пидроми хеш.
Аз сапедӣ кори толеъ бахтро,
Бас сияҳ бинам забону коми хеш.
Дил сабӯи ғам тиҳӣ бар ман кунад,
Ман зи хуни дил кунам пур ҷоми хеш.
Дил ҳам аз ман дастгир аст, эй аҷаб,
Бар забони ғам диҳад пайғоми хеш.
Ман ба дандон гӯшаи дил чун хурам,
К-ӯ чунон дар гӯша дид ороми хеш.
Дил на пайкон аст, ҳам хун асту гӯшт,
Гӯшт натвон хӯрдан аз андоми хеш.
Осмон ҳар дам кушад в-онгаҳ диҳад,
Куштагонро тӯъмаи аҷроми хеш.
Кулбаи қассоб чанд орад бурун,
Сурхзанбӯрони хуношоми хеш.

Вом бистонам, диҳам хоҳандаро,
Пас зи ганҷи ғайб бидҳам воми хеш.
Соилон аз ман чунин хушдил раванд,
Ман чунин нохушдил аз айёми хеш.
Соил ар хуррам шавад з-икроми ман,
Ман шавам хуррамтар аз икроми хеш.
Аз барои шодии соил ба ранг,
Заъфарон созам рухи зарфоми хеш.
Донге аз худ бозгирам баҳри қут,
Пас диҳам диноре аз инъоми хеш.
Коми ман биллаҳ, ки нокоми ман аст,
То ба нокомӣ барорам коми хеш.
Дасти ҳиммат бас фарох омад маро,
Пойи ҳиммат танг дорам гоми хеш.
Ӯ ба нисбат хонда Хоқонӣ маро,
Ман кунам хоқони ҳиммат номи хеш.

**210.**

Бас сафолинлабу хокинруху сангинҷонам,
Оташин обу гилин ратл кунад дармонам.
Даст бӯсам, ки гилинратл диҳад ёр маро,
Гар диҳад ҷоми зарам, даст бар ӯ афшонам.
Манам аз гул ба гилинратл хӯрам гулгуни май
К-ӯ барам ҷоми зар, аймаҳ, ки на наргис донам.
Ратл дарёсифат оред, ки ҷоми Зардушт,
Гӯшмоҳист, бар ӯ оташи дил наншонам.
Дӯстонам ҳама инсоф диҳанд аз паи ман,
Ки чӣ инсофдеҳу ҷаврkаши давронам.
Гӯшмоҳист на хӯрди ману на ҳам ҷом аст,
Ба гилин ратл дил аз банди хирад бирҳонам.
Ман, ки дарёкашу сармаст чу дарё бошам,
Гӯшмоҳӣ чӣ кунам? Ҷоми садаф чи-стонам.
Бӯи хоке, ки ман аз ратли гилин мешунавам,
Бардамад аз буни ҳар мӯи гулу райҳонам.
Ҳама моҳитану оварда ба кафи ҷоми садаф,
Ман наҳангам, на ҳарифи садафи эшонам.

Соқӣ аст оҳуи симину аз он зарин гов,
Хуни харгӯш кунад обхури моронам.
Гови зарде ба кафи Сомириву дар кафи ман,
Оби Хизре, ки дар ӯ оташи Мӯсо ронам.
Ҷуз бад-ин ратли гилин ҳеҷ иморат накунам,
Чордевори гилинро, ки дар ӯ меҳмонам.
Оҳанин ҷомаму пуроҳу анин дорам ҷон,
Назиям бе дамаке об, ки ҳам ҳайвонам.
Ҷавҳарӣ муғ шудаву дурҷи сафолин хуми май,
В-аз нигини гуҳару ратли гилин мизонам.
Сесаду шаст рагам зинда шавад чун бидиҳад,
Сесаду шаст дирам санги гуҳар ваззонам.
Ҳар кӣ гавҳар ба даҳон дошт, ҷигарташна намонд.
Ман, ки гавҳар бихурам, ташнаҷигар чун монам,
Эй аҷаб, дил сабуку дард гаронтар шавадам.
Ҳар чи ман ратли гаронсанг сабуктар ронам,
Дӯш бо ратли гилину майи рангин гуфтам.
К-аз шумо гашт ғамобод дили вайронам,
Эй маю ратл надонам, зи кадом обу гилед.
К-оташи дард нишондан ба шумо натвонам.
Ратл бигрист, ки ман з-обу гили Парвезам,
Май бинолид, ки ман хуни дили хоқонам.
Чун ба май хуни ҷаҳон дар гили афсурда хӯрам,
Чӣ аҷаб, гар нотавон ёфт ба дил шодонам.
Ман, ки Хоқониям аз хуни дили тоҷравон,
Мекунам қуту надонам чӣ аҷаб нодонам.

## 211.

Аз ду олам домани ҷом даркашам, ҳар субҳдам
Пои навмедӣ ба домон даркашам, ҳар субҳдам.
Соя бо ман ҳамнишину нола бо ман ҳамдам аст,
Ҷоми ғам бар рӯи эшон даркашам, ҳар субҳдам,
Соқие дорам чу ашку мутрибе дорам чу оҳ.
Шоҳиди ғамро ба бар з-он даркашам ҳар субҳдам.
Ишқ меҳмони дил асту ҷону дил меҳмони ӯ,
Ман дилу ҷон пеши меҳмон даркашам, ҳар субҳдам

Ногузири ҷон бувад ҷонону аз ҷон ногузир,
Пеши ҷонон шояд ар ҷон даркашам ҳар субҳдам.
Ҳам мижа мисмор созам, ҳам баҳое наълро,
Дида пеши аспи ҷонон даркашам ҳар субҳдам.
Баски меҷӯям саворе бар сари майдони ақл,
То ином гирам ба майдон даркашам ҳар субҳдам.
Ҳар шаб аз султони ишқам дӯсткониҳо рассад,
То ба ёди рӯи султон даркашам ҳар субҳдам.
Дӯстгонӣ, к-он ба меҳри хоси султон оваранд,
Гар ҳама заҳр аст, осон даркашам ҳар субҳдам.
Нӯш хандидан ба вақти заҳр хӯрдан воҷиб аст,
Ман басо заҳро, ки хандон даркашам ҳар субҳдам.
Дӯстон хуни разон пинҳон кашанд аз давру манн,
Ошкоро хуни мижгон даркашам ҳар субҳдам.
Гар ҳама мастанд аз он ровақ манам ҳам маст аз он-к
Хуни чашми ровақафшон даркашам ҳар субҳдам.
Даҳри вайронро ба ҷуз ороиши тоқе намонд,
Хештан з-ин тоқи вайрон даркашам ҳар субҳдам.
Офатам ақл аст, мили оташин созам зи оҳ,
Пас ба чашми ақл пинҳон даркашам ҳар субҳдам.
Чанд аз ин даврон, ки ҳастанд ин худодурон дар ӯ,
Шояд ар доман зи даврон даркашам ҳар субҳдам.
Аз худу ғайре чунон фориғ шудам, к-аз фориғӣ,
Хат ба Хоқонию хоқон даркашам ҳар субҳдам.

**212.**

Ку субҳ, ки бори шаб кашидам,
Дар роҳи бало тааб кашидам.
Сабрам накашид то саҳар з-он-к,
Аз мавкаби ғам шағаб кашидам.
Ҷон ҳам накашад ба ҳила то рӯз,
Ман то ба саҳар аҷаб кашидам.
Зинда ба умеди субҳ мондам,
То субҳ бад-ин сабаб кашидам.
Дорам зи хумор чашми майгун,
Бе он, ки майи тараб кашидам.

Субҳо, ба гулоб жола биншон,
Ин дарди саре, ки шаб кашидам.
Бар чарх камон кашидам аз дил,
К-аз оташи дил лаҳаб кашидам.
Тирам ба ҳама нишона шуд рост,
Ҳарчанд камон ба чап кашидам.
Пуробила шуд лабам, зи бас таф,
К-аз сина ба сӯи лаб кашидам.
Гӯянд лаби туро чӣ уфтод,
Ин узр ниҳам, ки таб кашидам.
Кардам талабу наёфтам аҳл,
Акнун қадам аз талаб кашидам.
Хоқонивор хатти вохост,
Бар олами булаҷаб кашидам.

## 213.

На ройи он, ки зи ишқи ту рӯй бартобам,
На ҷои он, ки ба ҷӯи ту бигзарад обам.
Ба ҷустуҷӯи ту ҷон бар миёни ҷон бандам,
Магар висоли туро ёбаму намеёбам.
Зи баски аз ту фиғон мекунам ба ҳар меҳроб,
Зи сӯзи сина чу оташкадаст меҳробам.
Барои бӯи висоли ту бандаи бодам,
Барои поси хаёли ту душмани хобам.
Агар ба ҷон куниям ҳукм, барнатобам сар,
Макун ҷафо, ки ҷафои ту барнаметобам.
Куҷо тавонам пайваст бо ту, к-аз ҳама рӯй,
Шикаста чун дили Хоқонӣ аст асбобам.

## 214.

Аз даҳри ғадрпеша вафое наёфтам,
В-аз бахти тирарой сафое наёфтам.
Бар рукъаи замона қиморе набохтам,
К-ӯро ба ҳар ду нақш дағое наёфтам.
Они шумо надонаму донам, ки то манам,
Кори замонаро сару пое наёфтам.

Соя-ст ҳамнишинаму нола-ст ҳамдамам,
Берун аз ин ду лутфнамое наёфтам.
Эй соя, нури чашмиву эй нола, унси дил,
К-андар ягонагӣ чу шумое наёфтам.
Аз дӯстон аҳд басе озмудаам,
Касро ба гоҳи аҳд вафое наёфтам.
З-ин пас буруни олам ҷӯем вафову аҳд,
К-андар даруни олам ҷое наёфтам.
Бар сина шох-шох кунам ҷома шонавор,
К-аз ҳеч сина бӯи ризое наёфтам.
Моно, ки мардумӣ ба адам боз рафт, аз он-к
Нагзашт як замон, ки ҷафое наёфтам.
Дар бӯстони аҳд шунидам, ки меваҳост,
Ҷустам ба чанд солу гиёе наёфтам.
З-он табхҳо, ки деги саломат намепазад,
Хушх(в)ортар зи фақр ибое наёфтам.
Бар захмҳо, ки бозуи айём мезанад,
Созандатар зи субҳ давое наёфтам.
Хоқониё, бинол, ки бар сози рӯзгор,
Хуштар зи нолаи ту навое наёфтам.

## 215.

Аз гашти чарх кор ба сомон наёфтам,
В-аз даври даҳр умри тан осон наёфтам.
З-ин рӯзгори бебару гардуни качниҳод,
Як ранҷ бозгӯй, ки ман он наёфтам.
Нутқам аз он гусаст, ки ҳамдам надидаам,
Дардам аз он фузуд, ки дармон наёфтам.
Аз қабзаи камони фалак бар дилам ба қаҳр,
Тире чунон гузашт, ки пайкон наёфтам.
Хоне ниҳод даҳр ба пешам зи хӯрданӣ,
Ҷуз қурси офтоб дар он хон наёфтам.
Бар аблақи умед нишастам ба ҷидду ҷаҳд,
Ҷавлон накард бахт, ки майдон наёфтам.
Бар чархи ҳафтумин шудам аз наҳси рӯзгор,
Як ҳамнишини саъд чу Кайвон наёфтам.

Пуштам шикаст чарх, ки рӯям нигаҳ надошт,
Обам бибурд даҳр, к-аз ӯ нон наёфтам.
Дар Мисри интизор чу Юсуф бимондаам,
Бисёр ҷаҳд кардаму Канъон наёфтам.
Гӯӣ Сикандарам зи пайи оби зиндагӣ,
Умрам гузашту чашмаи ҳайвон наёфтам.
З-Афросиёби даҳр хароб аст мулки дил,
Дардо, ки зӯри Рустами дастон наёфтам.
Гӯётарам зи булбул, лекин зи ғам чу боз,
Хомӯш аз он шудам, ки сухандон наёфтам.
Хоқониё, ту ғам хӯр, к-аз ҷаври рӯзгор,
Як родмарди хушдилу хандон наёфтам.
Доди сухан диҳам, ки замона ба рамз гуфт,
Он ёфтам зи ту, ки зи Ҳассон наёфтам.

**216.**

Бар сарири ниёз меғалтам,
Бар чорогоҳи ноз меғалтам.
Хуш-хуш ояд маро, ки пеши дарат,
Ба сари хок боз меғалтам.
Пеши захми ту каъбатайнкирдор,
Бар бисоти ниёз меғалтам.
Зери дасти ғами ту мӯҳрасифат,
Дар кафи ҳуққабоз меғалтам.
Ту маро мекушӣ ба ханҷари лутф,
Ман дар он хун ба ноз меғалтам.
Пас маро хун дубора мерезӣ,
Ман ба хуноба боз меғалтам.
Аз паи саҷдаи рухи ту, чунон
Обидон дар намоз, меғалтам.
Бар сари сунбули рухи ту чунон-к,
Оҳувон дар тироз меғалтам.
Бар сари оташи ғамат чу сипанд,
Бо хурӯшу гудоз меғалтам.
Ту кашонзулфу ман чу гурба бар он,
Сунбули дилнавоз меғалтам.

Пеши зулфат чу кабки хастаҷигар,
Зери чанголи боз меғалтам.

**217.**

Бо бахт дар итобаму бо рӯзгор ҳам,
В-аз ёр дар ҳиҷобаму аз ғамгусор ҳам.
Бар дӯстон наколаму бар аҳли байт низ,
Бар осмон вуболаму бар рӯзгор ҳам.
Андар ҷаҳон манам, ки муҳити ғами маро,
Поён падид нест, чи поён, канор ҳам.
Ҳайронам аз сипеҳр, чӣ ҳайрон? Ки маст низ,
Маҳрумам аз замона, чӣ маҳрум? Х(в)ор ҳам.
Рӯзам ба ғам фурӯ шуд, ло балки умр низ,
Ҳолам ба ҳам баромад, ло балки кор ҳам.
Касро паноҳ чун кунаму роз чун диҳам,
К-аз аҳл бенасибаму аз роздор ҳам.
Бар бӯи ҳамдаме, ки биёбам ягонаранг,
Умрам дар орзу шуду дар интизор ҳам.
Имрӯз мардумию вафо кимиё шудаст,
Эй мард, кимиё чӣ? Ки симурғвор ҳам.
Бар мардум эътимод намондаст дар ҷаҳон,
Гуфтӣ, ки эътимод, магӯ, зинҳор ҳам.
Гӯянд кори толеъи Хоқонӣ аз фалак,
Имсол бад набуд, чӣ имсол? Пор ҳам.
Бо ин ҳама ба давлати Аҳмад дар ин замон,
Султон манам ба аҳли сухан, комгор ҳам.

**218.**

Дар сояи ғам шикаст рӯзам,
Хуршед сиёҳ шуд зи сӯзам.
Аз дуди ҷигар силоҳ кардам,
То кини дил аз фалак битӯзам.
Танҳо ҳама шаб ману чароғе,
Мӯнис шуда то ба гоҳи рӯзам.
Гоҳе бикушам ба оҳи сардаш,
Гоҳ аз тафи сина барфурӯзам.

Як аҳл намонд, пас чаро чашм,
З-ин парда дар он фурӯ надӯзам.
Хоқонии дилшикастаам, бош,
То умр чӣ бар диҳад ҳанӯзам.

**219.**

Дар сина нафас чунон шикастам,
К-аз нолаи дил ҷаҳон шикастам.
Дил оташи ғусса дар миён дошт,
Об аз мижа дар миён шикастам.
Бурдам ба сиришки хун шабехун,
То лашкари шабравон шикастам.
Аз нола дар он гаронрикобӣ,
Алҳақ, сипаҳи гарон шикастам.
Азбаски задам дари саҳаргоҳ,
Охир дари осмон шикастам.
Бар мурдадилон ба сури оҳе,
Ин дахмаи бостон шикастам.
Чун навакиён ба новаки субҳ,
Дар рӯи фалак камон шикастам.
Бо саффи ҳавориёни суффа,
Бар хони Масеҳ нон шикастам.
Ҳар хор, ки гулбуни тамаъ дошт,
Дар чашми намакфишон шикастам.
Дидам, ки забони саг газандаст,
Дандони ҷафош аз он шикастам.
Тарсам, ки барорад ошкоро,
Он дандон, к-аз ниҳон шикастам.
Оби рухам оташи ҷигар бурд,
Ман пул ҳама бар забон шикастам.
Ман будаму як калиди гуфтор,
Ҳам дар ғалақи даҳон шикастам.
Чун табъ туфайли орзу буд,
Ҳоли-ш ба имтиҳон шикастам.
Ҳар рӯз ҳазор тозиёна,
Бар табъи туфайлсон шикастам.

Рӯин дижи озро кушодам,
В-овозаи ҳафт хон шикастам.
Хоқонии дилшикастаам, лек
Дил баҳри халоси ҷон шикастам.

**220.**

Зи хокпошӣ дар дастхун фурӯ мондем,
Зи покбозӣ нақши фано фурӯ хондем.
Ба наъши олами ҷифа намоз баркардем,
Ба фарқи гунбади фартут хок бифшондем.
Ҳама ҳадиси Шумо теғ буду гардани мо,
На гарданем, ки аз ҳукм сар барафшондем.
Чароғвор ба куштан нишаста бар сари натъ,
Ба боди сард чароғи замона биншондем.
Ба як-ду шаб, ба се-чор аҳли панҷ-шаш соат,
Ба ҳафт-ҳашт ҳиял, нӯҳ-даҳ орзу рондем.
Ба бист-сӣ ғами чил-панҷаҳанд, ҳон чун сайд,
Ба шасти воқеа ҳафтод рӯз дармондем.
Зи баски теғи забон мӯй кард, Хоқонӣ,
Тани чу мӯй ба мӯя зи теғ бирҳондем.

**221.**

Гар ба иёри касон аз ҳама кас камтарем,
Ҳеҷ касонро ба накд аз ҳама маҳрамтарем.
Гар ба уммеде, ки ҳаст давлатиён хуррамманд,
Мо ба қабуле, ки нест аз ҳама хуррамтарем.
Гар ту ба кӯи мурод роҳи мусаллам равӣ,
Мо ба сари кӯи аҷз аз ту мусалламтарем.
Софитараб шурби туст, чунки фароҳам наӣ,
Дурдии ғам қути мост в-аз ту фароҳамтарем.
Ғуссаи талх аз дарун хандаи ширин занем,
Рӯй туруш чун кунем, н-аз гили тар камтарем.
Гар ту чу Балъам ба зӯҳд лофи каромат занӣ,
Мо зи сагӣ дам занем, в-аз ту мукаррамтарем.

Хирмани умр, эй дареғ рафт ба боди муҳол,
Дар х(в)айи хиҷлат зи умр аз мижа пурнамтарем.
Гарчӣ беҳин умр шуд, рӯз ба пешин расид,
Рост чу субҳи пасин аз ҳама хушдамтарем.
Гуфтаӣ: Хоқониё, к-аз ғами ту беғамем,
Гар ту зи мо беғамӣ, мо зи ту беғамтарем.

### 222.

То чанд ситамрасида бошам,
Чун соя зи худ рамида бошам.
Лаб баста, гулӯ гирифта чун ной,
Нолону ситамрасида бошам.
Инсоф бедеҳ, чаро нанолам,
К-инсоф зи кас надида бошам.
Чанд аз саги аблақи шабу рӯз,
Афтодаи саггазида бошам.
Чанд аз паи обдасти ҳар хас,
Чун булбула қадхамида бошам.
То кай чу тарозу аз забоне,
Дар гардани зеҳ кашида бошам.
Тайёр шавам забон бибуррам,
То ростравӣ гузида бошам.
Чун субҳу маҳак ба ростгӯӣ,
Гӯёи забонбурида бошам.
Гӯӣ, ки зи ғам маҷӯшу махрӯш,
Ин панд басе шунида бошам.
Дар ҷӯшу хурӯши абру баҳрам,
Натавонам, к-орамида бошам.
Хоқонии дилфигорам, оре,
Андек, на шӯхдида бошам.

### 223.

Намонд аҳлрангӣ, ки ман доштам,
Бирафт обу санге, ки ман доштам.

Ба бӯи дили ёри якранг буд,
Ба манзил диранге, ки ман доштам.
Барад ранги дебо ҳаво лоҷарам,
Ҳаво бурд ранге, ки ман доштам.
Хазон шуд, баҳоре ки ман ёфтам,
Камон шуд ходанге, ки ман доштам.
Ба ҷуз бо лабу чашми хубон набуд,
Ҳама сулҳу ҷанге, ки ман доштам.
Чу шер оташинчангу чуст омадам,
Пайи ҳар паланге, ки ман доштам.
Кунун ҷуз ба таъвизи тифлон дарун,
Набинанд чанге, ки ман доштам.
На Хоқониям, ном гум кун маро,
Ки шуд ному нанге, ки ман доштам.

**224.**

Аз ҳастии худ ёд дорам,
Ҷуз соя намонд ёдгорам.
В-ар соя зи ман бурида гардад,
Ҳам нест аҷаб зи рӯзгорам.
Чун ёр зи ман бурид соя,
Чун соя зи ман рамид ёрам.
Аз ҳамнафасон маро чароғест,
З-он ҳеҷ нафас задан наёрам.
З-он бим, ки аз нафас бимирад,
Дар ком нафас шикаста дорам.
Чун ҳамнафасӣ кунам таманно,
Бар оина чашм баргуморам.
Тарсам зи нифоқи оина ҳам,
З-он натвонам, ки дам барорам.
Хоқонивор воми айём,
Аз кисаи умр мегузорам.

**225.**

Гарчи ба дасти карашмаи ту асирам,
Аз сари кӯи ту пой бознагирам.

Захми синони туро сипар кунам аз дил,
То ту бидонӣ, ки бо ту рост чу тирам.
Хасму шафеъам туӣ зи ту ба кӣ нолам,
К-аз туи ноҳақгузор нест гузирам.
Сохтаам бо балои ишқи ту чунон-к,
Гар ивазаш офият диҳӣ, напзирам.
Бе ту чу шамъам, ки зинда дорам шабро,
Чун нафаси субҳдам дамид, бимирам.
Захмаи ишқи туров аз дили ман соз,
Зории Хоқонӣ аст нолаи зерам.

**226.**

Манам он, к-аз тараб ғамин бошам,
Лекин аз ғам тарабгузин бошам.
Дурди ғам боядам, на соф тараб,
З-он, ки бо дурдкаш қарин бошам.
Як даму ним ҷон гарав дорам,
Ман мақомирдилам, чунин бошам.
Се яки дӯстон се – шаш хоҳам,
Ки ҳама бо гарав ба кин бошам.
В-ар се -шаш нақши хеш як бинам,
Ҳам нахоҳам, ки нақшбин бошам.
Рост берун диҳам ҳама кажи хеш,
Гарчӣ кажнақш чун нигин бошам.
Офтобам, ки хоки раҳ бӯсам,
На ҳилолам, ки нозанин бошам.
На чун ӯ ҳам камон кашам бар халқ,
Баҳри як шаб, ки дар камин бошам.
Ҷуръа барчинад офтоб аз хок,
Ман ҳам аз хок ҷуръачин бошам.
Ку хароботи каҳфи шердилон,
То саги остоннишин бошам.
На, на, он ҷамъ ҳафтмардонанд,
Ман кӣ бошам, ки ҳаштумин бошам.
Ман кӣ бошам, ки дар вуҷуд наям,
То дар ин давр камҳазин бошам.

Ё ба сад сол пеш аз ин будам,
Ё ба сад сол баъд аз ин бошам.
Чун ман аз аҳд ҳеч нандешам,
Аз бади аҳд чун ғамин бошам.
Чун ман имрӯз дар миёна наям,
Чи миёнҷии куфру дин бошам.
Ман на Хоқониям, ки хоқонам,
То кулаҳдори ростин бошам.
Шарқу ғарб иттифоқ кард бар он-к
Мабдаи маъниофарин бошам.

**227.**

Дарде, ки маро ҳаст ба марҳам нафурӯшам,
В-ар офияташ сарф диҳӣ ҳам нафурӯшам.
Бигдохт маро марҳаму бинвохт маро дард,
Ман дарди навозанда ба марҳам нафурӯшам.
Эй хоҷа ману ту чӣ фурӯшем ба бозор,
Шодӣ бифурӯшӣ туву ман ғам нафурӯшам.
Розе, ки чу ной аз лаби ёрон ситадам ман,
Аз роҳи забон бар дили ҳамдам нафурӯшам.
Оре, манам он нойи забонгумшуда, к-асрор,
Илло зи раҳи чашм ба маҳрам нафурӯшам.
Чун ной шудам, сар чу забон гумшуда хоҳам,
То пеш зи кас дам нахарам, дам нафурӯшам.
Ман нест шудам, нест шудан мояи ҳастист,
Ин нест ба ҳастии абад кам нафурӯшам.
Ку теғ, ки мифтоҳи наҷот аст сарамро,
К-он теғ ба сад тоҷи сари Ҷам нафурӯшам.
Лабхандазанон заҳри сари теғ кунам нӯш,
Заҳре, ки ба сад мӯҳраи арқам нафурӯшам.
Дастор ба сарпӯши занон додаму ҳаққо,
К-онро ба беҳин ҳилаи Одам нафурӯшам.
З-он мақнаа, к-он шоҳ ба Баҳром фиристод,
Як тор ба сад мағфари Рустам нафурӯшам.
З-ин хон, ки дорад ҷигари пухтатаризаш,
Пурзе ба ҳазор атласи мӯълам нафурӯшам.

Ин якшаба хилват, ки ба ҳар ҳафта маро ҳаст,
Ҳаққо, ки ба шаш рӯзи мусаллам нафурӯшам.
Гуфтӣ: Накунӣ хидмати султон, накунам, не
Як лаҳза фароғат ба ду олам нафурӯшам.
Гӯянд, ки Хоқонӣ надҳад ба хасон дил,
Дил, к-ӯ саги Каҳф аст, ба Балъам нафурӯшам.
Бар кӯрдилон сӯзани Исо насупорам,
Бар пардадарон риштаи Марям нафурӯшам.

**228.**

Хуни дилам махӯр, ки ғамони ту мехӯрам,
Раҳме бикун, ки захми синони ту мехӯрам.
Ҳар май, ки дида рехт ба полунаи мижа,
Ёди хаёли унсрасони ту мехӯрам.
Гуфтӣ, чӣ мехӯрӣ, ки сафолин лабат пур аст,
Дурди фироқи ногузарони ту мехӯрам.
Эй соқии фироқ, гаронӣ ҳамебарам,
Нӯше бизан сабук, ки гарони ту мехӯрам.
Таъна занӣ маро, ки ғами ҷон ҳамехӯрӣ,
Ҷон они туст, ман ғам аз они ту мехӯрам.
Ҳар душмане, ки заҳр диҳад дӯстгониям,
Заҳраш ба ёди нӯши лабони ту мехӯрам.
Гуфтӣ, ки аз сагони киӣ? Аз сагони ту,
К-осеби дасти сангфишони ту мехӯрам.
Ранҷа макун забон-т ба дашноми чун манне,
Ҳаққо, ки ман дареғи забони ту мехӯрам.
Бар дасти ту чу тири ту ларзам зи чашми бад,
Ҳар гаҳ, ки захми тиру камони ту мехӯрам.
Мисмор бар лабам задию наъл бар ҷабин,
Пас зам кунӣ маро, ки ғамони ту мехӯрам.
Ман хоки поям, оби даҳон з-оташи ҳаво-т,
В-он гаҳ чу ной дам зи даҳони ту мехӯрам.
Кофурдон шавад зи дами сарди ман фалак,
Азбаски дам зи ғолиядони ту мехӯрам.
Бурдӣ гумон, ки бар дили Хоқонӣ андӯҳ аст,
Ман андӯҳаш ба бӯи гумони ту мехӯрам.

Хоки туам, валек чӣ хоке, ки ҷуръарез,
Аз ҷоми шоҳи мулкситони ту мехӯрам.

**229**

Мо аз Ироқ ҷони ғамолуд мебарем,
В-аз оташи ҷигар дили пурдуд мебарем.
Дар гиряи видоъ тазарвони кабклаб,
Товусвор пои гулолуд мебарем.
Шабҳо зи баски сӯзиши табҳо ҳамекашем,
Лабҳо кабуду обилафарсуд мебарем.
Дорем дарди фурқати ёрон, гумон мабар,
К-андӯҳи буд, ё ғами нобуд мебарем.
Ёрӣ зи даст рафта, ғами кор мехӯрем,
Моя зиён шуда, ҳаваси суд мебарем.
Хунин диле ба сабр сарандуда в-аз сиришк,
Хокин рухе, чу коҳи гиландуд мебарем.
Гул дарди сар бароварaду мо дарди сар чу гул,
Дер оварему заҳмати худ зуд мебарем.
Гуфтӣ чу мебаред зи Бағдод зоди роҳ,
Сад Даҷла хун, ки дида ба полуд мебарем.

**230.**

Ал-сабӯҳ, эй дил, ки мо базми қаландар сохтем,
Чу муғон аз қуллаи май қиблае барсохтем.
Шоҳидони оташинлаб обдандон омаданд,
К-оби кору кори оберо ба ҳам дарсохтем.
Хоҷаи ҷон, гӯ мусалсал бош чун роҳиб, ки мо
Мири доди маҷлис аз зуннору соғар сохтем.
Киштии май дошт соқӣ, мо ба ҷом лангар задем,
Гуфтӣ аз дарёи ҳастӣ барги мӯъбар сохтем.
Киштии мо даргузаштан хост аз гетӣ, валек
Ҳафтае ҳам сӯзани Иси-ш лангар сохтем.
Он замон, к-аз оташинкавсар шудем олудалаб,
Анбарин дасторча аз зулфи дилбар сохтем.
Бар парирӯе сулаймонӣ барафшондем пок,
Субҳаҳо к-аз ашки довудӣ музаввар сохтем.

Ғуссаи олам намешояд фурӯ бурдан ба дил,
З-он ба май бо олами покаш баробар сохтем.
Хоки маҷлис буд Хоқонӣ ба бӯи ҷуръае,
Ҳам ба бӯи ҷуръаи хокаш муаттар сохтем.

**231.**

Ба кӯи ишқи ту ҷон дар миёни роҳ ниҳам,
Кулоҳ бинҳаму сар бар сари кулоҳ ниҳам.
Гарам ба шаҳнагии ошиқон фируд орӣ,
Хироҷи рӯи ту бар офтобу моҳ ниҳам.
Гарам ба теғи ҷафои ту зарра-зарра кунанд,
На марди дарди ту бошам, гарат гуноҳ ниҳам.
Ба боғи васли ту гар шарти «ман язид» равад,
Ҳазор Тӯбӣ дар арзи як гиёҳ ниҳам.
Ба осмоншиканӣ оҳи ман миёни дарест,
Муроди оҳ туӣ, дар канори оҳ ниҳам.
Агар ба хидмати дасти ту даррасад лаби ман,
Зи дастбӯсии ту, ё Раб, чӣ дастгоҳ ниҳам.
Ба ҷоми ишқи ту май то хати сиёҳ диҳанд,
Манам, ки сар ба хати он хати сиёҳ ниҳам.
Гадои кӯи ту Хоқонӣ аст, фармон деҳ,
Ки ин гадои туро доғи подшоҳ ниҳам.

**232.**

Эй қавм, алғиёс, ки коруфтодаем,
Ёрӣ диҳед, к-аз дили ёр уфтодаем.
Аз роҳравони ҳазрати ӯ бозмондаем,
Аз корвон гусаставу боруфтодаем.
Дар садр дидаӣ, ки чӣ иқбол дидаем,
Бар остон нигар, ки чӣ зор уфтодаем.
Аз ман дуасба қофилаи сабр даргузашт,
Мо дар миёни роҳу ғубор уфтодаем.
Андар бало ҳамекунадам озмун, бале
Дар оташ аз барои иёр уфтодаем.
Эй кош, ёри ғор нарафтӣ зи дасти ман,
Акнун, ки пой бар дами мор уфтодаем.

Хоқонии азизи сухан будам, эй дареғ,
Охир чӣ уфтод, ки хор уфтодаем.

**233.**

Як назар дӯш аз шиканҷи зулфи ӯ дуздидаам,
Зери ҳар тори шиканҷе сад ҷаҳон ҷон дидаам.
Дӯш аз он савдо, ки ҷонам з-он миён гӯӣ куҷост,
Мурғу моҳӣ орамиду ман наёромидаам.
Бе миёнҷии забону заҳмати гӯш он замон,
Лобаҳо бинмудаам, лаббайкҳо бишнидаам.
Гавҳаре, к-аз чашми ман зод офтоби рӯи ту,
Ҳам ба дасти ашк дар пои ғамаш пошидаам.
Аз наҳифӣ ҳамчу тори риштаам дар икди ӯ,
Лоҷарам ҳамбистари ӯям в-аз ӯ пӯшидаам.
Гарчи он хушлаб ҷаҳони хуррамиро барфурӯхт,
Ман ба дандон меҳнати ӯро ба ҷон бихридаам.
Ӯ маро бе заҳмати ман дӯст дорад з-ин қабил,
Душмани Хоқониам то меҳри ӯ бигзидаам.

**234.**

Дил шуд аз даст, дӯстро ба чӣ ҷӯям,
Нутқ фурӯ баст, ҳоли дил ба чӣ гӯям.
Нест касам ғамгусор, хуш ба кӣ бошам,
Ҳаст ғамам беканор, лавҳ чӣ ҷӯям.
Чун ба дари ихтиёр нест маро бор,
Гирди саропардаи мурод чӣ пӯям.
Захми балоро чу каъбатайн ҳама чашмам,
Занги аноро чу оина ҳама рӯям.
Аз дари ман офият чӣ гуна дарояд,
Чун нашуд пои меҳнат аз сари кӯям.
Баски шудам кӯфта дар оташи андӯҳ,
Гӯӣ мардум наям,ки оҳану рӯям,
Тира шуд обам зи бас диранг дар ин хок,
Кош аҷал санг барзадӣ ба сабӯям.

Бахт зи ман даст шуст, шояд агар ман,
Нақши умед аз рухи мурод бишӯям.
Чун дили худро ба ғам супорам, аз ин рӯй,
Душмани Хоқониям магар ки на ӯям.

**235.**

Занги дил аз оби рӯй шустем,
В-аз дурди ҳаво сабӯй шустем.
Дилро ба канори ҷӯй бурдем,
В-аз ёри канораҷӯй шустем.
Аз шаҳри шумо дуасба рондем,
Аз хун сари чор сӯй шустем.
Ҷонро ба видоъи офариниш,
Аз олами тангхӯй шустем.
Саҷҷода ба ҳашт боғ бурдем,
Дурроа ба чор ҷӯй шустем.
На қундузи шаб, на қоқуми рӯз,
Чун даст зи ҳар ду мӯй шустем.
Гуфтӣ, ки даҳон, ба ҳафт хокоб,
Аз ёди хасон бишӯй, шустем.
Гуфтӣ, зи ҷаҳон нашустаӣ даст,
Дар гӯши ҷаҳон бигӯй, шустем.
Аз зансифатӣ ба оби мардӣ,
Ҳайзи ҳама рангу бӯй шустем.
З-он нафс, ки обрӯй ҷустӣ,
Мо даст зи обрӯй шустем.
Хоқонивор тахтаи умр,
Аз абҷади гуфтугӯй шустем.

**236.**

Ин худ чӣ сурат аст, ки ман пойбасти ӯям,
В-ин худ чӣ офат аст, ки ман зердасти ӯям.
Ӯ зулфро бар ғамам доим шикаста дорад,
Ман дилшикаста з-онам, ки дар шикасти ӯям.
Ҳар шаб ба сайри кӯяш аз кӯчаи хароботм,
Наъразанон бароям, яъне, ки масти ӯям.

Як шаб висол дод, маро қосиди хаёл,
Бо он баландсарв, ки чун соя пасти ӯям.
Моно, ки субҳи содиқ ғаммоз буд, агар на,
Ин фитна аз кӣ хост, ки ман ҳамнишасти ӯям.
Овоза шуд ба шаҳре в-огоҳ гашт шоҳе,
К-ӯ ишқдони ман шуд, ман бутпарасти ӯям.
Хоқониям, ки маргам аз зиндагист хуштар,
То чунки нест гардам, донад, ки ҳасти ӯям.

**237.**

Гуфтам оҳе оташин бас кун, на ман хоки туам,
На мусалсал ҳамчу обам, то ҳавасноки туам.
Мӯҳраи афъист он лаб заҳри афъӣ бок нест,
Эй гавазносо, на ман зинда ба тарёки туам.
Гуфт: ҳаҷрат талх в-он гаҳ хушдилӣ они ман аст,
Ман ба доғи ин ҳадис аз хӯйи бебоки туам.
Баски сарбаста чу ғунча дарди сар дорам чу бед,
Чун шукуфа нашукуфам, к-аз сарви чолоки туам.
Хоки шӯҳрат мебарӣ, к-обу ҳаво нагзоядат,
Бо худам бар, к-охир аз рӯи ҳаво хоки туам.
Қуфли мӯҳр аз сина чун бардоштӣ, Хоқониё,
На калиди ганҷхона(й) хотири поки туам.

**238.**

Номи ту чун бар забон меоядам,
Оби ҳайвон дар даҳон меоядам.
Толиби ман хокбӯси кӯи туст,
Ҳар дам аз лаб бӯи ҷон меоядам.
Гар қадам бар осмонам пеши ту,
Фарқи сар бар остон меоядам.
То ҳумоям хондаӣ дар коми дил,
Ҳар навола устухон меоядам.
Вораҳон з-ин домгоҳи ғам маро,
К-орзуи ошён меоядам.

Мояи ишқи ту чун ӯ ҳосил аст,
Шояд ар умре зиён меоядам.
Дар сафи ушшоқ Хоқонӣ манам,
К-асби маънӣ зери рон меоядам.

**239.**

Аз таффи дил оташиндаҳонам,
З-он номи ту бар забон наронам.
Тарсам, ки чу сабр аз ғами ту,
Номи ту бисӯзад аз забонам.
Фарёд, к-аз оташи дили ман,
Фарёд бисӯхт дар даҳонам.
Болои сар истод рӯзам,
Дар пастии ғам фитод ҷонам.
Муште хокам сабуктар аз бод,
Ҳам киштии оҳани гаронам.
Гар оҳани нестӣ тафи оҳ,
Бо худ барадӣ бар осмонам.
Чун римоҳан зи банди оҳан,
Полудаи сӯхта равонам.
Лабташнатарам зи саггазида,
Аз дасти кас об чун ситонам.
В-аз кӯи кас об чун тавон хост,
К-оташ надиҳанд ройгонам.
Дур аз ту зи бетанӣ, ки ҳастам
Чун васли ту ҳаст бенишонам.
Маҷҳули касе наям, шиносам,
Ман шоири соҳибулқиронам.
Аз ман асаре намонд моно-к,
Хоқонии дигарам, на онам.

**240.**

Куфр аст рози ишқат пинҳон чаро надорам,
Дорам ба куфр ишқат имон чаро надорам.

Сӯзе зи сози ишқат дар дил чаро нагирам,
Рамзе зи рози меҳрат дар ҷон чаро надорам.
Оташ ба хок пинҳон доранд субҳхезон,
Ман хоки ишқам оташ пинҳон чаро надорам.
Ид аст ин ки бар ҷон куштан ҳавола кардӣ,
Чун куштанист, ҷонам, қурбон чаро надорам.
Некам саодат аст ин, к-омад ғами ту дар дил,
Чун дил сарои ғам шуд, шодон чаро надорам.
То худпараст будам, корам надошт сомон,
Чун бехудист корам, сомон чаро надорам.
Маҳтобро ба вайрон расм аст нур додан,
Пас ман сарочаи ҷон вайрон чаро надорам.
Райҳони ҳар сафоле пайдост, они ман ку,
Ман дил сафол кардам, райҳон чаро надорам.
Хоқониям, на валлоҳ, симурғи нест ҳастам,
Пас ҳасту нести гетӣ, яксон чаро надорам.

## 241.

Нозест туро дар сар, камтар накунӣ, донам,
Дардест маро дар дил, бовар накунӣ донам.
Хайра чӣ сар андозам, бар хоки сари кӯят,
Гар бӯса занам поят, сар бар накунӣ донам.
Гуфтӣ бидиҳам комат, аммо на бад-ин зудӣ,
Умре шуду з-ин ваъда камтар накунӣ донам.
Бӯсем ато кардӣ, з-он карда пушаймонӣ,
Донӣ, ки хато кардӣ, дигар накунӣ донам.
Гар куштаниям боре, ҳам дасти туву теғат,
Худ даст ба хуни ман, ҳам тар накунӣ донам.
Гаҳ-гаҳ занӣ аз шӯхӣ ҳалқа дарит Хоқонӣ,
Хона ҳама хун бинӣ, сар дар накунӣ донам.
Ҳон, эй дили Хоқонӣ, сар дар сари кораш кун,
Илло ҳаваси васлаш дар сар накунӣ донам.
Гарчӣ ба Ироқ андар султони сухан гаштӣ,
Ҷуз хоки дари султон афсар накунӣ донам.

## 242.

Ба майдони вафо ёрам чунон омад, ки ман хоҳам,
Зи девони ҳаво корам чунон омад, ки ман хоҳам.
Зи дафтар фоли уммедам чунон омад, ки ман ҷустам,
Зи қуръа нақши пиндорам чунон омад, ки ман хоҳам.
Маро ёрон сипосэзад кунанд, к-имрӯз к-аз толеъ,
Ба номзэзад дилу ёрам чунон омад, ки ман хоҳам.
Чӣ нақш аст ин ки толеъ баст то бар ҷомаи умрам,
Тарози кор з¬-ӯ дорам, чунон омад, ки ман хоҳам.
Чӣ дом аст ин, ки бахт афканд, к-он оҳуи шерафкан,
Ба як дам сайди гуфторам чунон омад, ки ман хоҳам.
Маро бар каъбатайни дил се-шаш нақш омад аз васлаш,
Зиҳӣ нақше, ки ин борам чунон омад, ки ман хоҳам.
Дило, сар бар замин дору кулаҳ бар осмон афшон,
Ки он моҳи кулаҳдорам чунон омад, ки ман хоҳам.
Ба борони мижа дар абр меҷустам висолашро,
Кунун ноҷуста дар борам чунон омад, ки ман хоҳам.
Чӣ узр орам, ки бикшоям забони баста чун булбул,
Ки он гулбарги бехорам чунон омад, ки ман хоҳам.
Аз он рӯе ҷаҳон дорад, ки чун Исост ҷонпарвар,
Давои ҷони беморам чунон омад, ки ман хоҳам.
Сабӯҳӣ соз Хоқониву кори об кун, яъне,
Ки оби кори бозорам чунон омад, ки ман хоҳам.

## 243.

Гуфтам ба Рай муроди дил осон бароварам,
З-он ҷо сафар ба хоки Хуросон бароварам.
Дар раҳ даме ба турбати Бастом барзанам,
В-аз Тӯсу Равза орзуи ҷон бароварам.
Рай дида, пас ба хоки Хуросон расам чунон-к,
Ҳаҷ карда умра бар асари он бароварам.
Аз авҷи осмон ба сари Сидра бигзарам,
В-аз Сидра сар ба гулшани ризвон бароварам.
Эзад нахост он чӣ дилам хост лоҷарам,
Ҳар лаҳза оҳе аз дили сӯзон бароварам.

**244.**

Маро гӯӣ чӣ сар дорӣ, сари савдои ӯ дорам,
Ба хоки пои ӯ, к-уммеди хоки пои ӯ дорам.
Аз ӯ то ҷон агар фарқе кунам кофардилӣ бошад,
Ман он гаҳ ҷои ӯ донам, ки ҷонро ҷои ӯ дорам.
Гар ӯ аз лутфи оми худ маро мақбули худ дорад,
Наяндешам, ки чун хосон қабули ройи ӯ дорам.
Агар дил дар ғамаш гум шуд, чӣ шояд кард, гӯ гум шав,
Дил ин ҷо аз сагони кист, то парвои ӯ дорам.
Буни ҳар мӯйро гар бозпурсӣ то чӣ сир дорад,
Нидо ояд, ки то сар дорам ин савдои ӯ дорам.
Ба ҷони ӯ, ки з-ӯ ҷонро ба дарди ӯст хурсандӣ,
Ки ҷондоруи хеш аз дарди ҷонафзои ӯ дорам.
Шикорам кард зулфи ӯ чу оташ сурхрух з-онам,
Ки дар гардан каманди зулфи дудосои ӯ дорам.
Агар сад ҷони Хоҷонӣ ба болояш барафшонам,
Хиҷил бошам, ки ин хилқат на бар болои ӯ дорам.

**245.**

Чун талх сухан ронӣ, тунги шакарат хонам,
Чун кор ба ҷон орӣ, ҷони дигарат хонам.
Заҳри ғами хешам деҳ, то умри хушат гӯям,
Хоки дари хешам хон, то тоҷи сарат хонам.
Ашку рухи ман ҳар ду сурх асту кабуд аз ту,
Хуш рангразӣ, з-ин пас исиҳунарат хонам.
Чун дарди туам гирад домони ғамат гирам,
Оям ба сари кӯят в-аз дар ба дарат хонам.
З-ин хондани беҳосил бастам лабу бас кардам,
Ҳам кам шунавӣ донам, гар бештарат хонам.
Гуфтӣ, ки чу вақт ояд корат беҳ аз ин созам,
Ин ишва мадеҳ, к-он гаҳ афсусгарат хонам.
Аз меҳнати Хоҷонӣ бас бехабарӣ, вайҳак,
Донам нашавӣ дар хат, гар бехабарат хонам.

**246.**

Гар раҳм кунӣ ҷоно, ҷон бар сарат афшонам,
В-ар захм занӣ, дилро бар ханҷарат афшонам.
Маълуми ман аз олам ҷонест, чӣ фармоӣ,
Бар ханҷари ту пошам, ё бар сарат афшонам.
Бар сӯзани мижгонам сад ришта гуҳар дорам,
Дар домани ту резам, ё дар барат афшонам.
Ойӣ ба каф он ханҷар чун чашми ман аз гавҳар,
Ман гавҳари умри худ бар гавҳарат афшонам.
Гар гавҳари ҷон хоҳӣ ҳам дар камарат дӯзам,
В-ар донаи дил хоҳӣ, ҳам дар барат афшонам.
Товуси худоройӣ дар зевари зебоӣ,
Гар дида қабул ояд, бар зеварат афшонам.
Бо ман ба саломи хушк, эй дӯст, забон тар кун,
То аз мижа ҳар соат лаъли тарат афшонам.
Хоки дари султонро афсар куну бар сар неҳ,
То сар ба кулаҳ дорӣ, бар афсарат афшонам.
Он пайкари рӯҳонӣ бинмой ба Хоқонӣ,
То дидаи нуронӣ бар пайкарат афшонам.

**247.**

Мо пешкаши ту ҷон фиристем,
В-ар даст расад ҷаҳон фиристем.
Ҷон худ чӣ сагу ҷаҳон чӣ хок аст,
То бар дарат ину он фиристем.
Як воми лабат надода бошем,
Он гаҳ, ки ҳазор ҷон фиристем.
Дар қимати лаъли ту чӣ арзад,
Мо арчи ҳазор кон фиристем.
Дандонмузди сагони кӯят,
Бипзирӣ агар, равон фиристем.
Ин лошаи тан кашида дар ҷул,
Бар охури посбон фиристем.
Бас узр, к-аз охури ту хоҳем,
Гар аблақи осмон фиристем.

Қисса ба ту ҳар нафас нависем,
Қосид ба ту ҳар замон фиристем.
Дида ҳам аз они туст, бигзор,
То мурғ бар ошён фиристем.
Хоқониро ҳазор ганҷ аст,
Як-як ба ту ройгон фиристем.

**248.**

Дида дар кори лабу холаш кунам,
Пешкаш ҳам ҷону ҳам молаш кунам.
Каъбаи ҷон ӯву иди дил ҳам ӯст,
Ҷону дил қурбон ҳама солаш кунам.
Чун маро аз роҳи Каъба-ст ин футӯҳ,
Бас тавофи шукр, к-имсолаш кунам.
Моҳи ман, к-уштурсавор ояд ба роҳ,
Дида саққо, сина ҳаммолаш кунам.
Ноқаро чун моҳ бар кӯҳон бувад,
Номи чархи муштарифолаш кунам.
Ноқае, к-ӯ пой бар ёлаш ниҳад,
Бӯсагаҳ ҳам пову ҳам ёлаш кунам.
Гаҳ миҳор аз риштаи ҷон созамаш,
Гаҳ зари рухсор халхолаш кунам.
Гар дилам сӯзад самуми бодия,
Бас муфарраҳ, к-аз лабу холаш кунам.
Камтарин ҳиндуи ӯ Хоқонӣ аст,
Гар пазирад ном мисқолаш кунам.

**249.**

Дил ба савдои бутон дарбастаам,
Бутпарастиро миён дарбастаам,
Дил бутонро додаму шодам бадон-к
Саг ба шохи гулситон дарбастаам.
Пухтаи ғамҳои ишқам, лоҷарам,
Дам зи хомони ҷаҳон дарбастаам.
Гӯш бинҳодам ба овози сабӯҳ,
В-аз дами саббӯҳхон дар бастаам.

Боз тасбеҳ ошкор афкандаам,
Боз зуннор аз ниҳон дарбастаам.
Гардани уммеди худро ноқавор,
Бас ҷарасҳо, к-аз гумон дарбастаам.
Лошаи умр аз ҳавас хуш меравад,
Мӯҳраи рангин-ш аз он дарбастаам.

**250.**

Ҷоно, зи сари меҳри ту гаштан натавонам,
В-аз роҳи ҳавои ту гузаштан натавонам.
Дар ҷони ман андешаи ту оташе афканд,
К-онро ба дусад тӯфон куштан натавонам.
Сад ранг биёмезам чӣ суд, ки дар ту,
Меҳре, ки набудаст, сириштан натавонам.
То будам, бар қоидаи меҳри ту будам,
То бошам, аз ин қоида гаштан натавонам.
Чун нома нависам ба ту аз дарди дили хеш,
Ҷони ту, ки аз заъф навиштан натавонам.
Ҳоли дили Хоқонӣ агар шарҳ пазирад,
Ҳаққо, ки ба сад нома навиштан натавонам.

**251.**

Ба сифат ошиқи ҷамоли туем,
Ба хабар фитнаи хаёли туем.
Хомпиндору сӯхтаҷигарон,
Дар ҳавас пухтани висоли туем.
Чӣ аҷаб гар зи васл маҳрумем,
Мо куҷо маҳрами ҷамоли туем.
Ғарқаи ишқу ташнаи васлем,
К-орзуманди зулфу холи туем.
Рад макун, хушкҷони ман бипазир,
Ки баровварди хушксоли туем.
Ҷои ту дар дили шикастаи мост,
Ки ту райҳону мо сафоли туем.
Аз паи хидматат падид оем,
Ки ту идию мо ҳилоли туем.

Ба саломет дарди сар надиҳем,
З-он, ки тарсанда аз малоли туем.
Ҳама тан чашму сӯи ту нигарон,
Каъбатайнвор дастмоли туем.
Гуфт Хоқонӣ арчӣ ҳеч касем,
Хоре аз гулбуни камоли туем.

**252.**

Имрӯз ду ҳафта-ст, ки рӯи ту надидам,
В-он моҳи ду ҳафт аз хами мӯи ту надидам.
Моҳи маниву иди ману ман маҳи иде,
З-он рӯй надидам, ки ба рӯи ту надидам.
Чун бӯи ту дидам нафаси субҳу зи ғайра,
Дар оинаи субҳ ба бӯи ту надидам.
Тан ғарқаи хун рафтаму дил ташнаи уммед,
К-аз оби вафо қатра ба ҷӯи ту надидам.
Сагҷон шудам аз бас ситами олами сагдил,
Рӯзе назаре аз саги кӯи ту надидам.
Бо дарди фироқи ту ба ҷон мезанам, алҳақ,
Дармон зи кӣ ҷӯям, ки зи хӯи ту надидам.
Бар ҳеҷ дари савмаае барнагузаштам,
К-он ҷо чу худе дар такупӯи ту надидам.
Пои талабам суст шуд аз сахт давидан,
Ҳар сӯ, ки шудам роҳ ба сӯи ту надидам.
Хоқонӣ агар беҳуда гуфт аз сари мастӣ,
Мастӣ беҳ аз ӯ, беҳудагӯи ту надидам.

**253.**

Табъи ту дамсоз нест, чора чӣ созам,
Кини ту камтар нагашт, меҳр чӣ бозам.
Тири ҷафоят кушод роҳи сиришкам,
Теғи фироқат дарид пардаи розам.
Аз шаби ҳиҷрон бипурс то ба чӣ рӯзам,
З-оташи савдо бубин, ки дар чӣ гудозам.
Заҳраи он нестам, ки пои ту бӯсам,
Пас ба чӣ дил даст сӯи зулфи ту ёзам.

Боз ниёзам ба шоҳиду маю шамъ аст,
Ҳар се туӣ, з-он ба сӯи туст ниёзам.

**255.**

Хуш-хуш аз ишқи ту ҷоне меканам,
В-аз гуҳар дар дида коне меканам.
Бар сари ақл остине мезанам,
Аз дари сабр остоне меканам.
Ҳар кӣ аз ғайри ту лофе мезанад,
Аз сари ғайрат ҷаҳоне меканам.
То дилам кардӣ нишони тири ҳаҷр,
Сад хаданг аз ҳар нишоне меканам.
То синонандоз шуд мижгони ман,
Ҳар дам аз сина синоне меканам.
Мори Заҳҳок аст зулфат, к-аз ғамаш,
Қасри шодӣ ҳар замоне меканам.
Дар тани хеш аз барои қути ӯ,
Мағзе аз ҳар устухоне меканам.
Бар нигини ҷони Хоқонӣ муқим,
Мӯҳри меҳри меҳрубоне меканам.

**256.**

Ман дар талаби ёрам, з-ағёр наяндешам,
Поям ба сари ганҷ аст, аз мор наяндешам.
Сабрам ба иёри ӯ ҳеҷ асту ду ҷав камтар,
Ман ҳамҷави зарринам, к-аз нор наяндешам.
Ҷав-ҷав шудам аз ишқаш, ӯ ҷав ба ҷавин донад,
Ӯро ба ҷаве з-ин ғам ғамхор наяндешам.
Гар з-он рухи гандумгун андак назаре ёбам,
З-ин ҷон, ки ҷаве арзад, бисёр наяндешам.
Хоки дили ман хун шуд, в-ар хуни ман андешад,
Андешам аз озораш, з-озор наяндешам.
Гар ҳеч расад бар дил дандони саги кӯяш,
Ташрифи сари дандон ҳар бор наяндешам.
В-ар ҷон зи буни дандон дар арзи лабаш орам,
Ҳам пешкаше донам, бозор наяндешам.

Гар кори манн аз ишқаш бо шаҳнаву дор афтад,
Аз шаҳна натарсам ман, в-аз дор наяндешам.
Гар бо сари теғ афтад кори сари Хоқонӣ,
Бар теғ сар андозам, в-аз кор наяндешам.

**257.**

Дилро ба ғами ту боз бастем,
Ҷонро камари ниёз бастем.
Тан к-ӯ саги туст, ҳам ба кӯят,
Бар шохи гулаш ба ноз бастем.
Аз дил ба дилат расул кардем,
В-аз дида забони роз бастем.
Дидем рухат, ки қиблаи мост,
З-он сӯ, ки туӣ, намоз бастем.
Хунин тутақ аз паи хаёлат,
Бар чашми хаёл боз бастем.
Бар бӯи хаёли зудсерат,
Хоби шаби дайр боз бастем.
Ҷон аз паи гарди мавкаби ту,
Бар шаҳраҳи турктоз бастем.
Мурғе, ки кабӯтари ҳавоист,
Бар гӯшаи дом боз бастем.
Ҷавре, ки зи ғамзаи ту дидем,
Бар олами кинасоз бастем.
Хоқонивор лошаи умр,
Бар охури ҳирсу оз бастем.

**258.**

Хез, то рахти дил барандозем,
В-аз паи некӯӣ сар андозем.
Бо ҳарифон дарди мӯҳраи меҳр,
Бар бисоти қаландар андозем.
Дину дунё ҳиҷоби ҳиммати мост,
Ҳар ду дар пои дилбар андозем.
Дӯст дар рӯи мо чу санг андохт,
Мо ба шукрона шаккар андозем.

Мардуми дидаро сипанд кунем,
Пеши рӯяш бар озар андозем.
Гарчи аз тавсанӣ чу толеи мост,
Мо каманди вафо дарандозем.
Гар бад-ин ҳила сайд шуд бахбах,
В-арна кори дигар барандозем.
То кай аз ғуссаҳои бадгӯён,
Қиссаҳо пеши довар андозем.
Шарҳи ин ҳол пеши дӯст кунем,
Санги фитна ба лашкар андозем.
Тӯҳфа созем ҷони Хоқонӣ,
Пеши хоқони акбар андозем.

**259.**

Ё раб, аз ишқ чӣ сармастаму бехештанам,
Даст гиредам то даст ба зулфаш назанам.
Гар ба майдон равад он бут магузоред даме,
Бӯ, ки ҳушёр шавам баргнисорӣ бикунам.
Нагузорам, ки ҷаҳоне ба ҷамолаш нигарад,
Шавам, аз хуни ҷигар парда, ба пешаш битанам.
Ё маро бар дари майхонаи он моҳ баред,
Ки хумори ман аз он ҷост, ҳамон ҷо шиканам.
Сурати ман ҳама ӯ шуд, сифати ман ҳама ӯ,
Лоҷарам кас ману мо нашнавад андар суханам.
Назанам ҳеҷ даре то-м нагӯяд он кист,
Чу бигӯянд маро бояд гуфтан, ки манам.
Нимҷон дораму ҷон соя надорад ба замин,
Ман ба ҷон мезияму сояи ҷон аст танам.
Аз заифӣ, ки танам ҳаст ниҳон гашта чунон-к,
Солҳо ҳаст, ки дар орзӯи хештанам.
Гар маро пурсиву чизе ба ту овоз диҳам,
Он на Хоқонӣ бошад, ки бувад пираҳанам.

**260**

Нузли ишқат ҷони ширин оварам,
Ҳадяи зулфат дилу дин оварам.

Чун шароби талху ширин даркашӣ,
Пешкаш сад ҷони ширин оварам.
Пеши уннаби лабат уннобвор,
Рӯи хунолуда пурчин оварам.
Пеши болои ту ҳамболои ту,
Гавҳар аз чашми ҷаҳонбин оварам.
Вопасин ёри манӣ дар ишқ ту,
Рӯзи барноӣ ба пешин оварам.
Чун ба ёдат каъбатайн гирам ба каф,
Каъбатайнро нақши Парвин оварам.
Ними рӯ хокин чу бӯсам пои ту,
Бар сар аз ту тоҷу тамкин оварам.
Ошиқон дил додан оин кардаанд,
Ман ба ту ҷон додан оин оварам.
Ор чун дорӣ зи Хоқонӣ, ки фахр
Аз дари тоҷи салотин оварам.

## 261

Ними шаб пай гумкунон дар кӯи ҷонон омадам,
Ҳамчу ҷон бе сояву чун соя беҷон омадам.
Чун сагони дӯст ҳам пеши сагони кӯи дӯст,
Доғ бар рух, тавқ бар гардан хурӯшон омадам.
Кӯи ӯ ҷонро шабистон буд, заҳмат барнатофт,
Соя бар дар монд чун ман дар шабистон омадам.
Оташи рухсори ӯ дидам, сипанди ӯ шудам,
Бе ман аз ман наъра сар барзад, пушаймон омадам.
Бо чароғ осон нашояд бар сари ганҷ омадан,
Ман чароғи оҳ чун биншондам, осон омадам.
Сӯзани мижгонаш аз дебои рухсораш маро,
Хилъати нав дӯхт, к-ӯро дӯш меҳмон омадам.
Дӯст ҷоми май кашиду ҷуръаро бар ман фишонд,
Хоки ӯ будам, сазои ҷуръаҳо, з-он омадам.
Аз ҳису дониш наяндешам, ки дорам васли ӯ,
Бо кӣ ғавғо кай барам, чун хоси султон омадам.
Шомгаҳ з-ин сар на ошиқ, к-остонбӯсе шудам,
Субҳидам з-он сир на Хоқонӣ, ки хоқон омадам.

**262.**

Дар ишқ зи теғу сар наяндешам,
Дар кӯи ту аз хатар наяндешам.
Дар дасти ту чун ба дастхун мондам,
Аз шашдари ту гузар наяндешам.
Парвонаи ишқам уфтону хезон,
К-аз оташи тезпар наяндешам.
Як бӯса зи поят орзу дорам,
Ҷони ту, ки бештар наяндешам.
Ин орзуям бибахшу ҷон бистон,
То орзуи дигар наяндешам.
Бо дил гуфтам, ки тарки ҷон кардӣ,
Дил гуфт, к-аз ин қадам наяндешам.
Гуфтам, ки дило, зи ҷон наяндешӣ,
Гуфто, ки ҳақ аст, агар наяндешам.
Хоқонивор бар сари кӯят,
Сар барниҳаму зи сар наяндешам.

**263.**

Мо дил ба дасти меҳри ту з-он боз додаем,
К-андар тариқи ишқи ту гарм уфтодаем.
Мо ратлҳои дарди ту з-он дар кашидаем,
К-аз рамзҳои дарди ту сирре кушодаем.
Гуфтӣ, ки дил бидодаву фориғ нишастаӣ,
Инак, барои додани ҷон истодаем.
Мо остини нози ту аз даст кай диҳем,
Чун домани ниёз ба дасти ту додаем.
То ҳамқадам шудем саги посбон-тро,
Аз фарқи Фурқадайн қадам барниҳодаем.
Касро чӣ даст бар мо гар ошиқи туем,
Мавлои кас наем, ки озод зодаем.
Мо ҳам ба бода ҳамдами Хоқониему бас,
Ку роҳи бодахона, ки ҷӯёи бодаем.

## 264.

То ман паи он зулфи сарафканда ҳамедорам,
Чун шамъ гаҳе гиряву гаҳ ханда ҳамедорам.
Гаҳ лавҳи висолашро сарбаста ҳамехонам,
Гаҳ поси хаёлашро шабзинда ҳамедорам.
Султони ҷамол аст ӯ, ман бар дари айвонаш,
Тан хок ҳамесозам, ҷон банда ҳамедорам.
То кард маро баста бодоми ду чашми ӯ,
Чун писта дил аз ҳасрат оганда ҳамедорам.
Ҷон тӯҳфаи ӯ кардам, ҳам нест сазои ӯ,
З-ин рӯй сар аз хиҷлат афканда ҳамедорам.
Бар ҳоли гузашта(й) мо ҳаргиз накунӣ ҳасрат,
Уммед ба алтофаш оянда ҳамедорам.
Аз мусҳафи ишқи ӯ фоли дили Хоқонӣ,
Гар худ ба ҳалок ояд, фархунда ҳамедорам.

## 265.

Туро дар дӯстӣ ройе намебинам, намебинам,
Чу роз андар дилат ҷое намебинам, намебинам.
Таманно мекунам ҳар шаб, ки чун ёбам висоли ту,
Аз ин хуштар таманное намебинам, намебинам.
Ба ҳар маҷлис ки биншинӣ, туӣ дар чашми манн, зеро,
Ки чун ту маҷлисорое намебинам, намебинам.
Ба ҳар ашке, ки аз рашкат фурӯ борам ба ҳар боре,
Канорам кам зи дарёе намебинам, намебинам.
Агар ту сарви болоӣ, туро ман дӯст медорам,
Ки чун ту сарвболое намебинам, намебинам.
Нанолидам зи ту ҳаргиз, вале ин бор менолам,
Ки захматро муҳобое намебинам, намебинам.
Дар ин саҳро зи ҳар нақше, ки чашм аз вай баросояд,
Ба ҷуз рӯят тамошое намебинам, намебинам.
Чӣ гуна нағма Хоқонӣ бисозад андалебосо,
Чу ӯ гул гулшанорое намебинам, намебинам.
Дар ин майдони ҷонбозон агар инсоф мехоҳӣ,
Чу Хоқони-т шайдое намебинам, намебинам.

## 266.

Даст аз ду ҷаҳон кашида хоҳам,
Як аҳл ба ҷон харида хоҳам.
Гӯӣ, ки расам ба аҳли ранге,
Аз толеи баррасида хоҳам.
Ҷустам дили ошнову то ҳашр,
Гар ҷӯям ҳам, надида хоҳам.
Нӯше ба яқин намонд, лекин
Заҳре ба гумон чашида хоҳам.
То хуш нафасе ба даст н-орам,
Бе пой ба сар давида хоҳам.
Аз новаки субҳ баҳри рӯзӣ,
Сад ҷавшани шаб дарида хоҳам.
То гавҳаре дар канор н-ояд,
Чун баҳр наёрамида хоҳам.
Аз равзани ҳар диле чу хуршед,
Ҳар лаҳза фурӯ хазида хоҳам.
Гар сояи дӯстӣ бубинам,
Чун соя зи худ рамида хоҳам.
Бас моргазидае вуҷудам,
Ҳам ғори адам газида хоҳам.
Чун ташна шавам ба риштаи ҷон,
Обе зи ҷигар кашида хоҳам.
Чашмам маи лаъли ровақ афшонд,
Донист, ки май надида хоҳам.
Ҳам заҳр диҳад чу шохи сунбул,
Гар найшакаре гузида хоҳам.

## 267.

Зи боғат ба ҷуз бӯеву ранге набинам,
Худ он бӯйро ҳам диранге набинам.
Зиҳӣ ҳам ту, ҳам ишқи ту боду оташ,
Ки худ дар шумо обу санге набинам.
Чӣ дарёст ишқат, ки ҳарчанд дар вай,
Садаф ҷӯям, илло наҳанге набинам.

Ҳама халқ дар банд бинам, пас охир,
Ба ҳиммат як озодранге набинам.
Чу Хоқонӣ аз баҳри сайди дили худ,
Беҳ аз тири мижгон хаданге набинам.

**268.**

Зи боғи офият бӯе надорам,
Ки дил гум гашту дилҷӯе надорам.
Бинолам, к-орзубахше надидам,
Бигирям, к-ошнорӯе надорам.
Биронам бозуи хун аз раги чашм,
Ки бо ғам зӯри бозуе надорам.
Фалак пул бар дилам хоҳад шикастан,
К-аз оби офият ҷӯе надорам.
Бисозам маҷлисе аз сояи хеш,
Ки он ҷо маҷлисошӯе надорам.
Чӣ пӯям бар паи мардони олам,
К-аз он сар марҳабогӯе надорам.
Ба ҳар мӯе маро вохост аз кист,
Ки ин ҷо маҳрами мӯе надорам.
Гар аз ҳалвои ҳар хон бенасибам,
На сикбои ҳар абрӯе надорам.
Дар ин олам, ки оби рӯи ман рафт,
Бидон олам шудан рӯе надорам.
Ман он занфеълам аз ҳайзи хиҷолат,
Ки бикре дораму шӯе надорам.
На Хоқонӣ ман асту ман на ӯям,
Ки тоби дарди чун ӯе надорам.

**269.**

Тоқате ку, ки ба сарманзили ҷонон бирасам,
Нотавон мурдаму худ кай ба Сулаймон бирасам.
Хизри лабташна дар ин бодия саргардон дошт,
Роҳ нанмуд, ки бар чашмаи ҳайвон бирасам.
Шаби тору раҳи дуру хатари муддаиён,
То дари дӯст надонам ба чӣ унвон бирасам.

Ивази шиква кунам шукр чу Юсуф изҳор,
Ман ба давлат агар аз силии ихвон бирасам.
Булбулон хубии сайёд баён хоҳанд кард,
Агар ин бор саломат ба гулистон бирасам.
Қатраи ашкаму аммо зи фаровонии заъф
Тоқате нест, ки аз дида ба мижгон бирасам.
Дар шаҳодатгаҳи ишқ аст расидан мушкил,
Хоқонӣ, роҳ чунон нест, ки осон бирасам.

**270.**

Дорам сари он, ки сар барорам,
Худро зи ду кавн бар сар орам.
Бар ҳомаи раҳравон ниҳам пой,
Ҳиммат зи вуҷуд, бартар орам.
Бар лошаи аҷз барниҳам рахт,
То рахши қадар инон дарорам.
Ин дори хилофати падарро,
Дар зери нигин мусаххар орам.
В-ин ҳавҷади кибриёи дилро,
Бар кӯҳаи чархи ахзар орам.
В-ин тоҷи давоҷи Юсуфиро,
Дар Мисри ҳақиқат андар орам.
Бе воситаи хаёл бо дӯст,
Хилват кунаму даме барорам.
Дар ҳуҷраи хоси ӯ фалакро,
Монандаи ҳалқа бар дар орам.
Шабро зи барои зинда мондан,
То нафхаи сур ҳамбар орам.
Гар пардадорӣ кунад тафи субҳ,
Аз дуди дилаш руфӯгар орам.
Дар каъбаи шашҷиҳат, ки ишқ аст,
Хоқониро муҷовир орам.

**271.**

Аз гулистони васл насиме шунидаам,
Доман гирифта бар асари он давидаам.

Бебадрақа ба кӯи висолаш гузаштаам,
Бевосита ба ҳазрати хосаш расидаам.
Ин ҷо гузошта пару боле, ки дошта,
Он ҷо, ки ӯст ҳам ба пари ӯ паридаам.
Ин мурғи ошёни азалро ба теғи ишқ,
Пеши саройи пардаи ӯ сар буридаам.
В-ин маркаби сарои бақоро ба рағми хасм,
Ҷул даркашида пеши дари ӯ кашидаам.
Гоҳе лабаш газидаву гоҳе ба ёди ӯ,
Он май, ки ваъда карда, зи дасташ мазидаам.
Худ номи ман зи хотири ман рафта буд пок,
«Хоқонӣ» он замон зи забонаш шунидаам.
Дар ҷумла дидам он чӣ зи ушшоқ кас надид,
Аммо дареғ чист, ки дар хоб дидаам.
Гӯйӣ, ки бар ҷанибати ваҳм аз раҳи хаёл,
Дар боғи фазли садри афозил чаридаам.
Волоҷамоли дини Муҳаммад, Муҳаммад он-к,
Аз кулли кавн хидмати ӯ баргузидаам.
Ҷибрилвор боди маонӣ ба фарри ӯ,
Дар остини Марями хотир дамидаам.
Шак нест, к-аз сулолаи насри баланди ӯст,
Ин рӯи тозагон, ки ба назм офаридаам.
Эй он, ки то инон ба ҳавои ту додаам,
Аз новаки сухан сафи хасмон даридаам.
Ҳуди ҳудо туиву ман аз ту чу сарсаре,
Бар одиёни ҷаҳд ба одат базидаам.
Озурдаам зи захми саги ғарча лоҷарам,
Хатти фироқ бар хати Шарвон кашидаам.
Лекин бад-он диёр наёбам зи тарси он-к,
Пур обҳост дар раҳу ман саггазидаам.

**272.**

Дило, розат бурун натвон ниҳодан,
Қадам дар мавҷи хун натвон ниҳодан.

Дар асби умр ҳаррои ҷавонист,
Бар ӯ зин сарнагун натвон ниҳодан.
Туро ҳар дам ғами садсола рӯзист,
Захира з-ин фузун, натвон ниҳодан,
Ба китфи умр мекаш бори меҳнат,
Ки бар даҳри ҳарун натвон ниҳодан.
Ба номат чун тавон кард аблақеро,
Ки доғаш бар сарун натвон ниҳодан.
Дар ин манзил расад ҷон меситонад,
Гунаҳ бар раҳнамун натвон ниҳодан.
Хароб аст он ҷаҳон, к-аввал ту диди,
Асоси нав кунун натвон ниҳодан.
Ба сад ғам ресмони ҷон гусастаст,
Ғамеро пунба чун натвон ниҳодан.
Диле, к-аз ҷинс баркандӣ, нигаҳ дор,
Ки бар ноҷинсу дун натвон ниҳодан.
Сарат Хоқониё, дар бими роҳест,
К-аз он ҷо пай бурун натвон ниҳодан.

## 273.

Хуррамӣ, к-он фалак диҳад, ғам дон,
Дил, ки бо ғам бисохт, хуррам дон.
Суннати аҳли ишқ хоҳӣ дошт,
Дардро ҳам мизоҷ марҳам дон.
Ба иёре, ки ҳафт мардонрост,
Нақши шаш рӯз камтар аз кам дон.
Дӯстон ҳамчу мӯҳр наммоманд,
Душманон ҳам чу моҳ маҳрам дон.
Ганҷи узлат туроcт Хоқонӣ,
Офият ҳам варо мусаллам дон.
Чор девори узлате, ки туроcт,
Беҳтар аз чор болиши Ҷам дон.
Чор болишнишини узлатро,
Панҷ навбатзани ду олам дон.

## 274.

Бурун аз ҷаҳон такяҷое талаб кун,
Варои хирад пешвое талаб кун.
Қалам баркашу бар ду гетӣ рақам зан,
Қадам дарнеҳу раҳнамое талаб кун.
Ҷаҳон фарши туст, остине барафшон,
Фалак арши туст, устувое талаб кун.
Ҳама дарди чашми ту шуд ҳастии ту,
Шав, аз нестӣ тӯтиёе талаб кун.
Чу дар гунбаде ҳамсафи мурдагонӣ,
Зи гунбад бурун шав, бақое талаб кун.
Худоёни раҳзан басе ёбӣ ин ҷо,
Ҷудо з-ин худоён Худое талаб кун.
Мар ин панҷ дарвозаи чорҳадро,
Беҳ аз ҳафту нӯҳ подшоҳе талаб кун.
Магӯ шоҳ султон агар марди дардӣ,
Зи риндони вақт ошное талаб кун.
Калиди ҳама дори мулки салотин,
Ба зери гилеми гадоӣ талаб кун.
Ба серон мадеҳ нӯшдоруи маънӣ,
Зи ташнадилон ноштое талаб кун.
Ба боғи дил ар булбули дард хоҳӣ,
Ба Хоқонӣ ойу навое талаб кун.

## 275.

Сӯхтам, чун бӯй барнояд зи ман,
В-оташи ғам рӯй нанмояд зи ман.
Ман зи ишқ оростам бозорҳо,
Ишқи бозорӣ наёрояд зи ман.
То наёрам зарри рух аз лаъли ашк,
Дил зи меҳнатҳо наёсояд зи ман.
Эй хаёли ёр дархурд омадӣ,
Бе ту донӣ ҳеч нагшояд зи ман.
Гар нагирам дар барат узр аст аз он-к,
Бӯи беморӣ ҳамеояд зи ман.

Даст бар сар з-онам аз дасти аҷал,
То кулоҳи умр нарбояд зи ман.

**276.**

Эй субҳ маро ҳадиси он маҳ кун,
Эй бод маро зи зулфаш огаҳ кун,
Эй қурсаи офтоб пеши ман,
Бикшой забону қасди он маҳ кун.
Эй хайли хаёли дӯст ҳар соат,
Аз сабзаи ҷон маро чарогаҳ кун.
Эй лофзада зи ишқу дилдода,
Ҷон ҳам бидеҳу ба кӯи ӯ раҳ кун.
Эй Хоқонӣ, дароз шуд қисса,
Ҷон хоҳад ёр, қисса кӯтаҳ кун.

**277.**

Ғуссаи осмон хӯрам, дам назанам, дареғи ман,
Дар хами шасти осмон баста манам, дареғи ман.
Чун дами сарди субҳидам, к-оташи рӯз бардиҳад,
Оташи дил баровард, дам заданам, дареғи ман.
Бин, ки пули ҷафо фалак бар дили ман шикасту ман,
Ин пули обрангро кай шиканам, дареғи ман.
Барканам аз замини дил бехи амал, ба бели ғам,
Хори аҷал зи роҳи ҷон барнаканам, дареғи ман.
Ҳастам боди гашта, сар аз пайи нестӣ давон,
Ҳастии ҳар танам, вале нест танам, дареғи ман.
Дидаӣ он ки чун кунад бод зи гарди пираҳан,
Бо даму гарди бехудӣ пираҳанам, дареғи ман.
Ҳарчӣ ман оварам зи табъ оби ҳаёт дар даҳан,
Таффи дил оташ оварад дар даҳанам, дареғи ман.
Об зи чашмаи хирад хӯрдаму пас зи бими ҷон,
Санге ба чашмаи хирад дарфиканам, дареғи ман.
Ҷамсифатон зи хони ман реза чинанд, пас чаро?
Мӯрваш аз раҳи хасон реза чинам, дареғи ман.
Санги сиёҳи Каъбаро бӯса зада, пас он гаҳе
Дасти сафеди сифлагон бӯса занам, дареғи ман.

Тоҷварам чу офтоб, ин-т аҷаб, ки бебаҳо,
Ба сар хоки ури тан нури танам, дареғи ман.
Пеши ҳаёти дӯстон гар сипарам аҷабтар он-к
К-аз паси марги душманон дар хазанам, дареғи ман.
Ку сари теғ то бад-ӯ боз диҳам зи банд сар,
К-аз ҷигари пуробила чун сафанам, дареғи ман.
Ман чу гулам, ки дар ватан хор барад инон аз он,
Растаму кӯраи сафар шуд ватанам, дареғи ман.
Чун ба забони ман равад номи карам зи чашми ман,
Чашмаи хун фурӯ давад бар зақанам, дареғи ман.
Чашм гирист хуну дил гуфт, ки яъси ман нигар,
З-он, ки хазони васлро ёсуманам, дареғи ман.
Оҳ баромад аз ҷаҳон гуфт маро ку регхӯр,
Нест гиёҳе аз карам дар чаманам, дареғ ман.

**278.**

Дило, бо ишқ паймон тоза гардон,
Бароти ишқ бар ҷон тоза гардон.
Ба куфраш з-аввал имон ору он гаҳ,
Чу имон гуфтӣ, имон тоза гардон.
Намози ошиқон бе бут раво нест,
Суҷуди бутпарастон тоза гардон.
Чӣ ронӣ киштии андеша дар хушк,
Гарат сӯзест, тӯфон тоза гардон.
Ба ҳар дардет дармон ҳам зи дард аст,
Ба дарди тоза дармон тоза гардон.
Хироҷи ҳарду олам бурд хоҳӣ,
Нахуст аз ишқ фармон тоза гардон.
Ба истиқболи тири чашми туркон,
Куҳан решат ба пайкон тоза гардон.
Дил азрақпӯшу туркон зарқпошанд,
Дилатро хирқа з-эшон тоза гардон.
Сафолат ин ҷаҳон райҳони ӯ умр,
Ба оби ишқ райҳон тоза гардон.

Ҷаҳонро аҳди маҷнунӣ шуд аз ёд,
Чу Хоқонӣ дар о, он тоза гардон.

**279.**

Рахши ҳусн , эй ҷон, шигарфиро ба майдон дарфикан,
Гӯй кун сарҳову гӯйҳоро ба чавгон дарфикан.
Ишқро гаҳ тоҷ созу бар сари ушшоқ неҳ,
Зулфро гаҳ тавқ кун дар ҳалқи мардон дарфикан.
Оламе аз ишқат, эй бут, санг бар сар мезананд,
Зинҳор, эй симгун, гӯӣ гиребон дарфикан.
Некӯвони хулд болои сарат наззораанд,
Як назар бинмову ошӯбе дар эшон дарфикан.
Тан кӣ бошад то ба хуни ӯ кунӣ олуда теғ,
Зӯр бо ақл озмою панҷа бо ҷон дарфикан.
Куфру имонро ба ҳам сулҳ аст, хез аз зулфу рух,
Фитнае созу миёни куфру имон дарфикан.
Охир, эй хуршеди хубон, мар туро рухсат кӣ дод?
К-аз Хуросон андар о, шӯре ба Шарвон дарфикан.
Шояд ар сарномаи васли ту номи дигар аст,
Мардумӣ кун, номи Хоқонӣ ба поён дарфикан.

**280.**

Дилам дардманд аст, боре барафкан,
Бар афкандаи худ назар беҳтар афкан.
Маяндеш агар сабри ман лашкаре шуд,
Дилат санг шуд, санг бар лашкар афкан.
Агар бо ғамат гарм дар кор н-оям,
Зи дамҳои сардам гираҳ дар бар афкан.
Агар нузли ишқат ба ҷуз ҷон фиристам,
Ба хокаш фурӯ неҳ, буруни дар афкан.
Туро тавқи симин дарафканд ғабғаб,
Маро низ аз он зулф тавқе барафкан.
Пай аз ҳар хаси сояпарвард бигсил,
Назар бар азизони ҷонпарвар афкан.

Кӣ фармоядат, к-ошнои хасон шав,
Кӣ гӯяд, ки ҳаррои зар бар хар афкан.
Машав дар хат аз панди Хоқонӣ, эй ҷон,
Ки ин хуш ҳадисест, бар дафтар афкан.

**281.**

Обу сангам дод бар бод оташи дили савдои ман,
Аз парирӯе мусалсал шуд дили шайдои ман.
Нестам ёро, ки ёро гӯяму «ё Раб» кунам,
К-осмон тарсам бидаррад ё рабу ёрои ман.
Дуди оҳам дӯш булбулро ҳабаш кардаст, аз он-к
Ғорати Ҳорутиён шуд Зӯҳраи заҳрои ман.
Шаб зани ҳиндуву ҷонам ҷав-ҷав андар дасти ӯ,
Ҷав ба ҷав медид шаб ҳоли дили расвои ман.
Ҳар зани ҳинду, ки ӯро дона бар даст афканам,
Доназан бедона бинад хирмани савдои ман.
Чун биборам ашки гарм оташ занам дар оламе,
Шеъри Хоқонист гӯӣ ашки оташзои ман.

**282.**

Турки сан-сангӯи тавсанхӯи савсанбӯи ман,
Гар нигаҳ кардӣ ба сӯи ман набудӣ, сӯи ман.
Ман бихоям пушти даст аз ғам, ки ӯ аз рӯи шарм,
Пушти пои хеш бинад, то набинад рӯи ман.
Расми туркон аст хун хӯрдан зи рӯи дӯстӣ,
Хуни ман хӯрду надид аз дӯстӣ дар рӯи ман.
Баски аз зорӣ забонам мӯю мӯям шуд забон,
К-ӯ маро кушту наёзурд аз бурун як мӯи ман.
Турки булғорист қоқуморазу қундузмижа,
Ман кӣ бошам, то камони ӯ кашад бозуи ман.
То зи дастам рафту ҳамзонуи ноаҳлон нишаст,
Шуд кабуд аз шонаи даст ойина(й) зонуи ман.
Бӯи васлаш орзу мекардам, ӯ дарёфт, гуфт
Аз сагони кист Хоқонӣ, ки ёбад бӯи ман.

## 283.

Аз ишқи дӯст бин, ки чӣ омад ба рӯи ман,
К-аз ғам маро бикушту наёзурд мӯи ман.
Аз ишқи ёр рӯй надорам, ки дам занам,
К-аз ишқи руи ӯ чӣ ғам омад ба рӯи ман.
Боре кабӯтаро, ту зи ман номае бубар,
Наздики ёру посухаш овар ба сӯи ман.
Дарди дилам бубин, ки дилам васлҷӯи ӯст,
Оҳ, эй кабӯтар, аз дили симурғҷӯи ман.
Зинҳор, то ба бурҷи дигар кас бинагзарӣ,
Бурҷат сарои ман беҳу саҳрот кӯи ман.
Густох бармапар, ки мабодо, ки ногаҳе,
Шоҳин бувад нишонда ба роҳат адӯи ман.
Бар пой бандамат зари чеҳра, ки ҳосидон,
Бе ранги зар раҳо накунандат ба бӯи ман.
Хоқонӣ аст ҷав-ҷав дар орзуи ӯ,
Ӯ худ ба ним ҷав накунад орзуи ман.

## 284.

Эй бод, бӯи Юсуфи дилҳо ба мо расон,
Як навбар аз ниҳоли дили мо ба мо расон.
Аз зулфи ӯ чу бар сари зулфаш гузар кунӣ,
Пинҳон бидузд мӯеву пайдо ба мо расон.
Бо хештан бубар дили мо, к-аз сагони ӯст,
Имшаб ба доғи ӯ куну фардо ба мо расон.
Гар офтоби зардӣ , аз он сӯ гузаштаӣ,
Пайғоми он ситораи раъно ба мо расон.
Эй нозанин кабӯтар аз ин ҷост бурҷи ту,
Гар ҳеҷ нома орӣ аз он ҷо ба мо расон.
Эй ҳудҳуди саҳаргаҳӣ аз дӯст номае,
Бистон , бибанд бар сару амдо ба мо расон.
Бо дӯст хилва кун ду ба ду в-он чӣ гуфтаем,
Як-як бигӯву посухи онро ба мо расон.
Моро мурод аз ин ҳама «Ё Раб» висоли ӯст,
Ё раб муроди «Ё раб»-и моро ба мо расон.

Хоқониям сӯхтаи ишқи Вомиқе,
Узронасиме аз бари Узро ба мо расон.

**285.**

Бар сари бозори ишқ озод натвон омадан,
Банда бояд будану дар байъи ҷонон омадан.
Аз итоби дӯстон чун соя натвон даррамид,
Ҷон фишондан бояду чун соя беҷон омадан.
Ишқбозонро барои сар буридан суннат аст,
Бар сари натъи маломат пойкӯбон омадан.
Нимишаб пинҳон ба кӯи дӯст гумномон шаванд,
Шӯҳраномонро мусаллам нест пинҳон омадан.
Бар сари ганҷ он шавад, к-ӯ пай ба торикӣ барад,
Машъала баркарда сӯи ганҷ натвон омадан.
Ҷон дар ин раҳ наъли кафш омад биандозаш зи пой,
Кай тавон бо наъл пеши тахти султон омадан.
Гарчи танг аст, эй писар, бо пар нағунҷад ҳеч мурғ,
Болу пар бигзор, то битвонӣ осон омадан.
Шарти Хоқонист аз куфр ошкоро дам задан,
Пас ниҳон аз хокиён дар хуни имон омадан.

**286.**

Эй лаъли ту пардадори Парвин,
В-эй зулфи ту соябони Насрин.
Чашми ту зи ним Зӯҳра ғамза,
Хун кард ҳазор ҷони ширин.
Сад Исии дардмандро беш,
Дар сояи зулф карда болин.
Аз чашми бад эминӣ кӣ дорад,
Дандону лаби ту шакли ёсин.
Оҳистатар, эй савори чолок,
Бар дидаи мо матоз чандин.
Ҳаққе, ки на аз вафост, бигзор,
Роҳе, ки на аз сафост, магзин.
Он, к-аз тафи ишқи туст дар таб,
Ҷӯён зи лаби ту мӯҳри таскин.

Ҳар зарра, ки бар ту мефишонад,
Лутфе бикун, эй нигор бар Чин.
Хоқониро аз они худ дон,
Неку бади ӯ аз они худ бин.

**287.**

Рӯй аст биномезад, ё моҳи тамом аст он,
Зулф аст, таолуллаҳ, ё тофта дом аст он.
Ҳар сол бад-он ояд хуршед ба Ҷавзо дар
То бо камар аз пешат гӯянд, ғулом аст он.
Дар аҳди ту зебоӣ чизест, ки хос аст ин,
Дар ишқи ту расвоӣ корест, ки ом аст он.
Ҷоне, ки туро шояд бар халқ фурӯ н-ояд,
Чизе, ки туро бояд бар халқ ҳаром аст он.
Гуфтам, ки ба сабр аз ту ҳам пухта шавад корам,
Имрӯз яқинам шуд, андешаи хом аст он.
Ман бастаи доми ту, сармасти мудоми ту,
О вах, ки чӣ дом аст ин, ё Раб, чӣ мудом аст он.
Шабҳои фироқатро субҳе, ки падид ояд,
Бо бими рақибонат ҳам аввали шом аст он.
Як ҷоми нахусти ту бирбуд маро аз ман,
Аз ҷоми дувум кам кун ниме, ки тамом аст он.
Бе ломи сари зулфат нун аст қади чокар,
Эй моҳ, чӣ нун аст ин, ё низ чӣ лом аст он.
Гуфтӣ, ки чу Хоқонӣ ушшоқ басе дорам,
Содиқтар аз ӯ ошиқ бинмой, кадом аст он.

**288.**

То маро саводи ту холӣ нагардонад зи ман,
Бо ту наншинам ба коми хештан бе хештан.
Хори роҳи худ манам, худро зи худ фориғ кунам,
То дуйӣ яксӯ шавад, ҳам ман ту гардам, ҳам ту ман.
Боқӣ он гоҳе шавам, к-аз хештан ёбам фано,
Мурда акнунам, ки нақши зиндагӣ дорам кафан.
Ҷонфишону род зию роҳ кӯбу мард бош,
То шавӣ боқӣ чу доман барфишонӣ з-ин даман.

Эй тариқи ҷустуҷӯят ҳамчу хӯят булъаҷаб,
Роҳи ман сӯи ту чун зулфат дарозу пуршикан.
Ман, ки чун каждум надорам чашму бе поям чу мор,
Чун тавонам дид раҳ ё гом чун донам задан.
Мурғи ҷони ман дар ин хоки қафас маҳбуси туст,
Ҳам ту болаш баркушову ҳам ту бандаш баршикан.
То агар паррон шавад, кӯи ту созад ошён,
Ё гараш қурбон кунӣ зулфи ту бошад бобзан.
Солҳо шуд то дили ҷонпоши азрақпӯши ман,
Мӯътакифвор андар он зулфи сияҳ дорад ватан.
Аз дари ту барнагардам гарчи ҳар шаб то ба рӯз,
Посбонон бинам он ҷо анҷуман дар анҷуман.
Дар азал бар ҷони Хоқонӣ ниҳодӣ мӯҳри меҳр,
То абад бе рухсати хоқони аъзам бармакан.

**289.**

То дил ғами ӯ дорад, натвон ғами ҷон хӯрдан,
Бо андӯҳи ӯ зишт аст андӯҳи ҷаҳон хӯрдан.
Гар пои саги кӯяш бар дидаи мо ояд,
З-ин мартаба бар дида ташвир тавон хӯрдан.
Дар ишваи васли ӯ умре ба карон орам,
Гарчӣ зи хирад набвад захре ба гумон хӯрдан.
Он ҷо, ки синон бошад бо кофари мижгонаш,
Хуштар зи шакар донам бар сина синон хӯрдан.
Дар роҳи вафои ӯ шуд шефта Хоқонӣ,
Ҳар рӯз қафое нав аз дасти замон хӯрдан.

**290**

Дар як сухан он хама итобаш бин,
Дар як назар ин ҳама фиребаш бин.
Хуршед, ки моҳ дар инон дорад,
Чун соя давида дар рикебаш бин.
Хомӯшии лаъли ӯ чӣ мебинӣ,
Ҷаммошии чашми пуритебаш бин.
То чашми назора з-ӯ хабар надҳад,
Ҳам нури ҷамоли ӯ ҳиҷебаш бин.

Он ақл, ки бурд номи болояш,
Сар чун сари хома дар нишебаш бин.
Аз дарди ҷигар ба шаб зи ҳиҷронаш,
Эй бар дили ман ҳама ниҳебаш бин.
Рӯзе, ки ҳисоби куштагон гирад,
Хоқониро дар он ҳисобаш бин.

**291.**

Шаби ман доми хуршед аст, гӯӣ зулфи ёр аст ин,
Шаб аст ин, ё ғалат кардам, ки иди рӯзгор аст ин.
Агар нофи биҳишт аз шаб тиҳӣ монд, он намедонам,
Маро дар нофи шаб донам биҳишти ошкор аст ин.
Сиришки ман ба рақс афтод бар натъи зар аз шодӣ,
Чу ҷонам дар самоъ омад, ки ё Раб, васли ёр аст ин.
Қарорам шуд зи ҳафт андоми гав ҳар, ҳафт нокарда
Зи ҳафтум парда рух бинмуд, гӯӣ навбаҳор аст ин.
Чу ман дар пояш афтодам чу халхоли зараш гуфто,
Ки чун халхоли мо ҳам зарду ҳам нолону зор аст ин.
Бихастам ним динораш ба гоз аз бехудӣ, яъне
Ки гар Ҷамро нигин аст он нигинашро нигор аст ин.
Зи бас аз захми дандонам баромад обила-ш бар лаб,
Рақибаш гуфт пиндорам, лаби табхоладор аст ин.
Лабаш зинҳор мекард аз лабам, гуфтам: «маъозаллоҳ»,
Қасоси хун ҳамехоҳам, чӣ ҷои зинҳор аст ин.
Ҳало чун офтобу ҳилла чун субҳ аз бар афканда,
Гирифтам дар бараш гуфтам, ки моҳам дар канор аст ин.
Рақиб омад, ки берунаш кунам мижгон бар абрӯ зад,
Ки ин моя надонӣ ту, ки моро ёри ғор аст ин.
Ҷаҳонро ёдгорӣ нест беҳ з-ашъори Хоқонӣ,
Ба фарри хусрави одил накӯтар ёдгор аст ин.

**292**

Дарди дил гӯям аз ниҳон бишнав,
Роз бе заҳмати забон бишнав.
Ҷӯши дарёи ғусса бовар кун,
Мавҷи хун бингару фиғон бишнав.

Ба канори ду ҷӯйи дидаи ман,
Бонги дулоби осмон бишнав.
Ларзаи барқ дар саҳоби дил аст,
Нолаи раъд зи имтиҳон бишнав.
Пеши кӯҳ ар ғамони ман гӯӣ,
Кӯҳро бонги ал-амон бишнав.
Чун бихандад адӯ зи гиряи ман,
Дил ба хашмам кунад, ки ҳон бишнав.
Тандурустӣ варои султонист,
Аз ду тан пурсу шарҳи он бишнав.
Ё зи дарбони тандуруст бипурс,
Ё зи султони нотавон бишнав.
ҳоли шабҳои ҳаҷри Хоқонӣ,
Чун бихоҳӣ зи ину он бишнав.

**293**

Охир чӣ хун кард ин дилам, к-омад ба нохун хуни ӯ,
Ҳам нохуне камтар-ш нагашт, андӯҳи рӯзафзуни ӯ.
Дил хоки он хунхора шуд, то оби ӯ якбора шуд,
Сайде, к-аз ӯ овора шуд, хокаш беҳ аст аз хуни ӯ.
Аз ҷаври ӯ хун шуд дилам, в-аз даст берун шуд дилам,
Дар кори ӯ чун шуд дилам, чун кор кард афсуни ӯ.
Кардам ҳисобаш ҷав ба ҷав, дар дастхун дидам гарав,
Ҷав-ҷав шуд аз ғам нав ба нав, бе рӯи гандумгуни ӯ.
Перомуни кӯяш ба шаб хасмони Хоқонӣ талаб,
Ҳар ҷо, ки ганҷ аст, эй аҷаб, морест пиромуни ӯ.

**294**

Ту чӣ донӣ, ки ман аз вафо чӣ намудам ба ҷо ту,
Аламаллоҳ, ки ҷони ман чӣ кашид аз ҷафои ту.
Гузаре кун ба кӯи ман, назаре кун ба сӯи ман,
Бинигар то ба рӯи ман чӣ расид аз барои ту.
Зи ғамат гарчӣ хастаам, камари меҳр бастаам.
Дил аз он баргусастаам, ки гузорам вафои ту.
Дилат аз меҳр гашта шуд, ғамам аз ҳад гузашта шуд,
Чӣ кунам, чун навишта шуд ба сарам бар қазои ту.

Чу ҷаҳонӣ ба хосият, туву васли ту орият,
Назанад лофи офият дили кас дар балои ту.
Ният он ҳамекунам, ки туро ҷон фидо кунам,
Ба ҷаҳон ин нидо кунам, ки сарам боду пои ту.
Ҳама ранҷе ба сар барам, чу ба кӯи ту бигзарам,
Ҳама хашме фурӯ хурам, чу бубинам ризои ту.
Тан агар ҷон зиён кунад лаби ту кори ҷон кунад,
Дили Хоҷонӣ он кунад, ки бувад ҳукму рои ту.

**295.**

Сина пуроташам чу меғ аз ту,
Чеҳра пургав ҳарам чу теғ аз ту.
Рӯзи умрам будӣ, ки чун
ҳосиле нест ҷуз дареғ аз ту.
Мотами умри рафта хоҳам дошт,
З-он сияҳҷомаам чу меғ аз ту.
Расади ишқи ту ҷаҳон бигрифт,
Чун таманно кунам гуреғ аз ту.
Ваҳ, чӣ сангӣ, ки хуни Хоҷонӣ
Рехтӣ, н-омада дареғ аз ту.

**296**

Шуд обрӯи ошиқон аз хӯи оташноки ту,
Биншину биншон боди хеш, эй ҷони ошиқ хоки ту.
Бас кун зи шӯр ангехтан в-аз хуни ноҳақ рехтан,
К-аз бас шикор овехтан фарсуда шуд фитроки ту.
Эй қадри имон кам шуда, з-он зулфи сар дарҳам шуда,
В-эй қадди хубон хам шуда пеши қади чолоки ту.
Бурдӣ дили ман ногаҳон, кардӣ ба зулф андар ниҳон,
Рӯзе нагуфтӣ, к-эй фалон, инак дили ғамноки ту.
Эй аспи ҳаҷр ангехта, нӯшам ба захр омехта,
Рӯзам ба шаб бигрехта, з-он ғамзаи бебоки ту.
Мурғону моҳӣ дар ватан осудаанд, илло ки ман
Бар ман ҷаҳоне марду зан, бахшидаанд илло ки ту.
Дил гум шуд аз ман бесабаб баркун чароғу дил талаб,
Чун ёфтӣ бикшой лаб, к-инак дили садчоки ту.

Дилхостагонро беталаб тарёкҳо бахшӣ зи лаб,
Маҳрум чу монад, эй аҷаб, Хоқонӣ аз тарёки ту.

**297**

Гарчӣ ҷонӣ аз назар пинҳон машав,
Раҳм кун дар хуни ҷон, эй ҷон машав.
Пардаи розам даридӣ ошкор,
Ваъдаҳои каж мадеҳ, пинҳон машав.
Гар ба ҷон фармон диҳӣ, фармонбарам,
Омадӣ, нохонда бефармон машав.
Аз буни дандон ба дандонмузди ту,
Ҷон диҳам, ҷои дигар меҳмон машав.
Гар бипечам дар каманди зулфи ту,
Чун каманд аз шарми рух печон машав.
Хун хӯрӣ туркона, к-ин аз дӯстист,
Хун махӯр, туркӣ макун, тозон машав.
Куштиям, пас хештан нодон кунӣ,
Ин ҳама доно макуш, нодон машав.
Чун ғуломи туст Хоқонӣ ту низ,
Ҷуз ғуломи хусрави Ирон машав.

**298**

Чӣ кардаам ба ҷои ту, ки нестам сазои ту,
На аз ҳавои дилбарон барӣ шудам барои ту.
Мадеҳ ба худ ризои он, ки бад кунӣ ба ҷои он,
Ки бо ту дошт ройи он, ки нагзарад зи ройи ту.
Дили ман аз ҷафои худ, мамол зери пои худ,
Ки бад кунӣ ба ҷои худ, ки андар ӯст ҷои ту.
Макун хароб синаам, ки ман на марди кинаам,
Зи меҳри ту баринаам, ба ҷон кашам ҷафои ту.
Маро дилест пур зи хун ба банди зулфи ту дарун,
Паноҳ мебарам кунун ба лаъли ҷонфазои ту.
Маро зи дил хабар расад зи роҳатам асар расад,
Са ҳаргаҳе, ки даррасад насими дилкушои ту.
Рухи сиришки ман нигар, ки кардаӣ чу симу зар,
Таборакаллаҳ, эй писар қавист кимиёи ту.

На Афзалам ту хондаӣ ба базми худ нишондаӣ,
Кунун зи пеш рондаӣ, ту дониву Худои ту.

**300**

Дар ишқ достонаму бар ту ба ним ҷав,
Бозичаи ҷаҳонаму бар ту ба ним ҷав.
Гаҳ-гаҳ шудааст сабраму бар ту ба ним гаҳ,
Ҷав-ҷав шудааст ҷонаму бар ту ба ним ҷав.
Бар торами висолат норафта дасти ҳаҷр,
Бишкаст нардбонаму бар ту ба ним ҷав.
ҳар лаҳза зери пои саги посбони ту,
Сад ҷон ҳамефишонаму бар ту ба ним ҷав.
Ҳасмони ман ба ҳазрати ту хосагиву ман,
Мавқуфи осмонаму бар ту ба ним ҷав.
Сӯзӣ чунонки донӣ ҷони морову ман,
Созам чунон, ки донаму бар ту ба ним ҷав.
Хоқонӣ ар намонад бо ту ба як пашиз,
Ман низ агар намонам бар ту ба ним ҷав.

**301**

Бастаи зулфи ӯст дил, эй дил аз они кист ӯ,
Хастаи чашми ӯст ҷон, марҳами ҷони кист ӯ.
Шаҳри дил дар остин, бар дараш остоннишин,
Ин-т Масеҳи ростин дарднишони кист ӯ.
Шефтагон ягон-ягон масти лабаш замон-замон,
Ӯ равад аз ниҳон -ниҳон ганҷи равони кист ӯ.
Кушт маро дилаш ба кин, ҳаст лабаш гуво бар ин,
Хомӯшии гувоҳ бин ғунчадаҳони кист ӯ.
Халқ чунон баранд занн, к-ӯст ба ҷумла з-они ман,
Ман шуда масти ин сухан, то худ аз они кист ӯ.
Синаи Хоқониву ғам, тоназанад зи васл дам,
Даъвии ишқу васл ҳам то зи сагони кист ӯ.

**302**

Эй тамошогаҳи ҷон бар тарфи лолистони ту,
Матлаъи хуршед зери зулфи маҳҷавлони ту.

То ниҳодӣ ҳуснро дорулхилофа зери зулф,
Ҳаст дормулки фитна дар сари мижгони ту.
Ҳалқ халқеро ба тавқи шавқи ту дар банд кард,
Зулфи мушкафшони шаҳрошӯби маҳчавгони ту.
Эй ба хони зулфи ту Юсуф туфайлӣ омада,
Кист к-ӯ бе хуни дил як луқма хӯрд аз хони ту.
Кай барад сар бар гиребони хирад онро, ки ҳаст,
Пой дар доми ҳавову даст дар домони ту.
Аз пайи он, к – оташи ҳаҷри ту дорам ёдгор,
Назди ман оби ҳаёт аст оташи ҳиҷрони ту.
Ҷони Хоқонӣ фидои рӯҳи ҷонафрӯзи туст,
Гарчи хасми ӯст ҷоно, ёри ҷонон ҷони ту.

**303**

Рахти таманнои дил бар дари ушшоқ нех,
Тахти шаҳаншоҳи ишқ бар сари офоқ неҳ.
Қуфл, ки бар лаб ниҳӣ, аз лаби маъшуқ соз,
Пой, ки аз сар кунӣ, дар сафи ушшоқ неҳ,
Захм, ки ҷонон занад ҳамсари марҳам шинос,
Заҳр, ки султон диҳад ҳамбари тарёқ неҳ.
Тоқпазир аст ишқ, ҷуфт нахоҳад ҳариф,
Бар намати ишқ агар пой ниҳӣ, тоқ неҳ.
Дидаи ту рост нест, лофи якибин мазан,
Сурати ту хуб нест, оина бар тоқ неҳ.
Олами зарроқро сағба машав, чун шудӣ,
ҳар ду ҷаҳон мардвор бар кафи зарроқ неҳ.
Аз сари ҳадди вуҷуд бигзар Хоқониё,
Бо адам ар ошиқӣ, даст ба мисоқ неҳ.

**305**

Хаёли рӯи туам ғамгусору рӯи ту на,
Бар ҳар сӯе, ки кунам роҳ, роҳ сӯи ту на.
Хаёли ту ҳама шаб раҳ ба кӯи ман дорад,
Агарчӣ бахт маро раҳнамо ба кӯи ту на.

Дареғ, кош туро хӯй чун хаёл будӣ,
Ки хуррамам зи хаёли туву зи хӯйи ту на.
Дили ман орзӯи васл мекунад, чӣ кунам,
Ки орзӯи ман ин асту орзӯи ту на.
Маро ба нӯки мижа ғамзаи ту даъват кард,
Бихӯрд хунаму гуфто бирав, ки хӯи ту на.
Ба бӯе аз ту шудам қонеъу ҳамедонам,
Ки ҳеч ранг маро аз ту ҷуз, ки бӯи ту на.
Ҳазор ҷӯи ҳавас рӯфтааст дар дили ту,
Ки ҳеҷ оби ғами ман равон ба ҷӯи ту на.
Зи ҷустуҷӯи ту ҳайрат насиби Хоқонист,
Ту кимиёву ӯ марди ҷустуҷӯи ту на.

## 307

Дар дасти ту фитодам чун мурғи парбурида,
Дар пешат истодам чун шамъи сарбурида.
Чашм аз ту менадӯздам пеши рақиб гӯё,
Чашми бадам, ки мондам аз ту назар бурида.
Аз теғи бевафоӣ бинӣ чу бар нишинӣ,
Ҳалқи ҳазор халқе бар раҳгузар бурида.
Дидӣ, ки тири ғозӣ мӯе чи гуна буррад,
Эй ту миёни ҷонам з-он зортар бурида.
Паймони меҳр баста ҳам дарзамон шикаста,
Пайванди васл дода ҳам бар асар бурида.
Ҷони ман аз хаёлат дар олами висолат,
ҳар дам ҳазор манзил роҳи хатар бурида.
Дар сояи рикобат дилҳо бубин фитода,
Бар пояи сарират сарҳо нигар бурида,
Хоқонӣ аз ҳавоят дар ҳалқаи маломат,
Занҷирҳо гусаста в-аз якдигар бурида.

## 308

Эй аз пайи ошӯби мо аз рух ниқоб андохта,
Лаъли ту санги сарзаниш бар офтоб андохта.
Маҳ бо хаёли рӯи ту, гумгашта андар кӯи ту,
Шаб бо ҷамоли мӯи ту, мушкин ҳиҷоб андохта.

Эй оқилонро борҳо, бар лаб зада мисморҳо,
В-эй хастагонро хорҳо дар ҷойи хоб андохта.
Эй карда ғорат манзилам, оташ зада обу гилам,
Зулфи ту дар ҳалқи дилам, мушкин таноб андохта.
З-он Наргиси ҷодунасаб ҷони маро бигрифта таб,
Хоби маро ҳам нимшаб баста ба об андохта.
Дил бар хасе бигмоштӣ, к-аз хоки раҳ бардоштӣ,
Хокӣ дилам бигзоштӣ, дар хуни ноб андохта.
Чун чанг худ навҳакунон монанди даф бар рух занон,
В-аз нойи ҳалқ афғонкунон, бонги рубоб андохта.
З-осеби дасти дилбараш нилӣ шуда симин бараш,
Сайёраҳо нилуфараш бар офтоб андохта.
Эй хуш ба ту айёми мо, бар дафтари ту номи мо,
Мадҳи ту андар коми мо завқи шароб андохта.
Хоқонии дилсӯхта, бо ҷаври туст омӯхта,
Дар дил ано афрӯхта, ҷон дар азоб андохта.

**309**

Сармастаму ташна, об дардеҳ,
Он оташигун гулоб дардеҳ.
Дар ҳиҷлаи ҷоми осмонранг,
Он духтари офтоб дардеҳ.
Он хуни Сиёваш аз хуми Ҷам,
Чун теғи Фаросиёб дардеҳ.
Ёқутбулӯри ҳуққа пеш ор.
Хуршеди ҳаво ниқоб дардеҳ.
То з-оташи ғам равон насӯзад,
Он тавқи равони ноб дардеҳ.
То ҷуръа адимгун кунад хок.
Он лаъли Суҳайлтоб дар деҳ.
Мандеш, ки оби кори мо рафт,
Овозаи кори об дардеҳ.
Кас дар деҳ нест ҷумла мастанд.
Бонге ба деҳи хароб дардеҳ.
Зулфи ту каманди тавсанон аст,
Мушкин сари зулфи тоб дардеҳ.

Хоқониро даме ба хилват,
Биншону бидав шароб dardeҳ.

## 310

Дар сабӯҳ он роҳи райҳонӣ бихоҳ,
Донаи мурғони рӯҳонӣ бихоҳ.
Як-ду ҷом аз роҳи махмурӣ бихӯр,
Як-ду ҷинс аз рӯи яксонӣ бихоҳ.
Соғаре чун ашки довудӣ ба ранг,
Аз парирӯи Сулаймонӣ бихоҳ.
Дидбони ақлро барбанд чашм,
Чашм бандаш, он чӣ медонӣ, бихоҳ.
Зоҳидонро ошкоро май бидеҳ,
Шоҳидонро бӯса пинҳонӣ бихоҳ.
Ҷом хам кун ҷуръа бар хомон бирез,
Узри ташвир аз пушаймонӣ бихоҳ.
Даст баркун, зулфи бутрӯён бигир,
Пӯзиши хиҷлат зи нодонӣ бихоҳ.
Аз сафолин гови симиноҳувон,
Иди ҷонро хуни қурбонӣ бихоҳ.
Гар ба мастӣ даст ёбӣ бар фалак,
З-ӯ қасоси ҷони Хоқонӣ бихоҳ.

## 311

Эй бар қарори хубӣ, бо ту қарори ман чӣ,
Аз сикка гашт корам тадбири кори ман чӣ.
Зарринрухам зи ишқат бе обу санг монда,
Бар санги ту надонам обу иёри ман чӣ.
Бар бӯи васл то кай дарди сари фироқат,
Он май ҳанӯз дар хун чандин хумори ман чӣ.
Додам ба бод умре дар интизори рӯзе,
Ин рӯзи бемуродӣ дар интизори ман чӣ.
Дидам ба толеи худ ишқ омад ихтиёрам,
Ин доғи ноумедӣ бар ихтиёри ман чӣ,
Зинҳор то нагӯӣ, к-ин ғам ба сабр биншон,
Гар сабр ғам нишондӣ пас зинҳори ман чӣ.

Гӯи ба ҳеҷ аҳде як ошно набудаст,
Ин қаҳти ошноён дар рӯзгори ман чӣ.
Хоқониё, чӣ гӯӣ, ояд ба даст ёре,
Чун ёр нест мумкин савдои ёрӣ ман чӣ.

**312**

Эй дил ба ҷафот ҷон ниҳода
Ҷон пешкашат, ҷаҳон ниҳода.
Шаҳре ҳама з-оҳанин дили ту,
Қуфле зада бар даҳон ниҳода.
Бар тарфи лаби ту ту ҷони Исо,
Аз нилу бақам дукон ниҳода.
Аз кӯй савор чу бароӣ,
Шабпӯш бар абрувон ниҳода.
Туркони камини ғамзаи ту,
Ёсаҷ ҳама бар камон ниҳода.
Ту ошиқу сайду теғ бар каф,
Ушшоқи ту дил бар он ниҳода.
Ман пеши ту бар замин ниҳам сар,
К-эй пой бар осмон ниҳода.
Асп аз дари ман марону магзар,
ҳон, наъли баҳот ҷон ниҳода.
Хоқониро дар оташи ишқ,
Наъли ҳавас аз ниҳон ниҳода.

**313**

Эй зери ниқоб маҳ намуда,
Моҳи ману иди шаҳр буда.
Аз миқнаа моҳи ғаб-ғаби ту,
Сад моҳи Муқаннаам намуда.
Боди сари зулфат аз сароғӯш,
Дастори сари сарон рабуда.
Дурдонаи ақди анбаринат,
Хунин садаф аз дилам гушуда.
Ту суда ба пойи ғам диламро,
Ман оташи ғам ба даст суда.

Аз шӯриши оҳи манн ҳама шаб,
Бодоми ту дӯш ноғунуда.
В-аз нолаи зевари ту то рӯз,
Ман нолаи хеш ношунуда.
Эй таъназада ба дигаронам,
Дар коҳиши ҷони ман фузуда.
Хоқонӣ асири дигарон нест,
Ҳам ишқату гурги озмуда.

**314**

Эй чашми пурхуморат дилҳо фигор карда,
В-эй зулфи мушкборат ҷонҳо шикор карда.
Аз рӯи ҳамчу ҳурат саҳро чу хулд гашта,
В-аз оҳи ошиқонат дарё бухор карда.
Як ваъда дар ду моҳам дода, ки мебиёям,
Чокар ба интизорат ду чашм чор карда.
Мижгони пур зи кинат дар ғам фиканда дилро,
Лабҳои шаккаринат ғам хушгувор карда.
З-он зулфи аждаҳоваш неше зада чу каждум,
ҳаргиз кӣ дид каждум бар шакли мор карда.
Дилро каманди зулфат аз ман кашон бибурда,
Дар печи анбаринат онро нисор карда.
Аз синаву ду дида рафйт ин дили рамида,
Дар зулфи беқарорат шабҳо қарор карда.
Пушти дари ту ҳар шаб Хоқонӣ аз ҳавоят,
Ду чашми Наргисинро хунобабор карда.

**317**

Аз зулф ҳар куҷо гиреҳе баркушодаӣ,
Бар ҳар диле ҳазор гиреҳ барниҳодаӣ.
Дар рӯи ман зи ғамза камонҳо кашидаӣ,
Бар ҷони ман зи турра каминҳо кушодаӣ.
Бар ҳар чи дар замона саворӣ ба некӯӣ,
Илло бари вафову меҳр, к-аз ин ду пиёдаӣ.
Гуфтӣ ҷафо на кори ман аст, эй салими дил,
Ту худ зи модар аз паи ин кор зодаӣ.

Дидӣ, ки дил чӣ гуна зи ман даррабудаӣ,
Пиндоштӣ, ки бар сари ганҷ уфтодаӣ,
Гуфтӣ, ки рӯзи сахтие фарёди ту расам,
Сахт аст кор баҳри чӣ рӯз истодаӣ.
Хоқонӣ аз ҷаҳон ба паноҳи ту даргурехт,
Ӯро ба дасти хасм чаро боз додаӣ?

**318**

Рӯй даркаш зи даҳри душманрӯй,
Пушт баркан ба чархи кофархӯй.
Мардумӣ аз ниҳоди кас маталаб,
Хуррамӣ аз миҷози даҳр маҷуй.
Бо балоҳо бисозу тан дардеҳ,
К-аз саломат на ранг монду на бӯй.
Дуди ваҳшат гирифт чеҳраи умр,
Оби дида бирезу пок бишӯй.
Аҳл хоҳӣ зи аҳли аср бибур,
Унс хоҳӣ миёни инс мапӯй.
Чанд аз ин Юсуфони гургсифат,
Чанд аз ин дӯстони душманрӯй.
Дили Хоқонӣ аз ҷаҳон бигсаст,
Боз шуд «рабби лотазарни»-гӯй.

**319**

З-ин тангнои ваҳшат агар бозрастаме,
Худро ба остони адам бозбастаме.
Гар роҳ бурдаме сӯи ин хаймаи кабуд,
Он гаҳ нишастаме, ки танобаш гусастаме,
В-ар дасти ман ба чарх расидӣ чунонки оҳ.
Банду тилисми ӯ ҳама дар ҳам шикастаме.
Гар новаки са ҳаргаҳи ман коргар шудӣ,
Шак нестӣ, ки гирдаи гардун бихастаме.
Ин корҳои ман, ки гиреҳ дар гиреҳ шудааст,
Бикшодаме якояк агар чирадастаме.
Ҷустам миёни халқ саломат наёфтам,
В-ар бӯй бурдаме ба карон чун нишастаме.

Имрӯз шӯхчашмон осудахотиранд,
Ман шӯхчашм нестам, эй кош, ҳастаме.
Аз осмон биёфтаме ҳар саодате,
Гар з-ин нуҳус хонаи Шарвон бичҳастаме.
Хоидаи даҳони ҷаҳонам чу найшакар,
Эй кош найшакар наяме, ман кабастаме.
Хоқонии гу ҳарсуханам, в-ар набудаме,
Аз ҷаврҳои бадгу ҳарон боз растаме.

**320**

Ғами бунёди обу гил чи хурӣ,
Дами гардуни мустаҳил чӣ хурӣ.
Афсари ақл боядат бар сар,
Аз сари оз хуни дил чӣ хурӣ.
Рӯйи софит бояд оинавор,
Ҳамчун дандони шона гил чӣ хурӣ.
Сояпарвард шуд дили ту чу гул,
Ғами парвардаи чигил чӣ хурӣ.
Қатрае хун намонд дар раги умр,
Наштари ғамзаи қизил чӣ хурӣ.
Мӯътадил нест обу хоки танат
Андӯҳи қадди мӯътадил чӣ хурӣ,
Ҷоми Ҷам хоси туст, Хоқонӣ,
Дурди даҳри дилгусил чӣ хурӣ.
Дами нӯшини Исавӣ дорӣ,
Заҳри зарроқи муфтаил чӣ хурӣ.

**321.**

Рӯзи дониш беҳ аз ин боистӣ,
Осмон мардгузин боистӣ.
Рафта чун рафт талаб натвон кард,
Чашми ноомадабин боистӣ.
Пешгоҳи ситами оламро,
Довари пешнишин боистӣ.
Кисаи умр супурдем ба даҳр,
Даҳри ғаддор амин боистӣ.

Гар ба андозае ҳиммат талабам,
Фалакам зери нигин боистӣ.
Сояе монд зи ман, ман ғалатам,
Ҳастии соя яқин боистӣ.
Нола гар сӯи фалак рафт, равост,
Соя боре ба замин боистӣ.
Нест сайёдеву олам пури сайд,
Сайдро шерри арин боистӣ.
Кори Хоқонӣ ҳама беҳ батар аст,
Кори гетӣ беҳ аз ин боистӣ.

**322**

Эй дил, эй дил ҳалоки тан кардӣ,
Бас кун эй дил, ки кори ман кардӣ
Сирри ман з-он ҷаҳон ҳамеояд
Ки раҳи ҷон ба пои тан кардӣ.
Аз сагони кийӣ ба захраи шер,
Ки шикор оҳуи Хутан кардӣ
Шаби маҳтоб чун ба сар бозӣ,
Қасди хуршеди ғамзазан кардӣ.
Дар шабистони офтоб шудӣ,
Оҳи ман осмоншикан кардӣ.
Гар Сулаймон найӣ ба девдилӣ,
Дар парихона чун ватан кардӣ.
Лоҷарам баҳри якшаба турбат,
Барги сад солам аз ҳазан кардӣ.
Туӣ он мурғ к-оташ овардӣ,
Худ ба худ қасди сӯхтан кардӣ
Туи он мурғ к-оташ овардӣ
Худ ба худ қасди сӯхтан кардӣ.
Теша дар бешаи бало бурдӣ,
ҳар сари шох бобзан кардӣ,
Донаи даст пойдоми ту гашт,
Аз кӣ нолӣ, ки хештан кардӣ.
Эй чу занбӯри кулбаи қассоб,
Ки сар андар сари даҳан кардӣ.

Сухан андар зар аст Хоқонӣ,
Ту ҳама такя бар сухан кардӣ

**323**

Хоки Бағдод дар оби басарам боястӣ,
Чашмаи Даҷла миёни ҷигарам боястӣ.
Сафари Каъба ба Бағдод расонид маро,
Боракаллоҳ ҳама сол ин сафарам боястӣ.
Қадри Бағдод чӣ донад дили фарсудаи ман,
Баҳри Бағдод диле тозатарам боястӣ.
Лек бе зар натавон ёфт ба Бағдод маро,
Парии Даҷла ба Бағдоди зарам боястӣ.
Пардаҳо дорад Бағдоду бар ӯ ганҷи равон,
Бо ҳама хастагӣ он ҷо гузарам боистӣ.
Чун закоте ба ман аз ганҷи равон менадиҳанд,
Нақбзан ганҷи равонро, назарам боястӣ.
Назаре хостам аз давр, на бӯсу на канор,
Охир аз давлати ишқ ин қадарам боястӣ.
Бар лаби Даҷла басе об буд аз чашмаи нӯш,
Ё раб, он чашмаи нӯш обхурам боястӣ.
Мол дар киштию киштӣ зи бари Даҷла равон,
Ашки ман гӯяд киштии зарам боястӣ.
Мани девона нишинам, ки маҳи нав нигарам,
Гӯям он ҷо, ки ниҳад пой, сарам боястӣ.
Моли ман дузд бибурду дили ман ишқ рабуд,
Вақтро з-ин ду яке моҳазарам боястӣ.
Ҷигарам хушк шуд аз бас сухани тар зодан,
Сухани тар чӣ кунам? Зарри тарам боястӣ.
Бас кун, эй ҳиммати Хоқонӣ аз ин ишқ магӯй,
К-аз дили гумшуда боре хабарам боястӣ.

**324**

Шӯрида кард моро ишқи париҷамоле,
ҳар чашмзад зи дасташ дорем гӯшмоле.
Занҷири сабри моро бигсаст банди зулфе,
Бозори зӯҳди моро бишкаст ишқи холе.

Бо саркаше, ки дорад хӯе, чӣ тундхӯе,
Алҳақ фитод моро ҳоле, чӣ саъб ҳоле.
Имрӯз пешам омад нолону зору гирён,
ҳолӣ бисӯхт ҷонам, кардам аз ӯ суоле.
Гуфтам, ки – «Эй нигорин, ин гиря бар чӣ дорӣ?»
Гуфто, ки – «Бе ҷамолат рӯзе бувад чу соле».
Ё Раб, чӣ сурат аст он, к-аз партави ҷамолаш,
ҳар дидае ба ранге бинад аз ӯ хаёле.
Хоқонӣ офарин гӯй, онро, к-аз обу хоке,
Ин донад офаридан субҳонаҳу таолӣ.

**325.**

Эй роҳати ҷонҳо ба ту, ороми ҷони кистӣ,
Дил дар ҳавас ҷон медиҳад, ту дилситони кистӣ.
Эй гулбуни нодида дай, асли ту чӣ, васли ту кай,
Бо бӯи мушку ранги май аз гулситони кистӣ.
Эй аз бутон дилхоҳ ту, дар ҳусн шоҳаншоҳ ту,
Моро бигӯ, эй моҳ ту, к-аз осмони кистӣ.
Бигшо садаф, яъне даҳон, бифшон гу ҳар, яъне сухан,
Пинҳон макун, яъне зи ман, то ишқдони кистӣ.
Чун зери ҳар мӯе ҷудо, як шаҳҳи ҷон дорӣ наво,
Хомӣ бувад гуфтан туро, ҷоно, ки ҷони кистӣ.
Бо моиву моро наӣ, ҷонӣ аз он пайдо наӣ,
Донам, к-аз они мо наӣ, баргӯ аз они кистӣ.
Хоқонӣ аз тимори ту, ҳайрон шуд андар кори ту,
Эй ҷони ӯ ғамхори ту, ту ғамнишони кистӣ.

**326.**

Эй сарви ғунчалаб зи гулистони кистӣ,
В-эй моҳи рӯзваш зи шабистони кистӣ.
Бо лаъли ним зарраи хандон чун офтоб,
Соянишини дидаи гирёни кистӣ.
Эй ояте, ки саҷда кунам чун расам ба ту,
Гӯйӣ, к-аз эзад омада дар шони кистӣ.
Пушти ман аз забони шикаста шикаст хӯрд,
Хӯрдӣ ҳанӯз, тифли забондони кистӣ.

Мӯҳре на бар забонату меҳре на бар дилат,
Бе шарм кӯдаке зи дабистони кистӣ.
Чун шонаи сар аст гилолуда пои дил,
Ҷӯёи он, ки оинаи ҷони кистӣ.
Дӯшат ниёзи ин ҷигари сӯхта набуд,
Ин шаб ба ваъдаи дили бирёни кистӣ.
Хоки дилам дар оташу хун об мешавад,
То ту куҷоӣ имшабу меҳмони кистӣ.
Аз дида ҷуръадон кунам, аз рух намакситон,
То нӯши ҷому хушнамаки хони кистӣ.
Меҳроби ҷони моӣ, аз ин моя огаҳам,
Огаҳ наям, ки сурати айвони кистӣ.
Бар ҳар сифат, ки дорӣ Хоқонӣ они туст,
Эй аз сифат бурун шуда, ту они кистӣ.

## 327.

Эй турки дилситон зи шабистони кистӣ,
Хуш дилбарӣ надонам ҷонони кистӣ.
Бас нодира нигорӣ, бас булаҷаб бутӣ,
Моро бигӯ, ки лӯъбати хандони кистӣ.
Эй он, ки дар саҳифаи ҳусн ояте шудӣ,
Гӯйӣ, к-аз эзад омада дар шони кистӣ.
Эй тоза гулбуне, ки шукуфтӣ ба моҳи дай,
Бо ин насими хуш зи гулистони кистӣ.
Аз кофарӣ ба сӯи мусулмонӣ омадӣ,
Ин ҷо барои ғорати имони кистӣ.
Ҷонҳо дар орзуи ту мебигсалад зи ҳам, ҳам
Чун гӯямат, ки бастаи паймони кистӣ.
Дӯш аз барам бирафтиву бар хон наёмадӣ,
Имшаб бигӯ куҷоиву меҳмони кистӣ.
Хоқонӣ они туст ба ҳар мӯҷибе, ки ҳаст,
Маълум кун варо, ки ту худ з-они кистӣ.

## 328.

Кардӣ нахуст бо мо аҳде чунон, ки донӣ,
Монад бад-он, ки бар сар он аҳди худ намонӣ.

Рондӣ ба гӯш аввал сад фасли дилфиребам,
В-имрӯз дар ду чашмам ҷуз ҷӯи хун наронӣ.
Он лобаҳои гармат з-аввал бисӯхт ҷонам,
Зеро, ки ҳамчу оташ яксар ҳама забонӣ.
Аз ту вафо нахезад, донӣ, ки нек донам,
В-аз ман ҷафо наёяд, донам, ки нек донӣ.
Аз хуни ман фиристӣ ҳар дам наволаи ҳаҷр,
Як раҳ ба хони васлам нокарда меҳмонӣ.
Ҳастам бар он, ки худро бе ту зи худ барорам,
Ҳарчанд месиголам ту низ ҳам бар онӣ.
Хоқонӣ ин ҷафоҳо асту аҷаб надорад,
К-охир на дар ҷаҳонӣ, парвардаи ҷаҳонӣ.

**329.**

Яке бихром дар бӯстон, ки то сарви равон бинӣ,
Дилат бигрифт дар хона, бурун о, то ҷаҳон бинӣ.
Чу рафтӣ сӯи бӯстонҳо яке бигзар ба гӯристон,
Ки гӯристон ҳаме гӯяд, биё то дӯстон бинӣ.
Басе бодомчашмонанд ба доми мурғ ҳайронанд,
Басо пистадаҳононро ту барбаста даҳон бинӣ.
Амиреро, ки бар қасраш ҳазорон посбон буданд,
Ту акнун бар сари гӯраш калоғе посбон бинӣ.
Сари тобути шоҳонро агар дар гӯр бигшоянд,
Фитода дар яке кунҷе ду пора устухон бинӣ.
Аҳадгӯён, самадҷӯён ҳама зери замин рафтанд,
Ту маҳрӯёни маҳвашро дар ин хоки гарон бинӣ.
Чӣ дилбандӣ дар ин дунё, аё Хоқонии хокӣ,
Ки то бар ҳам ниҳӣ дида, на ин бинӣ, на он бинӣ.

**330.**

Зарраи зулф бар қабо шиканӣ,
Оҳ дар ҷони ошно шиканӣ.
Бибарӣ обсанги мо, к-аз дил,
Санг созӣ сабӯи мо шиканӣ.
Дасту соид гирифта дунонро,
Бигзарӣ бозуи вафо шиканӣ.

Аз сари уҷб ҳар замон бо худ,
Аҳд бандӣ, ки аҳди мо шиканӣ.
Нанавозӣ диле, чаро сӯзӣ,
Нахарӣ гавҳаре, чаро шиканӣ.
Дар камини шикасти дилҳоӣ,
Дил фидои ту бод, то шиканӣ.
Дили ман нест кун, ки маслиҳат аст,
Чу набинӣ диле куҷо шиканӣ.
Ошиқи мӯҳташам басе дорӣ,
Пул ҳама бар мани гадо шиканӣ.
Ба сазо гавҳарест, Хоқонӣ,
Чандаш аз санги носазо шиканӣ.

**331.**

Ин чӣ шӯр аст охир, эй ҷон, к-аз ҷаҳон ангехтӣ,
Гарди фитнаст ин, ки аз майдони ҷон ангехтӣ.
Мӯъҷизи ҳусн ошкоро кардию пинҳон шудӣ,
Хуш нишастӣ, чун қиёмат дар ҷаҳон ангехтӣ.
Оташ аз шарми ту чун гул дар хайи хунин нишаст,
З-он хате к-аз орази оташфишон ангехтӣ.
Дидаам кофур, к-аз Ҳиндустон хезад ҳаме,
Ту зи кофур, эй аҷаб Ҳиндустон ангехтӣ.
З-он дили чун сангу оҳан дар дилам оташ задӣ,
Пас ба боди зулф аз оташ арғувон ангехтӣ.
Пушт бинмудию хунҳо рондӣ аз мижгон маро,
То зи рӯи хок нақши парниён ангехтӣ.
Субҳгоҳе сози раҳ кардию ҷонам сӯхтӣ,
Он чӣ оташ буд, ё Раб, к-он замон ангехтӣ.
Ҳам камар бастию ҳам ошуфтӣ занбӯрвор,
То маро занбӯрхона дар равон ангехтӣ.
Эй басо ашку сиришко, к-аз рикобу зини хеш,
Аз дили хуршеду чашми осмон ангехтӣ.
Мавҷҳо дидӣ, ки чун хезад зи дарё ҳар замон,
Сели хун аз чашми Хоқонӣ чунон ангехтӣ.
Дар таби ҳиҷрон-ш афкандию он гаҳ мӯҳри таб,
Аз санои хисрави соҳибқирон ангехтӣ.

## 332.

Ҷон бахшамат он соат, к-аз лаб шакарам бахшӣ,
Донам, ки ту з-он лабҳо ҷони дигарам бахшӣ.
Табҳост маро дар дил, найшаккарат андар лаб,
Оре, бибарад табҳо гар найшакарам бахшӣ.
Бо ту ба чунин дарде дил хуш накунам ҳаққо,
Илло, ки ба узри он дарде дигарам бахшӣ.
Дӯшам лақабе дод, камтар саги кӯйи худ,
Ман кистам аз олам то ин хатарам бахшӣ.
Ту турки сияҳчашмӣ, ҳиндуи сафедат ман,
Хоҳӣ, кулаҳам созӣ, хоҳӣ камарам бахшӣ.
Парвонаи ҷонбозам парсӯхтаи шамъат,
Меафтаму мехезам, то боз парам бахшӣ.
Аз ғамзаву лаб ҳар дам, дарёсифатӣ бо ман,
Гаҳ куштани ман созӣ, гоҳе гуҳарам бахшӣ.
Гуфтӣ, ки ба Хоқонӣ вақте гуҳаре бахшам,
Бахшуданиям биллаҳ, вақт аст агарам бахшӣ.

## АШЪОРИ МУТАФАРРИҚА

Чашм бар кори дӯст дор чунон,
Ки ғаюрон бар аҳли пардаи хеш.
Рашк бар дӯст бар фузунтар аз он-к,
Бар зани ихтиёркардаи хеш.
Ҷинси зан ёбиву наёбӣ кас,
Ҷинси ёрони дардх(в)ардаи хеш.

-----------

Моли кам – роҳат асту афзун – ранҷ,
Лоҷарам мол менахоҳад ақл.
Ҳамчу май, к-андакаш физояд рӯҳ,
Лек бисёри ӯ бикоҳад ақл.

------------

Орзӯ буд неъматам, лекин
Аз хасони замон напазруфтам.
Беш мехостам, замона надод,
Кам ҳамедод, ман напазруфтам.

--------

Беши беш аст фазли Хоқонӣ,
Давлаташ кам-кам омад аз олам.
Кори олам ҳама шутур-гурбаст,
Ки диҳад фазл бешу давлат кам.

--------

Ба Худое, ки дар Худоии ӯ,
Ҳеч гунна риё намебинам.
Ки маро бе лиқои маҷлиси ӯ,
Зиндагонӣ раво намебинам.

----------

Дар Исфаҳон гузаштани ман буд як замон,
Дар вай шудан ҳамону бурун омадан ҳамон.
Аз баҳри Садр[1] хостаме Исфаҳон, кунун
Чун Садр ғоиб аст, чи Кирмон, чи Исфаҳон.
Чашм осмон ба воситаи офтоб дид,
Бе офтоб чашм чӣ бинад дар осмон.

1. Садр – мурод Садруддини Хуҷандист.

--------

Манам саромади даврон, ки табъи ман донад,
Чаҳор ҷӯйи ҷинон аз пайи ҷаҳон кандан.
Ба ман ба ҷунбиши ҳиммат тавон расид, бале
Гуҳар чи гуна тавон ёфт, ҷуз ба кон кандан.
Ҳазор сол фалак он канад нишебу фароз,
Ки чун манне ба каф орад, магар ба ҷон кандан.

-------

Тори мӯям ба ман намуд сапед,
З-он намудан ғамони ман бифзуд.
Беҳтарин дӯсте, ки буд маро,
Бадтарин душманӣ ба ман бинамуд.

## РУБОИЁТ

Бе заҳмати ту бо ту висолест маро,
Фориғ зи ту бо ту ҳасби ҳолест маро.
Дар пеши хаёли ту хаёл аст танам,
Пайванди хаёл бо ту хаёлест маро.

Ғам кард риёзи ҷон маҳи соли маро,
Оина надорад дили хушҳоли маро.
Сайёд зи баски дӯстам медорад,
Бастаст дар оғӯши қафас боли маро.

Дил хоси тую манн тани танҳо ин ҷо,
Гавҳар ба кафат бимонду дарё ин ҷо.
Дар кори туам, ба сабр м-афкан корам,
К-аз сабр миёнтиҳитарам то ин ҷо.

Эй дӯст гамии ту сар ба сар сӯхт маро,
Чун шамъ ба базми дардафрӯхт маро.
Ман гиряву сӯзи дил намедонистам,
Устоди тағофули ту омӯхт маро.

Ишқи ту бикушт олиму омиро,
Зулфи ту барандохт накӯномиро.
Чашми сияҳи масти ту берун овард,
Аз савмаа Боязиди Бастомиро.

Пазруфт се бӯс аз лаби ширин моро,
Як шаб ба фиреб дошт ғамгин моро.
Гуфтам бидеҳ он ваъдаи дӯшин моро,
Дасте бизаду накард тамкин моро.

Тӯтилабу динорнишон аст, он лаб,
Ғаммозу дурӯй аз паси он аст, он лаб.
Зинҳор маёлой дар он лаб номам,
К-олудаи лабҳои касон аст, он лаб.

Хоқонӣ агарчи дар сухан мардваш аст,
Дар дасти муханнасон аҷаб дастх(в)аш аст.
Худ ҳар ҳунаре, ки мард аз ӯ заҳрчаш аст,
Ануштнамойӣ нест, ангушткаш аст.

Гар сояи ман гарон бувад дар назарат,
Ман рафтаму соя рафту дил монд барат.
Ҳам заҳмати ман зи сояи ман бархост,
Ҳам заҳмати сояи ман аз хоки дарат.

Аз хӯи ту хастаему аз ҳиҷронат,
Дар дасти ту оҷизему дар дастонат.
Нӯш аз кафи ту мазему аз марҷонат,
Дурр аз лаби ту чашему аз дандонат.

Чун сӯи ту номае нависам зи нахуст,
Ё аз паси қосиде камар бандам чуст.
Боди саҳарӣ номарасони манну туст,
Эй бод, чӣ мурғӣ, ки парат бод дуруст.

Дар маслахи ишқ ҷуз накӯро накушанд,
Лоғарсифатони зиштхӯро накушанд.
Гар ошиқи содиқӣ зи куштан магрез,
Мурдор бувад, ҳар он ки ӯро накушанд.

Ин рофизиён, ки уммати шайтонанд,
Бединонанду сахт беимонанд.
Азбаски хатофаҳму ғалатбинонанд,
Хоқониро хориҷӣ медонанд.

Ҳаргиз лабам аз зикри ту хомӯш нашуд,
Ёдиту зи хотирам фаромӯш нашуд.
Мазкур нашуд ёди ту дар ҳеч забон,
К-аҷзои вуҷудам ҳамагӣ гӯш нашуд.

Эй соҳиби ройи комилу бахти баланд,
Саъйи ту барои моли дунё то чанд.
Фардо, ки равад ҷони ту аз тан берун,
Аъдо ҳама он мол ба ишрат бихуранд.

Ҳарчанд, ки аз хасон ҷаҳон сер омад,
Рӯшан ҷоне аз осмон зер омад.
Хоқонӣ аз ин ҷинс дар ин давр маҷӯй,
Бар раҳ манишин, ки корвон дер омад.

Ҳар кас, ки зи арбоби ибодат бошад,
Бар чеҳраи ӯ нури саодат бошад.
Айёми вуҷуди ӯ ба ӯ фахр кунанд,
Дар хидмати ӯ бахти иродат бошад.

Садбора вуҷудро фурӯ рехтаанд,
То ҳамчу иу сурате барангехтаанд.
Субҳоналлоҳ, зи фарқи сар то қадамат,
Дар қолаби орзӯи мо рехтаанд.

То чашми раҳе чашми туро чашмак зад,
Аз чашмаи чашми ман дусад чашма гушод.
Ҳар чашм, ки аз чашми бадаш чашм расид,
Дар чашмам чашми ту чунон чашм мабод.

Кардам ба қимори дил ду олам ба гарав,
Тан низ ба дастхун супурдам ба гарав.
Мондам ҳамаву намонд чизе бо ман,
Ман мондаму ними ҷону як дам ба гарав.

Ку он майи дерсоли зудафкани ту,
Меҳроби дили ман зи ҳаёти тани ту.
Майхона мақоми ман беҳу маскани ту,
Хум бар сари манн, сабӯй дар гардани ту.

Хоҳӣ, ки шавад дили ту чун оина,
Даҳ чиз бурун кун аз даруни сина.
Ҳирсу дағалу бухлу ҳарому ғайбат,
Буғзу ҳасаду кибру риёву кина.

То кай ба ҳавас чун саги тозӣ, тозӣ,
Рӯбоҳсифат ба ҳила созе созӣ.
Аз лавҳу лаъаб наӣ даме воқифи хеш,
Тарсам, ки ҳама умр ба бозӣ, бозӣ.

Аз ишқи салибмӯи румирӯе,
Абхознишин гаштаму гурҷигӯе.
Азбаски бигуфтамаш, ки мӯе мӯе,
Шуд мӯй забонаму забон ҳар мӯйе.

# *АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ*

# ОСОРИ МУНТАХАБ

## ТАШБИБҲО

Лаби ту таъна занад гавҳари Бадахшонро,
Рухи ту тира кунад офтоби тобонро.
Ба бӯсае зи лабат таҳният кунам дилро,
Ба дидане зи рухат тарбият кунам ҷонро.
Ба ҷони ту, ки парастидани ту кеши ман аст,
Ба кеши ишқ парастиш равост ҷононро.
Ба хосият лаби ту ҷон фузун кунад дар тан,
Кӣ дид хосияти ҷон ақиқу марҷонро?
Бақои ҷон зи ту дорам, ки аз лабони ту ёфт
Лаби ман он чи Сикандар ба ҷон биҷуст онро.
Нигор нест бар айвон ба ҳусну сурати ту,
Ки рӯҳу нутқ набошад нигори айвонро.
Агар нигоҳ кунӣ, дар дили ману лаби ту
Муоина битавон дид дарду дармонро.
Зи баски дар дили ту кибру уҷб ҷамъ шудаст,
Ба дида ҷой намондаст аҳду паймонро.
Манам, ки рӯи туро миннат аст бар дили ман
Чу бар ҷамоли гулу лола абру боронро.
Агар саноати борону абр хоҳӣ дид,
Яке назора кун имрӯз боғу бӯстонро.
На дар зиё чу суман кавкабест гардунро,
На дар баҳо чу чаман равзаест ризвонро.
Ҳазор нағмаву дастон фузун шудаст имсол
Ба наъти неъмати бӯстон ҳазордастонро.

* * *

Рухи ту шаҳнаи хубӣ шудасту зулф нақиб,
Гули ҷамоли туро хори ғамзаи ту рақиб.
Дилам бимонд ба зиндони ошиқӣ маҳбус
Зи қасди шаҳнаву ҷаври рақибу ғамзи нақиб.
Ғарибам аз туву инро сабаб наиби ғуроб,
Ғуробро чи ғараз буд дар ҷамоли ҳабиб?
Ҳамеша ҷуфти ғиревам, ки боз натвон дошт
Ғарибро зи ғиреву ғуробро зи наиб.
Залили ишқам, аз инро далели ман шудаанд
Ҳавои ӯ ба ҳавону наъими ӯ ба наҳиб.
Маро сиришк ақиқину рӯй заррин шуд,
Ба ман нигаҳ куну қавли маро макун тақзиб.
Шаби дароз ҳамехоҳам аз ғарибии ишқ,
Шаби дароз чӣ хоҳад зи ошиқони ғариб?
Музаҳҳибест фироқат, ки зар кунад зи ақиқ
Беҳ аз фироқ кӣ донад саноати тазҳиб?
Ба хуни дида кафам шуд хизоб дар ғами ту,
Хурӯшу нолаи ман баршуда ба каффи хазиб.
Раҳо накард фироқи ту дар вилояти васл
На роию на раият, на доию на муҷиб.
Ҳаме хиҷил шавад аз сурати ту ҷирми қамар,
Ҳаме ҳасад барад аз қомати ту қадди қазиб.
Ба дурии ту зи наздики ман нагардад дур
Ҳаёли қадду сурини ту чун қазибу каиб.
Маро, ки аз лаби лаъли ту дур кард фироқ,
Замин зи дидаи ман лаъл шуд ҷириб-ҷириб.
Чу аз ҷамоли рухи ту гусиста шуд назарам,
Гусиста шуд назари рӯҳи ман зи роҳату тиб.

* * *

Чанд борам дар фироқи дилбарон аз дида об?
Чанд бошам зарду гирён ҳамчу шамъ аз сӯзу тоб?
Чанд сӯзам з-оташи ҳиҷрони ҷонон чун кабоб?
Чанд бошам з-оташи темор ҷӯшон чун шароб?
То сиришкам бештар шуд, сабри ман камтар шудаст,
Рост пиндорӣ, зи дида сабр меборам, на об.
Табъу дастам бо ду чиз андар ҷаҳон улфат ги-рифт:
Табъ бо темори ишқу даст бо ҷоми шароб.
Ошиқӣ орад ҷавонӣ , хуррамо табъи ҷавон,
Беғамӣ хезад зи мастӣ, ҳаббазо масту хароб.
Пеши чашмам рӯз то шаб, пеши дил шаб то ба рӯз
Достони моҳрӯён аст бо чангу рубоб:
Бо фалон дилбар чӣ гуфту бо фалон бедил чи кард?
Он чӣ кард инро суолу ин чи дод онро ҷавоб?
Муниси ошиқ чӣ бошад ҷуз ҳадиси некувон,
Чашми нилуфар чӣ ҷӯяд ҷуз фурӯғи офтоб.
Боз дил дар дилбаре бастам, ки бандад ҳар шабе
То ба ҳангоми саҳар хобам ба чашми нимхоб.
Меҳри ӯ яксар балову ман талабгори бало,
Ишқи ӯ яксар азобу ман харидори азоб.
Гашт бар ман, то бидидам рӯзи ӯро зери шаб,
Шаб чу рӯзи растухезу рӯз чун парри ғуроб.
Ҳоли ман дар ҳаҷри ӯ чун зулфи ӯ шуд тира-фом,
Сабри ман дар ишқи ӯ чун васли ӯ шуд тангёб.
Ӯву ман ҳар ду ба ҳар вақте ҳамеҷӯему ҳаст
Ҷустани ӯ бархатову ҷустани ман барсавоб.

❁ ❁ ❁

Лабат ба ранги шароб асту майли ман ба шароб,
Маро шароби ту то кай диҳад фиреби сароб?
Зи баҳри рӯю лабат то дилам асири ту шуд,
Асири ишқи шаробам, асири ишқу шароб.
Агар шароб лаби тусту нуқл бӯсаи ту,
Хушо шаробу хушо аз шароб масту хароб.
Бинои сабр харобӣ гирифт дар дили ман,
Бинои сабри маро фурқати ту кард хароб.
Зи чашм то ба дили ман расид номаи ишқ,
Ба чашми ман нарасидаст низ номаи хоб,
Ҳавот қосиди ҷони ман асту аз ту маро
На қосиду на паёму на номаву на ҷавоб.
Шитоби ман ҳама сӯи висоли тусту маро
На бар висол дарангу на бар фироқ шитоб.
Шабам чу зулфи ту бе ту дароз гашту сиёҳ,
Зи нури рӯи ту бояд шаби маро маҳтоб.
Матоб зулф, ки пеш аз ту ҳеч халқ надид
Зи мушк бар рухи маҳ печу чину ҳалқаву тоб.
В-агар ду дидаи ман мушки тобдор надид,
Битоб зулф, валекин зи аҳд рӯй матоб.
Махоҳ тоқату тоб аз дилам ба фурқати худ,
Ки тоби зулфи ту аз дил бибурд тоқату тоб.
Лабат итоб кунад, к-аз ту бӯсае талабам,
Дилам рабудию ҷонам накард бо ту итоб.
Ақиқлаб санамо, то ҷудоям аз лаби ту,
Ҳаме ҳасад барад аз ашки ман ақиқи музоб.
Ба рӯи хуб азобам макун, ки рӯи ту ҳаст
Гули биҳишту набошад биҳишт ҷои азоб.
Дилам зи баҳри се бӯса асири сад ҳавас аст,
Аз он ду лаб ба се бӯса дили маро дарёб.
Ҳазор ганҷ неҳ андар ду гӯши ман зи ду лаб
Ба як ҳадиси чу дур з-он ду раста дурри хушоб.
Ҳиҷоби зулф зи рух дур кун яке соат,
Зи шаб чӣ сохтаӣ пеши офтоб ҳиҷоб?
Чу чеҳраи ту бурун омад аз ҳиҷоби ду зулф,

Бурун давид мунаҷҷим, гирифт устурлоб.
Зи шарми гӯи занахдон-т бар сипеҳри кабуд
Тапон шуданд кавокиб чу гӯй дар табтоб.
Зи нури орази ту дар либоси пирӣ рафт,
Агарчи буд шаби тира дар либоси шабоб.
Кунун зи ҳасрати рӯи ту бар қамар ҳама шаб
Фалак бигиряду инак сиришки ӯст шаҳоб.
Басо шабо, ки маро аз фироқи зулфи ту буд
Диле тапон чу кабӯтар ба зери чанги уқоб.
Фурӯғи субҳ зи дида нуҳуфта чун симурғ,
Маро зи зулмати шаб дида дидабони ғуроб.
Фалак чу рӯи ман аз захми даст ниландуд,
Зи ашки дида бар ӯ қатра-қатра чун симоб.
Ту аз тариқи ҷафо сурма карда дида ба сеҳр,
Маро зи ҳасрати ту рух ба хуни дида хизоб.
Ҳамеша бар рухи меҳри ман аз вафост рақам,
Чунон ки бар рухи меҳри ту аз ҷафост ниқоб.

* * *

Рухаш ба рӯз ҳамемонаду ду зулф ба шаб,
Агар ба рӯзу ба шаб дилбарӣ кунад, чӣ аҷаб?
Ба нури рӯи ту нисбат кунад сапедии рӯз,
Зи тори зулфи ту зулмат барад сиёҳии шаб.
Зи рӯзу зулфи ту пайваста орзу талабем
Бале ки аз шабу рӯз орзу кунанд талаб.
Сазад, ки мазҳаби зулфу рухат вафо набувад,
Касе надид шабу рӯзро вафомазҳаб.
Сабаб надидани рӯи ту зулфи туст маро,
Бале чу омадани рӯзро шаб аст сабаб.
Дуруст шуд, ки шаб аз рӯз чиратар бошад,
Ки зулфи чун шаби ту сохт рӯзро маркаб.
Чу рӯз зулфи ту дидам, сафар наёрам кард,
Ки ҳаст рӯи ту дар зулф чу моҳ дар ақраб.
Ба хатти сабз лаби лаълро ҳиҷоб макун,
Зиёдатӣ чӣ кунӣ андар офариниши раб?

* * *

Молу ҷамолу хуррамию сиҳҳату шабоб,
Ишқу висолу беғамию ишрату шароб
Шуғле бувад ба ваҷҳу нишоте бувад ба шарт,
Айше бувад ба расму муроде бувад савоб.
Инҳо ҳама хушанд, вале назди оқилон
Ин аст айбашон, ки азизанду тангёб.
Таърихи ишқ аҳди висол аст, ку висол?
Феҳристи умр рӯзи шабоб аст, ку шабоб?
Эй он, к ибо шабобу шаробию гӯши ту
Ҳам лаҳни чанг дораду ҳам нағмаи рубоб,
Гар гулистони орази маъшуқ пеши туст,
Аз гардиши замона туӣ дар гулу гулоб.
Дар роҳи васл пои умед аз талаб мабар,
Бот оби зулф дасти инон аз тараб матоб.
Дар кӯи дӯстон, ки бувад даҳшати фироқ,
Бар рӯи дӯстӣ чӣ кунад ҳайбати ниқоб?
Ҷон парварон ба савсани озоди обдор,
Дил тоза кун ба наргиси махмури нимхоб.
Бифрӯз дидаро ба рухи ӯ зи себи сурх,
Хуш кун димоғро зи хати ӯ ба мушки ноб.
Аз рӯҳ соз қосиди маъшуқро нисор,
В-аз бӯса деҳ суоли дилоромро ҷавоб.
Аз коми дил ба баҳра гирифтан шитоб кун,
Гар маркаби замона ба рафтан кунад шитоб.

❁ ❁ ❁

Чу бар ҷони ман шуд ҳавои ту ғолиб,
Ҷамоли туро ҷони ман гашт толиб.
Агарчи надорам зи васли ту ҳосил,
Ҳамебод бар ман ҳавои ту ғолиб.
Диле дорам, эй роғиби дилрабудан,
Ба ишқи ту ҳозир, зи ғайри ту ғоиб:
Ба қасди ту қонеъ, ба захми ту рофиқ,
Ба ҷаври ту моил, ба зулми ту роғиб.
Чунин аст дар ошиқӣ мазҳаби ман,
Ки яксон бувад ошиқонро мазоҳиб.
Рухе дорӣ, эй қиблаи рӯи хубон,
Зи хубӣ бароварда сад раҳ аҷоиб.
Ба рух подшоҳи ҷамолию онгаҳ
Ду зулфи сияҳпӯши ту чун ду ҳоҷиб.
Туро ҷон раият, туро дил вилоят,
Туро ҳусн минбар, туро ишқ хотиб.
Магар аз ман уммеди тавба надорӣ,
Кӣ бошад бар-ин рӯи тобанда тоиб?
Лабат бӯсае гар ба ҷоне фурӯшад,
Бихаррам, чу байъе бувад бас мақориб.
Чу ақраб ду зулфат ба гирди маҳу гул
Раҳи дида барбастаанд аз ҷавониб.
Ду зулф аз ду рух якзамон дуртар кун,
Чӣ донанд қадри гулу маҳ ақориб?

* * *

Шаби одинаву ман масту хароб,
Ошиқӣ дар сару дар даст шароб.
Мар-маро шанбаву одина якест,
Ки чунин дидаам аз ишқ савоб.
Пеши ман шамъу ман аз ишқ чу шамъ;
Ранҷи ӯ з-оташу ранҷи ман аз об.
Сӯҳбати ман ҳама бо ишқу набид,
Улфати ман ҳама бо чангу рубоб.
Ошиқу масту харобам, чӣ кунам?
Ошиқ он беҳ, ки бувад масту хароб.
Хастаи ишқаму дар дил ғами ишқ,
Ошиқи ёраму бар каф ман ноб.
Май хӯрам сурхтар аз чашми хурӯс
Дар шаби тиратар аз парри ғуроб.
Карда бар дидаи ман хоб ҳаром
Ишқи он наргиси олуда ба хоб.
Ҳеч таҳдиди азобам мекунед,
Ки маро ишқ басандаст азоб.
Чӣ кунам, гар накунам айшу нишот,
Чун маро ишқу шароб асту шабоб.
Натавон хӯрд ғами кори ҷаҳон,
Ки ҷаҳон сояи абр асту сароб.

❁ ❁ ❁

Ҷавр аз ин баркашида айвон аст,
Ки дар ӯ Муштариву Кайвон аст,
Дами сарде, ки мекашад мардум,
Ҳама з-ин баркашида айвон аст.
Одамиро зи даври ин айвон
Ҷавр анвоъу ранҷ алвон аст.
Гарчи гаҳ саъду гоҳ наҳс диҳад,
В-арчи гаҳ ризқу гоҳ ҳирмон аст.
З-ӯ чи нолӣ, ки чун ту маҷбур аст,
З-ӯ чи ранҷӣ, ки чун ту ҳайрон аст?..
То нанозӣ ба давлату нусрат,
Ки ҳама нусрати ту хизлон аст...
Хуш ҳамеханду ҳеч бок мадор,
Ки зи зулми ту халқ гирён аст!
Баррабирён кунӣ зи моли ятим,
Он бара нест, хуни бирён аст.
Ҳама корат хӯр асту осоиш,
Бихӯр осон, ки хӯрдан осон аст.
Гар ба наздики худ мусулмонӣ,
Ин на расму раҳи мусулмон аст.
Адлу инсофу раҳм одат кун,
Гар муродат ризои Яздон аст.
Шеъри Собир зи баҳри хотиру табъ
Ғуссаи дурру рашки марҷон аст.
Гуфтаи ӯ шунав, ки гуфтаи ӯ
На зи ҷинси фалону баҳмон аст.

* * *

Туӣ, ки меҳри ту дар меҳргон баҳори ман аст,
Ки чеҳраи ту гулистону лолазори ман аст.
Маро зи камшудани сабза бас асар накунад,
Ки хатти сабзи ту аз сабза ёдгори ман аст.
Баҳору сарву гулу савсан, эй баҳори бутон,
Чу дар канори манӣ, ҷумла дар канори ман аст.
Миёни ҷони ману ғам намонд ҳеч сабаб,
Бад-он сабаб ки ҷамоли ту ғамгусори ман аст.
Сарам зи бодаи ишқи ту пурхумор шудаст,
Се бӯса аз ду лабат доруи хумори ман аст.
Шикори дӯст набудам, шикори дӯст шудам,
Зи ишқи он ду шакар, к-аз лабат шикори ман аст.
Зи чарх кори маро равнақе падид омад,
Ки бо висоли ҷамоли ту кор кори ман аст...
Қарори ман ҳама дар зулфи беқарори ту бод,
Ки тобу ҳалқаи ӯ манзили қарори ман аст.
Агарчи рӯз нависанд мардумон таърих,
Шаби висоли ту таърихи рӯзгори ман аст.
Чу дил нисори ту кардам, нисор бӯса биёр,
Ки як нисори ту беҳтар зи сад нисори ман аст.
Таровате, ки ғазалҳои обдори мааст,
Зи ишқи туст, к-аз олам ба ихтиёри ман аст.
Агар вилояти Хоразмро зи заҳмати об
Зиён расид зи Ҷайҳун, ки дар канори ман аст.
Сабаб манам, зи бас он ки оби Ҷайҳунро
Ҳама мадад зи ғазалҳои обдори ман аст.
Дилам зи ишқи ту охир ба ҳаққи хеш расид,
Ки рӯзгор ба васли ту ҳақгузори ман аст.

❁ ❁ ❁

Хушо вақто, ки вақти навбаҳор аст,
Мусоид рӯзу маймун рӯзгор аст.
Замин чун лӯъбати шамшод зулф аст,
Ҷаҳон чун кӯдаки анбаръизор аст.
Куҷо поят баромад, гулситон аст,
Куҷо чашмат барафтад, лолазор аст.
Миёни боғ пурмушку абир аст,
Карони роғ пурнақшу нигор аст.
Ҳаво чун чашми ошиқ дурфишон аст,
Сабо чун зулфи дилбар мушкбор аст.
Бисоте дод фарвардин заминро,
К-аш аз минову буссад пуду тор аст.
Қарор акнун ба саҳни бӯстон дор,
Ки саҳни бӯстон дорулқарор аст.
Канори боғ пур дур асту гавҳар,
Канори ӯ магар дарёканор аст.
Бигиряд абри наврӯзӣ ҳамезор,
Ки шохи зардгул бемору зор аст.
Замоне андалеб аз вай ҷудо нест,
Магар наздики ӯ бемордор аст?
Агар булбул шудаст аз ишқи гул маст,
Чаро чашмони наргис пурхумор аст?
Гиёҳи кимиё гаштаст наргис,
Ки табъаш мояи зарри иёр аст.
Дар ин фасле, ки мурда зинда гардад,
Чаро шохи бунафша сӯгвор аст?
Магар гулро арӯсе кард наврӯз,
Ки абраш ҳар замон гавҳарнисор аст.
Баҳор аст ин, надонам, ё биҳишт аст?
Биҳишт аст ин, надонам, ё баҳор аст?
Насими настаран бифзуд ҷонам,
Магар дар вай насими зулфи ёр аст?
Дарахти арғувон гар нест оташ,
Чаро шохаш ҳамеша пуршарор аст?
Ҳамоно ёсуман мasти шабон аст,

Ки чун мастон навону беқарор аст.
Чаро лола ҳаменаншинад аз пой,
Магар мар-бодаро дар интизор аст?
Нишоти бода бояд кард бар гул,
Ки бозори нишоти бода хор аст.
Биёр, эй соқӣ, он оби чу оташ,
Ки ҷонро ҷону ғамро ғамгусор аст.
Чу зулфи ёр бӯяш дилфиреб аст,
Чу васли дӯст таъмаш хушгувор аст.

❁ ❁ ❁

То дилам дар дасти он симинбари сангиндил аст,
Зери пои ман зи оби чашму хуни дил гил аст.
Ҷуз ҷафои ман нагардад дар дили сангини ту,
Барнадорад санги хоро, он чи ӯро дар дил аст.
Нест нармӣ дар дилаш аз дидаи пурбори ман,
Сангро аз оби дида нарм кардан мушкил аст.
То дили сангини ӯ созад ҳаме асбоби ҳаҷр,
Аз дили ғамгини ман асбоби шодӣ зоил аст.
Бобуличашм асту зангизулфу румиоразин,
З-ин се ошӯбу балои зангу Руму Бобил аст.
Хобам андар дида бисмил шуд зи теғи ҳаҷри ӯ.
Гар рухам пурхун шудаст, он хун зи хуни бисмил аст.
Нӯши ҷонафзош бошад дар лаби нӯшин, чаро
Посухи талхаш маро пайваста заҳри қотил аст?
То ба манзил рафту маҳмил хост аз баҳри сафар,
Ҷойгоҳи мо, ки манзил буд, акнун маҳмил аст.
Гар ба роҳ андар зи манзил корвонро чора нест,
Корвони ишқи ӯро дар дили мо манзил аст.
Дар дилам бе ӯ сабурӣ нест, к-андар кеши ишқ
Бе ҷамоли рӯи дилбар сабр кардан ботил аст.
Ёд бод он рӯз, к-аз дидори ӯ гуфтӣ дилам:
Ҳар чӣ дилро бояд аз шодӣ, маро он ҳосил аст.

* * *

Тарфи чаман, ки хилъати фасли баҳор ёфт,
Бе бут ҷамоли буткадаи Қандаҳор ёфт.
Ҳар зинате, ки гум шуда буд аз замини боғ,
Ҷӯянда бо таровати фасли ба ёфт.
Ҷодӯст чор табъ, ки чандин ҳазор нақш
Табъи чаман ба воситаи ҳар чаҳор ёфт.
Аз зоғ зинҳор намеёфт андалиб,
Акнун ба фарри давлати гул зинҳор ёфт.
Майхоравор булбули хушнағма маст гашт,
Гӯӣ зи гул насими маи хушгувор ёфт.
Гулро ҳар он касе ки ба атрофи боғ дид,
Як ғам наёфт дар дилу сад ғамгусор ёфт.
Аз чашми абрҳо даҳани лолаҳои лаъл
Бе баҳру бе садаф гуҳари шоҳвор ёфт.
Вақти баҳор ошиқи дилтанги ёрҷӯй
Рухсори ёр бар тарафи лолазор ёфт.
Булбул, ки зери шохи гули тар қарор ҷуст,
Ризвон набуду равзаи дорулқарор ёфт.
Ошиқ ҳаме қарор наёбад чу зулфи ёр,
Дар боди субҳдам хабари зулфи ёр ёфт.
Чашми чаман зи лолаву гул рӯи ёр дид,
Гӯши суман зи гавҳару дур гӯшвор ёфт.
Ногашта пир қадди бунафша хамида монд,
Нохӯрда бода дидаи наргис хумор ёфт.

* * *

Рӯи ту ба ҳусн ҳури ин аст,
Кӯи ту биҳишти ростин аст.
Аз баҳри нисори хоки поят
Чун даст дилам дар остин аст.
Рухсори ту лолаи рабеъ аст,
Гуфтори ту лӯълӯи самин аст.
Занбӯри газандаӣ ба ғамза,
Гарчи ду лабат чу ангубин аст.
Рӯят зи гулу суман сириштаст,
Зулфат зи шабу шаба аҷин аст.
Шакли даҳанат ба мим монад,
Дандон-т миёни мин син аст.
Лоғар чу тани манат миён аст,
Фарбе(ҳ) чу ғами манат сурин аст.
Ҳар ҷо, ки туӣ, баҳор бошад,
К-ат соиду бар чу ёсумин аст.
Тобандатарӣ ба рух зи хуршед,
Кибри туву нози ту аз ин аст...
Наврӯз даромаду баровард
Ҳар ганҷ, ки дар замин дафин аст.
Тарфи чаман аз тароиф акнун
Бо ҳусну нигори Руму Чин аст.
Рухсораи лола чин надорад,
Дар зулфи бунафша аз чӣ чин аст?
Чун лола шавад зи акси лола
Ангушти касе, ки лолачин аст.
Гар боғ биҳишт гашт, шояд,
Гулбун ба ҷамол ҳури ин аст.
Ҳалқи ҳама қуириён кушодаст,
Савти ҳама булбулон ҳазин аст.
Чунон ки ту дар ҷаҳон гузинӣ,
Гуфт: «Ин фасл зи фаслҳо гузин аст».
Бо ҳусни баҳору фарвадин бош,
То ҳусни баҳору фарвадин аст.

* * *

Шамшодқадду лоларуху ёсуминбар аст,
Бо сарву гул ба қомату ораз баробар аст.
Доим ғулому чокари ёқуту шаккарам,
К-ӯро лабу ҳадис зи ёқуту шаккар аст.
Гуфтам: «Зи хатту зулфи ту бар ҷони ман ба-лост»,
Гуфт: «Ин ҳама балои ту аз мушку анбар аст».
Чун дидамаш, зи кибр ба хуршед нангарам,
К-ӯ худ ба чеҳра чашмаи хуршеди дигар аст.
Гар дар бар аст ҷон дили ҳар касе, чаро
Ҷои дилам ба ҳалқаи зулфи вай андар аст?
Ларзонтарам зи зарраву сӯзонтарам зи шамъ,
То ӯ чароғи маҳфилу хуршеди лашкар аст.
Бо ман мувофиқ аст ба як чизу беш не:
Ман ёсуминсиришкаму ӯ ёсуминбар аст.
Гар хона з-ӯ биҳишт шавад, бас шигифт нест,
К-аш қадду лаб баробари тӯбию кавсар аст.
Ӯро супурдаам дилу ӯро сазад аз он к-
Дилбанду дилфиребу дилошӯбу дилбар аст.
Эй сарви моҳчеҳраву эй моҳи сарвқад,
Боғу сипеҳри ту зи дилу ҷон-т чокар аст.
Ту сарви бохиромишу моҳи суханварӣ,
На сарв бохиромишу на маҳ суханвар аст.
Бар лаззату хушии ҷаҳон бас гузаштаам,
Ҷоно, ба ҷони ту, ки висоли ту хуштар аст...
Бо ту ҳадиси Озару Монӣ чаро кунанд?
К-аз сурати ту санъати ҳар ду мусаввар аст.
Хубӣ рухи турову малоҳат лаби туроcт,
Ин ҷо чӣ ҷои санъати Мониву Озар аст?!

* * *

Хубӣ ба рӯи хуби ту иқрор мекунад,
Ақл аз ниҳеби ишқи ту зинҳор мекунад.
Дилро дили чу санги ту озор медиҳад,
Дамро даҳони танги ту афгор мекунад.
Хуштар зи ҷону умрию дар хоби хуш маро
Он чашми нимхоби ту бедор мекунад.
Хуршеди дилбаронию рӯят ба дилбарӣ
Бо хештан ду зулфи туро ёр мекунад.
Чун ҷон бегуноҳию савдои ишқи ту
Ҷони маро ҳамеша гунаҳгор мекунад.
Азбаски дар дилам зи ту тӯфони ҳасрат аст,
Киштӣ бар оби дидаи ман кор мекунад.
В-азбаски ёди он лабу рухсор мекунам,
Ишқам асири он лабу рухсор мекунад.
Осон ҳаменамуд диламро тариқи сабр,
Онро тариқи ишқи ту душвор мекунад.
Дидори ту, ки маҳ сифат аз ҳусни ӯ гирифт,
Дилро ба доми фитна гирифтор мекунад.
Бар дил балову фитна зи дидор мерасад,
Адле аз он хусумати дидор мекунад.
Ашки маро ба ранги ақиқи гудохта
Темори он ақиқи шакарбор мекунад.
Ҷонам балои ишқи ту бисёр мекашад,
Ақлам ҳадиси ҳусни ту бисёр мекунад.
Ҷаъди ту ин ҳавои Хуросон зи бӯи мушк
Беҳ аз ҳавои Тиббиту Тотор мекунад.

* * *

Озару Монӣ, ки суратҳои дилбар кардаанд,
Не рухи чун моҳу не зулфи чу анбар кардаанд.
Анбарин зулфу маҳи рухсори он дилбар маро
Бениёз аз сурати Монию Озар кардаанд.
Наргисаш чашм асту сарваш қадду хубон номи ӯ
Моҳи наргисчашму сарви моҳманзар кардаанд.
Васфи он рахшандаораз, наъти он тобандарӯй
Фаҳму фикратро ба рутбат Руму Шуштар кардаанд.
Ихтиёри дилрабудан бар лаби ширини ӯст,
Гӯй он лабро ба дилбурдан мухайяр кардаанд.
Ҳамчу занҷиру зиреҳ кори маро дарҳам зада,
Ҳалқаву занҷири он зулфи зиреҳвар кардаанд.
Ҳам сурини фарбеҳи ӯ, ҳам миёни лоғараш
Ишқу оромам ба тан фарбеву лоғар кардаанд.
Бар дилу ҷону тани ман ҷавру бедоду ситам
Печу тобу чини он зулфи ситамгар кардаанд.
Расми ғорат нест андар лашкари султон, чаро
Зулфу лафзаш ғорати Хархиру Аскар кардаанд?

* * *

Агарчи ишқи бутон сарбасар бало бошад,
Дилам ба ишқ ҳама сола мубтало бошад.
Дилам балои ману ошиқӣ балои дил аст,
Бало кӣ дид, ки ҳамвора дар бало бошад?
Ғуломи қомати онам, ки қоматам ҳама сол
Чу зулфи ӯ зи ғами зулфи ӯ дуто бошад.
Чу бо кулоҳу қабо дидамаш, яқин гаштам,
Ки моҳро кулаҳу сарвро қабо бошад.
Сабо насими сари зулфи ӯ ҳамеорад,
Ҳамеша мониси ман з-он сабаб сабо бошад.
Баҳору сарву гулу савсан аз ду дидаи ман
Ҷудо шаванд, чу аз пеши ман ҷудо бошад.
Чу оразу руҳу зулфайну соидаш бинам,
Агар баҳор набошад маро, раво бошад.
Ҷафои ӯ ба дилам аз вафо азизтар аст,
Нишони ишқ писандидани ҷафо бошад.
Рухаш чу лолаи серобу оразаш чу гул аст,
Аз он қибал чу гулу лола бевафо бошад.
Зи ман маҳоҳ хирадманду порсо будан
Гаҳе, ки бар дили ман ишқ подшо бошад.
Бар он ҷамолу бар он сурату бар он дидор
Касе чӣ гунна хирадманду порсо бошад?
Аност ишқу маро ишқи ӯст роҳати ҷон,
Аҷаб кунам, ки маро роҳат аз ано бошад.
Зи баски дар ғами ёқути ӯ гуҳар борам,
Ҳамеша рӯи маро ранги каҳрабо бошад.
Гувоҳи ишқи ман ас ташки лаълу чеҳраи зард,
Ки ҳақ дуруст нагардад, чу бегуво бошад.

* * *

Гар зи ҷафо ёр пушаймон шавад,
Кори ман аз ишқ ба сомон шавад.
Сабр кунам, гарчи ҷафо мекунад,
Охир аз он карда пушаймон шавад.
Мазҳаби хубон зи ҷафо нагзарад,
Ӯ сипаси мазҳаби эшон шавад.
Ҳоли ман аз ишқ парешон кунад,
Чун сари зулфайн-ш парешон шавад.
Аз ҳама ҷонҳо ба маҳал бигзарад,
Ҷон, ки писандидаи ҷонон шавад.
Чашмаи ҳайвон чу лаби дилбар аст,
Бӯсаи он з-он мадади ҷон шавад.
Зулфаш агар зулфи паямбар нашуд,
Чун ба лаби чашмаи ҳайвон шавад?
Лаъли Бадахшон ду лаби нӯши ӯст,
Хоса, ки май нӯшаду хандон шавад.
Гар зи лабаш ваъдаи васлам расад,
Лаъли Бадахшон шакарафшон шавад.
Чун зи лабаш бӯса барам, рӯи ман
Сурхтар аз лаъли Бадахшон шавад.
Қоматам аз ишқ чу чавгон шудаст,
Қомати ушшоқ чу чавгон шавад.
Пушт, ки чавгон шавад аз ошиқӣ,
Дар ҳаваси гӯи занахдон шавад.
Ман чу бигирям, гуҳар арзон кунам,
Ӯ чу бихандад, шакар арзон шавад.
Ишқ маро аблаҳу нодон гирифт,
Дилшуда дар ишқ бад-ин сон шавад.
Чун назари ишқ ба дил раҳ кунад,
Мардуми доношуда нодон шавад.
Тоза шавам, гар ба рухи ӯ расам,
Сабза тару тоза ба борон шавад.
Дур шудааст аз раҳи паймони ман,
Гар дили ӯ бар сари паймон шавад.
Дер напояд, ки бар-ин дилшуда,
Ранҷи зиёдатшуда нуқсон шавад.

❁ ❁ ❁

Он, ки рӯятро ба ҳусни рӯи Ширин офарид,
З-он лаби ширин ғизои ҷони ширин офарид.
Мушку шабро зинати он зулфи пурошӯб кард,
В-аз ману ту ноиби Фарҳоду Ширин офарид.
Ғам бо ҷонам раҳ наёбад, чун бубинам рӯи ту,
К-аз рухат ҷонофарин дорyи ғамгин офарид.
Зулфи мушкинат шифои ҷони мискини ман аст,
Роҳати ман хост он, к-ӯ зулфи мушкин офарид.
Он, ки андар нофа мушк ноб кард аз хуни ноб,
Зулфи мушкинро шифои ҷони ширин офарид.
В-он ки дар Чин офарид анвои суратҳои хуб,
Дар Хуросон аз ҷамолат сурати Чин офарид.
Боз чун дорӣ маро аз боғи рӯят, гар Худой
Гул ба боғ андар зи баҳри дасти гулчин офарид.
Сонеъ аз рухсору чашму орази ту дар ҷаҳон
Гул падид оварду наргис карду насрин офарид.
В-аз паи ташбеҳи он ширинлабу дандони ту
Дар замину осмон ёқуту Парвин офарид.

* * *

Ин парирӯён, ки бо зулфи парешон омаданд,
Одамиро аслу фаръи фитна эшон омаданд.
Ошиқонро бо сару кори парешон кардаанд,
То ба майдон бо сари зулфи парешон омаданд.
Аз рухи рангин қарини Орази барзин шуданд,
В-аз лаби ширин шарики оби ҳайвон омаданд.
Зулфашон чун зангиёни посбон бар гирди рух,
Рост гӯӣ ганҷи хубиро нигаҳбон омаданд.
Гарчи омад зулфашонро сад ҳазорон печу тоб,
Ҳусну зебу милҳашон садбор чандон омаданд.
Тобҳои ҷаъди эшон, ҳалқаҳои зулфашон
Бегунаҳ дилҳои маро банду зиндон омаданд.
Обидонро ғамзаҳошон офати дилҳо шуданд,
Ошиқонро офати асрори пинҳон омаданд.
Дида аз дидорашон бо лаълу марҷон шуд қарин,
К-аз лабу дандон қарини лаълу марҷон омаданд.
Дар ҳама зулфайни чавгоншакли анбарбӯяшон
Гӯй кардам дил, чу бо чавгон ба майдон омаданд.
Хубдидоранд эшон, гашт майдон чун биҳишт,
То ба майдон бо нишоти гӯю чавгон омаданд.
Рост пиндорӣ зи баҳри расми истиқболи шоҳ
Назди мо аз равзаи фирдавс ризвон омаданд.

* * *

Сабзаҳо чун нақши дебо дилбари зебо шуданд,
Абр дебобоф шуд, то сабзаҳо дебо шуданд.
Қатраи борон ба ашки дилбарон монанда шуд,
Роғҳо чун рӯи дилдорон аз он зебо шуданд.
То гул андар боғҳо чун рӯи маъшуқон шукуфт,
Розҳои ошиқон аз булбулон падо шуданд.
Дар баҳорон аз дили гил то гули раъно дамид,
Дилбарон аз рӯи чун гул ҳамчу гул раъно шу-данд.
Аз сабои мушкбору аз насими нофабӯй
Нофаҳо косид шуданду мушкҳо расво шуданд.
Гар ба дарёҳо ҳаме маъвои гавҳарҳо бувад,
Шаҳрҳо аз абри гавҳарбор чун дарё шуданд.
Қатраҳо, к-аз дидаҳои абр берун омаданд,
Бесадаф ба рӯи сабза лӯълӯи лоло шуданд.
То бунафша чун хатти хубон яғмоӣ дамид,
Ошиқонро сабру дил бо диданаш яғмо шуданд.
Абри наврӯз аз гиристан дидаи Вомиқ шудаст,
То гулу лола ба ранги орази Узро шуданд.
То чунин наврӯзро, к-ин боғу саҳро ёфтанд,
Ҷону дил ҷӯёи боғу ошиқӣ саҳро шуданд.
То ба болои ҳамал рафт офтоб аз пушти ҳут,
Шоху барги ҳар набот аз даштбар боло шуданд.
Табъро  савдои боғу бӯстон мастӣ диҳад,
Қумриву булбул ҳамоно маст аз ин савдо шу-данд.
Абр агар соқӣ нашуд, борон агар саҳбо нагашт,
Аз чӣ маънии лолаҳо чун соғари саҳбо шуданд?
Аз пайи пайвастани насли гулу фасли баҳор
Рост гӯӣ абру борон Одаму  Ҳаво шуданд.
В-аз барои дидани базму тамошогоҳи шоҳ
Саҳни боғу сурати гул ҷаннату ҳуро шуданд.
Бар нишоти дидани базми ҷаҳонорои ӯ
Дидаҳои наргисон дар бӯстон бино шуданд.
Бӯстонҳо ҳамчу тоҷи хусравон пур дурру зар,
Аз барои базмгоҳи хусрави воло шуданд.

* * *

Зулфи ту аз мушку мушк пургиреҳу банд,
Лаб чу ақиқу ақиқ пуршакару қанд.
Фитнаи мушки ту некувони Хуросон,
Бастаи банди ту ҷодувони Дамованд,
Ҳусни ту рӯи туро ба нур бипарвард,
Ишқи ту ҷони маро ба нор биёганд.
Панд диҳӣ, к-аз балои ишқ ҳазар кун,
Мардуми дилдодаро чӣ суд кунад панд.
Сабри маро фурқати ту даст фурӯ баст,
Ақли маро ишқи ту зи пой дарафканд.
Бар тани маҳҷури ман балои ту то кай?
Бар дили ранҷури ман ҷафои ту то чанд?
Базлае аз лафзи туст ҳикмати Юнон,
Нуқтае аз нутқи туст номаи позанд.
Чарх ҳаме бар писанди рои ту гардад,
Он чи ту хоҳӣ, писанду ҳарчи бимапсанд.
То мижаи ошиқон чу абр бигиряд,
Ту зи нишоту тараб чу барқ ҳамеханд.

❁ ❁ ❁

Суратгарон чӣ ҳилаву тадбир кардаанд,
То шибҳи рӯю мӯи ту тасвир кардаанд.
Охир чу рӯю мӯи ту дилбар наёмадаст,
Он ҳолро чи ҳилаву тадбир кардаанд.
Болову чеҳраи ту ба хубию дилбарӣ
Аз шаҳри Балху Кашмару Кашмир кардаанд.
Ҳуру парӣ, ки ҳар ду ба хубӣ мусалламанд,
Як сура аз ҷамоли ту тафсир кардаанд.
Аз зулфи дилрабои ту суратгарони сунъ
Бар маҳ зи мушк ҳалқаву занҷир кардаанд.
Маҳро, ки ахтарони фалак хуб хондаанд,
Он бар ҷамоли рӯи ту тазвир кардаанд.
То гирди рӯзи ту зи шаба шаб кашидаанд,
Шабҳову рӯзҳо шабу шабгир кардаанд.
Хубон, ки хондаанд туро мири некӯвон,
Ҳаққо, ки дар хитоби ту тақсир кардаанд.
Гӯӣ, ки чор табъи ҷаҳон сурати туро
Аз ҳусну сирату сифат мир кардаанд.

❁ ❁ ❁

Дасти чаман гирифт сари зулфи навбаҳор,
То мушкбӯй гашт бад-ӯ ҳамчу зулфи ёр.
Гар з-он, ки навбаҳор надорад ба зери зулф,
Пас дар чаман ба зулф чаро гашт мушкбор?
Бӯстону боғ гоҳи назора ба чашми халқ
Чархест бар замину биҳиштест ошкор
Гар дар биҳишту чарх расад офату фано,
Бӯстону боғ бас бувад аз ҳар ду ёдгор.
Имрӯз ҳаст қоидаи боғ беҳ зи дӣ,
В-имсол ҳаст нузҳати бӯстон фузун зи пор…
Чун гул ниқоб дар чаман аз рӯй баргирифт,
Май гир дар чаман зи кафи ёри гулъизор.
Рахти маро ба сӯи гулу мул чӣ лоиқ аст,
Чун ёри гулъизор маро нест дар канор?
Бе рӯи ёр аз гулу гулшан маро чӣ суд?
Бе васли дӯст бар чаману гул маро чӣ кор?
Бӯстон, ки хосу ом бар ӯ бастаанд дил,
Мисли нигорхонаи Чин аст зарнигор.
Шохи шукуфа бар сари бӯстон замон-замон
Бе миннати сипеҳр ситора кунад нисор…
Ошиқ ба ёди дилбари гулрух ҳамехӯрад
Бода ба ранги лола дар атрофи лолазор.
Он бодае, ки дар дилу бар рӯзгори ақл
Як хуррамӣ зи тарбияти ӯ шавад ҳазор.
Обе, ки бе василати ӯ бар дарахти ҷон
Чашми умеди халқ надидаст баргу бор.
Рӯзе, ки дар ҳиҷоб шавад офтоби чарх
Бар чархи ҷом нур диҳад офтобвор.
То рангу бӯи гул сифати рангу бӯи ӯст,
Дилро ба авни ӯ нанидҳад ҳодисот хор…
Аз бода боди фоида бар ман куҷо вазад,
Чун дар фироқи ёр дилам гашт хоксор?
Моҳе, ки аз хаёли рухи ӯ бар осмон
Бифканд офтоб сипар сад ҳазор бор.
Гарчи дилам қарор надорад зи ишқи ӯ,

Дорад ҳамеша андӯҳи ӯ дар дилам қарор.
Ин дӯстӣ, ки андӯҳи ӯ дар дилам гирифт,
Як соат аз канори дилам кай кунад канор?
Ҷонам чу борномаи ӯ дид дар ҳаёл,
Ғам дар дилам зи қуввати савдо гирифт бор.
Аз ҳаҷри ӯ фиканд фалак бехи беғамӣ,
Дар ишқи ӯ бубаст ҷаҳон роҳи зинҳор.
Кардам шумори сӯхтагони ҳавои ӯ
Омад зи ибтидо дили хуршед дар шумор.

* * *

Бути сарвқаддиву сарви суманбар,
Нигори сухангӯю моҳи суханвар.
Хату оpази туст шамшоду лола,
Лабу бӯсаи туст ёқуту шаккар.
Сурини туву ишқи ман ҳар ду фарбеҳ,
Миёни туву сабри ман ҳар ду лоғар.
Ман аз пой то сар зи ишқам мураккаб,
Ту аз пой то сар зи ҳуснӣ мусаввар.
Ҳаво гардад аз акси рӯят мунаккаш,
Замин гардад аз бӯи зулфат муаттар.
Бигирям зи зулфат, бинолам зи чашмат,
Кӣ нолад зи наргис? Кӣ гиряд зи анбар?
Зи ширинлаби ту маро нест серӣ,
Киро серӣ ояд зи ёқути аҳмар?
Ба тӯбиву кавсар расидам зи васлат,
Ки қадду лаби туст тӯбиву кавсар.
Ба дафтар ҳаме васфи зулфат набиштам,
Пур аз нофаи мушк шуд рӯи дафтар.
Ба абҳар ду чашми туро боз бастам,
Ҳама ҷодуӣ андар омад зи абҳар…
Маро, то туро дидам, андар ду дида
Ту гуфтӣ бирустаст Кашмиру Кашмар.
Ситораст рахшандарӯят, ҳамоно,
Ки моҳат падар буду хуршед модар.
Зи ҷон шокирам, то туро хонд ҷонон,
Зи дил хуррамам, то туро сохт дилбар.

* * *

Хумор дод сарамро ба чашми нимхумор,
Зи ман бибурд ба зулфайни беқарор қарор.
Агар ба май лабу рухсори ӯ насаб дорад,
Чаро ки дар дили ман ҷой сохтаст хумор?
В-агар қарори дили ман ду зулфи ӯ бурданд,
Чаро шуданд зи ман беқарортар сад бор?
Агар ба тир кунун қадди ӯ ҳамемонад,
Чаро шудаст қади ман дунима чун сӯфор?
Камон накард кас аз тиру кард дилбари ман
Ба тири қомат қадди маро камонкирдор.
Маро ба нола кушад хештанкашидани ӯ,
Бале, ба вақти кашидан камон бинолад зор.
Зи нури оразӣ ӯ гарчи нор дорам баҳр,
Маро хуш аст, ки боре ба нур монад нор.
Ба нор агар ду рухи обдори ӯ монад,
Чаро сиришки ман омад ба ранги донаи нор?
Зи сим зар натавон карду ин бадеътар аст,
Ки кард сими узораш чу зар маро рухсор.
Ба назди халқ киромитар аст зар аз сим,
Чаро ки зарри маро рад кунад ба сими узор?..
Шаб аст зулфашу рӯзам ба зулфи ӯ монад,
Шабам зи ҳасрати он шаб шарики рӯзи шумор.
Агар надида касе офтобро дар шаб,
Шабаш чӣ гуна гирифт офтобро ба канор?
Чу шаб бувад сабаби хобу роҳати ҳама халқ,
Чароям аз шаби зулфайн-ш ранҷаву бедор?
В-агар ситораи гардун ба шаб намояд рух,
Шаб аст зулфашу бинмуда хур аз ӯ дидор.
Қарору сабри дилам зулфи ӯ шикор гирифт,
Кадом шаб кунад аз дил қарору сабр шикор?
Кӣ дид шаб, ки бад-ӯ паст гашт қимати атр?
Кӣ дид шаб, ки аз ӯ ранҷа шуд дили аттор?

Ба шаб кунанд ҳама ҷодуиву турфатар он, к
Шаб аст зулфашу худ ҷудоӣ кунад ҳамвор.
Гаҳе зи ғолия бар арғувон ниҳад нуқта,
Гаҳе зи анбар бар ёсуман кашад паргор…
Чу нест баҳра маро аз баҳори чеҳраи ӯ,
Ба чеҳра барги хазонам, ба дида абри баҳор.
Агар низориву зардӣ маро зи ишқ расид,
На ошиқ аст дарахт, аз чи гашт зарду низор?
Замона гӯӣ меҳмони меҳргон омад
Ки шохҳо ҳама зарраш ҳамекунанд нисор.
Магар расид арӯсони боғро мотам,
Ки зоғ ҷомасиёҳ асту зардрӯ ашҷор?
Агар чинор набудаст боғро душман,
Чаро ба мотами ӯ дасти хеш кард нигор?..
Миёни боғу хазон гар шудаст пайкоре,
Чаро ки нор чунон хаста гашт бе пайкор?
Чу қатра-қатраи хун фасурда донаи ӯ
Ҳамедурахшаду барҷаста чун бувад ночор.
Агар дарахти биҳӣ ҷуз беҳӣ надид аз боғ,
Чаро шудаст чунин зардрӯ чун бемор?
Зи рӯи об ҳазорон зиреҳ падид ояд,
Халандабод чу бар вай гузашта пайконвор.
Зиреҳ ба пайкон даранду боди чун пайкон
Ҳаме зи об сипар созад, ин-т нодиракор.
Кунун, ки об зиреҳ гашту бод пайкон шуд,
Сазад, к-аз оташи бода ҳамекунем ҳисор.
Биёр он, ки хабар гӯяд аз дили ошиқ,
Зи ранги оради маъшуқ андар ӯ осор…
Чу оради рухи маъшуқ аз ҳиҷоби тунук
Зи обгина ба бинандагон диҳад дидор.
Яке ҳарифи навоини хушнаво дорад,
Нишотпарвару андӯҳзудову маънидор.
Зи ишқ бехабару кӯжпушт чун ошиқ,
Зи ҳоли ишқ ривоят ҳамекунад ахбор.

Фузун зи бист забон пеши ту сухан гӯяд,
Чунон ки ишқи куҳан бар ту нав кунад бозор.
Ба як забон зи ту маъшуқ дил ҳаме бубарад,
Гар ӯ ба бист забон дил барад, аҷаб машмор.

* * *

Эй руху зулфайни ту дар фитна доми рӯзгор,
Кардаам дар ишқи ту дилро ба коми рӯзгор,
Рӯзгор аз рӯзу шаб бошад, руху зулфани ту
Рӯзгори дигаранд, эй ман ғуломи рӯзгор.
Лоҷарам чун рӯзгор аз ҷавр н-осоӣ ҳаме,
Оре, андар ҷавр маъруф аст номи рӯзгор.
Кардаам чашм аз сиришки лолагун чун ҷоми май,
То маи ҳиҷрон чашонидӣ ба ҷоми рӯзгор.
Нест мумкин ҷастан аз доми ту дилро, з-он ки ту
Рӯзгорӣ, кай тавон ҷастан зи доми рӯзгор?..
Рӯзгор омад қивоми умру қонуни ҳисоб,
Боз умри ӯст қонуну қивоми рӯзгор.
Фикраташ гоҳи фиросат, фазлаташ ҳангоми фазл
Бӯфироси аҳд гашту Бӯтамоми рӯзгор…
Эй Худованд, аз ҷамоли хизмати маймуни у
Бенасибам дошт рои тирафоми рӯзгор.
Дӣ ҷамолу мартабат ба рӯзгорам вом буд,
Ёфтам охир ба иқболи ту воми рӯзгор.

❁ ❁ ❁

Рӯза рафту расид ид фароз,
Уд пеш ору кори ид бисоз.
Рамазон нопадид гашт анҷом,
Хез, то хуррамӣ кунем оғоз.
Рӯза аз тохтан фурӯ осуд,
Соқиё, бо шаробу ҷом бисоз.
Оташи мӯҳтасиб фурӯ мурдаст,
Эй муғаннӣ, баланд кун овоз!
Аз ҷаҳон чанги рӯза кӯтаҳ шуд,
Чанг баргиру удро бинвоз.
Алами ид барфароштаанд,
Алами шодиву тараб бинавоз.
Бозгашт аз намозгаҳ мардум,
Хез, то пеши май барем намоз.
Навбати рӯзаи дароз гузашт,
Пас аз ин мову зулфакони дароз.
Бар либоси тараб тироз кунем,
Аз сари зулфи некӯвони Тироз.
Гар маҳи рӯза боздошт зи май,
Маҳи шавволамон надорад боз.
Ҷабри як моҳ то ба ёздаҳ моҳ
Бо дуруду маи нишоту гуроз.
Гар зи мо ин гунаҳ бувад, чӣ кунем?
Дари тавба накардаанд фароз?!
Одамизода бе гунаҳ набувад,
Эминӣ нест кабкро аз боз.

❁ ❁ ❁

Дилам ошиқ шудан фармуду ман бар ҳасби фармонаш,
Дарафтодам бад-он дарде, ки пайдо нест дармо-наш.
Парешонзулф дилбанде дилам бирбуд ҳар соат,
Парешон кард ҷонамро сари зулфи парешонаш.
Қарору хобу ширинӣ зи ҷону чашму айши ман
Бибурда аз буни дандон лаби ширину дандонаш.
Лабаш ёқути хандон асту гирёнам, набинад кас,
Агар вақте зафар ёбам, бар-он ёқути хандонаш.
Ҷамоли ҳури ин дорад, магар к-аз равзаи ҷаннат
Ба дунё аз паи фитна фиристодаст ризвонаш?
Гар аз машриқ барояд чашмаи хуршед ҳар рӯзе,
Рухаш хуршеди рахшон гашту машриқ шуд гиребонаш.
Ҳамеҷустам ба умр андар дарозӣ дар шаби васлаш,
Набуд онро, ки меҷустам, магар дар рӯзи ҳиҷронаш.
Шикасти зулфи он дилбар дилам бирбуд ҳар лаҳза,
Ки дар зулфаш ҳамедидам нишони аҳду паймонаш.
Ба пироиш агар дар зулфи ӯ раҳ ёфт нуқсоне,
Ҷамоли ӯву ишқи ман зиёдат шуд зи нуқсонаш.
Ба қасди гӯй бо чавгон ба майдон дидамаш рӯзе,
Зи зулфи ӯву пушти ман ҳасад мебурд чавгонаш.
Хами чавгони ӯ бо гӯй ҳар соат ба майдон-дар
Ҳамон кардӣ, ки рӯзи бод зулфаш бо занахдонаш.
Зи рашки он, ки то бо зулфи мушкинаш наёмезад,
Ба оби дида биншондам саросар гарди майдонаш.

* * *

Чу дида дид бад-он рӯи обдор оташ,
Давид бар сарам аз ишқи он нигор оташ.
Гар иттифоқ набошад миёни оташу об,
Чигуна гашт бар он орази обдор оташ?
Зи ишқи орази ӯ ғамгусорам оташ шуд,
Кӣ дидааст ба ғамгашта ғамгусор оташ?
Агарчи мондаам аз ошиқӣ дар оташи дил,
Маро хуш аст, ки монад ба рӯи ёр оташ.
Чӣ хилъат аст, ки бар ман хаёли ӯ пӯшид,
Ки пуди он ҳама об омадасту тор оташ?
Зи ғарқу ҳарқ битарсам ҳаме зи дидаву дил,
Ки бар ямини ман об асту бар ясор оташ.
Бихӯрд сабри маро интизори ваъдаи васл,
Ки сабри дилшуда пунбасту интизор оташ.
Гудохт аз дами гармам дар ин билод оҳан,
Фасурд аз дами сардам дар ин диёр оташ.
Нагардад аз лаби хушкам ҷудо ҳаме дами сард,
Барорад аз дили тангам ҳаме димор оташ.
Маломаташ накунам, гар нагирадам ба канор,
Ки дорам аз дили сӯзанда дар канор оташ.
Зиҳӣ, ҷамолу ду рухсори ту ба як дидор
Маро фурӯхта дар ҷону дил ҳазор оташ.
Киро фироқи ту як бор сӯзад, эй дилбар,
Батар зи сӯхтан-ш сад ҳазор бор оташ.
Бисӯхт оташи ишқи ту тару хушки маро,
Чунин кунад чу дарафтад бар марғзор оташ.
Агар ба оташи ишқи ту мубтало гардад,
Чу боду хок шавад хору хоксор оташ.
Ба навбаҳор дамид аз баҳори чеҳраи ту
Бунафшазору ба зери бунафшазор оташ.
Дар он баҳор ҳама он чи чашми абр кунад,
Фузун кунад зи бадоеъ дар ин баҳор оташ.
Нагирад оташи сӯзанда зери дуд қарор,
Ба зери зулфи ту омад ба зинҳор оташ.
Дили пуроташи ман ҳамчу шамъ сӯзон аст,

Магар ки ҳаст туро бар ман устувор оташ?
Зи ашки дидаи ман об ёдгори ту бод,
Ки мар-маро зи рухи туст ёдгор оташ…
Чу шӯъла-шӯълаи оташ шудаст барги чанор,
Гумон барӣ, ки задастанд бар чанор оташ.
Даҳони нори кафида зи рӯи наъту сифат
Чу кӯза гашту дар ӯ донаҳои нор оташ.
Агар ғубори ғарибӣ ба рӯи ӯ нарасид,
Чарост чеҳраи обӣ чу дар ғубор оташ?
Бирафт заҳмати гармо, буто, ба хона хиром,
Расид лашкари сармо, бар ӯ гумор оташ.
Маро зи оташи хотир чу дур шудаст сухан,
Аҷаб бувад садафи дурри шоҳвор оташ.
Ба шеъри оташи ман фахр бошад оташро,
Агарчи роҳ надорад ба фахру ор оташ.

❀ ❀ ❀

Ситам кардаст бар ҷонам сари зулфи ситамго-раш,
Набинам ҷуз ҷафо шуғлаш, надонам ҷуз ситам кораш.
Агарчи бо ситамгорон наёмезад ҷону дил,
Маро ороми ҷон омад сари зулфи ситамгораш.
Нахаррад кас балои ҷон зи зулфайни балоҷӯяш,
Балои ҷони ман гаштасту ман аз ҷон харидораш.
Агар рухсори ӯ бошад шифои дарди беморон,
Чаро бар рӯи ӯ беҳтар нагардад чашми бемораш.
Дилам темори савдо гашту тан бемори ишқ омад,
Табиби ин ду беморӣ надонам ҷуз ду рухсораш.
Рухи рангин-ш баззоз асту аттораш хати мушкин,
Анои ман зи баззозаш, балои ман зи аттораш.
Ҷамоли моҳу нури меҳру фарри боғу ранги гул
Ҳама дар чашми ман бошанд, лекин гоҳи дидораш.
Ба вақти ошиқӣ бар тан либоси хештандорӣ
Ба айёрӣ ҳамедорам зи чашми шӯхи айёраш.
Киро дил бурдан оин аст, темори дилаш бояд,
Зи беморӣ дили ошиқ набинад ҳеч темораш.
Зи дилтангӣ бурун оям, гарам тунги шакар бах-шад
Ба як бӯса лаби ширини дилбанди шакарбораш.
Баромад бад зи сарву маҳ зи қадду ҳадди он дилбар,
Гар ӯ бозорашон бишкаст, бишкастаст бозораш.
Зи рафтораш ба боз андар нишоти кабк боз ояд,
Ки кабк аз боз нашносад, чу бинад гоҳи рафто-раш.

* * *

Дидам канори хеш тиҳӣ аз нигори хеш,
Ман бе нигори хеш нахоҳам канори хеш.
Чашмам Нигор кард канори маро ба хун,
Чун дар канори хеш надидам нигори хеш.
То ғамгусори хеш лақаб кардамаш зи ишқ,
Ҷуз ғам надид ҷони ман аз ғамгусори хеш.
Гар чашми шӯхи ӯ нафикандӣ маро зи роҳ,
Бифкандаме ба боргаҳи ишқ бори хеш.
Дил хост ишқаш аз ману додам ба изтирор,
Дармонда корҳо кунад аз изтирори хеш.
Эй, ман зи боғи васли ту ноёфта гуле,
Чандин мадор хаста диламро ба хори хеш.
Ту навбаҳорчеҳраву ман меҳргонрухам,
Ҷамъ ор меҳргони маро бо навбаҳори хеш.
Бе ёр мондаам, кит уро ёр хондаам,
Бе ёр монд, ҳар кӣ туро хон дёри хеш.
Ман дар хумори ишқаму ту дар хумори ҳусн,
Як сон манеҳ хумори маро бо хумори хеш.
Гар нест маро туро зи дилу сабри ман хабар,
Бар рас зи чашми тангу миёни низори хеш.
Кардӣ бинои айшу ғамам сусту устувор
Аз аҳди сусту балиъати ноустувори хеш.
Бар ишқу ҳасрати лаби ёқутранги ту
Дорам гуво ду дидаи ёқутбори хеш.

❂ ❂ ❂

Шакар борад ҳаме аз нордонаш,
Қамар тобад ҳаме аз гулистонаш.
Шакартаъму қамарнур аст табъам
Ҳама сола зи васфи ину онаш.
Камар бар хайзурон баста надидӣ,
Яке бархезу бингар дармиёнаш.
Замона растухез овард бар ман
Зи ишқи он камар в-он хайзуронаш.
Ба сурат моҳи тобон аст, лекин
Ба чашми ман беҳ ояд осмонаш.
Ба қомат сарви симин  асту он беҳ,
Ки бошад хонаи ман бӯстонаш.
Бад-он монад, ки бихриданду бурданд
Ба Миср аз чоҳи Канъон корвонаш.
Бад-он монам, ки бӯи пираҳан кард
Ду чашми тира равшан дар замонаш.
Биёмад дӯш в-аз мастӣ, ки ӯ дошт,
Ҳаме печид чун зулф он забонаш.
Рухаш хуршеду май бар каф чу хуршед,
Ситора бар лаби чун нордонаш.
Чӣ мушк омад сари зулфаш, ки ҳар ду
Надорад  з-оташи ораз зиёнаш.
Ба ҷуз рухбори ӯ боғе надидам,
Ки бошад мушку анбар боғбонаш…
Зи Тирмиз сӯи Балх афтод аз ман,
Бад-он то шод монам дар амонаш.

* * *

Бистад зи ман он пистадаҳан дил ба ду бодом,
Аз пиставу бодом кӣ созад беҳ аз ин дом?
Чун писта кушодам даҳан андар сифати ӯ.
Бошад, ки ба ман бигзарад он чашми чу бодом.
То нангарад ин дида бар он рӯи чу хуршед,
Чун чарх набинанд маро соате ором.
Гар дарнигарам ҳеч бад-он орази чун моҳ,
Дида дамадам ҳамчу сипеҳр аз ҳама андом.
Гӯӣ зи нахуст он, ки ҳаме ҳарфи сухан сохт,
Аз қадди ваю пушти ман овард алиф лом.
Зинда нашавам, то зи лабаш нашнавам овоз,
Гӯӣ лаби ӯ Исои Марям шуду ман Сом.
Дар бодаи лаъл аз лаби нӯшин-ш нишонест,
З-он аст, ки пайваста бувад дар кафи ман ҷом.
Бар лафз нароманм сифати оразаш, эрок
Ҷӯям зи ҷамоли рухи ӯ тозаву пидром.
Ҳамвора дилам хонаи ишқ асту раво бод,
Ҳарчанд к-аш аз оташу об аст дару бом.
Гӯянд, ки «ҳар чиз ба ҳангом бувад хуш»,
Эй ишқ, чӣ чизӣ, ки хушӣ дар ҳама ҳангом?

❁ ❁ ❁

Агарчӣ доди сухан дар замона ман додам,
Ситоравор замона намедиҳад додам.
Замона гарчӣ зи ман ёфтаст доди сухан,
Чаро ба ман надиҳад, он чи ман бад-ӯ додам?
Раҳе намонд зи назми сухан, ки наспардам,
Даре намонд зи лафзи дарӣ, ки накшодам.
Ба шеъри ман ҳама аҳли замона дилшоданд,
Чӣ уфтода маро, к-аз замона ношодам?
Маро зи толеи ман давлате намезояд,
Чӣ вақт буд зи толеъ, ки ман дар ӯ зодам?
Дар ин замона азизам ба фазлу ғайр аз ман
Ғариб гашт, чу дар вай ғариб афтодам.
Ба назму насри накӯ дар замона ёди ман аст,
Чӣ кардам, ки саодат намекунад ёдам?
Ситорагон, ки ба фарёдам аз нуҳусаташон,
Чаро ба гӯши ризо нашнаванд фарёдам?
Чу оби дидаву хоки раҳ арчи хор шудам,
Бубин зи рӯи латофат чу оташу бодам.
Агар зи рӯи либосам хароб мебинӣ,
Хароб нестам, аз рӯи фазл ободам.
Аз он гаҳе, ки қадамдар ҷаҳон ниҳодастам,
Ба коми худ қадаме шодмона нанҳодам.
Агарчи пеши ту истодам чу шогирдон,
Зи роҳи илму ҳунар дар замона устодам.
Надида ҳеч муроде зи ёри ширинлаб,
Ба Бесутуни ҷафо монда ҳамчу Фарҳодам.
Чу дар ҷаҳонам бебаҳра аз наими ҷаҳон,
Чу рӯзгори ҷаҳон аз ҷаҳон бурун бодам.
Чу ҳоли ман зи суруфи ҷаҳон халал пазруфт,
Зи ҳоли хеш хабар дар ҷаҳон фиристодам.

* * *

Вақти баҳори нав сифати навбаҳор кун,
Хона зи гул чу буткадаи Қандаҳор кун.
Май бо нигори хуштараб андар баҳор неҳ,
Май бо нигор хуш тараб андар баҳор кун.
Мурғе ҳазор бонг барорад зи шохи гул,
Бо бонги ӯ нишоту тараб сад ҳазор кун.
Руду суруду мутрибу май хуш кунанд базм,
Тадбири ҷамъ кардани ин ҳар ҷаҳор кун.
Дар некӯӣ чу равзаи хулд аст ҷӯйбор,
Бо некӯвон нишоти лаби ҷӯйбор кун.
Хоҳӣ, ки коми дил зи замона талаб кунӣ,
Манзил ба зери шохи гули комгор кун.
Дар рӯзгор хуштар аз ин рӯзгор нест,
Дар ишрат эътимод бар-ин рӯзгор кун.
Он ки шукуфт савсану лола зи нуру нор,
Бо ҷоми май ҳикояти ин нуру нор кун.
Олам зи киштзори баҳорӣ дигар шудаст,
Бо некӯвон нишоти лаби киштзор кун.
Бе дасту по пиёлаву бода пиёда шуд,
Ма дарфикан, пиёдаи ӯро савор кун.
Аз ишқи ёр бори гарон аст бар дилам,
Ҷоми гарон зи бодаи хушхори ёр кун.
Оби ду дида рози маро ошкор кард,
Ӯро кӣ гуфт: «рози маро ошкор кун»?
Эй, беқарор карда туро зулфи беқарор,
Бо ҷоми май ба зери дарахте қарор кун!
Булбул зи гул ба хӯрдани мул хонадат ҳаме,
Бар қавли ӯ ба вақти гули тоза кор кун.
Гул бурд гунаи мулу мул бурд бӯи гул,
Аз гул надим сozу зи мул ғамгусор кун.
Эй, он, ки обрӯй ҳамеҷӯӣ аз сухан,
Оҳанги гуфтани сухани обдор кун!

* * *

Эй, бо ту дилам ҳама вафо карда,
Бо ман дили ту ҳама ҷафо карда.
На ӯҳдаи ошиқӣ ба сар бурда,
На ваъдаи мардумӣ вафо карда.
Моро ба балои ишқ раҳ дода,
В-онгаҳ ба миёни раҳ раҳо карда.
Аввал назари висол фармуда
В-охир ба фироқ мубтало карда.
На ҳуҷҷати ишқи ман фурӯ хонда,
На ҳоҷати ҷони ман раво карда.
Бе зулфи дутои хеш пуштамро
Чун зулфи дутои худ дуто карда.
Эй сарв, ту бо қабову ишқи ту
Дурроаи зӯҳди ман қабо карда.
Эй моҳ, ту бо кулоҳу хасмонат
Қасди кулаҳу қабои мо карда.
Иқрор намекунӣ ба дил бурдан,
Ман бар ту Худойро гуво карда…
Моҳи рамазон расиду қандилаш
Аз рӯи қанинаҳо қафо карда.
Аз шориби хамр сохта муслеҳ
В-аз соҳиби фисқ порсо карда.
Дасти ҳама мутрибон фурӯ баста,
Ранҷи ҳама соқиён ҳабо карда.
Соқӣ ҳамарӯза хушклаб монда,
Мутриб ҳамарӯза бенаво карда.
Он касс, ки ризои муфсидон ҷустӣ,
Оҳанги ризои подшо карда.
Дасте, ки пиёла бар ҳаво кардӣ,
Акнун ба дуост бар ҳаво карда.

* * *

Эй, қоматат қиёмати сарви чаман шуда,
Зулфайни ту ба бӯй чу мушки Хутан шуда.
Ҳам қоматат чу сурати ту гашта дилфиреб,
Ҳам зулфи ту чу ваъдаи ту пуршикан шуда.
Аз шарми рӯву қадди ту, эй моҳ, моҳу сарв:
Он бар фалак гурехтаву ин дар чаман шуда.
Андар ҳиҷоби фитна бимондам, ки чашми ман
Мушки туро бидид, ҳиҷоби суман шуда.
Чаҳ бо расан накӯтару чоҳи зақан-тро
Зулфи дарози туст чу мушкин расан шуда.
Ширинлабиву з-он лабу дандони дилбарат
Ёқуту лаълу дурри самин бе саман шуда/
Раста бунафшазори ту бар барги настаран,
В-аз ишқи ту бунафшаи ман настаран шуда…
Марди санову назмаму андар санои ту
Назми ман аст мунуси ҳар марду зан шуда.
В-аз имтиҳони ҳодисаи даҳри бенизом
Беназм гашта оламу ман мумтаҳан шуда.
Ашъорам аз Суҳайли Яман бартар асту ҳаст
Ашкам зи хуни дил чу ақиқи Яман шуда.

* * *

Эй, зулфи ёри ман зиреҳе ё зиреҳгаре,
Ё пеши тири ғамзаи дилбар зиреҳдаре.
Ҳаргиз зиреҳ зи раҳ набарад ҳеч халқро,
Гар ту зиреҳгарӣ, ба зиреҳ чун зи раҳ барӣ?
Нашнидаам, ки ҳеч зиреҳ зӯҳра парварад,
Бар рӯи он санам зиреҳи зӯҳрапарваре.
Ҳорут хонамат ману Довуд гӯямат,
То дидамат, ки зӯҳрапарасту зиреҳгарӣ.
Довуд нестӣ, ба зиреҳ рағбатат чарост?
Ҳорут нестӣ, ғами Зӯҳра чаро х(в)арӣ?
Дилро ба роҳи ҳусн далели муҳаббатӣ,
Ҷонро зи боғи ишқ насими муанбарӣ.
Бар гул ниҳода тӯдаи шамшоду сунбулӣ,
Бар маҳ фитода сояи чавгону чанбарӣ.
Дар хуррамӣ чу сояи тӯбиву сидрай
В-андар ҷавор чашмаи ҳайвону кавсарӣ.
Ошиқ чаро кушӣ ту, на Салмову Висай?
Бе раҳ чаро кунӣ ту, на Мониву Озарӣ?
Миҷмар ҳаме набоядату уднагҳатӣ,
Оташ ҳаме насӯзадату мушкпайкарӣ.
Гоҳе чу шаб ҳиҷоб шавӣ пеши офтоб,
Гоҳе чу абр парда шавӣ пеши Муштарӣ.
Гоҳ аз рухон-т соҳиби ёқуту дебай,
Гоҳ аз лабон-т соҳиби марҷону шаккарӣ.
Чун ҷавр тирарангиву дилҳо барӣ ба ҷавр,
Гӯӣ, ки дар рабудани дилҳо муҷаббарӣ…
Болину бистари ту зи насрину савсан аст
В-аз чину тоб зинати болину бистарӣ.
Дар тоби туст зинати рӯи маҳи мунир,
Дар чини туст зевари барги гули тарӣ.
Боғи магар, ки маъдани насрину савсанӣ,
Чархӣ магар, ки ҷойгаҳи моҳу ахтарӣ…
Симин нашуд санавбару заррин камар набаст,
Заррин камар ту бандӣ, ки симин санавбарӣ.

Бо рӯи ту ба лолаву моҳам ниёз нест,
Донам чунин, ки лоларуху моҳманзарӣ.
Гӯям ба зулфи ту: «чу висоли ту ёфтам»,
Эй шаб, чӣ соҳирӣ, ки ба ҷуз рӯз наспарӣ?
Ман дар ғами ту пеша гирифтам ситамкашӣ,
То ту ба табъ пеша гирифтӣ ситамгарӣ.
Хоҳи, ки бишмарӣ ғаму андешаи маро,
Хоҳам, ки ҳалқаву гиреҳи хеш бишмарӣ…
Аз шаҳрҳот шеър фиристанд шоирон,
Зеро мадоеҳи шуароро ту дарх(в)арӣ.
Инак Адиб аз сари ихлосу эътиқод
Бо он, ки нест санъати ӯ шеъру шоирӣ,
Ин дур зи Каъба суфта фиристод дар санот,
В-арна на ҳар дуриву санои на ҳар сарӣ!

❁ ❁ ❁

Намози шом чу сӯҳбат буридам аз маъво,
Бурида гашт тариқи салом аз салмо.
Ба азми раҳ се мусофир мувофиқат кардем,
Маҳ аз сипеҳру шаб аз машриқу ман аз маъво.
Чу бахт бар лаби Ҷайҳун фиканд рахт маро,
Ба ҳам шуданд се Ҷайҳун зи гиряам дарё.
Яке зи обу ду аз хун, ки ҳар ду дидаи ман
Зи дарду доғи ватан хуни дил гиристандо.
Ба ҷуз фироқи рафиқон, кӣ донад ин санъат?
Кӣ аз ду дида ду дарё ҳаме кунад иншо?
Зи мавҷи ҷунбиши Ҷайҳун ба дидаи дили ман
Нишони гардиши каждум зи печиши афъо.
Ҳамерасид фиғони ду чизи ман ба ду чиз:
Зи қаъри чаҳ ба Сурайё, зи авҷи маҳ ба саро.
Ба накбате бибуридам раҳе, ки фитна аз ӯ
Чунон ки сурати Моно зи хомаи Моно.
Дар он миён шаби торӣ зи шарқ сар барзад,
Чу иллате, ки набошад дар ӯ умеди даво.
Ситораон ҳама чун оби дидаи Маҷнун,
Зи тирагии шаби торӣ чу турраи Лайло.
Ба маҳкамию дурустӣ чу азми ман гардун,
Ба равшанию баландӣ чу шеъри ман шаъро.
Баноти Наъш ба нури маонии равшан,
Дар ӯ Суҳо ба заъифӣ чу лафзи бемаъно.
Фалак чу аъмо бар ҷои худ фурӯ монда,
Назора чашми кавокиб бар ӯ ба истеҳзо.
Гирифта ҳамчу асое миҷарра андар даст,
Асо миҷарра бувад, чун фалак бувад аъмо.
Ситора лашкару бозори лашкар-ш гардун,
Ба саъду нҳс дар ӯ доду гиру байъу широ.
Ман андар ӯ мутаҳаййир, ки ҳеҷ халқ набуд,
Ки ҳеҷ аз ману аз ҳоли ман кунад инҳо.
Тариқи ман ба яке барри бекарону маро
Дар ӯ на ваъдаи манну на роҳати салво.
Зи бими боди самуму балои хунравон
Равони шахс ҳамекард орзуи фано…

* * *

Саҳни чаман, ки хурраму зебо шавад ҳаме,
Чун дурҷи дурру размаи дебо шавад ҳаме.
Зеботар аст ишрату хуррамтар аст айш,
То боғу сабза хурраму зебо шавад ҳаме.
Боғ аз дари танаъуму нузҳат шавад ҳаме,
Роғ аз дари нишоту тамошо шавад ҳаме.
Барнову пир қасди гулу мул ҳамекунанд
З-ин дайри пиргашта, ки барно шавад ҳаме.
Аз баҳри зинда кардани гулҳои навбаҳор
Боди сабо дуои Масеҳо шавад ҳаме.
Ҳар каҳрабо, ки боди хазонӣ ба боғ дод,
Он каҳрабо зумурраду мино шавад ҳаме.
Наргис нишони тоҷи Сикандар ҳамедиҳад,
То бӯстон чу маснади Доро шавад ҳаме.
Дил Юсуф асту гул чу Зулайхо ҷавон шуда,
Юсуф асири ишқи Зулайхо шавад ҳаме.
Раъно шавад ҳар он, ки дили ошиқон бибурд,
Гул дил зи мо бибурд, ки раъно шавад ҳаме.
То шуд шукуфта ҳамчу Сурайё сари чаман,
Бӯи хуш аз сарӣ ба Сурайё шавад ҳаме,
Зулфи бунафша гарчи дуто шуд чу пушти ман,
Ӯро дилам ягонаву якто шавад ҳаме.
Рози дилам зи сабза ба саҳро баруфтад
Аз дилбарӣ, ки сабзаву саҳро шавад ҳаме.
Тарфи чаман тароифи боғи биҳишт ёфт,
То гул ба ҳусну сурати хуро шавад ҳаме.
Боғе, ки зоғи нохуш аз ӯ ошёна ёфт,
Маъвои андалиби хушово шавад ҳаме,
Абр аз ҳаво чу дидаи Вомиқ шуд аз сиришк,
То лола ҳамчу орази Узро шавад ҳаме.
Дорад фурӯғ оташи рахшон миёни дуд,
Барқ аз миёни абр чу пайдо шавад ҳаме…
Ин олами куҳаншуда ҳар сол дар баҳор,
Аз баҳри нузҳати ту мутарро шавад ҳаме.

То ту нишоти бода кунӣ джар ҳавои хуш,
Тираҳаво зи бод мусаффо шавад ҳаме.
То бар ҷамоли лола ба соғар хӯрӣ шароб,
Лола ба шакли соғари саҳбо шавад ҳаме.
Имрӯз кун тараб, ки муҳайёст айши умр,
Бода зи ҷоми умр муҳайё шавад ҳаме.

❁ ❁ ❁

Рӯзгори навбаҳор ояд ҳаме,
Ғамкашонро ғамгусор ояд ҳаме.
Вақти шодиву тараб ояд ҳаме,
Навбати бӯсу канор ояд ҳаме.
Боғ пургул гашту ҳар соат зи абр
Бар сари гулҳо нисор ояд ҳаме.
Аз насими мушкбору бӯи гул
Мушк пеши дида хор ояд ҳаме.
Ё раб, ин вақти саҳар боди сабост,
Ё насими зулфи ёр ояд ҳаме,
Ҳар куҷо чашм афканам бар кӯҳу дашт,
Пеши чашмам лолазор ояд ҳаме.
Хуш бувад айшу шаробу боғу гул,
Навбати ин ҳар чаҳор ояд ҳаме.
Он гули сурӣ зи бахри рӯи дӯст
Ошиқонро ёдгор ояд ҳаме.
В-ин бунафши тар зи ишқи зулфи ёр
Мар-маро чун ҷон ба кор ояд ҳаме.
Лаҳни булбул нимшаб дар гӯши ман
Чун навои зеру зор ояд ҳаме.
Ошиқӣ кардан ба ҳар вақте хуш аст,
Хоса чун вақти баҳор ояд ҳаме.
Бозам аз сар тоза шуд савдои ишқ,
Ёди он зебонигор ояд ҳаме.
Беқарорам рӯзу шаб в-ин мар-маро
З-он ду зулфи беқарор ояд ҳаме.
Дар сари ман солу маҳ бе май хумор
З-он ду чашми пурхумор ояд ҳаме.
Номи ман чун дар шумори ишқ шуд,
Ранҷам афзун аз шумор ояд ҳаме.

❁ ❁ ❁

Ишқат зи баски шӯъбада пайдо кунад ҳаме,
Дилро дар орзуи ту шайдо кунад ҳаме.
Озурдаам ҳамеша аз ашки чашми хеш,
Азбаски рози ишқи ту пайдо кунад ҳаме.
Хушнудам аз хаёли ту, к-аз сурату рухат
Бо чашми ман ҳикояти ҳуро кунад ҳаме.
Румирухиву бод чу бар зулфи ту ҷаҳад,
Аз мушки сода шакли чалипо кунад ҳаме.
Моҳ аз шиои рӯи ту равшан шавад ҳаме,
Сарв аз нишоти қадди ту боло кунад ҳаме.
З-он зулфи хамгирифта, ки туғрои дилбарист,
Пушти маро хамида чу туғро кунад ҳаме.
Шукр аст садҳазор маро аз забони хеш,
К-аз ду лабат се бӯса тақозо кунад ҳаме.
Бо сад шикоятам зи забонат, ки ҳар замон
Васли туро ҳавола ба фардо кунад ҳаме.
Бар ақли ман ҷамоли ту лашкар кашад ҳаме,
Бар сабри ман фироқи ту ғавғо кунад ҳаме.
Овехтаст зулфи ту Ҳорутро аз он, к
Пайваста қасди Зӯҳраи заҳро кунад ҳаме.
Якто шудам з-ақлу сабуриву з-ин маро
Зулфи дутои туст, ки якто кунад ҳаме.
Дил бурд ишқат аз ману ҷонам намебарад,
К-ӯро муҳаббати ту муҳобо кунад ҳаме.
Анқост нопадиду висоли ту хештан
Аз чашми ман чу сурати анқо кунад ҳаме.
Рӯзи фироқи ту, ки набинам ҷамоли ту,
Бо ман ҳикояти шаби ялдо кунад ҳаме.
Он кун ба ҷони ман зи латофат, ки рӯзи базм
Акси рухат ба соғари саҳбо кунад ҳаме.

* * *

Найсон насими боғ муанбар кунад ҳаме,
К-аз хок суда байзаи абҳар кунад ҳаме.
Боди сабо вазиду ҳавову димоғро
Пуранбарин сабои муанбар кунад ҳаме.
Лола нишоне аз лаби ҷонон диҳад ҳаме,
Савсан ҳикоят аз бари дилбар кунад ҳаме.
Гӯӣ бунафша аз хати хубон хиҷил шудаст,
На бингарад ба боғу на сар бар кунад ҳаме.
Гӯӣ, ки тоза наргиси махмур дар чаман
Майхора гашту ҷоми май аз зар кунад ҳаме.
Гавҳар зи санг хезаду ин абри ҷазъфйом
Аз арғувон тавилаи гавҳар кунад ҳаме.
Бар дашт абр сурати Монӣ кашад ҳаме,
Бар хок бод санъати Озар кунад ҳаме.
Абре, ки ранги фохта дорад, зи хоку санг
Парри тазарву тавқи кабӯтар кунад ҳаме.
Шохи дарахт сояи тӯбӣ диҳад ҳаме,
Ашки саҳоб санъати кавсар кунад ҳаме.
Дасти табоеъ аз қибали базми ошиқон
Аз лолаҳо пиёлаву соғар кунад ҳаме.
Боди саҳар зи соҳати боғу ҳавои роғ
Бе мушку уд нофаву миҷмар кунад ҳаме.
Заргар шудаст боғ, ки ҳурони равзаро
Аз дурру зар қилодаву зевар кунад ҳаме.
Гар на замин зи сабзаи тар осмон шудаст,
Чун шох аз шукуфа пур ахтар кунад ҳаме?
Бе коргоҳи дебаи Шустар зи обу хок
Наққоши табъ дебаи Шустар кунад ҳаме.
Бе арзгоҳи лашкари Қайсар зи сурху сабз
Наврӯз арзи лашкари Қайсар кунад ҳаме.
Бо абру бонги раъд баромехт теғи барқ,
Гӯӣ Алист ғорати Хайбар кунад ҳаме.

Шоир шудаст булбулу ашъори хешро
Аз барги гул сафинаву дафтар кунад ҳаме.
Қумрӣ хатиб гашта, ки аз баҳри ӯ баҳор
Аз шоҳи сарв пояи минбар кунад ҳаме.

❁ ❁ ❁

## ТАРКИББАНДҲО

### Дар мадҳи Абулқосим Алӣ

Бо ҳусни боғу фарри баҳору ҷамоли гул
Некӯст ҳоли мо, ки накӯ бод ҳоли гул.
Пурнақши озарӣ шуду пурсурати парӣ
Боғ аз баҳори хурраму чашм аз ҷамоли гул.
Гул бӯю бода нӯш ба дидори гул, ки ҳаст
Имрӯз рӯзи бодаву имсол соли гул.
Бо гул нишину нағмаи булбул самоъ кун
Пеш аз раҳили булбулу пеш аз заволи гул.
Бо васли гул набиди чу гул хур, ки ногаҳон
Моро зи гул фироқ намояд малоли гул.
Чун базми подшаҳ шуду чун равзаи биҳишт
Шох аз навои булбулу боғ аз висоли гул.
Фархунда гашт толиъи боғ аз баҳори нав,
Вақти баҳор ноз физояд нигори нав.

Гар фош кард рози маро сози андалеб,
Гул низ фош кард ҳама рози андалеб.
Парвози ҷони ман ҳама то назди дилбар аст,
То назди гул бувад ҳама парвози андалеб.
Чун андалеб нола кунам дар фироқи ёр,
Вақти саҳар ки бишнавам овози андалеб.
Ҷонро равост, гар бикашад бори ишқи дӯст,
Гулро сазост, гар бикашад нози андалеб.
Мулки чаман, ки зоғи хазонӣ гирифта буд,
Бистад баҳору дод ҳама боз андалеб.
Бо дил хуш аст нағмаи дидори дилбарӣ,
Бо гул накӯст нағмаи дамсози андалеб.
Гар мадҳи садри мӯсавиён андалеб кард,
Инак дар ин сухан манам анбози андалеб.
Акнун вилоятест гулу андалеброст,
Гар дар ҷаҳон ғамест, ғуробу ғариброст.

Мурғон ҳаме зананд ҳама шаб навои боғро,
Он беҳ, ки қасди бода кунӣ дар ҳавои боғ.
Аз хуррамӣ, ки равзаи боғ аст, нангарад
Ризвон ҳаме ба равзаи хеш аз барои боғ.
Бо боғу сабза қасди қадаҳ кун, ки дар баҳор
Ҷонрост майли сабзаву дилрост рои боғ.
Ҳар гӯшае зи боғ биҳиштест ошкор,
Акнун касе биҳишт нахоҳад ба ҷои боғ.
Чун рӯи дӯст шуд чаману боғ дилкушой,
Бикшой дил бад-ин чамани дилкушои боғ.
Гоҳе асири гӯшаму гоҳе асири чашм,
Он аз барои булбулу ин аз барои боғ.
Қимат ба боғ қомати кӯжи бунафшарост,
Ҳаргиз мабод қомати кӯжи бунафша рост.

Аз раъд гӯшҳо ҳама пурбонгу машғала-ст,
В-аз барқ чашмҳо ҳама пуршамъу машъала-ст.
З-он бодҳо, ки бар сари гулҳо ҳаме вазад,
Ларзанда шохаҳо чу замин гоҳи зилзиласт.
Аз жолаҳо ба ҳам шуда ба рӯи лолаҳо,
Гӯӣ, ки рӯи лола зи жола пуробила-ст.
Андар ҳаво зи қатраи борони қатраҳо,
Гӯӣ зи дур тавилаву аз сим силсила-ст.
Аз дидани тароифи атрофи бӯстон
Вақти наззора мардуми якдил чу даҳдила-ст.
Булбул ҳаме ба ҷоми гули тоза мехурад,
Ҷом ору булбула, ки гаҳи ҷому булбула-ст.
То рӯи садри Шарқ набинам ба коми дил,
Аз дил маро шикояту аз гул маро гила-ст.
Қумрию фохта, ки наво баркашидаанд,
Гӯӣ, зи дӯст шарбати ҳиҷрон чашидаанд.

Рӯи замин зи сабзаву гул пурнигорҳост,
В-аз чашми абр бар сари ҳарду нисорҳост.
Нохурда ҳеч бодаву нобуда ҳеч маст,
Дар чашмҳои наргиси мискин хуморҳост.

Гӯӣ, ки сад ҳазор чароғ асту машъала,
Азбас фурӯғи лола, ки аз лолазорҳост.
Дар рангу бӯй ҳамчу бунафша-ст оби ҷӯй,
Аз мастии бунафша, ки дар ҷӯйборҳост.
Чун зулфи ёр боди саборо насимҳост,
Чун рӯи дӯст тарфи чаманро нигорҳост.
Гар фахри рӯзгор ба Наврӯз хуррам аст,
Ин рӯзгор фахри ҳама рӯзгорҳост.
З-он дил ба рӯзгор надодам, ки бо дилам
Аз баҳри мадҳи умдатулислом корҳост.
Он дилбаре, ки дидаи наргис ҳамекунад,
Аз ишқ дил тавонгару муфлис ҳамекунад.

Боди сабо, ки қасди гулафшон ҳамекунад,
Аз хоки тира дурри дурафшон ҳамекунад.
Хуршедвор қатраи борон зи хоку санг
Зарри аёру лаъли Бадахшон ҳамекунад.
Ҷамшедвор абри баҳорӣ бар асби бод
Гирди ҳаво баромада ҷавлон ҳамекунад.
Наққоши Қандаҳор ба нӯги қалам накард,
Ин нақшҳо, ки қатраи борон ҳамекунад.
Дар тан зи бода ҷони дигар кун, ки ҳар шабе
Боди баҳор дар тани гул ҷон ҳаме кунад.
Гар қасди дил насими сари зулфи дӯст кард,
Аз дилбарӣ насими сабо он намекунад.
Боз ин сухан ҳадису ҳикоят зи базлу бир
Дар маҷлиси раиси Хуросон намекунад.
Акнун сазад, ки бода ту бар рӯи гул хурӣ,
Бар шохи гул шукуфта беҳ ояд, ки мул хурӣ.

Ин нолаҳо, ки булбули ошиқ кунад ҳаме,
Бар ҳоли ошиқон ҳама лоиқ кунад ҳаме.
Он кас, ки дил надод ба ёди бунафшазулф,
Зулфи бунафша фитнаи ошиқ кунад ҳаме.
Барги гули дурӯя ҳамарӯза бо нифоқ
Васфи дилу забони мутобиқ кунад ҳаме.

Соқӣ кадом ҷом дар оташ набид сохт,
Аздодро чи гуна мувофиқ кунад ҳаме.
Ҷонест май, ки хосияти ӯ ҷамодро
Чун ҷон ба ҷунбиш ораду нотиқ кунад ҳаме.
Дастони мурғу булбула дар гоҳи субҳдам
Аҳли салоҳро ҳама фосиқ кунад ҳаме.
Чун ҳиммати қавоми имоматнамо ба ман
Рафъи ниёзу нафъи халоиқ кунад ҳаме.
То мумкин аст, бода хур акнуну ишқ боз,
Воҷиб кунад, ки ҳеч набошад зи ишқ боз.

Пайваста гашт сӯи ман акнун паёми ишқ,
Пайваста бод хутбаи дилҳо ба номи ишқ.
Гул бишкуфад, чу сӯи гул ояд паёми абр,
Дил бишкуфад чу сӯи дил ояд паёми ишқ.
Моро саломи ишқ расонид навбаҳор,
Бар лафзи навбаҳор беҳ ояд саломи ишқ.
Дил буд баски дар бари мо доми ишқ дошт,
Дидем рӯи дилбару додем доми ишқ.
Бар ҳеч табъ номи латофат дуруст нест,
Бе номи ишқу ошиқӣ, эй ман ғуломи ишқ.
Чун мар маро зи ишқ маломат расад ҳаме,
Танҳо на истода манам дар мақоми ишқ.
Аз доми ишқ ҳеч диле бенасиб нест,
Гӯӣ атои тоҷи маолист доми ишқ.
Ҷонро хуш аст дар ғами ҷонон гудохтан,
Дар ишқ сӯхтан беҳу бо ишқ сохтан.

Боғ аз баҳор ҳурмати Байтулҳарам гирифт,
Сабза зи лола зинати боғи Ирам гирифт.
Пушти бунафша бе ғами пирӣ бахам бимонд,
Гӯӣ, ки ишқу муфлисӣ ӯро ба ҳам гирифт.
Чун нақши боғ дид, қалам кард дасти хеш,
Он к-ӯ ба нақш кардани дебо қалам гирифт.
Наққоши боду хок чунин нақш кам нигошт,
Сайёди ҳусну ақл чунин сайд кам гирифт.

Аз хона рахт сӯи чаман бар, ки рӯҳро
Хона чу дом гашт, зи кошона дам гирифт.
Рӯи замин зи дидаи абру ҳавои тар
Чун чашми ошиқони ҷафодида нам гирифт.
Шохи шаҷар зи гавҳару ёқуту симу зар
Чун пушти соилони худованд хам гирифт.
Садри замона, саййиди содоти рӯзгор
Моро ҳимоят аз ҳама офоти рӯзгор.

Ин олиахтарон, ки бар ин чархи ахзаранд,
Андара улув аёли Алӣ ибни Ҷаъфаранд.
Чандин ҳазор сол ба чандин ҳазор чашм
Мислаш надидаанд, ба чандин ки бингаранд.
З-ахлоқи ӯ чу ақл ҳаме манфиат диҳанд,
З-алфози ӯ чу илм ҳаме рӯҳ парваранд.
Ҳирсу тамаъ, ки серии эшон аҷоиб аст,
Серӣ ҳама зи моидаи ҷуди ӯ баранд.
Даҳру фалак, ки сухра бикарданд халқро,
Чун бандагон ишорати ӯро мусаххаранд.
Бо ному куняташ дили уммат ниёзманд,
Гӯӣ, ки ёдгори васии паямбаранд.
То миллати паямбару то номи Ҳайдар аст,
Бо ҳурмати паямбару бо қадри Ҳайдаранд.
Он мунтахаб зи нисбати пайғамбари Худой,
Он мӯҳтарам чунон ки паямбар бари Худой.

Садре, ки бе хилоф низоми хилофатаст,
Арзоқи халқро ба кафи ӯ зиёфат аст.
Он ҷо, ки садри олию қадри рафеъи ӯст,
Худ бе хилоф хидмати ӯ бе хилофат аст.
Халқи замин мувофиқати ӯ гузидаанд,
Азбаски дар мухолифаташ ранҷу офат аст.
Чун баҳри бекарон ҳунарашро ғирорат аст
Чун боди субҳдам суханашро латофат аст.
Кайвон, ки пеши хидмати рояш намерасад,
Аз кибр нест, балки зи буъди масофат аст.

Гар дар сукун ба вазни замин аст илми ӯ,
Ӯро замин махон, ки заминро касофат аст.
В-арчанд ҷуди бахри дамон кам зи ҷуди ӯст,
Баҳраш махон, ки баҳри дамонро мухофат аст.
Ҳам муртазоҳасаб шуду ҳам мустафонасаб,
Ҷуз мустафонасаб нашавад муртазоҳасаб.

Гар на ба гавҳар аз насаби Мустафостӣ,
Чун Мустафо-ш ҳилму ҳаё аз куҷостӣ?!
Ӯро ба рӯзи хашму ризо чун назар кунӣ,
Гӯӣ дурусту рост, Алӣ Муртазостӣ.
Гар подшоҳи мулки хирад нестӣ зи ҳуш,
Кай ихтиёри мулки чунин подшостӣ?!
В-ар бахти некном набудӣ ба номи ӯ,
Султон ситому сози мурассаъ нахостӣ.
Дар ҳурмату матонату миқдору манзалат
Гӯӣ яке зи тоифае анбиёстӣ.
Кас нест мисли ӯ ба дурустию ростӣ,
Гар рост гуфтанист, бигӯям, ки ростӣ.
Махлукро бақои абад гар бишоядӣ,
То нафхи сур давлати ӯро бақостӣ.
Кӯтоҳ бод дасти фано аз бақои ӯ,
Холӣ мабод маснаду садр аз лиқои ӯ!

Аввал сиёсат аст, ки шарти риёсат аст,
Ӯро риёсат аст, ки яксар сиёсат аст.
Ин ҳаллу уқду манъу атову қабулу рад
З-аҳли сиёсат аст, ки шарти риёсат аст.
Садро риёсат ар ба сиёсат тавон гирифт,
Инак риёсате, ки сараш аз сиёсат аст.
Аз шаҳрёр ҳурмати ӯро маунат аст.
В-аз кирдгор ҳашмати ӯро ҳиросат аст.
Омад нигоҳбони риёсат фаросатат,
Оре, нигоҳбони риёсат фаросат аст.
Куфрони неъмати ту раво нест, з-он ки ҳаст
Дар неъмати ту кофиру куфрон наҷосат аст.

Бошад ҳамоса дархур агар аҳли назмро,
Дархур ба назму наср мар ӯро ҳамосат аст.
То ман санои ту ба иборат ҳамедиҳам,
Гӯӣ, ки мушки суда ба ғорат ҳамедиҳам.

Чун обу оташ омадаӣ сулҳу ҷангро,
Чун боду хок рӯзи шитобу дирангро.
Килки ту дар масофи кифоят асир кард
Шамшери обдодаву тири ҳадангро.
Кас чун ту тақвият надиҳад дину додро,
Кас чун ту тарбият накунад ному нангро.
Шерест ҳисни ту, ки ба пеши ҳузури ӯ
Дар сар маҷоли кибр намонад палангро.
Хуршеди равшанӣ, ки ба таъсири рои ту
Ёқути обдор тавон кард сангро.
Саъва ба қуввати ту бигирад уқобро,
Моҳӣ ба ҳашмати ту бимолад наҳангро.
Андар замона ҷуди ту тангӣ раҳо накард,
Бим аст аз ин сухан даҳану чашми тангро.
Ороиши замину замон рӯю рои туст,
Андар ҷаҳон ҳар он чи беҳ ояд, барои туст.

То боду хоку оташу об аст дар ҷаҳон,
То офтобу моҳ битобанд бар ҷаҳон.
То ҳаст пурривояти илми Алӣ замин,
То ҳаст пурҳикояти адли Умар ҷаҳон.
Осори бекаронаи ту бод бар замин.
Иқболи ҷовидонаи ту бод дар ҷаҳон.
Бардор ҳатту лаззати айшу тараб зи даҳр,
Бигзор дар бузургию ҷоҳу хатар ҷаҳон.
Карда туро бар он чи ту хоҳӣ, қарин қазо,
Дода туро бар он чи ту хоҳӣ, зафар ҷаҳон
Иззи туро зи тири табаддул зиреҳ фалак,
Ҳоли туро зи теғи тағайюр сипар ҷаҳон.
Ҷоҳи ту аз навоиби гетӣ амони мо,
Ҷои ту дар амону барои ҷаҳони мо.

## ДАР МАДҲИ ШАМСУДДИН АБӮҶАЪФАР МУҲАММАД ИБНИ ТОҲИР

То оби дилбарию малоҳат ба ҷӯи туст,
Ҷонам зи ошиқӣ ҳама дар ҷустуҷӯи туст.
Гар майли обҳо суи дарё бувад ҳама,
Имрӯз майли оби малоҳат ба сӯи туст.
Рӯи ту обрӯи ҳама некувон бибурд,
В-ин оби чашми ман ҳама з-он обрӯи туст.
Гар санг з-оби дидаи ман нарм шуд, чаро
Сахтӣ ҳанӯз дар дили чун сангу рӯи туст?
Оби фусурда гӯи занахдони ту шудаст,
Пуштам ҳамеша бо хами чавгону гӯи туст.
Рӯят зи об равшану ишқат зи оташ аст,
Бо обу оташи ту бағоят дилам х(в)аш аст.

Эй дил, зи баҳри дӯст дар оташ макон макун,
В-ар кардаӣ, ки сӯхта гардӣ, фиғон макун.
Аз ҷон ғизои оташи ҷонон ҳамекунӣ,
Ҷоно, ғизои оташи ҷонон зи ҷон макун.
Ҷон сӯхтан нахоҳаду ҷонон бисӯзадаш,
Фармони ин ҳамекуну фармони он макун.
В-ар ишқи дӯст сӯхтаи оташат кунад,
Аз баҳри дӯст рӯй бар оташгарон макун.
Бар шамъи рӯи ёр чу парвона нестӣ,
Парвонавор бар сари оташ макон макун.
Чизе наёфтанд бузургони хурдаёб,
Сӯзандатар зи оташу созандатар зи об.

Гар бар сарам зи оташи тар бод нестӣ,
Аз ишқу ранҷи ишқ маро ёд нестӣ.
В-ар бод нестӣ ҳама аҳлу вафои ту,
Сабрам зи дарди ишқи ту барбод нестӣ.
Пинҳон ҷамоли рӯи ту аз чашми ман чу бод,
Гар нестӣ, маро дили ношод нестӣ.

Бо ёду лоф ишқи ту кай монадӣ ба ҷой,
Гар ҷони ман зи оҳану пӯлод нестӣ.
То сурма хоки пои ту кардаст чашми ман,
Овора карда хоби ду чашмам зи чашми ман.

Бар сар маро зи боди ҷафо хок мекунӣ,
Номи вафо зи дафтари ман пок мекунӣ.
Гарчи маро азизтар аз ҷону дидаӣ,
Ҳар соатем хортар аз хок мекунӣ.
Дар некӯӣ зи хок бар афлок меравӣ,
Лекин зи ҷавр пешаи афлок мекунӣ.
Бебоквор хоки дарат қибла мекунам,
Оҳанги ҷони ошиқи бебок мекунӣ.
Тарёки заҳри фурқати ту хоки пои туст,
Ман сурма з-он кунам, ки ту тарёк мекунӣ.
Дар ман зи мастӣ оташу обам ҳамебарӣ,
Дар бодгири хеш суи бод нангарӣ.

Дар ошиқим қиблаи офот кардаӣ,
Ишқи маро чигуна мукофот кардаӣ.
Дар дилбарит Каъбаи офоқ хондаам,
Дар бедилим қиблаи офот кардаӣ.
Имрӯз дилфиребтарӣ аз парию дӣ,
Гӯӣ ба Каъба дӯш муноҷот кардаӣ.
Дар нарди дилрабоию шатранҷи дилбарӣ
Дилро асири шашдару шаҳмот кардаӣ.
Чун чашми ман даҳони ту пурдур чаро шудаст,
Гар на санои саййиди содот кардаӣ.
Садрӣ, ки шамсу бадр зи рӯяш мунавваранд,
Бӯҷаъфарӣ, ки дасту забонаш ду ҷаъфаранд.

Ҳар нур дар замона, ки зоҳир ҳамешавад,
Аз Шамсидин Муҳаммади Тоҳир ҳамешавад.
Чун зоти ӯ зи тинати Заҳрову Ҳайдар аст,
Бо зинати нуҷуму завоҳир ҳамешавад.

Ҳар лаҳзае зи накси адӯ в-аз камоли ӯ
Сад гуна аҷзу мӯъҷиза зоҳир намешавад.
Азбаски нуктае зи наводир баён намуд,
Килк аз баён-ш соҳиру моҳир ҳамешавад.
Гар нест теғи Ҳайдари каррор килки ӯ,
Бар қаҳри душманон зи чӣ қоҳир ҳамешавад?
Оростаст рӯи ҷаҳон аз ҷамоли ту,
Барбаста бод чашми камол аз ҷамоли ту.

Мисли хилофат аст зи ҳурмат риёсаташ,
Поянда бод ҳамчу риёсат киёсаташ.
Фосид нашуд фаросаташ аз забти ҳеч шуғл,
Гӯӣ шудаст қудрати Эзид фаросаташ.
Хок аст илми ӯву самоҳат манофиъаш.
Об аст лафзи ӯву фасоҳат салосаташ.
Барбаст роҳи фитнаву даъво маноқибаш,
Бикшод банди кисаву маънӣ киёсаташ.
Ӯрост дар ҷаҳон лақаби Зурриёсатайн,
Холӣ мабод саҳми ҷаҳон аз риёсаташ.
Буррандатар зи кӯшиши ӯ ҳеч теғ нест,
Борандатар зи бахшиши ӯ ҳеч меҳр нест.

Эй қиблаи саодату иқболи аҳли байт,
Маймун шуда ба давлати ту фоли аҳли байт.
Бе ҷоҳу мол агар нашавад муҳташам касе,
Ҳам ҷоҳи итрати туву ҳам моли аҳли байт.
То саййиди аҷал туӣ аз аҳли байти ӯ,
Бар умматаш фариза шуд иқболи аҳли байт.
То аҳли байтро басазо муқтадо туӣ,
Пас, зуд мунтазам шавад аҳволи аҳли байт.
Маддоҳи аҳли байти паямбар марост ном,
Ман донам аз ҷаҳон шарафи ҳоли аҳли байт.
Аз қудрат аст қиблаи исломро шараф,
Дар лафзи туст толиби инъомро латаф.

Дар хулқи халқи хеш сафову ҳаё нигар,
Гӯӣ ба мартаба туӣ аз Мустафо дигар.
Чун Каъбаи ҷалолати оли набӣ туӣ,
Бо шуҳрат аст фахри манию сафо ҳадар.
Аз баҳри он ки нест ҷафо аз хисоли ту,
Як феъл дар ҷаҳон набувад аз ҷафо батар.
В-аз баҳри он ки фахру вафо аз русуми туст,
Зер аст некномию номи вафо забар.
Бемор кард ҳоли маро ранҷи рӯзгор,
З-инъоми хеш ҳоли маро чун шифо шунав.
Бар рӯи даҳр доғи ғуломи ба номи туст,
Ҳар накбате, ки ҳаст маро, аз ғуломи туст.

Эй рифъату улувви Алӣ Муртазо туро,
Илму вафову фазли Алиюрризо туро.
Чунон ки шахсро ба ғизо тарбият кунанд,
Дар фахру фазл тарбият аст аз қазо туро.
Бар иқтизои рои ту маққур шуд қазо,
То ҷумла он кунанд, ки буд иқтизо туро.
Гар даҳр чун Муовия бигрезад аз ризот,
Бошад қалам чу теғи Алӣ Муртазо туро.
Ороиши замона зи ҷоҳу ҷалоли туст,
Аз гардиши замона мабод инқизо туро.
Дурр аст мидъати ту ӯро садаф дилам,
Аз мадҳи туст маъдани фахру шараф дилам.

Дар офарини ту зи фалак офарин мар ост,
З-он офарин хизонаи дурри самин мар ост.
Мамдуҳи беқарин туӣ андар ҳама ҷаҳон,
Дар офарини ту сухани беқарин мар ост.
Гарчи манам газидаи занбӯри ҳодисот,
Дар мадҳи ту иборати чун ангубин мар ост.
Аъҷубаи суруфи ҷаҳон бин, ки дар ҷаҳон
Лафзе чунон муҳаззабу ҳоле чунин мар ост.
Дар обрӯ агарчи наям беҳгузини халқ,
Маънии обдодаву лафзи гузин мар ост.

Тоҷи сари сафову сухан хоки пои туст,
Ҳарч аз сухан гузида бувад, он санои туст.

Эй бар замин ҷалоли ту чун моҳ бар фалак,
Эй дар маҳал улувви ту ҳамроҳ бар фалак.
Моҳи шаби чаҳорда пурнур гашт аз он
Шуд шуълае зи рои ту ногоҳ бар фалак.
То моҳро зи рӯи ту он некуӣ расид,
Гаштанд ахтарон-т накӯхоҳ бар фалак.
Лашкаргаҳанд қадри туро моҳу ахтарон,
З-он мезанад хаймаву хиргоҳ бар фалак.
Шоҳи арӯси маҷлиси ман мидҳати ту бод,
То шоҳ бар замин буваду моҳ бар фалак.
Монад аҷал ба хашми ту, эй саййиди аҷал,
Ту саййиди аҷаллию мо саййиди аҷал.

Бо нуру тоби фикрати ту офтоб нест,
Онро назири рои ту хондан савоб нест.
Ту офтоби динию дар офтоби чарх
Садяк зи рою фикрати ту нуру тоб нест.
Аз офтоби ҷуди ту, эй офтоби дин,
Кас дар замона зарратар аз офтоб нест.
Роят шаҳоби соқиби шайтонкуш омадаст,
Дар офтоб хосияти ин шаҳоб нест.
Моро ҳазор гуна савоб аз мадеҳи туст,
В-аз мадҳи офтоб касеро савоб нест.
Хеши бар офтоб ту додӣ хитобро,
Ин фахр бас кунад ба ҷаҳон офтоброр.

Миннат Худойро, ки сипеҳрат мазид ҳаст,
Бадхоҳи ту зи чарху ҷаҳон мустарид ҳаст.
Чашми бад аз ҷамолу ҷалолат баид беҳ,
Чашми бад аз ҷамолу ҷалолат баид ҳаст.
Бе лафзи офарини ту маънӣ муфид нест,
Лекин дар офарини ту даъвӣ муфид ҳаст.

То ид чун ваид набошад ба ҳеч ҳол,
То идро қаробати лафзи ваид ҳаст.
Пирӯза рӯзгори ту пайваста ид бод,
Он ҷо ки рӯи туст, ҳамасола ид бод.

## ДАР МАДҲИ МАҶДУДДИН АЛӢ ИБНИ ҶАЪФАР

Абри фарвардин фурӯ шӯяд ҳаме рухсори гул,
Вақти дидори гул омад, ҳаббазо дидори гул.
Хуррамо рӯзо, ки моро тозаву равшан шудаст
Ишқ бо дидори боғу дида бо рухсори гул.
Гар зи шодӣ рӯи мо чун гул набошад, айб нест,
Бодае чун гул ба дасту пеши мо анбори гул.
Эй ба ранги хубу бӯи хуш димоғу дидаро
Ошкоро карда рӯю зулфи ту асрори гул.
Гул ҳаме бозор ҷӯяд бар гули рухсори ту,
Аз ту озорест гулро, то чунин шуд кори гул.

Некӯӣ дар бӯстон то бар чӣ оин омадаст,
Чун нигори Қандаҳору сурати Чин омадаст.
Бӯстон гӯӣ биҳишт омад, ки бо дидори ӯ
Шодмон гаштаст дар вай, ҳар кӣ ғамгин омадаст.
Навбати руду суруду сабзаву боғ омадаст.
Рӯзгори ромишу роҳу раёҳин омадаст.
Боғ пиндорӣ, ки насрин асту бар насрин магар,
З-осмон Парвин ба хидмат пеши насрин омадаст.
Лола пеши гул ба ёди рӯйи дар хуноба ғарқ
Рост пиндорӣ, ки Хусрав пеши Ширин омадаст.
Аз фурӯғи гунагуни гул замин чун осмон
Пур Суҳайлу Муштарию Моҳу Парвин омадаст.
Боғ пеши рӯи хубон бе ту бе тамкин шудаст,
Соате дар боғ шав, то боғро тамкин кунанд.

Гар ту пиндорӣ, ки фасле беҳ зи найсон ҳаст, нест,
Ҳеч вақте айшу ишратро бад-ин сон ҳаст, нест.
Ё ба санъат ҳеч устодею наққоше дигар
Чун ҳавои навбаҳору абри найсон ҳаст, нест.
Бо чунин хубон, ки бар тарфи чаман гирд ома-данд,
Мисли эшон дар ҳама Тотору Кошон ҳаст, нест.
Дар гумон афтад, ки чун рухсори боғу нақши бод,

Гар саноат ҳеч дебо, ҳеч аксон ҳаст, нест.
Инчунин к-андар санои гул навои булбул аст,
Дар санои Оли Ғассон шеъри Ҳассон ҳаст, нест.
В-ар барандешӣ, ки чандин хуррамӣ к-ин фас-лрост,
Васфи он бар хотиру андеша осон ҳаст, нест.
В-ар чунон донӣ, ки садре дар Хуросону Ироқ
Чун раису сайииди Шарқу Хуросон ҳаст, нест.
Эй санам, рӯи туро ин фахр бас бошад, к-аз ӯ
Шоирон ташбеҳҳои рои Маҷдуддин кунанд.

Ихтиёри аҳли байту ифтихори рӯзгор,
Хидмати ӯро бузургӣ ихтиёри рӯзгор.
Қосир аст аз хоки пои ӯ улувви осмон,
Оҷиз аст аз дасти ҷуди ӯ ясори рӯзгор.
Ӯст дар девони назму наср субҳони сухан,
Ӯст дар майдони мардӣ аз кибори рӯзгор.
Арзаш аз ирқи паямбар ёдгори мардумон,
Килкаш аз шамшери Ҳайдар ёдгори рӯзгор.
Рост гӯӣ, ҷуз барои хидмати дидори ӯ
То бад-ин ғоят набудаст интизори рӯзгор.
Ман ғуломи рӯзгорам, к-инчунин фарзандро
Тарбияткардан надонад ҷуз канори рӯзгор.
Умдатулислом Абулқосим Алӣ к-андар шараф
Ихтиёри кирдгораст, ифтихори рӯзгор.
Эй Худованде, ки ашъори маро дар мадҳи ту
Шоирон бӯса диҳанду соирон таҳсин кунанд.

Мидҳататро халқ доим бар забон дорад зи бар,
Ҳимматат ҳамвора сӯи осмон дорад гузар.
Ҳосидатро бо нуҳусат ҳамқарин дорад қазо,
Носиҳатро бо саодат ҳамқирон дорад қамар.
Беҳтарини судмандӣ сар ба сар дар умри туст,
Ҳар кӣ дар кини ту шуд, ӯро забон дорад батар.
Гарчи ман дар шоирӣ ҷорӣ ҳамедорам забон,
Рутбати арбоби шоир сад забон дорад дигар.
Чанд асар дорад сиришти осмон бар бӯстон,

Тарбият дар боби шоир беш аз он дорад асар.
Дар миёни мавҷи дарё ҳам зи оби осмон,
Тарбият дорад садаф, з-он дар даҳон дорад ду-рар.
Ҳар сухан к-андар санои ту зи ҷон берун кашам,
Аз камобеши латофат ҳамчу ҷон дорад хатар.
Беҳтарини корҳо бахшидану бахшудан аст,
Ҳиммату рои ту солу моҳ ону ин кунанд.

Хокдони ту шарафро хонадони дигар аст,
В-аз ту андар ҳар забоне достони дигар аст.
Ту ҷаҳонро дар саховат офтоби дигарӣ,
Ҳиммати ту дар баландӣ осмони дигар аст.
Дар бузургӣ ҳошалиллаҳ гар ҷаҳон хонам туро,
К-аз ду дасти ту ҳар ангуште ҷаҳони дигар аст.
Он туӣ к-андар замону дар замин мисли ту нест,
Вақти мову бори мо дар корвони дигар аст.
Гарчи шеъру шоирӣ дар аҳди ту бисёр шуд,
Мар маро дар шоирӣ дасту забони дигар аст.
Дар балоғат ҳар гурӯҳеро тариқи дигар аст,
Дар фасоҳат ҳар забонеро баёни дигар аст.
Халқи оламро ду бинам шуғл дар айёми ту,
Ё дуои хайри ту гӯянд, ё омин кунанд.

## ДАР МАДҲИ МАҶДУДДИН АЛӢ ИБНИ ҶАЪФАР

То фитна гаштам он санами симсоқро,
Бигмошт бар сарам чу муваккил фироқро.
Номам санампараст намуданд ошиқон,
Азбас парастиш он санами симсоқро.
Ишқаш вусоқ сохт диламрову ҳар замон
Аз оташи фироқ бисӯзад вусоқро.
Чашму дилаш ба хуни дилам мутафиқ шуданд,
Тадбир чист дафъи чунин иттифоқро?!
Даъвои дӯстиш нифоқест дар дилам,
В-инак дуруст кард нифоқаш нифоқро.
Гар ман зи ишқи ӯ ба Хуросон даме занам,
Андар хатар бувад, ки бисӯзад Ироқро.
Дорам диле, ки сӯхтаи иштиёқи ӯст,
Ҷуз васли ӯ чи чора бувад иштиёқро?!
Обам бибурд дилбару чашмам пуроб кард,
Ҷони маро бар оташи ҳасрат кабоб кард.

Гар дил асири дилбари бебок нестӣ,
Аз номи сабр дафтари ман пок нестӣ.
З-он оҷизам, ки нест маро доруи висол,
В-арна зи дарди ишқ маро бок нестӣ.
Гар з-он даҳони танг ғаме нест дар дилам,
Айшам ба тангии дили ғамнок нестӣ.
Гар ҳастӣ офтоби фалакро ҷамоли ӯ,
Фарёди ман зи ишқ бар афлок нестӣ.
Гар ҳастаме чу пираҳани ӯ туро ҳариф,
Аз ҷаври ишқ пираҳанам чок нестӣ.
Чашмаш ба заҳрханда набурдӣ ғамони ман,
Гар дар лабаш манофиъи тарёк нестӣ.
Дар тоби ҷисму оташи дил нестӣ маро,
Доим чу бод бар сари ман хок нестӣ.
То дар ниқоби ҳаҷр ниҳон гашт рӯи ӯ,
Бар рӯи ман зи хуни дили ман хизоб кард.

Эй турк, бо ман аз хати паймон бурун машав,
Дар бадхуӣ аз ин ки шудастӣ, фузун машав.
Дар роҳи ишқ ҷони маро раҳнамун шудӣ,
Дар роҳи фитна дини маро раҳнамун машав.
Сад раҳ зи ишқ оби ду чашмам чу хун шуда,
Як раҳ бигӯ ба оби ду чашмам, ки хун машав.
Аз баҳри дил рабудани ман ҳамчу ҷодувон
Андар либоси ҳилату макру фусун машав.
Бо ман чу дил ба меҳру вафои ту додаам,
Гар пеш аз ин шудастӣ, боре кунун машав.
Аз ашки дида пардаи асрори ман мадар,
Якборагӣ ба пардаи ҳиҷрон дарун машав.
Гарчи дилам зи ишқи ту дар банди бандагист,
Охир зи банди бандагии ман бурун машав.
Аз раҳмат офарид ҷамоли туро Худой,
Эй бас ки раҳмати ту диламро азоб кард.

То бар маҳ аз шабу шаба занҷир кардаӣ,
Рӯзи маро ба гунаи шабгир кардаӣ.
Девонавор дархури занҷир гаштаам,
То гирди маҳ зи ғолия занҷир кардаӣ.
Дар ҳаққи ту зи меҳр чӣ тақсир кардаам,
Дар ҳаққи ман зи кина чӣ тақсир кардаӣ.
Мӯям чу қир буд, ки дар ишқ омадам,
Қири маро зи ҷавру ҷафо шир кардаӣ.
Хобе ки дӯстит намудаст мар-маро,
Онро ба душманӣ зи чӣ таъбир кардаӣ.
Чун зер зор-зор бинолам зи ишқи ту,
Гарчи маро низортар аз зер кардаӣ.
Гарчи чу бахти хоҷа ҷавон будаам ба сол,
Чун бахти душманон-ш маро пир кардаӣ.
Он хоҷа к-аз камоли кифоят зи аҳли килк
Шоҳи ҷаҳон-ш кофию комил китоб кард.

Исломро баҳову ҳудоро камол гашт,
Дидори ӯ замину замонро ҷамол гашт.

Маҳмуд к-аз маҳомидаш алфози шоирон
Бе илму соҳирин ҳама сеҳри ҳалол гашт.
То аҳли килку кафи ӯ бидидаанд,
Бар аҳли килку кифоят вабол гашт.
Ҳар муҳташам, ки даъвию маънии ӯ бидид,
Даъвиш оҷиз омаду маънӣ муҳол гашт.
Ахлоқи ӯ баробари боди латиф шуд,
Алфози ӯ барпобари оби зулол гашт.
Зоти каримаш арчи ҷалолатнадими ӯст,
Бурҳони қотиъи карами зулҷалол гашт.
Мофӣ мизоҷи ӯ ки зи раҳмат мураккаб аст,
Таркиби адлро сабаби эътидол гашт.
З-Эзид салоҳи кори ҷаҳон хостанд халқ,
Эзид дуои халқи ҷаҳон мустаҷоб кард.

Эй дар кафи ту ҷойгаҳи ҳар кифояте,
Дар зери  шукру миннати ту ҳар вилояте.
Ҳар соате зи ахтари саъдат маъунате,
Ҳар лаҳзае зи шоҳи ҷаҳонат иноятe.
Бар ҳар забон зи васфи камоли ту сурате,
То гашт номи неки ту з-он сурат ояте.
Нашгифт, агар зи адли ту дар рӯзгори ту
Касро зи рӯзгор намонад шикояте.
То шуд салоҳи мулку кифоят ба килки ту,
Бар ҳар забон зи килки ту бинам ҳикояте.
Кори қалам қавӣ шуду муҳкам, ки бе кафат
Мазлум буд дар кафи ҳар бекифояте.
Акнун қалам ба аҳди ту дар зинҳори туст,
Зинҳор то сараш назанӣ бе никояте.
Аз ту ба коми хеш расонанд килкро,
Ин аҳд бин, ки хусрави моликриқоб кард.

Чашми аду зи бими ту кони ақиқ шуд,
В-андар сифоти ҷуди ту дарё хафиқ шуд.
Дар назму наср табъу забонам зи баҳри ту
Маънидақиқ гашту иборатрақиқ шуд.

Бар реги хушк васфи рухат хонд хотирам,
Ҳам дар замон зи васфи ту баҳри амиқ шуд.
То дар тариқи матҳи ту собитқадам шудам,
Эмин шудам, ки молия бо ман рафиқ шуд.
Дарёфтам дақоиқи мадҳи туро ба ваҳм,
То шеъри ман чу шеъри Дақиқӣ дақиқ шуд.
Бар ишқи хеш риққи туро кардем ихтиёр,
То байти ман ба ҳурмати байтулатиқ шуд.
Чун ақл бесанои ту бар ман хато гирифт,
Иқбол даррасиду хаторо савоб кард.

Бишнав мадеҳи ман, ки шунидан киҳӣ кунад,
Мадҳе, ки бо фалак ба саноят мирӣ кунад.

## ҒАЗАЛҲО

Сокӣ, каме қарини қадаҳ кун шаробро,
Мутриб, яке ба захма адаб кун рубобро.
Ҷом аз қиёси обу май аз ҷинс оташ аст,
Сокӣ, ба ёди маркаби оташ кун обро.
Бифкан маро ба бодаву масту хароб кун,
Як сӯ фикан ҳадиси ҷаҳони харобро.
Аҳди шабоб дораму ҷоми шароб ҳаст,
Аҳди шабоб зебад ҷоми шаробро.
Андеша чун суол бувад, бода хӯр чу об,
Пеш аз суол сохта дор ин ҷавобро.
Аз баҳри он, ки умр ҳаме нагзарад чу хоб,
Маъзул кардам аз амали дида хобро.
Чун умр хуш набувад магар бо шаробу ишқ,
Дил ишқро супурдаму тан мар шаробро.

❁ ❁ ❁

Сокӣ, бидеҳ он маи мусаффоро,
Он роҳати рӯҳи пиру барноро.
Хоҳӣ, ки танат сафои ҷон гирад,
Аз каф манеҳ он маи мусаффоро.
Сокӣ, бидеҳ он қадаҳ, ки дар мастӣ
Аз ҳастии ғам фараҳ диҳад моро.
З-он май, ки ба зинда кардани шодӣ
Ӯ монаду бас дами Масеҳоро.
Май ҳаст кунад нишоти ногаҳро,
Май нест кунад ғами муфоҷоро.
Имрӯз шароб нӯшу шодӣ кун,
Бигзор ҳадиси диву фардоро.
Гардан манеҳ ин сипеҳри саркашро,
Тамкин макун ин ҷаҳони раъноро.

* * *

Соқӣ, бидеҳ он шароби гулгунро,
К-аз гунна хиҷил кунад табри хунро.
Хоҳӣ, ки рухи ту ранги гул гирад,
Аз каф манеҳ он шароби гулгунро.
Нохуш натавон гузошт бе бода
Вақти хушу соати ҳумоюнро.
Он бода ақиқи нобро монад,
Чунон ки пиёла дури макнунро.
Як қатра аз ӯ ғизои ҳомун кун,
То лоласитон кунем ҳомунро.
Як ҷуръаи он бирез дар Ҷаҳун,
То гунаи гул диҳем Ҷайҳунро.
Афсуни ғаманд бодаву мастӣ
Бар лашкари ғам гумор афсунро.
К-ин сарф кунад суруфи гетиро
В-он дафъ кунад балои гардунро.
Бода сабаб аст айши мардумро,
Лайлӣ ғараз аст ишқи Маҷнунро.
Қонуни қарори ишрат омад май,
Зоеъ макун ин қарору қонунро.
Гар толиби молу ганҷи афзунӣ,
Ороста бош ранҷи афзунро.
Бе мол чӣ бад расид Мӯсоро?
В-аз ганҷ чӣ нафъ буд Қорунро?

❂ ❂ ❂

Дӯш набурдаст маро ҳеч хоб,
Хуфтани ушшоқ набошад савоб.
Чашми ар хоб наёбад, равост
Об гирифтаст дар ӯ ҷои хоб.
Гар шакар омад лаби ширини ёр,
Чунки маро талх фиристад ҷавоб.
Дар лаби лаълаш ҳама нӯш асту қанд,
Дар сари зулфаш ҳама печ асту тоб.
Бе рухи ӯ нур наёбад қамар,
Бе лаби ӯ нӯш нагардад шароб.
Бод чу бир буд ниқоб аз рухаш,
Дидаи ман шуд фалаки офтоб.

❂ ❂ ❂

Гар бода бо мушофаҳаи дӯстон хуш аст,
Ҷои чамона бар чаману бӯстон хуш аст.
Гулҳои бӯстон чу рухи дӯстони мост,
Пас бӯстони мо зи рухи дӯстон хуш аст.
Гетӣ ҷавон шуд аз сару пирӣ гирифт май,
Маҷлис ба зери соя сарви ҷавон хуш аст.
Ҳам абр дурфишон шуду ҳам боғ гулфишон,
Ин гулфишон зи сӯҳбати он дурфишон хуш аст.
Гар ҷоми май ба дида хуш ояд шигифт нест,
Дар ҷоми май латофати ҷон асту ҷон хуш аст.
Булбул ҳикояти гулу мул хуш кунад ҳаме,
Ӯро зи баҳри ин ду ҳикоят забон хуш аст.
Хуш дор дил ба ишрату шодӣ, ки дар ҷаҳон
То мо хушему ишрати мо хуш, ҷаҳон хуш аст.

❁ ❁ ❁

Рӯи ман чин аз фироқи нигори Чин гирифт,
Аши ман талхӣ зи ишқи он лаби ширин гирифт.
Ин дили ношоди ман аз қадди чун шамшоди ӯ,
Он ҳаме гардад, ки Фарҳод аз ғами Ширин ги-рифт.
Гар дар оташ ҳеч касс маскан нагирад, пас чаро
Меҳри ӯ маскан миёни ин дили мискин гирифт?
Бистару болини ман об асту оташ, пас чаро
Носиголида фироқаш бар сари болин гирифт?
Ман ғуломи он руху боло, ки сарву моҳро
Ростӣ з-он ҳосил омад рӯшноӣ з-ин гирифт.
Ҳар кӣ ёди ӯ гирифту май ба рӯи ӯ кашид,
Шарбати Кавсар чашиду ёри ҳуроин гирифт.
Чун зи рухсору лабаш бар кӯҳу дашт афтод акс,
Ин ҳама беҷода гашту он ҳама насрин гирифт.
Чун лаби лаълаш бидидам, ҷузъи ман парвин фишонд,
Бар ман аз бими рақибон лаъл дар парвин гирифт.

❁ ❁ ❁

Чеҳраи боғ заъфаронӣ гашт,
Гунаи бод арғувонӣ гашт.
Дӯстон тарки бӯстон гуфтанд,
Ҷашни наврӯз меҳргонӣ гашт.
Гули худрӯй рӯй пинҳон кард,
Булбул аз шохи гул ниҳонӣ гашт.
Боғбон роҳи хона  пеш гирифт,
Пешаи зоғ боғбонӣ гашт.
Зинда кун айшро ба ҷоми шароб,
Ки шароб оби зиндагонӣ гашт.

❁ ❁ ❁

Иди хубон идро чун рӯи хеш оростаст,
Рост пиндорӣ зи рӯяш ид идӣ хостаст.
Гар ҷамоли ид оламро биёрояд, равост,
Чашми халқ аз нури рӯяш бар маҳи нокостаст.
Хоки роҳ аз бӯи зулфаш пурнасими анбар аст,
Идро боре ҷамоли рӯи ӯ оростаст.
Фитнае аз ҳусни ӯ дар таъбия раҳ ёфтаст,
Лавҳае аз ишқи ӯ дар идгаҳ бархостаст.
Сарви боғу боғбон аз қомати ӯ тираанд,
Гӯӣ ӯро боғбони Маҷдидин пиростаст.

❁ ❁ ❁

Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,
Чаман ранги «Арժанг»-и Моно гирифт.
Сабо нофаи мушки тиббит надошт,
Ҷаҳон бӯи мушк аз чӣ маъно гирифт?
Магар чашми Маҷнун ба абр андар аст,
Ки гул ранги рухсори Лайло гирифт?
Рухи савсани симсимо зи нур
Мисоли кафи дасти Мӯсо гирифт.
Сари наргиси тоза аз симу зар
Нишони сари тоҷи Кисро гирифт.
Либосаш сияҳ кард чун роҳибон
Бунафша, магар дини Исо гирифт.
Ба май монад андар ақиқин қадаҳ
Сиришке, ки дар лола маъво гирифт.
Қадаҳ гир якчанду дунё магир,
Ки бадбахт шуд ҳар кӣ дунё гирифт.

❁ ❁ ❁

Чун зулфи ту беқарорам аз ишқат,
Чун чашми ту бохуморам аз ишқат.
З-он рӯй, ки барги лоларо монад,
Дилсӯхта лолаворам аз ишқат.
З-он зулфи чу рӯзгор шӯрида
Шӯридаи рӯзгорам аз ишқат.
Борам надиҳиву ман зи дилтангӣ
Бо дидаи ашкборам аз ишқат.
То хор маро чу хок медорӣ,
Ҷуз бод ба каф надорам аз ишқат.

❁ ❁ ❁

Бар сипеҳри накӯӣ рӯяш чу маҳ хирман задаст,
Оташи ишқ-он маҳи хирманзада бар ман задаст.
Номи ман дар ишқи ӯ гаштаст хирмансӯхта,
То сари зулфаш зи анбар гирди маҳ хирман за-даст.
Кӯтаҳ аст аз домани ақлу сабурӣ дасти ман,
То маро савдои он маҳ даст бар доман задаст.
Ишқи шӯрангези ӯ зад роҳи дину дил маро,
Гарчи ӯро дӯст хондам, захм чун душман задаст.
Пеши тири ишқи ӯ аз сабр ҷавшан сохтам,
Рӯзи сабрам тира шуд, то тир бар ҷавшан задаст.
Дидаам равшан ба рӯяш буду акнун бод сард,
Хоки навмедӣ маро дар дидаи равшан задаст.
Гарчи ҳардам з-он дили бераҳми ӯ оҳе занам,
Раҳм н-ояд дар дилаш, гӯё дил аз оҳан задаст.

❁ ❁ ❁

Он бодаро, ки гунаи беҷода омадаст,
Бӯяш чу бӯи савсани озода омадаст.
Ранги гулу гулоб насими биҳишт ёфт,
Гӯӣ, ки аз биҳишт фиристода омадаст.
Беҷодаранг бодаву беҷодалаб ҳариф,
Беҷода пеши хидмати беҷода омадаст.
Пур кун қадаҳ, ки дар сари ман боди ошиқист,
Бо боди ишқам орзуи бода омадаст.
Соқӣ зи ҳар гурӯҳ, ки бошад раво бувад,
Шарти нахусти ӯ ранҷи сода омадаст.
Омода бар бисоти тамошо дили ман аст,
То дил ба ишқу бода гаравдода омадаст.
Ҳар соате ҳазор тараб зояд аз дилам,
То бозам он нигори паризода омадаст.

❁ ❁ ❁

Боди саҳарӣ тараб физояд,
Ғам аз дили ғамкашон зодояд.
Боде, ки ба субҳидам барояд,
Бе бода маро тараб физояд.
Дил дар бари ман бад-ӯ шитобад,
Ҷон дар тани ман бад-ӯ гарояд.
Гар ҷон барамаш ба ҳадя, зебад
В-ар дил диҳамаш ба тӯҳфа, шояд.
З-ин бода маро бувад кушоиш,
Гар зулфи бутам гиреҳ кушояд.
Фориғ шавад аз зиёрати ӯ
В-онгаҳ ба зиёрати ман ояд.
Бе бӯсаи ӯ, ки ҷон фурӯзад,
Бе чеҳраи ӯ, ки дил рабояд.
Дил дар бари ман ҳаменамонад,
Ҷон дар тани ман ҳаменапояд.
Бод аст ба дасти ман, ки бе дӯст
Табъам ҳама бодро ситояд.

❁ ❁ ❁

Хушо ҷое, к-аз ӯ ҷоне баросуд,
На дарвеше, ки султоне баросуд.
Сабо маъшуқаи дилҳо аз он шуд,
К-аз ӯ вақти саҳар ҷоне баросуд.
Ба чашми худ парешонабинод,
Касе, к-аз вай парешонӣ баросуд.
Сулаймонро ҳама ҳашмат аз он буд,
Ки мӯре дар биёбоне баросуд.
Накӯӣ бар накӯрӯён бимонод,
Ки аз лабҳош дандоне баросуд.
Дари шоҳон баланд аз бахри он шуд,
К-аз ӯ афтода нолоне баросуд.

❁ ❁ ❁

Маро ҳавои саҳар чун паёми ёр овард,
Насим бӯи биҳиштӣ аз он диёр овард.
Дилам ба мақдами ӯ пур зи лаълу дур табақе
Ба дасти мардуми чашмам паи нисор овард.
Ғуломи фасли баҳорам, ки ҳар варақ рангаш
Маро ба тоза паёме зи рӯи ёр овард.
Куҷост булбули хушнағма? Гӯ: «биёву бубин,
Ки боди субҳ насиме зи навбаҳор овард».
Ба сад забон натавон гуфт шукри ин неъмат,
Агарчи аз паси садсола интизор овард.

❁ ❁ ❁

Ҷоно, сухани ту завқи ҷон дорад,
Ширинии он лабу даҳон дорад.
Ҳар к-ӯ даҳане пур аз шакар хоҳад,
Номи ту ҳамеша бар забон дорад.
Ошиқ чӣ кушӣ? Магар намедонӣ,
К-ӯ мансаби ҳуснро замон дорад!
Дар чашмаи чашми ман, ту пиндорӣ,
Ишқи ту ҳазор баҳру кон дорад.

❁ ❁ ❁

Майхорагон, ки бода зи ратли гарон хӯранд,
Ратли гарон зи баҳри ғами бекарон хӯранд.
Ратли гарон барад зи дил андешаи гарон,
Дархур бувад, ки бода зи ратли гарон хӯранд.
Дар бода ранги оарзи маъшуқ дидаанд,
Ратли гарон ба қуввату нирӯи он хӯранд.
Ҷон аст ҷинси бодаву бодаст ҷинси ҷон,
Аз баҳри ҷону роҳат он ҷинси ҷон хӯранд.
Хуштар зи бода ҳеч наиме нахӯрдаанд
Онҳо, ки молу неъмати мулки ҷаҳон хӯранд.

❁ ❁ ❁

Чеҳра, к-он моҳҷабин месозад,
Аз паи бурдани дин месозад.
Даҳанаш чашмаи нӯш асту дар ӯ
Аз сухан моъи маъин месозад.
Не, ки ҳуққи садаф аст, аз паи он
Он садаф дури самин месозад.
Не, ки ҳалқаст, чу хомӯш шавад,
Боз аз он ҳалқа нигин месозад.
Не шакар асту гаҳи базла дар ӯ
Мағзҳоро шакарин месозад.

❁ ❁ ❁

Гарчи рухаш ҳамеша ҳикоят зи маҳ кунад,
Маҳ чун ҷамоли сурати ӯ дид, хаҳ кунад.
Чун бар маҳи дуҳафта зи дебаҳ кулаҳ ниҳод,
Маҳ бар фалак ҳаме гилаи он кулаҳ кунад.
Гар оразаш ба нур кунад рӯзро сапед,
Шабро ҳамеша зулмати зулфаш сияҳ кунад.
Ноиб, ки қасди дидани ӯ кард дар замон,
Аз тавба бозгардаду қасди гунаҳ кунад.
Ӯро зи рӯи ишқ ба сад ҷон ниам кунам,
Гарчи маро забон-ш ба як бӯса наҳ кунад.
Гар ҳафт чарх кори маро сар ба раҳ накард,
З-он лаб се бӯса кори маро сар ба раҳ кунад.
Гӯяд: «Ба чеҳра моҳи дупанҷ асту як чаҳор»,
Дар рӯзи базм ҳар кӣ ба рӯяш нигаҳ кунад.

❁ ❁ ❁

Ҳар кӣ маъшуқи мӯхташам дорад,
Дилбару коми дил ба ҳам дорад.
Рӯи накӯш мӯҳташам кардаст,
Кор маъшуқи мӯҳташам дорад.
Зулфи ҷодуш сабри мар бирбуд,
Зулфи ӯ ҷодуӣ чӣ кам дорад?
Рӯй чун чашми ӯ дижам дорам,
Зулф чун пушти ман ба ҳам дорад.
Чашми ман пурнам аст аз оташи ишқ,
Аҷаб аст оташе, ки нам дорад.
Дар манну ҳоли ман нигаҳ накунад,
Аз такаббур, ки он санам дорад.
Накашам сар зи хатти хидмати ӯ,
Гарчи бар ман сари ситам дорад.
Оташ андар дилам задаст ғамаш,
Дили ӯро аз ин чӣ ғам дорад?

❁ ❁ ❁

Эй, аҳду вафои мо куҷо шуд?
Аз ҳар ду дилат чаро ҷудо шуд?
Дӣ одати ту ҳама вафо буд,
Имрӯз чаро ҳама ҷафо шуд?
Бар лашкари ҳусн подшоҳӣ,
Чунин шавад он, ки подшо шуд.
То ту бишудӣ, бишуд қарорам,
Маълум намешавад куҷо шуд?
Ҳиҷрони ту дашти Карбало буд,
З-ӯ ҳиссаи ман ҳама бало шуд.
В-аз хуни ду дида рӯям инак
Чун халқи шаҳиди Карбало шуд.
З-ин гунна шавад, ки ман шудастам,
Ҳар дил, ки ба ишқ мубтало шуд.

❁ ❁ ❁

Дида, ки руху зулфи ту аз дур бубинад,
Бар рӯзи мунаввар шаби дайҷур бубинад.
Дар зулмати зулфани ту рухсори ту нур аст,
Пурнур шавад дида, ки он нур бубинад.
Ошиқ, ки ба кӯят гузарад, хулд биёбад,
Дида, ки ба рӯят нигарад,бубинад.
Аз ранҷ шифо ёбаду ранҷур намонад,
Гар рӯи туро мардуми ранҷур бубинад.
Осема шавам, чун лаби нӯшин-т бубинам,
Монандаи занбӯр, ки ангур бубинад.
Бо ту масали ман, ки ҳаме бинамат аз дур,
Чун ташнаву об аст, ки аз дур бубинад.
Гар васли ту ёбам, сухани ҳаҷр нагӯям,
Монеъ чӣ кунад, ҳар кӣ раҳи сур бубинад?

❁ ❁ ❁

Чашми ман бе рӯи ту равшан мабод,
Рӯи ту ҷуз пеши чашми ман мабод.
Савсани озода хоки пои туст,
В-ар набошад, дар ҷаҳон савсан мабод.
Ин дили мискини беороми ман
Ҷуз ба зери зулфи ту маскан мабод.
В-ин тани ранҷуру ҷони хастаро
Дар ҷаҳон ҷуз кӯи ту маъман мабод.
Гар бувад ҷону дилу тан бе ту хуш,
Дил мабоду ҷон мабоду тан мабод.

⁂

Дилам бе рӯи ту хуррам набошад,
Чу дилбар нест, дил беғам набошад.
Асирам ишқро, ғамгин аз онам,
Асири ишқро ғам кам набошад.
Ба бӯсе марҳаме неҳ бар дили ман,
Шифои хаста ҷуз марҳам набошад.
Маро гӯӣ, ки «дил дар ишқ хуш дор»,
Хушиву ошиқӣ бо ҳам набошад.
Гаҳ аз ту шод бошам, гоҳ ғамгин,
Ҷаҳон бе суру бе мотам набошад.

⁂

Дили ман бе ту ҳикоят зи даҳони ту кунад,
Тани ман бе ту ривоят зи миёни ту кунад.
Кӣ тавонад, ки кунад бо лаби пурханда маро?
Гар кунад, хандаи он тангдаҳони ту кунад.
Солу маҳ қасд ба қосид шудани анбару мушк
Зулфи анбаршикани мушкфишони ту кунад.
Дили пуроташам андар хами зулфани ту монд,
Ҳошалиллоҳ, ки оҳанги зиёни ту кунад.
Лоларухсориву чун лола маро сӯхтадил,
Ишқи рухсораи чун лоласитони ту кунад.
Ҳар замонам чу камон ҷуфтаву чун тир низор
Тири он ғамзаи абрӯйкамони ту кунад.
Ба забон талх чӣ гӯию туро лаб чу шакар,
Чӣ шавад, гард или ман шукри забони ту кунад?

❂ ❂ ❂

Бо ман дилат ошно намегардад
В-аз ту дили ман чудо намегардад.
Ҳарчанд вафои ман раҳо кардӣ,
Аз дасти ту дил раҳо намегардад.
Аз баҳри се бӯса з-он ду лаб ҳаргиз
Як ҳоҷати ман раво намегардад.
Рӯзе, ки ду чашми ман намегиряд,
Дар шаҳр як осиё намегардад.
Бар ишқи ту подшост дил, лекин
Бар васли ту подшо намегардад.
Ҳар тир, ки ғамзаи ту андозад,
Бар дил занаду хато намегардад.
То ту ба муроди мо намебошӣ,
Гардун ба муроди мо намегардад.

❂ ❂ ❂

Эй, аз бунафша зулфи ту пурпечутобтар,
Чашмат зи чашми наргиси тар нимхобтар.
Хуш деҳ ҷавоби дӯст, ки аз ҷамъи дилбарон
Дилбартар он бувад, ки бувад хушҷавобтар.
Хуррам шудаст сабзаву мушкин шудаст бод,
Бар рӯи сабза бодаи мушкин савобтар.
Оташтар аст аз оташи рахшон шароби лаъл,
Ӯро пиёлаи тараб аз об обтар.
То мардум аз суруфи ҷаҳон бехабар зиянд,
Он беҳ, ки ҳар замон бувад аз май харобтар.
Аз баҳри он, ки умр ҳаме бигзарад шитоб,
Май дарфикан ба ҷому маро деҳ шитобтар.

❂ ❂ ❂

Ҳар гаҳ, ки гули лаъл бихандад ба чаман-бар,
Ҷуз ҷоми маи лаъл  нашояд ба даҳан-бар.
Ман ҷома зи ҷаври ғами дилдор даридам,
Гул ҷома зи ҷаври кӣ даридаст ба тан-бар?
Фарёд кунад, ҳар кӣ ба бедод дарафтад,
Фарёд зи раъд омаду бедод ба ман-бар.
Монад ба сиришки манну рухсораи маъшуқ
Ҳар қатра, ки шабгир дарафтад ба суман-бар.
Аз лола ҳама дашт ақиқи яманӣ гашт,
Тороҷ кай омад ба Бадахшону Яман-бар?
Аз жола замин маъдани дури аданӣ шуд
То бод гузар кард ба дарёи Адан-бар.
Азбаски ҳаме мушк фишонад дарахтон,
Афсӯс кунад шохи дарахтон ба Хутан-бар.

❂ ❂ ❂

Фалак ҳаме накунад дар ҷафои ман тақсир,
Малак ҳаме накунад дар ҳалоки ман таъхир.
Чу тир бар ҷигар омад, чӣ манфиат зи хурӯш?
Чу рӯзи умр саромад, чӣ фоида зи нафир?
Агар на чашми замири ту тирагӣ дорад,
Дар ин замона чаро нангарад ба чашми замир?
Ҷаҳон ба чашми ҳакимон ҳақорате дорад,
Маро ризои ту бояд, на ин ҷаҳони ҳақир.
Ба сабр кӯшу қазоро қабул кун, Собир,
Ризо диҳад ба қазо, ҳар кӣ оқил аст дархир.

❁ ❁ ❁

Эй, ду лаби ту зи шаҳд хуштар,
Дандони туам зи маҳд хуштар.
Бадхӯ машаву табаҳ макун аҳд,
Хӯи хушу ҳусни аҳд хуштар.
Гар васли туро ба ҷаҳд ёбам,
Коре набувад зи ҷаҳд хуштар.
Гар васли туро ба ҷаҳд хоҳам,
Коре набувад зи ҷаҳд хуштар.
В-ар шаҳд хуш аст, гӯ ҳамебош,
Бӯси ту маро зи шаҳд хуштар.

❁ ❁ ❁

Ҳама мақсуди мо шуд рост имрӯз,
Ки он мақсуди дил бо мост имрӯз.
Гар орояд баҳори нав ҷаҳонро,
Ҷаҳонро рӯи ӯ орост имрӯз.
Дилам дӣ васли ӯ ҳоҷат ҳамехост,
Раво гашт, он чӣ дӣ мехост имрӯз.
Чу фарри рӯи ӯ имрӯз ин ҷост,
Ҷамоли навбаҳор ин ҷост имрӯз.
Зи пеши ӯ чу биншаст моро,
Ғами нодиданаш барҷост имрӯз.
Ҳар он шодӣ, ки аз олам ниҳон буд,
Аз он бар рӯз нопайдост имрӯз.
Парӣ мегуфт: «Аз ӯ накӯтарам ман»,
Падид омад дурӯғ аз рост имрӯз.
Гар иқболи маро фардост ваъда,
Маро бо васли ӯ фардост имрӯз.
Чу мо дар сояи иқболи шоҳем;
Ҳама иқболҳо морост имрӯз.

❂ ❂ ❂

Овард ба мо булбули ошиқ хабари гул,
Ҷуз булбули гулдӯст кӣ донад хатари гул?
Ҳарчанд ки дар гул ҳама хубию хушӣ ҳаст,
Бе мул на ҳамоно, ки хуш омад хабари гул.
З-он қатраи шабгир, ки бар шохи гул афтод,
Чун тоҷи шаҳон гашт зи дур тоҷи сари гул.
Азбаски сабо бар раҳи гулзор гузар кард,
Пурмушку ақиқ аст ҳама раҳгузари гул.
Зеру забари гул ҳама лаъл асту забарҷад,
Дил зеру забар гашт зи зеру забари гул.
Гул як асар аст аз қадаҳи мул ба латофат,
Зебо набувад бе асари мул асари гул.

❂ ❂ ❂

Равнақ гирифт кори май аз рӯзгори гул,
Хубию дилбарист ҳама кору бори гул.
Лутфи дақиқ ёфт мизоҷи маи латиф,
Оби ақиқ бурд рухи обдори гул.
Ҳар дур, ки рехт дидаи ман дар фироқи ёр,
Оард абру кард саросар нисори гул.
Май хӯр ба вақти булбулу гул дар миёни боғ,
Акнун, ки ёфт булбули ошиқ канори гул.
Эмин нишин ба вақти гул аз ҷаври рӯзгор
Гаҳ дар паноҳи бодаву гаҳ дар ҷавори гул
Бо гулрухе, ки чун гули рухсори ӯ ба ранг
Як гул набуд дар ҳама хайлу табори гул.
Гулро ба боғ гар набувад ҷовидон мақом,
Моро бас аст рӯи гул ёдгори гул.

* * *

Булбул кушода кард забон бар санои гул,
Маъшуқи булбул аст рухи дилкушои гул.
Ҳар шаб зи шом то ба саҳар соҳирӣ кунем,
Ман дар санои булбулу ӯ дар санои гул.
Маъзӯл гашт соқиву мансух шуд самоъ,
Ин аз навои булбулу он аз лиқои гул.
Дар зери шукру миннатам аз гӯшу чашми худ
Гоҳ аз барои булбулу гоҳ аз барои гул.
Ёрам ҳаме ҳавои хушу боди гулфишон,
Дар сар нишоти бодаву дар дил ҳавои гул.
Вақти гул аст, хез, биёр, эй гули баҳор,
З-он май, ки ҳаст гунае аз ошнои гул.
Доди нишоту ишрату инсофу умру айш
Бистон зи гул, ки дер намонад бақои гул.

* * *

З-он ду лаби чу ақиқи ёрам,
Аз дида ҳаме ақиқ борам.
Кор аст маро ақиқборӣ,
То ишқи ақиқи ӯст корам.
Кардаст сиришки ман ақиқӣ
Ишқи лаби чун ақиқи ёрам.
То ишқи ақиқи ӯ гузидам,
Чун кони ақиқ шуд канорам.
Ҳарчанд зи дида бо ақиқам,
Ҳамтои ақиқи ӯ надорам.
Гар ман ба Яман ақиқ ҷӯям,
Ҳамчун лаби ӯ ба каф наёрам.
То рағбати дил ба ишқ бошад,
Дар ишқи ақиқи он нигорам.

❂ ❂ ❂

Биё, ки бо сари зулфи ту корҳо дорам,
Зи ҷоми ишқи ту дар сар хуморҳо дорам.
Биё, ки бо ду рухи ту, ки рӯзро монад,
Шикояту гилаи рӯзгорҳо дорам.
Биё, ки чун ту биёӣ, ба вақти дидани ту
Зи дидагон қадаматро нисорҳо дорам.
Чу омадӣ, марав аз назди ман, ки бо ҳама умр
Ба бӯса бо лаби лаълат шуморҳо дорам.
Нигор гар шудаам, к-аз хаёли сурати ту
Хамеша пеши ду дида нигорҳо дорам.
Ҷамол деҳ чу рухи хеш корҳои маро,
Ки бе ҷамоли ту шӯрида корҳо дорам.

❂ ❂ ❂

Пайки ду зулфи дилбарӣ, эй боди субҳдам,
З-он бо насими анбарӣ, эй боди субҳдам.
Бар мушки табдодаи дилбар гузаштаӣ,
З-он дилрабою дилбарӣ, эй боди субҳдам.
Бар ҳалқаи муаттари мушкин гузаштаӣ,
Чун мушк аз он муаттарӣ, эй боди субҳдам.
Дар тан латофати ту маро ҷони нав ниҳад,
Гӯӣ, ки ҷони дигарӣ, эй боди субҳдам.
Парвардаи насими сари зулфи дилбарӣ,
З-ин рӯй рӯҳпарварӣ, эй боди субҳдам.
Хуш гашт умр бо туам аз ишқу ошиқӣ,
К-аз умру ишқ хуштарӣ, эй боди субҳдам.
Ах даст бо манат, ки саломам барӣ ба дӯст,
Ҳон, то зи аҳд нагзарӣ, эй боди субҳдам.

❁ ❁ ❁

Эй дил, ғубори ғам бубарад боди субҳдам,
Бар зулфи дӯст гар гузарад боди субҳдам.
Бе боди субҳдам назанам дам, ки ҳар шабе,
Пайғоми ман ба дӯст барад боди субҳдам.
Атру бухур бӯй ба зулфаш супурдаанд,
Бар зулфи ӯ аз он сипарад боди субҳдам.
Аз зулфи ӯ шудаст муаттар чу зулфи ӯ,
Азбас гиреҳ, ки мешуморад боди субҳдам
З-он зулф гашт муниси дилҳои ошиқон,
Оре, салоҳи худ нагирад боди субҳдам.

❁ ❁ ❁

Ид асту ҳаққи ид бибояд шинохтан,
Аз бода нӯш кардану барбат навохтан.
Шаръ аст ҳаққи рӯза ба тоат гузоштан,
Шарт аст ҳаққи ид ба ишрат шинохтан.
Акнун, ки сохтанд ба як ҷой чангу ной,
Вақт аст вақти бо қадаҳи бода сохтан.
Чавгони зулфу гӯи занахдони ёр гир,
Дар рӯзи ид расм бувад гӯй бохтан.
Бар аспи бода сӯи тараб тохтан барем,
Зеро ба ид расм бувад асп тохтан.
Гар кина охтан зи одам расму одат аст,
Аз ғам бувад ба қуввати май кина охтан.
В-ар сар фарохтан ба бузургию ҳиммат аст,
Бояд ба мадҳи садри аҷал сар фарохтан.
Феҳристи ҷуд, саййиди сода, ки кори ӯст
Носеҳ азиз кардану ҳосид гудохтан.

❂ ❂ ❂

Маъшуқа турфа-турфа намояд гул аз рухон,
В-аз мушк нофа-нофа кушояд зи арғувон:
З-он турфа-турфа турфафурӯшон ҳама хиҷил,
З-ин нофа-нофа нофакушоён ҳама даҳон.
Холаш чу дона-дона сипанд аст зери зулф,
Зулфаш чу ҳалқа-ҳалқа каманд аст бар рухон:
З-он дона-дона донаи норам шуда сиришк,
З-ин ҳалқа-ҳалқа ҳалқа шуда бар дилам ҷаҳон.
Рӯяш чу тӯда-тӯда гули лаъл дар чаман,
Хатташ чу тоза-тоза бунафша ба бӯстон:
З-он тӯда-тӯда тӯда маро лаъл пур зи зар,
З-ин тоза-тоза тоза маро ишқ парниён.
Чашмам ба ҷумла-ҷумла зи ман ҳуш бурду сабр,
Ҷаъдаш ба пора-пора зи ман дил рабуду ҷон:
З-он ҷумла-ҷумла ҷумла биронам зи дида ашк,
З-ин пора-пора пора кунам ҷома ҳар замон.

❂ ❂ ❂

Эй, намуда тира-тира силсила бар арғувон
В-эй кашида хира-хира ғолия бар мушкдон.
Ҳар замон з-он тира-тира тира боди абру меғ,
Ҳар замон з-он хира-хира хира будӣ мушки бон.
Роста дорӣ ришта-ришта зери гавҳар дури ноб,
Баста дорӣ пушта-пушта зери каттон парниён.
Ҳар замон з-он ришта-ришта риштаи гавҳар хиҷил,
Ҳар замон з-ин пушта-пушта пуштаинасрин на-вон.
Гаҳ кушои нофа-нофа мушк зери настаран,
Гаҳ намои тӯда-тӯда сим зери парниён.
Ҳар замон з-он нофа-нофа нофаи Тиббит хиҷил,
Ҳар замон з-он тӯда-тӯда тӯдаи гул нотавон.
Хӯша-хӯша ҷаъди тар дорӣ ба рӯи маҳ нагун,
Ҳалқа-ҳалқа зулфи каҷ дорӣ ба рӯи гулситон.
Ҳар замон з-он хӯша-хӯша хӯша борам чун ақиқ,
Ҳар замон з-он ҳалқа-ҳалқа ҳалқа гардам чун камон.

❂ ❂ ❂

Дил ба ишқи рӯи дилбар шод кун,
В-аз руху зулфаш гулу шамшод кун.
Ақл пеш, андешаро бар тоқ неҳ,
Нафси шодидӯстро дилшод кун.
Гаҳ бинои беғамӣ бар пой дор,
Гааҳ сарои хуррамӣ обод кун.
Чокарони ишқро ичро бидеҳ,
Бандагони ҳирсро озод кун.
Дар ҷаҳон аз зулми мо инсоф хоҳ,
В-аз фалак бедоди моро дод кун.

❂ ❂ ❂

Булбул расид, нағмаи булбул раҳо макун,
Гулбун шукуфт, ҷуз ҳама бар гул сано макун.
Аз рӯи дӯст дидаи худро тиҳи мадор,
В-аз дасти хеш дастаи гулро ҷудо макун.
Гар аҳд кардаӣ, ки нагири қадаҳ ба даст,
Он аҳдро чу аҳди гуломад вафо макун.
Рӯзи май аст, соғари майро зи каф манеҳ,
Вақти гул аст, сӯҳбати гулро раҳо макун.
Эй соқӣ, аз шароби гарон фиғон кунем,
Дардеҳ, чунон ки хоҳию фармон маро макун.
Эй зоҳид, ар дуоии тавбат ҳамекунӣ,
Маро ба вақти булбулу гул ин дуо макун.

❂ ❂ ❂

Эй, сипаҳи ишқи ту бар мо зада,
Сабру дили мо ҳама яғмо зада.
Ҷони ман аз ишқи ту ларзон шуда,
Ҳамчу тани мардуми сармозада.
Бар мани бечора набахшию ман
Ҷуз ба ризои ту нафас нозада.
Рӯи ту дебою маро орзуст.
Бӯса бар он рӯи чу дебо зада.
Нест замине, ки набинам ҳаме
Боргаҳи васли ту он ҷо зада.

❂ ❂ ❂

Шаб шунидастӣ зи рӯз овехта,
Моҳ дидастӣ зи мушк ангехта.
Лола пеши рӯи наргис саф зада,
Гирди марҷон гирди анбар бехта.
Ин ҳама бар рӯи зебо рӯи ӯст
Ошиқонро ранги ишқ омехта.
Рӯи моҳ овехтаанбар турост,
Дил бад-он овехта овехта.
Оташи ҷангу ҷафо бар ман марез,
То нагардад обрӯям рехта.

❁ ❁ ❁

Моҳро монад рухаш нокоста,
Зулфи чун шаб моҳро ороста.
Сарвболое, ки чун болои ӯ
Боғбон як сарв нопироста.
То маро савдои он маҳ дар сар аст,
Моҳро монам, валекин коста.
Дар нишасту хост чун сарву маҳ аст.
Фитнаҳо з-он сарву маҳ бархоста.
Аз ҳама хубон дил ӯро хостаст,
Ҳам дилаш додам ҷудо, ҳам хоста.

❁ ❁ ❁

Эй,шаби торӣ ғуломи мӯи ту,
Рӯзи рашан пешкори рӯиту.
Чокари рӯзу шабам, то рӯзу шаб
Ноибанд аз рӯи ту в-аз мӯи ту.
Бастаи мӯи ту дилҳои ҷавон,
Бастаи як мӯям аз гесӯи ту.
Аз ду чашмам ҷӯи хун ангехтаст
Ишқи мӯи дилбари хушбӯи ту.
Ишқ гӯӣ об хӯрд аз ҷӯи ман,
Ҳусн гӯӣ рӯй шуст аз ҷӯи ту.
Гӯйи хубӣ мебарад аз дилбарон
Ғамзаи чавгони мушкинмӯи ту.
Гашт таббои дилу даллоли ҷон
Қосиди кӯи ман андар кӯи ту.
Аз намози ишқ фориғ нестам,
То маро меҳроб гашт анрӯи ту.

❁ ❁ ❁

Чун зулфи ту беқарорам аз ту,
Чун чашми ту бе хуморам аз ту.
Эй, гашта чу рӯзгор бадаҳд,
Саргаштаи рӯзгорам аз ту.
Эй, ҳусни ту бешумор гашта,
Дар ҳасрати бешуморам аз ту.
Пуроби ду дида шуд канорам,
То гашт тиҳӣ канорам аз ту.
Аз бехабарӣ ки ман шудастам,
Ҳаққо, ки хабар надорам аз ту.

❁ ❁ ❁

Хилъати чашми ман аст роҳати дидори ту,
Роҳати гӯши ман аст лаззати гуфтори ту.
Рашки ҳама оламанд гӯши манну чашми ман
Аз паи гуфтори ту в-аз паи дидори ту.
Аз гули рухсори ту хаста дилам рӯзу шаб,
Хастани хор омадаст аз гули рухсори ту.
Гарчи на хорӣ, на гул, ҳам ту гулӣ, ҳам ту хор,
Эй ҳама гулҳои боғ чокари як хори ту.
Дар сари кори ту шуд донишу сабру хирад,
Эй, хиради бихрадон шефта дар кори ту.
Ақл даҳони туро нимаи динор хонд,
То ҳама ақлам бибурд нимаи динори ту.
Ишқ ҷамоли туро бо гулу гулзор ёфт,
Эй, ҳама зории ман з-он гулу гулзори ту.
Фосидию косидем аз ту падид омадаст,
Фосиди роҳи туям, косиди бозори ту.

❁ ❁ ❁

Гашт аз ҳавои ӯ тани ман чун миёни ӯ,
Шуд аз фироқи ӯ дили ман чун даҳони ӯ.
Ин фоида бас аст зи ишқаш ки мар-маро
Дил чун даҳони ӯ шуда, тан чун миёни ӯ.
То бадгумон шуд он бути абрӯкамон ба ман,
Шуд рӯзгори ман ҳама ҳамчун камони ӯ.
Будӣ ҳамеша орази ӯ навбаҳори ман,
Акнун шудаст чеҳраи ман меҳргони ӯ.
Ҳамчун рикоби хеш бимолад маро ба по,
Бар дасташ арчи бӯса занам чун инони ӯ.
Пуштам нишони ҳалқаи зулфайни ӯ гирифт,
Ин бас, ки ҳаст дар тани ошиқ нишони ӯ.
Н-озорам аз забонаш ба ҳар бад, ки гӯядам ,
Ин бас, ки номи ман гузарад аз забони ӯ.

❁ ❁ ❁

Гар ба ду рухфитнаи наззораӣ,
Дарди диламро баду лаб чораӣ.
Оина дар пеши ту бинам, магар
Пеши рухи хеш ба наззораӣ?
Дар дили ман ор(и) заи ишқи туст,
То ту бад-он оразу рухсораӣ.
Ахтари васлам зи ту торӣ чарост?
Гар ту ба рух ахтари сайёраӣ.
Зуҳра най, чунки ҷафопешаӣ,
Чарх най, чунки ситамкораӣ.
Кам накунад ишқи ту хун рехтан,
То ту бад-он наргиси хунхораӣ.

* * *

Эй, турраҳои хубон аз нофаи ту бӯе,
Дилҳои ошиқонро бинмуда ту чу гӯе.
Чун шамъ ҷумла дорӣ парвонаи ғаматро
В-онгаҳ зи ту надида парвона ҳеҷ рӯе.
Ҳусни ҳазор Лайлӣ аз гулбуни ту ранге,
Ишқи ҳазор Маҷнун аз ҷуръаи ту бӯе.
Эй, дасти ғорати ту дар чорсӯи ишқат
Сарҳои гарданонро овехта ба мӯе.
Коми диле баровар аз давлати ҷамолат,
То коми дил биёбӣ аз давлати накӯе.

* * *

Сипеҳри накӯиро меҳру моҳӣ,
Ҷаҳони бадхӯиро солу моҳӣ.
Чунин дар некӯӣ то кай физоӣ?
Чаро аз бадхӯӣ лахте накоҳӣ.
На бе васли ту рӯзамро сапедист,
На бе ҳаҷрат гилемамро сиёҳӣ.
Ду лаб дорӣ, ки бурданд аз ҳаловат
Ба як бӯса зи ҳоли ман табоҳӣ.
Туро ҷӯям ки сарви боқабоӣ,
Туро хоҳам, ки моҳи бокулоҳӣ.
Чу хоҳони туам, дигар чӣ ҷӯӣ?
Чу ҷӯёни туам, дигар чӣ хоҳӣ?
Ҳаме номи маломат бар ту зебад,
Чу бар хоразмшаҳ хоразмшоҳӣ.

* * *

Танг аст маро дил зи ғами тангдаҳоне,
Чун мӯй шудам аз ҳаваси мӯймиёне.
Аз хуни ҷигар чеҳраи ман лоласитон аст,
То дурам аз он чеҳраи чун лоласитоне.
Эй, дода маро васли ту ҳар соат суде,
Дорам зи фироқи ту ба ҳар лаҳза зиёне.
Темори ману нози туро нест қиёсе,
Ҳусни туву андуҳи маро нест кароне.
Чун хату даҳони ту ба тангию ба хушӣ
На ғолияе дидаму на ғолиядоне.
Бӯсе зи лаби хеш ба ҷоне нафрӯшӣ,
Бифрӯш, к-аз ин кам набувад қуввати ҷоне.
Ҳарчанд ту аз бандаи худ ёд наёрӣ,
Бе ёди ту ин банда набудаст замоне.

* * *

Аз мушки ноб силсила бар маҳ фикандаӣ,
Моро ба мушку силсила аз раҳ фикандаӣ.
Дар сим чоҳ дориву мискин дили моро
Дар чаҳ фикандаӣ туву ногаҳ фикандаӣ.
Гар сурати паямбари чоҳи рухи туррост,
Мискин дили моро зи чӣ дар чаҳ фикандаӣ?
Дар раҳ зи маҳ бадеътарӣ дар камоли ҳусн,
Рӯзе ба тири ғамза чу ман даҳ фикандаӣ.
Дар ишқи ту чу пушти маҳи ту хамидаам,
То ту зи мушк силсила бар маҳ фикандаӣ.

❁ ❁ ❁

Эй, зулфи ту чун ваъдаи васлат ба дарозӣ,
Хубет ҳақиқат буваду ваъда маҷозӣ.
Дилдориву дилро ҳама дар ишқ фиребӣ,
Ҷонониву ҷонро ҳама дар ваъда гудозӣ.
Ҳаргиз нарасад аз ту дили ман ба навозиш,
Ё одати хубон набувад банданавозӣ?
Абрӯй ба тоқи ту, ки меҳроби намоз аст,
Лекин суханат нест гаҳи ваъда намозӣ.
Нашнидаам аз кас, ки бинозанд ба тангӣ,
То чанд ба чашму даҳани танг бинозӣ…

❁ ❁ ❁

Гаштам аз ҳиҷри ӯ низор чун най.
Ваъдаи васли ӯ надодам кай?
Ӯ бути дилбар асту нест маро
Ҳеҷ коре ба ҷуз парастиши вай.
Эй, баҳоре, ки бе ҳавои баҳор
Рӯи ту гул доманат андар дай.
Гар гул аст аз дуо рази ту хиҷил,
Чун зи миҷгони ман кушояд х(в)ай?
Бас бахили ба вақти бӯсу канор
Боз ҳангоми ваъда Ҳотами Тай.
Бим бошад, ки маи маро нахӯрад,
Кай маро бе ту хӯрд бояд май?

❁ ❁ ❁

Бар рӯи туам дил  кушояд ҳаме,
Гарам зулфи ту дил рабояд ҳаме.
Лаби туст дармони дарди дилам,
Дилам сӯи ту з-он гарояд ҳаме.
Ҳама суди ман ҳаст дар васли ту,
Фироқи туам з-он газояд ҳаме.
Шароб ор, хез, эй дилором ёр,
Ки ҳушёр будан нашояд ҳаме.
Хуш омад ҷавонию ишқу шароб,
Чу ин буд, дигар чӣ бояд ҳаме?!
Ба коре, ки дорад тааллуқ ба дил,
Маро ошиқӣ хуштар ояд ҳаме.
Чу номи маю ошиқӣ бишнавам,
Дил андар тани ман напояд ҳаме.
Маро маст кун, к-андӯҳи рӯзгор
Зи ҳушёр будан физояд ҳаме.
Гарам маст бинӣ, накӯҳиш макун,
Ки ҳар ҳушёр ин ситояд ҳаме.
Натобам сар зи роҳи ишқу шароб,
Ки ақлам чунин раҳ намояд ҳаме.

❁ ❁ ❁

Гар маро савдои он ёри камонкаш нестӣ,
Дил зи тири ғамзагони ӯ чу тиркаш нестӣ.
Шодӣ аз дидори ман пинҳон нагаштӣ чун парӣ,
Гар дилам дар банди он хури париваш нестӣ.
Гар на хор аз ишқи ӯ чун хоки пояш будаме,
Мар-маро дар дидаву дил обу оташ нестӣ.
Гар набудӣ сурати ӯ офати наққошиЧин,
Сурати ишқаш маро дар дил мунаққаш нестӣ.
В-аз зи рӯӣ ӯ висол инсофи ман бистонадӣ,
Рӯзгори ман чу зулфи ӯ мушавваш нестӣ.
Сахт нохуш айш дорам, к-аз ҷамолаш ғоибам,
Гар ҷамолаш ҳозирастӣ, айш нох(в)аш нестӣ.
Ранҷаам аз чашму дил в-аз ҷону тан в-аз айшу умр,
Гар набудӣ фурқати ӯ, ранҷи ҳар шаш нестӣ.

❁ ❁ ❁

Ба ҷону дил туро бошам, чӣ бошад, гар маро бошӣ,
Зи ҷону дил ҷудо бошам, чу аз чашмам ҷудо бошӣ.
Заволи подшоҳиро ситам кардан сабаб бошад,
Макун бар дил ситам ҳаргиз, чу бар дил подшо бошӣ.
Тамоми доди дил бошад ба дилбар дил ато кар-дан,
Зи дил чун доди ту додам, ситамкора чора бошӣ?
Надонам, то чӣ дилдорӣ, ки то дилдори тан гаштӣ,
На бод дил меҳрубон гардӣ, на бо аҳд ошно бошӣ?
Чӣ бадаҳдист, к-овардӣ, зи аҳди ишқ нагаштан,
На бо ман аҳдҳо кардӣ, кибо аҳду вафо боши?
Маро гӯй, ки »як соат насозӣ бо ғами ишқам»,
Чу аз ишқи ту месӯзам, ту он соат куҷо бошӣ?
Ҷамоли ҷумлаи олам ту дорӣ аз ҳама хубон,
Ҳама олам маро бошад, ки як соат маро бошӣ.

❁ ❁ ❁

Эй боди субҳдам, дами Исои Марямӣ.
К-андар дилам зи бӯи ту шуд зинда беғамӣ.
Исо наию ошиқи майхораро ба субҳ
Ҷон ояд аз ту дар тани шодию хуррамӣ.
Ҳар субҳдам насими туам ҷони нав диҳад,
Гӯӣ, ки бар танам дами Исо ҳаме дамӣ.
Чашми умеди ман зи дамат нури нав гирифт,
Гӯи, ки ноиби дами Исои Марямӣ.
Исо ба осмон шуду наздики ошиқон
Исои дигар аст насими ту бар замӣ.

* * *

Нигоро, садҳазора гард ил астӣ,
Нишони ишқи ту бар ҳар дил астӣ.
Се бӯса з-он ду лаб додӣ ба як дил,
Дареғо, гар танам яксар диластӣ.
Кунун аз бедилӣ бебӯса мондам,
Хуш астӣ, гар маро дигар дил астӣ.
Бигирандӣ маро дар тӯҳмати дил,
Хироҷи ошиқӣ гар бар дил астӣ.
Манам пайваста хушнуд аз забонат,
Дареғо, гар забонат дар дил астӣ.

* * *

Гар на зи рақиб нохуш астӣ,
Бо хилвати ӯ маро хуш астӣ.
Гар ҷумла бало зи ишқ будӣ,
Ҳаққо, ки ҳама бало хуш астӣ.
Гар на зи ҷафо ҷудоӣ афтад,
Аз дӯст маро ҷафо хуш астӣ.
Мардум зи ҷафо расад ба мақсуд,
В-ар на чӣ сабаб вафо хуш астӣ.
Гар бода на ёди дӯст дорӣ,
Бо бода маро чаро хуш астӣ?
Гар дидани дӯстон набудӣ,
Ин умр чӣ гунна нохуш астӣ.
В-ар дӯст зи мо ҷудо нагаштӣ,
Наврӯзу баҳори мо хуш астӣ.

❁ ❁ ❁

Эй пайки хуҷиста, насими саҳаргаҳӣ,
Лутфе кун аз барои дили хастаи раҳӣ.
Фархунда тоҷи давлату дин, аҳли фазлро
Даврони ӯст мавсими осоишу беҳӣ.
Аввал бибӯс хоки дараш, в-он гаҳе сухан
Баргӯю бигзар аз сари эҷоди кӯтаҳӣ.
Гӯ: Бо вуҷуди ҷуди ту, к-он кас муроди дил
Бар остони ғайри ту ҷӯяд эй аблаҳӣ.
Акнун, ки рӯзгор пурошӯбу фитна гашт,
Офоқ шуд зи мардию аз мардумӣ тиҳӣ.

## РУБОИҲО

Бо боғу гулу бодаи гулгун моро,
Чун дид, ҳасад намуд гардун моро.
Гармош зи боғ кард берун моро,
Сардоба гузид бояд акнун моро.

❂ ❂ ❂

Соқӣ чу ба ман диҳад маи гулгунро,
Гулгун кунам аз фироқи ӯ Ҷайҳунро.
Чандон ба ҷазаъ бода диҳам ҳомунро,
То маст кунам зери замин Қорунро.

❂ ❂ ❂

Охир бирасад ба субҳи содиқ шаби мо,
Дар бурҷи шараф нур диҳад кавкаби мо.
Пуршаккар шавад пас аз шикоят лаби мо,
То зини зафар ниҳанд бар маркаби мо.

❂ ❂ ❂

Эй, рӯи туро висоқ дар манзили шаб,
Бе зулфи ту маъзул бувад омили шаб.
То рӯзи маро ҳал накунад мушкили шаб,
Нолам зи дили ту ҳар шабе дар дили шаб.

❂ ❂ ❂

Эй мояи ҳар латофат, эй дурри хушоб,
Аз ҳар сухане чу оташи тез матоб.
Гар оташу об хонамат, ҳаст савоб,
Покиза чу оташию боиста чу об.

❂ ❂ ❂

Аз ғамза туро тири бало пайкон ёфт,
В-аз номи ту номаи ҷафо унвон ёфт.
Дар ту зи ҷафоҳарчи фалак ҷуст, он ёфт,
Аз дасти ҳинобаста вафо натвон ёфт.

❂ ❂ ❂

Дорам сари он, ки имшаб оям ба барат,
То лаб ба лабат барниҳаму бар ба барат.
Ту пой ниҳӣ зи ноз бар чашми тарам,
Ман сар ниҳам аз ниёз бар хоки дарат.

❂ ❂ ❂

То наргиси чашми ту забунам кардаст,
Аз боғи муроди дил бурунам кардаст.
Чун пушти бунафша сарнагунам кардаст,
Чун рӯи гул оғушта ба хунам кардаст.

❁ ❁ ❁

Аз фурқати дилбар дили ношодам ҳаст,
Ёдам накунад, гарчи аз ӯ ёдам ҳаст.
Аз як дили ӯ ҳазор бедодам ҳаст,
Фарёд кунам, ки ҷои фарёдам ҳаст.

❁ ❁ ❁

Дил дар ғами он лаъли шакарбор бирафт,
З-андешаи ман қуввати такрор бирафт.
Илме, ки ба умри хеш ҳосил кардам,
Бар ёди лабаш ҷумла ба якбор бирафт.

❁ ❁ ❁

Ҷоно, лабу ғамзаи ту нӯшу неш аст,
З-он рӯҳ ба роҳат асту з-ин дил реш аст.
З-он ғамзаву лаб, ки дилбаристонкеш аст,
Ҳарчанд ки ранҷ ҳаст, роҳат беш аст.

❁ ❁ ❁

Дилбар, ки ба коми дил сафар карду бирафт,
Моро лабу дида хушку тар карду бирафт.
Дидори азизро ба як азми сафар
Аз дидаву ҷон азизтар карду бирафт.

❂ ❂ ❂

Чун гардиши осмон накӯхоҳи ман аст,
Дидам рухи он, ки бар замин моҳи ман аст.
Васлаш, ки ба роҳи ишқ ҳамроҳи ман аст,
Таъсири дуоҳои саҳаргоҳи ман аст.

❂ ❂ ❂

Гирам, ки туро неъмати сад Парвез аст,
Бар охури ту дувист чун Шабдез аст.
Тезӣ макун, арчи давлати ту тез аст,
К-ин гардиши рӯзгор шӯрангез аст.

❂ ❂ ❂

Рӯз аз рухи ту ба рӯшноӣ пайваст,
Шаб тирагӣ аз зулфи ту овард ба даст.
З-он кард маро ишқи шабу рӯзи ту паст,
К-аз лашкари рӯз худ намедонам раст.

❂ ❂ ❂

Эй, бе ту нахуфта ман шабе хоби дуруст,
Бехобии чашми ман зи хушхобии туст.
Дар чашми ман аз ишқи ту бехобӣ руст,
То оби ду дида хобам аз дида бишуст.

❂ ❂ ❂

Бархост дилам, чу дӯст аҳдаш бишкаст,
Гуфтам: «Нашавам ошиқу биншинам паст».
Ногаҳ бирасид ишқи он наргиси маст,
Андар дили бархостаи ман биншаст.

❂ ❂ ❂

Дилтангам аз он, ки ҳар чӣ хоҳам, он нест,
Дарёи дили танги маро поён нест.
Берун шудан аз тангдилӣ осон нест,
Дармон-ш зи сабр асту маро дармон нест.

❂ ❂ ❂

Хуршед, ки ёқутгарӣ кард нахуст,
Он пеша зи ёқути лабат кард дуруст.
Он кас, ки лаби ту ёфт, ёқут начуст,
Ёқут яке зи чокарони лаби туст.

❂ ❂ ❂

Аз ҷуд ҳадиси Ҳотами Той мондаст,
В-аз фазл каломи соҳиби Рай мондаст.
Ҷоми тамаъ аз замона бе май мондаст,
Имрӯз ҷаҳон ба одамӣ кай мондаст?

❁ ❁ ❁

Аз феъли бади душману аҳди бади дӯст,
Ҳар рӯз, ки нав шавад, маро ранҷе нӯст,
Ҷонро халале нест, ки тан зинда бад-ӯст,
То мағз бувад, нахӯрд бояд ғами пӯст.

❁ ❁ ❁

Эй бе ту нахуфта ошиқон хоби дуруст,
Гӯӣ, ки магар дидаи ман толеи туст.
Хоби ману аҳди ту ба сар бошад суст,
Боист, ки нақши ин ду з-айём бишуст.

❁ ❁ ❁

Чун бо дили ту нест вафо дар як пӯст,
Дар чашми ту якранг бувад душману дӯст.
Бас-бас, ки шикояти ту нокарда беҳ аст,
Рав-рав, ки ҳикояти ту ногуфта накӯст.

❁ ❁ ❁

Гуфтам, ки «ба ошиқӣ нашояд пайваст»,
Чун рӯи ту дидам, дилам аз гуфта биҷаст.
Бар гуфтаи худ гар наравам, узрам ҳаст,
Рафтаст маро инони тадбир аз даст.

❂ ❂ ❂

Чун ишқи ту ақлро гиребон бигрифт,
Ҷоду зи ту ангушт ба дандон бигрифт.
Савдои ту чун мулки дилу ҷон бигрифт,
Чандон ки дилаш хост, дучандон бигрифт.

❂ ❂ ❂

Чун нест дар ин замона суде зи хирад,
Ҷуз бехирад аз замона бар менахӯрад.
Эй дӯст, биёр, он чӣ хирадро бибарад,
Бошад, ки замона сӯи мо беҳ нигарад.

❂ ❂ ❂

Дар ту нигарам, ки ҳар кӣ дар ту нигарад,
Гар дил бибарад, занги ғам аз дил бибарад.
Май бо ту хам, ки ҳар кӣ май бо ту хӯрад.
Аз роҳи маломат ба саломат гузарад.

❂ ❂ ❂

То бар сари ман қиёмати ишқ расид,
Чашмам асари саломати ишқ надид.
Азбаски дилам ғаромати ишқ кашид,
Шуд бар ду рухам аломати ишқ падид.

❂ ❂ ❂

Ҳаҷри ту вабост, ҳар куҷо баргузарад,
З-ӯ пардаи умру зиндагонӣ бидарад.
Чашмам ба лабат ҳамеша з-он менигарад,
Гӯянд, ки «ёқут ваборо бибарад».

❂ ❂ ❂

То боди итоби ту ба ман рӯй ниҳод,
Бе ҷурм маро чу хок бар бод бидод.
То кард дилам з-оташи ишқат фарёд,
Аз ҳар мижаем ҷӯи обе бикшод.

❂ ❂ ❂

Рӯи ту ривоят ҳама аз нур кунад,
Ҳусни ту ҳикоят ҳама аз ҳур кунад.
Васли ту маро зи хештан дур кунад,
То мушки маро ба ранги кофур кунад.

❂ ❂ ❂

Гар ҳеч дилам ба дилбаре нагрояд,
Гар дар бари ман диле набошад, шояд.
Аз додани дил маро намебахшояд,
Дилдори писандидаи дил мебояд.

❁ ❁ ❁

Рӯи ту ба чашм оташи бедуд намуд,
Дил гуфт, ки «бедуд кадом оташ буд»?
Хатти ту бурун расид чун з-оташ дуд,
Дуде, ки аз ӯ оташи ишқам бифзуд.

❁ ❁ ❁

Эй, ҳаққи рухат фариза дар гардани вард,
Бошад дили ғунча бе даҳони ту ба дард.
Ҳусни ту зи дилбарӣ ба ошиқ он кард,
К-ӯ бо дили зор гашту бо чеҳраи зард.

❁ ❁ ❁

Он бут, ки ба рухсор баҳор ороял,
Чун раъд ҳаменоламу раҳмаш н-ояд.
Чун барқ ба ханда то лабе бикшояд,
Чун абр маро гиристан фармояд.

❁ ❁ ❁

То аз хати мушкини туам ҳаҷр афтод,
Сад чашмаи кофур зи чашмам бикшод.
Гар зулфи чу анбари туам надҳад дод,
Чун уд ба сӯхтан ризо бояд дод.

❂ ❂ ❂

Гул ранг зи рӯи лоларанги ту барад,
Дар чанг маро наволачанги ту барад.
Тангӣ дилам аз даҳони танги ту барад,
Бедил зияд он, ки дил зи чанги ту барад.

❂ ❂ ❂

Пурнур шавад дида, чу дар май нигарад,
То май нахӯрӣ, дил аз тараб барнахӯрад.
Гӯӣ, ки «май аз дил бибарад ҳушу хирад»,
Бархезу биёр, чун наёяд, чӣ барад?

❂ ❂ ❂

Гарчи ғами ту рухам ба хун мешӯяд,
Ишқи ту дар ин дилам фузун мерӯяд.
Он аст, ки ишқи ту забун меҷӯяд,
В-ар на, шакари ту талх чун мегӯяд?

❂ ❂ ❂

Он бут, ки ҳама ваъда маҷозӣ дорад,
Бурдан дилу ҷони ман ба бозӣ дорад.
Шабҳои маро дароз кардаст зи ишқ,
Оре, шаби ошиқон дарозӣ дорад.

❁ ❁ ❁

Сабзию чӣ сабзи обдор, эй дилбар!
Ман бе ту чу гул миёни хор, эй дилбар!
Ҳастӣ ба ду рухсор баҳор, эй дилбар!
З-он сабзу хушӣ баҳорвор, эй дилбар!

❁ ❁ ❁

Бо ҳодисаи даҳр – чӣ рӯбоҳу чӣ шер
Касро чу бақо нест – чӣ буздил, чӣ далер.
Имрӯз чу дӣ бирафту бар н-омад дер,
Фардо, ки биёяд, биравад ҳамчу парер.

❁ ❁ ❁

Он маркаби хокмодару обпадар
Дорад гаҳи кор аз падари хеш ҳазар.
Бе модари худ ном нагирад беҳтар,
Ҳаргиз наравад бо падари худ ба сафар.

❁ ❁ ❁

Афтодани дандони ту, эй бадри мунир,
Додаст ду гулбарги туро ранги зарир.
Чандин чӣ кашӣ зи баҳри дандон ташвир?
Аз як садаф, эй нигор, як дур кам гир!

❁ ❁ ❁

Гар чанги ту нест, булбул, эй чангнавоз,
Чун бо гули рухсори ту гӯяд ҳама роз?
Он булбулу гул чаро ҳамедорад боз
Аз дидаи ман ҷамолу аз гӯш овоз?

❁ ❁ ❁

Эй, ҳаққи рухат фариза дар гардани рӯз,
Шабҳои ту хайма зада бар домани рӯз,
Хатти чу шабат гирифта пиромани рӯз,
Барбод мадеҳ ба қавли шаб хирмани рӯз.

❁ ❁ ❁

Эй рӯзу шаб аз зулфу хатат ёфта соз,
Чун рӯзу шабам зи ишқи ту ботагу тоз.
Тарсам, чу гусистам аз шабу рӯзи ту роз,
Чун рӯзу шаби рафта ба ман н-ой боз.

❁ ❁ ❁

Эй, рӯзи сапедро ба рӯи ту ниёз,
Зулфат чу шаби ошиқи бесим дароз.
То нест шабам бо шабу рӯзи ту ба роз,
Онам, ки шаб аз рӯз намедонам боз.

❁ ❁ ❁

Ҳар шаб ки дароз гардад, эй мояи ноз,
Танро ба фиғон ораду дилро ба гудоз.
Чун нест диламро ба ду зулфи ту ниёз,
Гар ноиби зулфи туст шабҳои дароз.

❁ ❁ ❁

Мурғе, ки чу моҳиш ба об аст ниёз,
Аз нисбати бат нею чун бат синафароз.
Дар об ҳамеравад ҳама рӯзи дароз,
Чун тӯдаи хокдида баргардад боз.

❁ ❁ ❁

Аз дидани халқ дида бедӯст бидӯз,
В-аз сӯҳбати бедиле ба дил кина матуз.
Монандаи абру шамъ аз ин пас шабу рӯз
Бе дида ҳамегирию бе дил месӯз.

❁ ❁ ❁

Гуфтам, ки як имрӯз дили ман бифрӯз,
Доме, ки маро бар ду лаби туст, матуз,
Садбор маро бисӯхт он ошиқсӯз
Аз бахри се бӯсае аз он ду лаби рӯз.

❂ ❂ ❂

Чандон зи фироқ дар зиёнам, ки мапурс,
Чандон зи ғамат бисӯхт ҷонам, ки мапурс.
Чандон бигирист дидагонам, ки мапурс,
Гуфтӣ, ки чӣ гунаӣ? Чунонам, ки мапурс!

❂ ❂ ❂

Рои тарабам нест зи рои сафараш,
Хобам сафарӣ шуд аз балои сафараш.
Ё раб, ба кӣ нолам аз анои сафараш?
Ё раб, чӣ ҷафо кунам ба ҷои сафараш?

❂ ❂ ❂

Ҳарчанд бувад мардуми доно дарвеш,
Охир бувад аз тавонгарон нодон беш.
Онро набувад ҷоҳ, чу молаш шуд беш,
В-ин шоҳ бувад ҳамеша аз дониши хеш.

❂ ❂ ❂

То кард маро гузар самоъи ту ба самъ,
Монандаи шамъи оташинам даму дамъ.
Аз тобу тапиш, ки аз ту ман дорам ҷамъ,
Аз ҷумлаи садяке яке дорад шамъ.

❁ ❁ ❁

Бе рӯи ту, эй рашки гулу тираи боғ,
Аз лолаву гул на айш бинам, на фароғ.
Чашмам зи ту гар нагиряд аз ҳасрату доғ,
Пас чашми кӣ гиряд, эй маро чашму чароғ?

❁ ❁ ❁

Он бода ки ман кашидам аз ҷоми фироқ,
Инак зи фироқи дӯст айёми фироқ.
То чанд тапам чу мурғ дар доми фироқ?
Сер омадам аз шунидани номи фироқ!

❁ ❁ ❁

Эй, таъбияи ҳусни ту ҷавқ аз паси ҷавқ,
В-аз шаҳду шакар бурда лабат лаззату шавқ.
Доим зи сари кӯи ту гардад аз шавқ
Дар гардани ман чу қумрӣ аз зулфи ту тавқ.

❁ ❁ ❁

Эй, хоби шабам бурда ба зулфи шабранг,
Бо чашми чу оҳу чӣ кунӣ кибри паланг?
Пушту дилам, азбаски ҷафо кардию ҷанг,
Чун зулфи ту кӯж гашту чун чашми ту танг.

# МУНДАРИҶА

Пешгуфтор

## АНВАРӢ

### ҒАЗАЛИЁТ

Биё, эй  ҷон, биё, эй ҷон, биё, фарёд рас моро,
Ҷурме надорам беш аз ин, к-аз ҷон вафодорам туро,
Эй карда хиҷил бутони Чинро,
Эй   карда дар ҷаҳон ғами ишқат самар моро,
То бувад дар ишқи он дилбар гирифторӣ моро,
Аз дур бидидам он париро,
Ҷоно, ба ҷон расид зи ишқи ту кори мо,
Эй ғорати ишқи ту ҷаҳонҳо,
Эй аз бунафша сохта гулбаргро ниқоб,
Хаҳ, хаҳ, баномэзад, он рӯи кист, ё раб,
Хаҳ, аз куҷот пурсам, чун аст рӯзгорат,
Дар ҳама олам вафодоре куҷост,
Ғами ишқи ту аз ғамҳо наҷот аст,
То дили мискини ман дар кори туст,
Ҷурми раҳӣ дӯстии рӯйи туст,
Дил дар он ёри диловез овехт,
Эй ба дида дареғ хоки дарат,
Рухат маҳро руху фарзин ниҳодаст,
Гулбуни ишқи ту бехор омадаст,
Поям аз ишқи ту дар санг омадаст,
Корам зи  ғамат ба ҷон расидаст,
Ҳуснро аз вафо чӣ озор аст,
Маъшуқа ба ранги рӯзгор аст,
Зи ишқи ту ниҳонам ошкор аст,
Эй ёр, маро ғами ту ёр аст,
Ё раб, чӣ бало, ки ишқи ёр аст,
Ҳар  шикан дар зулфи ту аз мушк доле дигар аст,
Умеди  васли ту коре дароз аст,
Меҳрат ба дилу ба ҷон дареғ аст,
Кори  дил аз орзуи дӯст ба ҷон аст,
Эй бародар, ишқ савдое хуш аст,
Ишқи ту аз мулки ҷаҳон хуштар аст,
Ишқи ту қазои осмон аст,
Ҳар кӣ чун ман ба куфраш имон аст,
Маро донӣ, ки бе ту ҳол чун аст,
Ҷамолат  бар сари  хубӣ кулоҳ аст,
Ишқи  ту дилро накӯ пероя аст,

Ҳар кас, ки ғами туро фасона-ст,
Боз мондам дар ғаму темори ӯ,тадбир чист?
Дил бе ту ба сад ҳазор зорист,
Моҳ чун чеҳраи зебои ту нест,
Аз ту буридан, санамо, рӯй нест,
Рӯйи баргаштанам аз рӯйи ту нест,
Ҷоно , дилам аз холи сиёҳи ту ба ҳолест,
Ишқи ту бе рӯйи ту дарди дилест,
Дар ҳама мамлакат маро ҷонест,
Макун, эй дил, ки ишқ кори ту нест,
Бе меҳри ҷамоли ту диле нест,
Ёр бо ман чун сари ёрӣ надошт,
Боз кай гирам андар оғӯшат,
Рояти ҳусни ту бар маҳ баргузашт,
Ёр моро ба ҳеҷ барнагирифт,
Сахт хушӣ, чашми бадат дур бод,
Азбаски кашидам аз ту бедод,
Маро бо он санам коре биафтод,
Ҳар кас, ки зи ҳоли ман хабар ёбад,
Ҷон зи розат хабар намеёбад,
Дар даври ту кам касе амон ёбад,
Ҳуснат андар ҷаҳон намегунҷад,
Ёр гирди вафо намегардад,
Ишқи ту бар ҳар кӣ офият ба сар орад,
Ёр дил дар миён намеорад.
Ишқ ҳар меҳнате ба рӯй орад,
Зулфи ту такя бар қамар дорад,
То моҳрӯям аз ман рух дар ҳиҷеб дорад,
Маро то кай фалак ранҷур дорад,
Бо қадди ту қадди сарв хам дорад,
Ҷон нақши рухи ту бар нигин дорад,
Ёр бо ҳар касе саре дорад,
Дилбар ҳанӯз моро аз худ намешуморад,
То кори маро васли ту тимор надорад,
Ба бели ишқи ту дил гил надорад,
Диламро андуҳи ҷон менадорад,
Орзуи рӯи ту ҷонам бибурд,
Бидидам ҷаҳонро, навое надорад,
Буте дорам, ки як соат маро бе ғам набигзорад,
Ишқам ин бор ҷон бихоҳад бурд,
Ҳалқаи зулфи ту бар гӯш ҳаме ҷон бубарад,

Рӯйи ту ороми дилҳо мебарад,
Сабр кун, эй дил, ки он бедоди ҳиҷрон бигзарад,
Ишқи туро хурд набояд шумурд,
Эй монда  ман аз ҷамоли ту фард,
Ҷамолаш аз ҷаҳон ғавғо баровард,
Боз дастам ба зери санг овард,
Ҳуснаш аз рух чу парда баргирад,
Ҳар киро бо ту кор даргирад,
Маро сурат намебандад, ки дил ёре дигар гирад,
На дил кам ишқи ёр мегирад,
Дил роҳи салоҳ бар намегирад,
На ваъдаи васлат интизор арзад,
Ҷоно, даҳони тангат сад тунги шаккар арзад,
Дарди ту сад ҳазор ҷон арзад,
Аз васли ту оташи ҷигар хезад,
Чун касе нест, ки аз ишқи ӯ фарёд расад,
Даст дар васли ёр менарасад,
Дардам фузуду даст ба дармон намерасад,
Ҳар чӣ бо ман кунӣ, раво бошад,
На чу ширин лабат шакар бошад,
Ранги ошиқ чу заъфарон бошад,
Туро, к-аз некувон ёре  набошад,
Маро гар чун ту дилдоре набошад,
Бе ишқи туам ба сар нахоҳад шуд,
Ҳусни ту бар моҳ лашкар мекашад,
Бидруд шаби дӯш , ки чун моҳ баромад,
Зулфат чу ба дилбарӣ даромад,
Маро таъсири ишқат бар дил омад,
Бо рӯйи дилафрӯзат сомон бинамемонад,
Ҷоно, дилам аз ғамат ба ҷон омад.
Аҷаб, аҷаб, ки туро ёди дӯстон омад,
Рухи хубат Худой медонад,
На дар висоли ту бахтам ба коми дил бирасонад,
Ҳар чӣ маро рӯйи ту ба рӯй расонад,
Маро маранҷон, к-Эзид туро биранҷонад,
Ҳусни ту гар бар ҳамин қарор бимонад,
Тоқати ишқи ту з-ин бешам намонд,
Дарди ту, дило, ниҳон намонад,
Дар ҳама офоқ дилдоре намонд,
Ишқи ту зи дил бурид натвонад,
Гули рухсори ту чун даста бастанд,

Он шӯхдида дида чу бар  ҳам намезанад,
Ҳар киро ишқат ба ҳам бармезанад,
Ҳарч аз вафо ба ҷони  ман он бевафо кунад,
Навбати ҳусни туро лутфи ту гар панҷ кунад,
Гар вафо бо ҷамоли ёр кунад,
Маъшуқ  дил бибурду  ҳаме  қасди дин кунад,
Ҷон висоли ту тақозо мекунад,
Дил ба ишқаш рух ба хун тар мекунад,
Ҳусни ту ишқи ман афзун мекунад,
Ёр дар хубӣ қиёмат мекунад,
Зулфаш андар ҷавр талқин мекунад
Оламе  дар раҳи ту ҳайронанд,
Гар туро дил ҳаме чунон хоҳад,
Ёрам ин бор бор менадиҳад,
Ҳусни ту гар бар ҳамин қарор бимонад,
Ҳар ки дил бар чун ту дилдоре ниҳад,
Дӯш он, ки ҳама ҷаҳони мо буд,
Ман он наям, ки маро бе ту ҷон тавонад буд,
Он рӯзгор ку, ки маро ёр ёр буд,
Дӯш то субҳ  ёр дар бар буд,
Эй дилбари айёр, туро ёр тавон буд,
Он чи бар ман дар ғами он номусулмон меравад,
Оби ҷамол ҷумла ба ҷӯйи ту меравад,
Даст дар рӯзгор менашавад,
Васлат ба оби дида муяссар намешавад,
Чун нестӣ, ончунон ки мебояд,
Дӯсте якдилам ҳамебояд,
Дил дар ҳавасат зи ҷон барояд,
Зи ҳиҷрони ту ҷонам мебарояд,
Онро, ки ғамат зи дар дарояд,
Сабр бо ишқ бас намеояд,
Дарди сари дил ба сар намеояд,
Ё васли туро инояте бояд,
Зи умрам бе ту дарди дил физояд,
Аз нозукӣ, ки ранҷи рухи ёр менамояд,
Чу коре зи ёрам ҳаме барнаёяд,
Ба умре дар кафам боре наёяд,
Зи аҳди ту бӯйи вафо менаёяд,
Тоқатам дар фироқи ту бирасид,
Ғорати   ишқат ба дилу ҷон расид,
Соқиё, бодаи сабуҳ биёр,

Ҳеч донӣ, ки сари сӯҳбати мо дорад ёр,
Салому алайк, эй ҷафопеша ёр,
Эй ғами ту ҷисмро ҷоне дигар,
Дилдор ба табъ гашт ром охир,
Эй шуда аз рухи ту тоб қамар,
Эй писар, бардаи қаландар гир,
Дило, дар ошиқӣ ҷоне зиён гир,
Эй ҷаҳонро ба ҳазрати ту ниёз,
Тахтаи ишқ барнавиштам боз,
Қиёмат мекунӣ, эй кофар, имрӯз,
Ҷамолат ишқ меафзояд имрӯз,
Чораи ишқи ту надонад кас,
Ҷоно, ба ғарибистон чандин бинамонад кас,
Нигоро, бар сари аҳду вафо бош,
Боз дӯш он санами бодафурӯш
Дӯш дар раҳ нигорам омад пеш,
Ба ҷон омад маро кор аз дили хеш,
Киро дар шаҳр баргӯям ғами дил,
Соқӣ андар хоб шуд, хез, эй ғулом,
Маст аз дарам даромад дӯш он маҳи тамом,
То ба меҳри ту тавалло кардаам,
Ба ду чашми ту, ки то зиндаам,
То ранги меҳр аз рухи равшан гирифтаам,
Яъламуллаҳ, ки дӯстдори туам,
Рӯй надорам, ки рӯй аз ту битобам,
Кас надонад, к-аз ғамат чун сӯхтам,
Охир, дари зӯҳду тавба дарбастам,
Дил аз хубони дигар баргирифтам,
Эй зулфи тобдори туро сад ҳазор хам,
Дардову дареғо, ки дил аз даст бидодам,
Бар онам, к-аз ту ҳаргиз барнагардам,
Эй мусулмонон, зи ҷон сер омадам,
Дар дасти ғами ёри дилором бимондам,
Бад-он азмам, ки дигар раҳ ба майхона камар бандам,
Дил боз ба ошиқӣ дарафкандам,
Зери бори ғаме гирифторам,
Ҳарчанд ба ҷои ту вафо дорам,
Биё, ки бо сари зулфи ту корҳо дорам,
То ба кӯйи ту раҳгузар дорам,
Дарди дил ҳар замон фузун дорам,
Ишқат андар миёни ҷон дорам,

Ҳарчанд ғами ишқат пӯшида ҳамедорам,
Ҷуз сари пайванди он нигор надорам,
Дорӣ хабар, ки дар ғамат аз худ хабар надорам,
Ёрам туӣ, ба олам ёри дигар надорам,
Агар нақши рухат бар ҷон надорам,
Нигоро, ҷуз ту дилдоре надорам,
Гар азизам барои ту, гар хорам,
Биё, то бубинӣ, ки ман бар чӣ  корам,
Умр бе ту ба сар чӣ гуна барам,
Корам ба ҷон расиду ба ҷонон намерасам,
Дил рафту ин батар бари дилбар намерасам,
Пойбарҷой нест ҳамнафасам,
Қори ҷаҳон нигар, ки ҷафои кӣ мекашам,
Нав ба нав ҳар рӯз боре мекашам,
Эй орзуи ҷонам, дар орзуи онам,
Эй дӯсттар аз ҷонам, з-ин беш маранҷонам,
Ҷоно, зи ғами ишқи ту имрӯз чунонам,
Ту донӣ, ки ман ҷуз ту касро надонам,
Раҳ фарокори худ намедонам,
Туро ман дӯст медорам, надонам, чист дармонам?
Аз ишқат, эй ширинсанам, гарчи ба сар бармезанам,
Биё, эй роҳати ҷонам, ки ҷонро бар ту афшонам,
Ман кӣ бошам, ки таманнои висоли ту кунам,
Боз чун дархурди ҳиммат мекунам,
То напиндорӣ, ки дастон мекунам,
Бе ту, ҷоно, зиндагонӣ мекунам,
Ҳар ғам, ки зи ишқи ёр мебинам,
Дилро ба ғамат ниёз мебинам,
Сари он дорам, к-имрӯз бари ёр шавам,
Рӯз ду аз ишқ пушаймон шавам,
Чӣ гӯйӣ, бо ту даргирад, ки аз банде бурун оям,
То рахти дил андар сари зулфи ту ниҳодем,
Охир ба муроди дил расидем,
Эй рӯйи хуби ту сабаби зиндагониям.
Дил бидодему ҷон намехоҳем,
Дармони дили худ аз кӣ ҷӯям,
Эй бандаи рӯйи ту худовандон,
Ишқ бар ман сар нахоҳад омадан,
Ошиқӣ чист? – Мубтало будан,
Ҳам маслиҳат набинӣ рӯйе ба мо намудан,
Оташ, эй дилбар, маро бар ҷон мазан,

Ба умри охирам рӯзе вафо кун,
Эй бути яғмо, дилаш яғмо макун,
Зи ман ҳуҷраи шоҳ пинҳон макун,
Рӯйи хуби хешро пинҳон макун,
Шарм дор, охир, ҷафо чандин макун,
Зи ман баргаштӣ, эй дилбар, дареғо, рӯзгори ман,
Эй боди субҳдам, хабаре деҳ зи ёри  ман,
Чу кард хаймаи ҳуснат таноби хеш маҳин,
Эмин зи орази ту ин хатти сиёҳи ту(?)
Эй қабои ҳусн бар болои ту,
Турки ман, эй ман саги ҳиндуи ту,
Эй ҷони ман ба ҷони ту, к-аз орзуи ту
Ҷурми раҳӣ дӯстии рӯйи ту,
Эй мардумон бигӯед, ороми ҷони ман ку,
Эй бурда дили ману ҷафо карда,
Эй Эзид аз латофати маҳзат биёфарида,
Эй рухат рашки офтоб шуда,
Ҳаргиз аз дил хабар надоштаӣ,
То дили ман бурдаӣ, қасди ҷафо кардаӣ,
Саҳл мегирам, чу бо мо кардаӣ,
Мискин дилам ба доғи ҷафо реш кардаӣ,
Бар маҳ аз анбар узор овардаӣ,
То ки дастам зери санг овардаӣ,
Доман андар пойи сабр  овардаӣ,
Зардрӯям зи чархи дандонхой,
Ҷоно, ба камоли суратеӣ.
Гар маро рӯзгор ёр астӣ,
Ҳамчун сари зулфи ту шикастӣ,
Ё  бад-он рух назаре боястӣ,
Эй дер ба даст омада, бас зуд бирафтӣ,
Чӣ ноз аст он, ки андар сар гирифтӣ,
Эй дил, ту маро ба бод додӣ,
Дидӣ, ки пой аз хати фармон бурун ниҳодӣ,
Эй дӯст, ба коми душманам кардӣ,
Гар туро рӯзе зи мо  ёд омадӣ,
Бас дилафрӯзу дилором омадӣ,
Гар туро табъи доварӣ будӣ,
Ёд медор, к-он чӣ бинмудӣ,
Ёд медор, к-он чӣ бинмудӣ,
Дилам бурдӣ, нигоро, в-орамидӣ,
Бадхӯйтарӣ, магар хабар дорӣ,

Рӯи чун моҳи осмон дорӣ,
Моро ту ба ҳар сифат, ки дорӣ,
Ту гар дӯст дорӣ маро в-ар  надорӣ,
Гирифтам, к-аз ғами ман ғам надорӣ,
Як дам ба мурoот дилам  гарм надорӣ,
Надорам ҷуз ғами ту ғамгусоре,
Эй кори ғами ту ғамгусорӣ,
Бо ман андаргирифтаӣ коре,
Нагуфтӣ,  к-аз ин пас кунам созгорӣ,
Эй ошиқони гетӣ, ёрӣ диҳед, ёрӣ,
Алҳақ, на дурӯғ, мӯҳташам ёрӣ,
Гирифтам, сар ба паймон дарнаёрӣ,
Ҷоно, агар ба ҷон-т биёбам, гарон набошӣ,
Маро вақте хуш аст имрӯзу ҳолӣ,
Гар ҷону дил ба дасти ғами ту надодаме,
Як замон аз ғам наёсоям ҳаме,
Бахте на бас мусоид, ёре чунон ки донӣ,
Огаҳ наӣ зи ҳолам эй ҷону зиндагонӣ,
Баномэзад, ба чашми ман чунонӣ,
Эй ғояти айши инҷаҳонӣ,
Гирди моҳ аз мушк хирман мезанӣ,
Дилам бурдию баргаштӣ, зиҳӣ дилдори бемаънӣ,
Номи васл андар забоне афканӣ,
Сари он дорӣ, к-имрӯз маро шод кунӣ,
Охир, эй ҷони ҷаҳон, бо ман ҷафо то кай кунӣ,
Аз ман, эй ҷон, рӯй пинҳон мекунӣ,
Ноз аз андоза берун мекунӣ,
Боз оҳанги балое  мекунӣ,
Эй ҳама чобукию зебоӣ,
Хаҳ, марҳабову аҳло, охир, ту худ куҷоӣ,
Эй хубтар зи хубӣ, некӯтар  аз накӯӣ,
Қурта бикшою замоне бинишин, беш магӯй,
Луғат

## ХОҚОНИИ ШАРВОНӢ

Зи жожхоии ҳар аблаҳе натарсам аз он-к
Мероси адабии  Хоқонӣ.
Дар яктопарастӣ ва ситоиши  Ҳазрати хатмуланбиё
Матлаи дуюм
Дар иштиёқи Хуросон ба вақте ки ӯро аз рафтан манъ ме-карданд
Дар ситоиши  Хуросон

Ҳангоми убур аз Мадоин ва  дидани тоқи Кисро
Ин қасидаро дар марсияи фарзанди хеш Амир Рашидаддин суруда
ва онро «Тараннумулмасоиб» гӯянд..........................................................
Матлаи дуюм
Дар бемории фарзанд ба таъсир аз даргузашти вай гӯяд
Ҳангоми ҳабс дар узлату қаноат ва тахлис ба мадҳи хотами анбиё
Дар шикоят аз ҳабсу банд ва мадҳи азимуррум Иззуддавлаи
Қайсар (қасидаи тарсоия).....................................................................
Қасидаи «Миръот-ус-сафо»
дар ҳикмат ва такмили нафс
Дар накӯҳиши ҳуссод
Дар ҷавоби марде суруда, ки Унсуриро бар ӯ тарҷеҳ ниҳодааст
Дар узлат ва қаноат тарки тамаъ
Бо ӯ дилам ба меҳру муҳаббат нишона буд,
Эй оташи савдои ту хун карда ҷигарҳо,
Табъи ту дамсоз нест ошиқи дилсӯзро,
Хуш-хуш хиромон меравӣ, эй шоҳи хубон то куҷо,
Ба забони чарб ҷоно, бинавоз ҷони моро,
Ба сари карашма аз дил хабаре фирист моро,
Дардзада аст ҷони ман, меваи ҷони ман куҷо,
Сар ба адам дар неҳу ёрон талаб,
Масти тамом омадааст бар дари ман нимшаб,
Инсоф дар ҷибиллати олам наёмадаст,
Пойи гурез нест, ки гардун камонкаш аст,
То ҷаҳон аст, аз ҷаҳон аҳли вафое барнахост,
Кори гетиро навое монда нест,
Аҳл бар рӯи замин ҷустем, нест,
Огаҳ наӣ, ки дар дилам аз ғам чӣ дард хост,
Дар ин аҳд аз вафо бӯе намондаст,
Аз кафи айём амон кас наёфт,
З-оташи андеша ҷонам сӯхтаст,
Захми замонаро дари марҳам падид нест,
Чи офатӣ ту, ки камтар ғами ту ҳиҷрон аст,
Бахти бадранги ман имрӯз гум аст,
Турра мафшон, ки ғаромат бар мост,
Дар ҷаҳон ҳеҷ сина бе ғам нест,
Чӣ нишинам, ки фитна бар пой аст,
Исилаб аст ёру дам аз ман дареғ дошт,
Лаъли ӯ бозори ҷон хоҳад шикаст,
Мо ба ғам хӯ кардаем, эй дӯст, моро ғам фирист,
Шӯре зи ду ишқ дар сари мост,

Он нозанин, ки Исии дилҳо забони ӯст,
Исилабиву мурдадилам дар баробарат,
Дилро зи дами ту дом рӯзист,
Хаҳ, ки дигар бора дил дарди ту дар бар гирифт,
Ҳар кӣ дар ошиқӣ қадам назадаст,
Ё раб, он хол бар он лаб чӣ хуш аст,
Алами ишқ олӣ афтодааст,
Онҳо, ки муҳаққиқони роҳанд,
Сар нест к-аз ту бар сари ханҷар намешавад,
Фурӯғи ҷамолат назар барнатобад,
Зарра намояд офтоб ар ба ҷамоли ту расад,
Ҳошо, ки маро ҷуз ту дар дида касе бошад,
Ҷоно лаби ту пешкаш аз мо чӣ ситонад,
Бӯсагоҳи осмон наъли саманди ту бод,
Дил рафту менадонам, ҳолаш, ки худ куҷо шуд?
Лаби ҷонон давои ҷон бахшад,
Аз ин даҳрангтар ёре напиндорам, ки кас дорад,
Май вақти сабӯҳ ровақӣ бояд,
Туро нозест андар сар, ки олам бар наметобад
Чи рӯҳафзову роҳатборӣ, эй бод,
Оташи ишқи ту дид сабраму симоб шуд,
Хоки дилам ба гарди висолаш куҷо расад,
Захр бо ёди ту шакар гардад,
Омад нафаси субҳу саломат нарасонид,
Овозаи ҷамолат андар ҷаҳон фитод,
Ишқат оташ зи ҷон барангезад,
Хезу ба айёми гул бодаи гулгун биёр,
Ҳадиси тавба раҳо кун, сабӯи бода биёр,
Он холи ҷавсангаш бубин, он рӯи гандумгун нигар,
Сарҳои сарандозон дар пои ту авлотар,
Рӯзи умрам дар шаб афтодаст боз,
Чун талх сухан ронӣ тунги шакарат хонам,
Пушти пое зад хирадро рӯи ту,
Чӣ кардам, к-остин бар ман фишондӣ,
Зи ман гусастиву бо дигарон бипайвастӣ,
Як забон дориву сад ишвагарӣ,
Даҳони шиша кушо, субҳ шуд, шароб бирез,
Аз ин даҳрангтар ёре напиндорам, ки дорад кас,
Маҳ наҷӯям, маҳ маро рӯйи ту бас,
Кашад мӯ бар тани нахчир тир аз шавқи пайконаш,
Ҳар дил, ки ғами ту доғ кардаш,

Ақли мо султони ҷон мехонадаш,
Чу ба ханда бозёбам асари даҳони тангаш,
Хастаам нек аз бади айёми хеш,
Бас сафолинлабу хокинруху сангинҷонам,
Аз ду олам домани ҷом даркашам, ҳар субҳдам
Ку субҳ, ки бори шаб кашидам,
На ройи он, ки зи ишқи ту рӯй бартобам,
Аз даҳри ғадрпеша вафое наёфтам,
Аз гашти чарх кор ба сомон наёфтам,
Бар сарири ниёз меғалтам,
Бо бахт дар итобаму бо рӯзгор ҳам,
Дар сояи ғам шикаст рӯзам,
Дар сина нафас чунон шикастам,
Зи хокпошӣ дар дастхун фурӯ мондем,
Гар ба иёри касон аз ҳама кас камтарем,
То чанд ситамрасида бошам,
Намонд аҳлрангӣ, ки ман доштам,
Аз ҳастии худ ёд дорам,
Гарчи ба дасти карашмаи ту асирам,
Манам он, к-аз тараб ғамин бошам,
Дарде, ки маро ҳаст ба марҳам нафурӯшам,
Хуни дилам махӯр, ки ғамони ту мехӯрам,
Мо аз Ироқ ҷони ғамолуд мебарем,
Ал-сабӯҳ, эй дил, ки мо базми қаландар сохтем,
Ба кӯи ишқи ту ҷон дар миёни роҳ ниҳам,
Эй қавм, алғиёс, ки коруфтодаем,
Як назар дӯш аз шиканҷи зулфи ӯ дуздидаам,
Дил шуд аз даст, дӯстро ба чӣ ҷӯям,
Занги дил аз оби рӯй шустем,
Ин худ чӣ сурат аст, ки ман пойбасти ӯям,
Гуфтам оҳе оташин бас кун, на ман хоки туам,
Номи ту чун бар забон меоядам,
Аз таффи дил оташиндаҳонам,
Куфр аст рози ишқат пинҳон чаро надорам,
Нозест туро дар сар, камтар накунӣ, донам,
Ба майдони вафо ёрам чунон омад, ки ман хоҳам,
Гуфтам ба Рай муроди дил осон бароварам,
Маро гӯӣ чӣ сар дорӣ, сари савдои ӯ дорам,
Чун талх сухан ронӣ, тунги шакарат хонам,
Гар раҳм кунӣ ҷоно, ҷон бар сарат афшонам,
Мо пешкаши ту ҷон фиристем,

Дида дар кори лабу холаш кунам,
Дил ба савдои бутон дарбастаам,
Ҷоно, зи сари меҳри ту гаштан натавонам,
Ба сифат ошиқи ҷамоли туем,
Имрӯз ду ҳафта-ст, ки рӯи ту надидам,
Табъи ту дамсоз нест, чора чӣ созам,
Хуш-хуш аз ишқи ту ҷоне меканам,
Ман дар талаби ёрам, з-ағёр наяндешам,
Дилро ба ғами ту боз бастем,
Хез, то рахти дил барандозем,
Ё раб, аз ишқ чӣ сармастаму бехештанам,
Нузли ишқат ҷони ширин оварам,
Ними шаб пай гумкунон дар кӯи ҷонон омадам,
Дар ишқ зи теғу сар наяндешам,
Мо дил ба дасти меҳри ту з-он боз додаем,
То ман паи он зулфи сарафканда ҳамедорам,
Туро дар дӯстӣ ройе намебинам, намебинам,
Даст аз ду ҷаҳон кашида хоҳам,
Зи боғат ба ҷуз бӯеву ранге набинам,
Зи боғи офият бӯе надорам,
Тоқате ку, ки ба сарманзили ҷонон бирасам,
Дорам сари он, ки сар барорам,
Аз гулистони васл насиме шунидаам,
Дило, розат бурун натвон ниҳодан,
Хуррамӣ, к-он фалак диҳад, ғам дон,
Бурун аз ҷаҳон такяҷое талаб кун,
Сӯхтам, чун бӯй барнояд зи ман,
Эй субҳ маро ҳадиси он маҳ кун,
Ғуссаи осмон хӯрам, дам назанам, дареғи ман,
Дило, бо ишқ паймон тоза гардон,
Рахши ҳусн , эй ҷон, шигарфиро ба майдон дарфикан,
Дилам дардманд аст, боре барафкан,
Обу сангам дод бар бод оташи дили савдои ман,
Турки сан-сангӯи тавсанхӯи савсанбӯи ман,
Аз ишқи дӯст бин, ки чӣ омад ба рӯи ман,
Эй бод, бӯи Юсуфи дилҳо ба мо расон,
Бар сари бозори ишқ озод натвон омадан,
Эй лаъли ту пардадори Парвин,
Рӯй аст биномезад, ё моҳи тамом аст он,
То маро саводи ту холӣ нагардонад зи ман,
То дил ғами ӯ дорад, натвон ғами ҷон хӯрдан,

Дар як сухан он хама итобаш бин,
Шаби ман доми хуршед аст, гӯӣ зулфи ёр аст ин,
Дарди дил гӯям аз ниҳон бишнав,
Охир чӣ хун кард ин дилам, к-омад ба нохун хуни ӯ,
Ту чӣ донӣ, ки ман аз вафо чӣ намудам ба ҷо ту,
Сина пуроташам чу меғ аз ту,
Шуд обрӯи ошиқон аз хӯи оташноки ту,
Гарчӣ ҷонӣ аз назар пинҳон машав,
Чӣ кардаам ба ҷои ту, ки нестам сазои ту,
Дар ишқ достонаму бар ту ба ним ҷав,
Бастаи зулфи ӯст дил, эй дил аз они кист ӯ,
Эй тамошогаҳи ҷон бар тарфи лолистони ту,
Рахти таманнои дил бар дари ушшоқ неҳ,
Хаёли рӯи туам ғамгусору рӯи ту на,
Дар дасти ту фитодам чун мурғи парбурида,
Эй аз пайи ошӯби мо аз рух ниқоб андохта,
Сармастаму ташна, об дардеҳ,
Дар сабӯҳ он роҳи райҳонӣ бихоҳ,
Эй бар қарори хубӣ, бо ту қарори ман чӣ,
Эй дил ба ҷафот ҷон ниҳода
Эй зери ниқоб маҳ намуда,
Эй чашми пурхуморат дилҳо фигор карда,
Аз зулф ҳар куҷо гираҳе баркушодаӣ,
Рӯй даркаш зи даҳри душманрӯй,
З-ин тангнои ваҳшат агар бозрастаме,
Ғами бунёди обу гил чи хурӣ,
Рӯзи дониш беҳ аз ин боистӣ,
Эй дил, эй дил ҳалоки тан кардӣ,
Хоки Бағдод дар оби басарам боястӣ,
Шӯрида кард моро ишқи париҷамоле,
Эй роҳати ҷонҳо ба ту, ороми ҷони кистӣ,
Эй сарви ғунчалаб зи гулистони кистӣ,
Эй турки дилситон зи шабистони кистӣ,
Кардӣ нахуст бо мо аҳде чунон, ки донӣ,
Яке бихром дар бӯстон, ки то сарви равон бинӣ,
Зарраи зулф бар қабо шиканӣ,
Ин чӣ шӯр аст охир, эй ҷон, к-аз ҷаҳон ангехтӣ,
Ҷон бахшамат он соат, к-аз лаб шакарам бахшӣ,
Ашъори мутафаррика
Рубоиёт

# АДИБ СОБИРИ ТИРМИЗӢ
## ОСОРИ МУНТАХАБ

Ташбибҳо
Рухи ту шаҳнаи хубӣ шудасту зулф нақиб,
Чанд борам дар фироқи дилбарон аз дида об?
Лабат ба ранги шароб асту майли ман ба шароб,
Рухаш ба рӯз ҳамемонаду ду зулф ба шаб,
Молу ҷамолу хуррамию сиҳҳату шабоб,
Чу бар ҷони ман шуд ҳавои ту ғолиб,
Шаби одинаву ман масту хароб,
Ҷавр аз ин баркашида айвон аст,
Туӣ, ки меҳри ту дар меҳргон баҳори ман аст,
Хушо вақто, ки вақти навбаҳор аст,
То дилам дар дасти он симинбари сангиндил аст,
Тарфи чаман, ки хилъати фасли баҳор ёфт,
Рӯи ту ба ҳусн ҳури ин аст,
Шамшодқадду лоларуху ёсуминбар аст,
Хубӣ ба рӯи хуби ту иқрор мекунад,
Озару Монӣ, ки суратҳои дилбар кардаанд,
Агарчи ишқи бутон сарбасар бало бошад,
Гар зи ҷафо ёр пушаймон шавад,
Он, ки рӯятро ба ҳусни рӯи Ширин офарид,
Ин парирӯён, ки бо зулфи парешон омаданд,
Сабзаҳо чун нақши дебо дилбари зебо шуданд,
Зулфи ту аз мушку мушк пургиреҳу банд,
Суратгарон чӣ ҳилаву тадбир кардаанд,
Дасти чаман гирифт сари зулфи навбаҳор,
Бути сарвқаддиву сарви суманбар,
Хумор дод сарамро ба чашми нимхумор,
Эй руху зулфайни ту дар фитна доми рӯзгор,
Рӯза рафту расид ид фароз,
Дилам ошиқ шудан фармуду ман бар ҳасби фармонаш,
Чу дида дид бад-он рӯи обдор оташ,
Ситам кардаст бар ҷонам сари зулфи ситамго-раш,
Дидам канори хеш тиҳӣ аз нигори хеш,
Шакар борад ҳаме аз нордонаш,
Бистад зи ман он пистадаҳан дил ба ду бодом,
Агарчӣ доди сухан дар замона ман додам,
Вақти баҳори нав сифати навбаҳор кун,
Эй, бо ту дилам ҳама вафо карда,
Эй, қоматат қиёмати сарви чаман шуда,

Эй, зулфи ёри ман зиреҳе ё зиреҳгаре,
Намози шом чу сӯҳбат буридам аз маъво,
Саҳни чаман, ки хурраму зебо шавад ҳаме,
Рӯзгори навбаҳор ояд ҳаме,
Ишқат зи баски шӯъбада пайдо кунад ҳаме,
Найсон насими боғ муанбар кунад ҳаме,

## ТАРКИББАНДҲО

Дар мадҳи Абулқосим Алӣ
Дар мадҳи Шамсуддин Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Тоҳир
Дар мадҳи Маҷдуддин Алӣ ибни Ҷаъфар
Дар мадҳи Маҷдуддин Алӣ ибни Ҷаъфар

## ҒАЗАЛҲО

Соқӣ, каме қарини қадаҳ кун шаробро,
Соқӣ, бидеҳ он маи мусаффоро,
Соқӣ, бидеҳ он шароби гулгунро,
Дӯш набурдаст маро ҳеч хоб,
Гар бода бо мушофаҳаи дӯстон хуш аст,
Рӯи ман чин аз фироқи нигори Чин гирифт,
Чеҳраи боғ заъфаронӣ гашт,
Иди хубон идро чун рӯи хеш оростаст,
Зи бас гул, ки дар боғ маъво гирифт,
Чун зулфи ту беқарорам аз ишқат,
Бар сипеҳри накӯӣ рӯяш чу маҳ хирман задаст,
Он бодаро, ки гунаи беҷода омадаст,
Боди саҳарӣ тараб физояд,
Хушо ҷое, к-аз ӯ ҷоне баросуд,
Маро ҳавои саҳар чун паёми ёр овард,
Ҷоно, сухани ту завқи ҷон дорад,
Майхорагон, ки бода зи ратли гарон хӯранд,
Чеҳра, к-он моҳҷабин месозад,
Гарчи рухаш ҳамеша ҳикоят зи маҳ кунад,
Ҳар кӣ маъшуқи мӯхташам дорад,
Эй, аҳду вафои мо куҷо шуд?
Дида, ки руху зулфи ту аз дур бубинад,
Чашми ман бе рӯи ту равшан мабод,
Дилам бе рӯи ту хуррам набошад,
Дили ман бе ту ҳикоят зи даҳони ту кунад,
Бо ман дилат ошно намегардад
Эй, аз бунафша зулфи ту пурпечутобтар,
Ҳар гаҳ, ки гули лаъл бихандад ба чаман-бар,
Фалак ҳаме накунад дар ҷафои ман тақсир,

Эй, ду лаби ту зи шаҳд хуштар,
Ҳама мақсуди мо шуд рост имрӯз,
Овард ба мо булбули ошиқ хабари гул,
Равнақ гирифт кори май аз рӯзгори гул,
Булбул кушода кард забон бар санои гул,
З-он ду лаби чу ақиқи ёрам,
Биё, ки бо сари зулфи ту корҳо дорам,
Пайки ду зулфи дилбарӣ, эй боди субҳдам,
Эй дил, ғубори ғам бубарад боди субҳдам,
Ид асту ҳаққи ид бибояд шинохтан,
Маъшуқа турфа-турфа намояд гул аз рухон,
Эй, намуда тира-тира силсила бар арғувон
Дил ба ишқи рӯи дилбар шод кун,
Булбул расид, нағмаи булбул раҳо макун,
Эй, сипаҳи ишқи ту бар мо зада,
Шаб шунидастӣ зи рӯз овехта,
Моҳро монад рухаш нокоста,
Эй,шаби торӣ ғуломи мӯи ту,
Чун зулфи ту беқарорам аз ту,
Хилъати чашми ман аст роҳати дидори ту,
Гашт аз ҳавои ӯ тани ман чун миёни ӯ,
Гар ба ду рухфитнаи наззораӣ,
Эй, турраҳои хубон аз нофаи ту бӯе,
Сипеҳри накӯиро меҳру моҳӣ,
Танг аст маро дил зи ғами тангдаҳоне,
Аз мушки ноб силсила бар маҳ фикандаӣ,
Эй, зулфи ту чун ваъдаи васлат ба дарозӣ,
Гаштам аз ҳиҷри ӯ низор чун най.
Бар рӯи туам дил  кушояд ҳаме,
Гар маро савдои он ёри камонкаш нестӣ,
Ба ҷону дил туро бошам, чӣ бошад, гар маро бошӣ,
Эй боди субҳдам, дами Исои Марямӣ.
Нигоро, садҳазора гард ил астӣ,
Гар на зи рақиб нохуш астӣ,
Эй пайки хуҷиста, насими саҳаргаҳӣ,

## РУБОИҲО

Бо боғу гулу бодаи гулгун моро,
Соқӣ чу ба ман диҳад маи гулгунро,
Охир бирасад ба субҳи содиқ шаби мо,
Эй, рӯи туро висоқ дар манзили шаб,
Эй мояи ҳар латофат, эй дурри хушоб,

Аз ғамза туро тири бало пайкон ёфт,
Дорам сари он, ки имшаб оям ба барат,
То наргиси чашми ту забунам кардаст,
Аз фурқати дилбар дили ношодам ҳаст,
Дил дар ғами он лаъли шакарбор бирафт,
Ҷоно, лабу ғамзаи ту нӯшу неш аст,
Дилбар, ки ба коми дил сафар карду бирафт,
Чун гардиши осмон накӯхоҳи ман аст,
Гирам, ки туро неъмати сад Парвез аст,
Рӯз аз рухи ту ба рӯшноӣ пайваст,
Эй, бе ту нахуфта ман шабе хоби дуруст,
Бархост дилам, чу дӯст аҳдаш бишкаст,
Дилтангам аз он, ки ҳар чӣ хоҳам, он нест,
Хуршед, ки ёқутгарӣ кард нахуст,
Аз ҷуд ҳадиси Ҳотами Той мондаст,
Аз феъли бади душману аҳди бади дӯст,
Эй бе ту нахуфта ошиқон хоби дуруст,
Чун бо дили ту нест вафо дар як пӯст,
Гуфтам, ки «ба ошиқӣ нашояд пайваст»,
Чун ишқи ту ақлро гиребон бигрифт,
Чун нест дар ин замона суде зи хирад,
Дар ту нигарам, ки ҳар кӣ дар ту нигарад,
То бар сари ман қиёмати ишқ расид,
Ҳаҷри ту вабост, ҳар куҷо баргузарад,
То боди итоби ту ба ман рӯй ниҳод,
Рӯи ту ривоят ҳама аз нур кунад,
Гар ҳеч дилам ба дилбаре нагрояд,
Рӯи ту ба чашм оташи бедуд намуд,
Эй, ҳаққи рухат фариза дар гардани вард,
Он бут, ки ба рухсор баҳор ороядд,
То аз хати мушкини туам ҳаҷр афтод,
Гул ранг зи рӯи лоларанги ту барад,
Пурнур шавад дида, чу дар май нигарад,
Гарчи ғами ту рухам ба хун мешӯяд,
Он бут, ки ҳама ваъда маҷозӣ дорад,
Сабзию чӣ сабзи обдор, эй дилбар!
Бо ҳодисаи даҳр – чӣ рӯбоҳу чӣ шер
Он маркаби хокмодару обпадар
Афтодани дандони ту, эй бадри мунир,
Гар чанги ту нест, булбул, эй чангнавоз,
Эй, ҳаққи рухат фариза дар гардани рӯз,

Эй рӯзу шаб аз зулфу хатат ёфта соз,
Эй, рӯзи сапедро ба рӯи ту ниёз,
Ҳар шаб ки дароз гардад, эй мояи ноз,
Мурғе, ки чу моҳиш ба об аст ниёз,
Аз дидани халқ дида бедӯст бидӯз,
Гуфтам, ки як имрӯз дили ман бифрӯз,
Чандон зи фироқ дар зиёнам, ки мапурс,
Рои тарабам нест зи рои сафараш,
Ҳарчанд бувад мардуми доно дарвеш,
То кард маро гузар самоъи ту ба самъ,
Бе рӯи ту, эй рашки гулу тираи боғ,
Он бода ки ман кашидам аз ҷоми фироқ,
Эй, таъбияи ҳусни ту ҷавқ аз паси ҷавқ,
Эй, хоби шабам бурда ба зулфи шабранг,

"АХТАРОНИ АДАБ" (СИЛСИЛА)
ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД

## Ҷилди 18

# АНВАРӢ
# ҒАЗАЛИЁТ

**(Мунтахаби ашъори шоирони нимаи аввали асри XI)**

| | |
|---|---|
| Муҳаррири ороиш | ***Р. Шералӣ*** |
| Муҳаррири саҳифабандӣ | ***М. Саидова*** |
| Тарроҳ | ***Ҳ. Холов*** |
| Ҳуруфчини компютерӣ | ***Р. Ализода*** |

Ба матбаа 21.09.2011 таҳвил гардид. Чопаш 30.11.2011 ба имзо расид. Коғази офсет. Чопи офсет. Ҳуруфи адабӣ. Андозаи 60х90 1/16. Ҷузъи чопӣ 30,0. Адади нашр 5000 нусха. Супориши № 101/11.

Нашриёти "Адиб"-и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев, 17а.

Дар матбааи нашриёти «***Истеъдод***» чоп шудааст. 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 36. Тел.: 221-95-43. E-mail: istedod2010@mail.ru.